125591

57

Садриддин

# АЙНӢ

# Садриддин

# АЙНӢ

## куллиёт

Нашриёти Давлатии Тоҷикистон
Душанбе
1·9·6·3

Садриддин

# Айнӣ

Ҷилд

5

Нашриёти Давлатии Тоҷикистон
Душанбе
1963

Раёсат ... Тоҷик. ССР
12558
Тоҷик 2
А 26

ХАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:

С. Умаров, М. Турсунзода, А. Деҳотӣ, Х. Айнӣ, Ҳ. Неъматуллоев

Ба чоп тайёркунандагон: К. Айнӣ ва М. Шукуров

Муҳаррир Х. Ахрорӣ



С. Айнӣ дар соли 1954

# Аҳмади девбанд

## АЗ НАВИСАНДА[1]

Ман ин ҳикоячаро дар соли 1928 навишта будам, дар ҳамон сол дар шумораи 8—9 (11—12) ва 11—12 (14—15) журнали «Раҳбари дониш» чоп шуда буд.

Ман нахостам хонандагони ҷавоне, ки баъд аз он ба майдон омадаанд, коргар ва колхозчиёне, ки баъд аз он саводнок шудаанд, аз мутолиаи ин порча маҳрум монанд. Бинобар ин имсол дубора кор кардам, баъзе нуқсонҳои таҳририашро ислоҳ намудам ва ба китобхонаи адабиёти нафисаи бачагон ва меҳнаткашони калонсоли навсавод пешкаш карданашро муносиб дидам.

*С. Айнӣ*

*24.1 соли 1936,*
*Самарқанд.*

# I

Дар музофоти Бухоро, дар райони Ғиҷдувон, Хоҷа Соктаре ном деҳае ҳаст, ки хоҷагони он ҷо ба девбандӣ машҳур буданд. Аз атрофи Бухоро гирифта то Миёнколот касоне, ки ба бемории рӯҳӣ (девонагӣ) гирифтор мешуданд, ба он ҷо рӯй меоварданд ва аз он ҷо шифо металабиданд; на танҳо девонагон, ҳатто беморони аракӣ (тиф), вараҷа, захм, хориш ва дигарҳо ҳам ба он ҷо илтиҷо мебурданд.

Дар тарафи шимоли он деҳа як тали баланд ҳаст, ки гӯрхонаи бобо ва аҷдоди он хоҷагон аст. Он мазорро Ҳафталам низ мегӯянд, зеро бар болои он мазор ҳафт алами (илави) қӯтосдор, ки аломати ҳафт пири комил будааст, ҳамеша барпо буд. Маркази мазор дар қуллаи тал буда, мақбараи хоҷагони гузашта ба даруни иҳотаи махсус дар он ҷо ҷой гирифта буд. Аз беруни иҳота то рӯи замини гирдогирди тал пур аз қабрҳои мардуми оддӣ (ғайри хоҷагон) буд.

Чор атрофи он мазор заминҳои корам буда, дар ҳосилхезӣ шӯҳрат дошт: боғҳо, бӯстонҳо, ниҳолзорҳо ва дарахтзорҳо ҳар яке аз дигаре беҳтар ва хубтар расида, чашми бинандаро дар ҳайрат меандохтанд.

Агар пагоҳоне дар вақти баромад-баромади офтоб ё ин ки бегоҳоне ҳангоми фурӯ рафтани хуршеди ҷаҳонтоб ба болои он тал мебаромадед, манзараеро медидед, ки қалам аз тасвири он оҷиз аст; дар як гӯ-

шаи шарқии он тал ба болои тахтасанги мармаре, ки бар сари қабре ниҳода шудааст, нишаста ба рӯи замин назар меандохтед, алафзорҳои юнучқа, ки то миёни одам қад кашида ҳанӯз гул накардаанд, ба назаратон ҷилвагар мешуданд. Дар он юнучқазорҳо барраҳои ширмаст, ки барои озодона чаридаашон соҳибонашон сар додаанд, монанди мурғобиҳои ба даруни оби зулол шино мекардагӣ сайр менамуданд ва ҳар кадом буттаи алафе, ки ба назарашон хуш ояд, бо дандони нафиси садафини худ аз сари он оҳистекак канда мегирифтанд; бузғолаҳои шӯхшанги беором аз он ҳама алафҳои дилрабо рӯй тофта, магар барои ҳунарнамоӣ бошад, ба сӯи тал медавиданд, ба баҳонаи хӯрдани хор ё чаридан дар ҷангалзор то болои мазор давон-давон мебаромаданд.

Аз ранги сабзи зумурradини алафзор чашми худро об дода қадаре онсӯтар назар меандохтед, пайкалҳои харбузаи нав ранг оварда, майдонҳои ғӯза ва пахтаи нав гулкарда ва кӯракбаста, ҷуворихои баландқомати нав саркашида... яке аз паси дигаре назари тамошои шуморо ба тарафи худ мекашид.

Ҳой-ҳӯи деҳқонбачагон, ки бо фалохбон ва шақшақаҳои худ гунҷишк, зоғ, соч ва зоғчагонро аз сари ҷуворӣ ва арзанпояҳо меронданд, ҳаёҳуи посбонони майдони ҷангҳои қадимиро ба ёд меоварданд. Гурӯҳи анбӯҳи сӯйдӣ, соч ва зоғчагон, ки аз ғурриши фалохбони онон рамида парвоз намуда, роҳи киштзори бепосбонеро пеш мегирифтанд, чун абри сиёҳи баҳорон бо тезӣ ва ғурриши тамом аз болои сари шумо мегузаштанд.

Агар назаратон боз андаке дуртар давад, медидед, ки дар лаб-лаби ҷӯи Мазрангон дар рӯйдарича ва сарҳавзи деҳқонон ҳар гуна дарахтони сабзу хуррам сар кашида буданд. Аз ба ҳам пайвастани шоху барги дарахтони бед, сафедор, гуҷум ва дигарҳо дару девор, хона ва бомҳои деҳқонон, ки он қадар зебоӣ надоштанд, аз чашматон пӯшида мемонданд.

Дар он тарафи ҷӯи Мазрангон ва канори деҳа майдони фароҳи нишебе буд, ки то лаби дарёи Зарафшон сарозер мерасид. Сар то сари ин майдонро ҷӯйчаҳои обпартави Мазрангон, ҷӯйҳои осиёи боло

ва осиёи поён, шохобҳои онон, заҳкашҳои хурду калон, ки дар атрофи заминҳои корам деҳқонони он сомон кандаанд, фурӯ мегирифтанд. Шилдир-шилдири ин ҷӯйчаҳо бо шарроси новаҳои осиё ва ғурриши оби Зарафшон ба ҳам омехта ба гӯшатон як мусиқаи мукаммали зерубамдореро менавохтанд.

Киштҳои кунчид, лӯбиё, нахӯд, мош, харбуза, тарбуз, хусусан шолӣ зинат бар зинати ин майдони сабзу хуррам меафзуданд. Заминҳои ғайри корами ин майдон ҳам холӣ намонда, сусҳои сурхчатобро, ки ширинмийя меноманд, то миёни одам расонда буд. Мурғони титав (тустовук), ки дар ҳеч ҷо аз дасти фарзандони одам дар амон нестанд, дар даруни ин сусзорҳои ғулӣ хона монда, тухм пахш карда, ҷӯҷа бароварда, бо хотирҷамъии тамом бачагони худро парвариш менамуданд.

Дарёи Зарафшон, ки аз тарафи шарқи шимолӣ ба тарафи ҷануби ғарбӣ равон буд, дар сар то сари ин майдони сабзу хуррам монанди нимдоираи сафеде, ки аз оби нуқраи зулолаш кашида бошанд, ба назаратон метофт.

Чун назаратон аз дарёи Зарафшон гузашта, ба сови бунафшаранги кӯҳи Қарнаб бармехӯрд, тамошои он тарафро тамомшуда ангошта, дилатон мехост, ки тарафи дигари ин талро низ аз назар гузаронед. Ин ҳангом аз ҳама пештар диққати шуморо тарафи шимоли ғарбии ин мазор, ки сар то сар бо боғҳои ангур ва ниҳолзорҳои мевадор зебу зинат ёфта буд, ба сӯи худ мекашид.

Вақте ки аз дарвозаи ҷанубии ҳазира (иҳотаи мазор) даромада аз дарчаи шимолиаш беруи мебаромадед, пеш аз он ки киштзорҳоро тамошо кунед, ғори бадҳайбате аз пеши поятон баромада ба дили шумо ҳарос меандохт.

II

Оре, ғори мазори Хоҷа Соктаре пурҳарос буд, аммо пурҳаросии ин ғор на танҳо аз он ҷо буд, ки даҳони фасурдаи танге ва дунболаи торики фароҳи чуқур ва заршме дошт, балки аз ин ҷиҳат боз ҳам пур-

ҳаростар буд, ки «ин ғор хобгоҳи девон, нишемангоҳи париён, бошишгоҳи аҷинагон ва оромгоҳи аждаҳои тилисмбон аст» гуфта дар забони мардум шӯҳрат дошт.

Қисми болоии ин ғор ба мурури замон, бо таъсири барфу борон афтода то нимаи тал фуромада будааст, пас аз он дар он ҷо аз хишти пухта сутуне сохта, сақфи болоии онро аз ғалтидан боздошта будаанд, ки даҳонаш монанди даҳони танӯри якрӯя менамуд.

Дар ин воқеа низ ривояти аҷибе дар миёни мардум овоза дошт: гӯё пас аз афтодани як қисми он ғор девоне ки дар он ҷо маскан доштаанд, аз девбанди он замон илтимос кардаанд, ки ӯ «коре карда хонаи онҳоро аз ғалтидан нигоҳ дорад, то ки онҳо абадулобод дар ин ҷо осуда зиндагонӣ намуда, аз амру фармони авлоди ӯ берун наравандм». Ба сабаби ҳамин будааст, ки он девбанд ин сутунро сохта будааст.

Дар рӯ ба рӯи даҳони ғор айвончае ҳаст, ки агар касе ҳаваси девбанд шудан дошта бошад, чил шабонарӯз дар ин ҷо нишаста азоимхонӣ мекардааст.

Дар ғарбии тал чорбоғча, сарҳавз ва миқдоре ҷангалзор ҳаст, ки гӯё шабҳо девон ва париён ба он ҷо баромада ҳаво мехӯрдаанд ва базм мекардаанд. Овози ғазалхонӣ ва нағманавозии париён шабҳо аз он ҷо шунида мешудааст.

Дар ҳаққи он ғор ва бошандагонаш бисьёр ҳикоятҳои аҷиб бастаанд; гӯё агар шабҳо касе ин ҷо ояд, ки ӯро париён нахоҳанд, мезадаанд, ба ҳадде ки даҳонаш кац мешудааст, ҳатто баъзеҳо мемурдаанд. Баъзе шабҳо девони он ҷо наъраи мекашидаанд, ки роҳгузарони он давру пеш бо шунидани он овоз аз худ рафта меафтодаанд.

Як махлуқи аҷибе, ки дар ин ғор манзил гузидааст, аждаҳои тилисмбон будааст. Гӯё яке аз девбандони гузашта дар буни ин ғор ганче гузошта, бар рӯи он тилисме баста, ин аждаҳоро бо қувваи азоимхонӣ аз пушти кӯҳи Қоф оварда, барои нигаҳдории тилисми худ дар он ҷо посбон гузошта будааст. Нафаскашии ин аждаҳо шабҳо, ҳатто баъзан рӯзҳо ҳам ба




Муқоваи нашри якуми «Аҳмади девбанд»

гўши касе, ки гўш меандозад, ғуррос зада менстодааст.

Ин аждаҳо дар ҳар сари чанд гоҳ шабҳо аз ғор баромада, то лаби дарьёи Зарафшон рафта, об нўшида меомадааст. Даҳони ин аждаҳо чунон калон будааст, ки лаби зеринашро дар таги дарьё паҳн карда, лаби болоияшро монанди тахтаварғ бар ҳаво рост намуда, бо як ҳўрт задан тамоми оби дарьёро якбора дам мекашидааст. Як-ду соат ба ҳамин тариқа об нўшида, баъд аз ташнашикан шудан бозгашта ба хонаи худ — ба ғор меомадааст. Агар дар вақти рафтуомади ин аждаҳо баногоҳ дар сари роҳаш касе бархўрад, он касро зинда ва нохонда фурў мебурдааст. Аммо ба касе, ки ба худаш наздик наояд, кордор намешудааст: ин вазифаро дар аҳдномае ки бо девбанди мазкур баста будааст, ба гардан гирифта будааст.

Касоне ки ба нияти девбанд шудан дар айвончаи рў ба рўи ғор чилла нишаста азоимхонӣ мекардаанд, шабҳо ба муқобилати девҳо ва париҳо тоб наоварда беҳуш гардида меафтодаанд, баъзеашон бемори барҷомонда шуда ё даҳонашон кач гардида оқибат мемурдаанд.

Касоне ки азоимхониро ба нисобаш расонда девбанд шуда мебаромаданд, ҳикоят мекарданд, ки «дар вақти дуо хондан аз даҳони ғор садои наъраи девҳо ва нафаскашии аждаҳо шунида мешавад, ки заҳраи одам тоб наоварда, кас беҳуш гардида меғалтад. Ин гуна касон албатта мағлуб мешаванд ва нобуд мегарданд. Аммо касе ки пираш комил ва эътиқодаш қавӣ бошад, дили худро бой надода, дуоро ба нисобаш расонда, девбанди комил шуда мебарояд. Девон дигар аз фармони ў берун баромада наметавонанд». Мегуфтанд, ки «гоҳо дар атрофи ғор оташпораҳо намудор мешаванд, ин оташпораҳо ҳамон париёнанд, ки мехоҳанд девбандшавандаро сўзонанд. Дар ин ҳол ҳам нотарсии он шахс ва дастгирии пир лозим аст, вагарна он девбандшаванда ба мақсад нарасида талаф мешавад».

Рўзона ба нияти зиёрат ё саёҳат ҳар кас ба ин мазор ва ба наздикии ин ғор омада равад ҳам, шабона касеро ёрои он набуд, ки дар ин давру пеш қа-

дамгузор шавад. Хусусан агар касе шабона ба қасди озмоиш ё ба сифати шаккокӣ дар ин ҷо биёяд, албатта ба як бало гирифтор мешудааст.

Девонашудагон, аҷиназадагон ва умуман беморон аз ҷойҳои дурдаст ба хонаҳои хоҷагони Соктаре омада мехобиданд. Азбаски хоҷагон авлоди он девбанди гузашта будаанд, девонагон ва беморонро гӯё бо ёрии девон ва париёни мазори гузаштагони худ дуруст мекардаанд. Агар беморон ва ё соҳибони онон беихлос ва шаккок бошанд, дуруст намешудаанд.

Ин буд эътиқоди оммаи мардум дар бораи он мазор, он ғор ва он хоҷагон!..

III

Айёми зимистон, мавсими барфу борон; ҳавзҳо ва ҷӯйҳо ях баста, шохҳои дарахтон афсурда ва шикаста; говон ва харон дар гӯшаи оғил ё кунҷаки собот фурӯ монда, гурбагон аз шиддати сармо ҷуп мушҳои гурбадида дар гурбадави сандалӣ хазида буданд.

Дар ин фасл аз ҳайвоноти чорпо танҳо шутури нар аст, ки мастӣ мекунад, наъра мекашад ва чун девонагон аз даҳони худ кафк мепарронад ва аз паррандагон танҳо зоғи ало ҳар қадар барф бисьёр борад, ҳамон қадар шодмон мешавад, барфбозӣ мекунад, рақс менамояд ва бо садои нофорами худ гӯши афсурдагони зимистонро кар мекунад.

Дар ин фасл, ки сардии ҳаво қариб се моҳ кашол меёбад, деҳқононро рӯзгузаронӣ он қадар хуб намешавад. Сандалиҳошон, ки аз оташи пагоҳӣ пур карда шудаанд, аз рутубати замин то чоштгоҳ пур аз хокистари оболуд мегарданд.

Дар ин айём, ки дар замин кор кардан мумкин нест, ягона машғулияти деҳқонмардон ғӯзакашӣ, ҳаллоҷикунӣ ва бофандагӣ буда, кори деҳқонзанон пахтасозӣ, пағатобӣ, ресандагӣ ва найчаандозӣ буд*.

---

* Ин ҳоли замони пештараи деҳқонони Бухоро буд, ки то замони колхозӣ онҳо бештарини пӯшоки худро худ ҳозир мекарданд.

Аммо бачагони хурдсолро зимистон он қадар бад намегузашт: дар рӯзҳои офтобноки зимистон, ки аз камоли сардиаш вайро офтоби бачакушак меноманд, бачагон ба ёбон баромада, то карахт шуда афтодашон хартозӣ мекарданд, ё дар рӯи ҳавз ва ҷӯйҳои яхбаста яхмолак мепариданд; бо ин гуна бозиҳо рӯзҳои кӯтоҳи зимистонро гузаронида, шом ки шуд, даррав мехобиданд, дигар то рӯз шуда, баромадани офтоб намедонистанд, ки аз дунъё чӣ гузашта ва барф чанд ваҷаб боридааст. Модари меҳрубон ки доранд, ӯ ба ҳар ҳол ки бошад, то субҳ ҷои хоби онҳоро гарм нигоҳ медошт, дар ин ҳол ба онҳо на ғами сармо буд ва на парвои гармо.

Калонсолон ва навҷавонон барои бартараф кардани дилгирии зимистон, ҳеҷ набошад, ҳафтае як шаб кӯшиш мекарданд, ки ба як ҷо ғун шуда сӯҳбат кунанд, ғазал хонанд, қисса шунаванд, қофия гӯянд ва ширинкорӣ намоянд.

Ин гуна ҷамъомадҳо ё ба сурати гаштак*, ё ба тарзи дангона** ва ё ин ки ба тариқаи харифона*** барпо мешуд. Бештарини ҷамъомади ҷавонон ба тарзи дангона ва маҷлиси миёнсолон ба сурати гаштак мегузашт. Ҳарифона бошад дар чойхонаҳо, баққолиҳо ва сари осиёҳо ба амал меомад.

## IV

Шабе аз шабҳои зимистон, ки дару боми деҳқонҳоро барф фурӯ гирифта буд, қариб бист нафар аз ҷавонони деҳаи Соктаре дар меҳмонхонае маҷлиси дангона барпо карданд. Меҳмонхона назар ба тарзи зиндагонии деҳот хеле хуб ороста буд: дар замини меҳмонхона барои нигоҳдории рутубат най рехта, аз

* *Гаштак* он аст, ки якчанд нафар иттифоқ шуда, ҳафтае як бор ҳар яке ба навбат зиёфат медиҳад. Аз басқи ин зиёфат гардиш карда ба сари ҳар кас меояд, «гаштак» номидаанд.

** *Дангона* он аст, ки якчанд нафар дар байни худ пул ҷамъ карда, то тамом шудани он маблағ ҳафтае якборӣ ҷамъ шуда зиёфат мехӯранд.

*** *Ҳарифона* он аст, ки якчанд кас ҷамъ шуда, як оши палав мепазанд ва харҷи он ошро баробар медиҳанд.

дамгузор шавад. Хусусан агар касе шабона ба қасди озмоиш ё ба сифати шаккокӣ дар ин ҷо биёяд, албатта ба як бало гирифтор мешудааст.

Девонашудагон, аҷиназадагон ва умуман беморон аз ҷойҳои дурдаст ба хонаҳои хоҷагони Соктаре омада мехобиданд. Азбаски хоҷагон авлоди он девбанди гузашта будаанд, девонагон ва беморонро гӯё бо ёрии девон ва париёни мазори гузаштагони худ дуруст мекардаанд. Агар беморон ва ё соҳибони онон беихлос ва шаккок бошанд, дуруст намешудаанд.

Ин буд эътиқоди оммаи мардум дар бораи он мазор, он ғор ва он хоҷагон!..

III

Айёми зимистон, мавсими барфу борон; ҳавзҳо ва ҷӯйҳо ях баста, шохҳои дарахтон афсурда ва шикаста; говон ва харон дар гӯшаи оғил ё кунҷаки собот фурӯ монда, гурбагон аз шиддати сармо чун мушҳои гурбадида дар гурбадави сандалӣ хазида буданд.

Дар ин фасл аз ҳайвоноти чорпо танҳо шутури нар аст, ки мастӣ мекунад, наъра мекашад ва чун девонагон аз даҳони худ кафк мепарронад ва аз паррандагон танҳо зоғи ало ҳар қадар барф бисьёр борад, ҳамон қадар шодмон мешавад, барфбозӣ мекунад, рақс менамояд ва бо садои нофорами худ гӯши афсурдагони зимистонро кар мекунад.

Дар ин фасл, ки сардии ҳаво қариб се моҳ кашол меёбад, деҳқононро рӯзгузаронӣ он қадар хуб намешавад. Сандалиҳошон, ки аз оташи пагоҳӣ пур карда шудаанд, аз рутубати замин то чоштгоҳ пур аз хокистари оболуд мегарданд.

Дар ин айём, ки дар замин кор кардан мумкин нест, ягона машғулияти деҳқонмардон ғӯзакашӣ, ҳаллоҷикунӣ ва бофандагӣ буда, кори деҳқонзанон пахтасозӣ, пағатобӣ, ресандагӣ ва найчаандозӣ буд*.

---

* Ин ҳоли замони пештараи деҳқонони Бухоро буд, ки то замони колхозӣ онҳо бештарин пӯшоки худро худ ҳозир мекарданд.

Аммо бачагони хурдсолро зимистон он қадар бад намегузашт: дар рӯзҳои офтобноки зимистон, ки аз камоли сардиаш вайро офтоби бачакушак меноманд, бачагон ба ёбон баромада, то карахт шуда афтода-нашон хартозӣ мекарданд, ё дар рӯи ҳавз ва ҷӯйҳои яхбаста яхмолак мепариданд; бо ин гуна бозиҳо рӯзҳои кӯтоҳи зимистонро гузаронида, шом ки шуд, дарҳол мехобиданд, дигар то рӯз шуда, баромадани офтоб намедонистанд, ки аз дунъё чӣ гузашта ва барф чанд ваҷаб боридааст. Модари меҳрубон ки доранд, ӯ ба ҳар ҳол ки бошад, то субҳ ҷои хоби онҳоро гарм нигоҳ медошт, дар ин ҳол ба онҳо на ғами сармо буд ва на парвои гармо.

Қалонсолон ва навҷавонон барои бартараф кардани дилгирии зимистон, ҳеҷ набошад, ҳафтае як шаб кӯшиш мекарданд, ки ба як ҷо ғун шуда сӯҳбат кунанд, ғазал хонанд, қисса шунаванд, қофия гӯянд ва ширинкорӣ намоянд.

Ин гуна ҷамъомадҳо ё ба сурати гаштак*, ё ба тарзи дангона** ва ё ин ки ба тариқаи ҳарифона*** барпо мешуд. Бештарини ҷамъомади ҷавонон ба тарзи дангона ва маҷлиси миёнсолон ба сурати гаштак мегузашт. Ҳарифона бошад дар чойхонаҳо, баққолиҳо ва сари осиёҳо ба амал меомад.

## IV

Шабе аз шабҳои зимистон, ки дару боми деҳқононро барф фурӯ гирифта буд, қариб бист нафар аз ҷавонони деҳаи Соктаре дар меҳмонхонае маҷлиси дангона барпо карданд. Меҳмонхона назар ба тарзи зиндагонии деҳот хеле хуб ороста буд: дар замини меҳмонхона барои нигоҳдории рутубат най рехта, аз

---

* *Гаштак* он аст, ки якчанд нафар иттифоқ шуда, ҳафтае як бор ҳар яке ба навбат зиёфат медиҳад. Азбаски ин зиёфат гардиш карда ба сари ҳар кас меояд, «гаштак» номидаанд.

** *Дангона* он аст, ки якчанд нафар дар байни худ пул ҷамъ карда, то тамом шудани он маблағ ҳафтае якборӣ ҷамъ шуда зиёфат мехӯранд.

*** *Ҳарифона* он аст, ки якчанд кас ҷамъ шуда, як оши палав мепазанд ва харҷи он ошро баробар медиҳанд.

болон он бӯрьё андохта ва аз болои бӯрьё намади қазоқии хубе паҳн карда буданд. Кӯрпа ва кӯрпачаҳо ҳам он қадар чиркин набуданд.

Дар пешгоҳи меҳмонхона сандалии гарм ва дар поёни он манқали чӯянии пуроташ буд. Дар гирдогирди он манқал шаш ҳалқаи чойникмонак буд, ки чойникҳои чои кабӯд дар он ҷо дар ҷӯш буданд.

Дар беруни меҳмонхона, дар тахти айвончае дар болои гулхан чойҷӯши сиёҳ овезон буд, ки дам ба дам барои чойникҳои холишуда оби ҷӯш тайёр мекард. Гулхан бо шохаҳои зардолу, себ, тут ва дигар дарахтони мевадор, ки имрӯз барои ҳамин маҷлис шикаста оварда буданд, фурӯзон буд. Лахчаҳои гулхан пасу дунбол ба сандалӣ ва манқал нақл меёфтанд.

Аз рӯи сандалӣ гирифта то поёни меҳмонхона чор дона шамъи нимчагии ҷойдорӣ нур мепошиданд.

Шӯълаи шамъҳо, оташи сандалӣ ва манқал, буғи чойникҳо, нафаси аҳли маҷлис бо бухори чилиме, ки дуд ба дуд мекашидандаш, ҳамагӣ дар як ҷо ҷамъ шуда, хонаро чун ҳаммом гарм карда буданд. Хона ҳақиқатан ҳамчун ҳаммом шуда буд, аз дуд ва бухоре ки то шифти хона печида мебаромад, васса ва болор намудор намегашт; агар ду равзани дар рӯ ба рӯи якдигар аз шимол ва ҷануб дар тахти забаррав воқеъ буда кушодагӣ намебуданд, аз гаронии ҳавои хона нафаси аҳли маҷлис танг шуда мадҳуш мегардиданд.

Аз хӯрданиҳо нон ва мавиз, қандалот ва печак, писта ва бодом, ғӯлунг ва санҷид, шӯрбо, палав, харбуза ва ангур ба навбат дастурхонро зинат медоданд.

Маҷлисро Ниёз-гӯппон[2] ном касе ки бобои ҷавонон буд, идора мекард. Ниёз-гӯппон на аз ҷиҳати калонсолиаш ба ин «мансаб» расида буд, балки ӯ корҳо карда, корномаҳо нишон дода, сафҳоро дарида, шартҳо ва гаравҳоро бурда, ба ин ҷода (ба ҷодаи бобоии ҷавонон) баромада буд.

Дар маҷлис як пайт яккахонӣ шуд, онҳое ки овози хуш доштанд ва мақоме медонистанд, барои хурсандии дӯстон ғазалхонӣ карданд, «офарин»-ҳо, «намудрӣ»-ҳо ва «зиндабош!»-ҳо шуниданд. Дар фуроварди яккахонӣ якчанд нафар ҳамовоз шуда, рубоиҳо, чор-

байтҳо ва ашӯлаҳо хонданд. Дар вактҳои дамгирии сурудхонон таклидчиён масхарабозӣ карда ҳар касро таклид менамуданд, кофия мегуфтанд, хушгӯӣ ва ширинкорӣ мекарданд.

Вакт аз ними шаб гузашта буд. Яке аз аҳли маҷлис барои қазои ҳоҷат берун баромад, аз миёна лу сония нагузашта, «вой мурдам!» гӯён фарьёди ҷонкоҳе кашид. Бо шунидани он овоз «магар дузде ё нохалафе омадааст» гӯён аҳли маҷлис кордҳо ва калтакҳоро гирифта, ҳама якбора берун давиданд. Диданд, ки он шахс дар тахти собот* бар болои тӯдаи пору афтодааст ва барзагови сиёҳи калоне, ки аз оғил канда баромада будааст, ҳар тарафи он шахсро бӯнда «ху... у... ху... у» мегӯяд.

— Бачаҳо, чор тарафро бинед ва хабар гиред, ки чӣ ҳодиса рӯй додааст! — гуфт бобо (Ниёз-гӯппон).

Роҳрави дарвозахона, каҳхона ва бомҳоро диданд, ки аз душман асаре нест. Дар рӯи барфе, ки имшаб борида буд, нақши пое ҳам наменамуд, то ки «дузд омадааст ва гурехтааст» гӯянд.

Оқибат шахси мадҳушафтодаро бардошта ба хона даровардаңд. Ба рӯяш ва синааш оби сард заданд, ки баъд аз соате ба ҳуш омад ва чашмонашро кушода:

— Маро кӣ ин ҷо овард? — гуфта, аз касоне ки ба болои сараш ҷамъ шуда буданд, пурсид:

— Моён!

— Шумоён ҳам дидед?

— Чиро?

— Девро.

— Дев куҷо буд? — гуфта савол дод Аҳмад ном аз аҳли маҷлис, ки як ҷавони навраси 16—17-сола буд.

— Вақте ки ман,— гуфт он шахси мадҳушафтода дар эзоҳ,— аз хона баромада мехостам ба собот дароям, дев ба сурати барзагови сиёҳе даромада маро заданӣ шуд... Зад ё назад, хабар надорам. Аммо ҳамин қадар медонам, ки як фарьёд кашидаму афтодам.

Аҳмад аз ҳикояи ин шахс беихтиёр хандид ва гуфт:

---

* *Собот* — айвоне ки дар вай ҳайвонот мебанданд.



1255 Я.

— Боракалло ба дилу гурдаат! Гови аз оғил канда баромадаро дев гумон карда, аз вай тарсидию аз ҳуш рафтӣ.

Он шахс мехост, ки гуфтаи Аҳмадро рад кунад ва исбот намояд, ки албатта девро дидааст, аммо дигарон ҳам сухани Аҳмадро тасдиқ карда гуфтанд:

— Оре, гов буд, мо ҳам дидем ва баъд аз туро ба хона даровардан Мухтор онро ба оғил даровarда баст.

Асли воқеа ин гуна рӯй дода буд: вақте ки он шахс барои қазои ҳоҷат аз хона баромад, бисьёр танг шуда буд ва бинобар ин пеш аз он ки ба ҷои махсус расад, домани худро бардошта ҳозирӣ медид. Гов, ки ба сабаби машғулияти соҳибаш дар маҷлиси данғона имшаб хӯроки муқаррарашро нахӯрда бисьёр гушна монда буд, домани бардоштаи он шахсро домани пуркоҳ гумон кард. Чун дид, ки он шахс ба тарафи худаш нарафта рӯй ба дигар ҷониб дорад, бо як ҳирси говона як зӯр зада ресмонашро канд ва ба тарафи он шахс давид, ки хӯроки дар домани ӯ бударо рабуда хӯрад.

Он шахс, ки ҳамеша аз модару модаркалонони худ афсонаҳои дев, парӣ, аҷина ва монанди инҳоро шунида тарбия ёфта буд ва боварӣ дошт, ки «агар дев ба одам зарар расонданӣ шавад, бештарин ба сурати гови корӣ даромада ҳамла мекардааст», он гови ҳақиқиро дев пиндошт ва бинобар ин худро бой дод ва аз ҳуш рафта афтод.

Ҷавонон ба аҳволи ин шахс хандиданд ва масхара доштанд. Яке гуфт:

— Бо ин дилу гурдаат имшаб роҳи хонаатро чӣ гуна меёбӣ?

Дигаре гуфт:

— Баъд аз ин ба ту саллаи занбарӣ ва яккакорди якгазӣ* ҳаром аст; акнун ту монанди занон лачак банд ва ба сари чарху дуг нишин!

Сейӯмӣ масхара дошта ва пичинг карда гуфт:

— Офарин ба дилу ҷигарат! Агар монанди ту ҷор

* *Саллаи занбарӣ* — як навъ саллабандӣ аст, ки ба шакли занбар мешавад. Ин гуна саллабандӣ махсуси олуфтагон ва зӯроварон буд. Инчунин яккакорди калон овехта гаштан ҳам махсуси олуфтагони ҷавон буд. Аммо одамҳои оддӣ кӯшкорд (ҷуфткорд) меовехтанд.

чўра дошта бошем, харамон дар кўчаи Хиёбони Бухоро ханг хоҳад зад...*

Яке аз аҳли маҷлис, ки Шокир ном дошт, аз даҳони пурносаш оби носолуд парронда-парронда ба гап даромад ва ба ҷавонон гуфт:

— Ҳамаи шумоён хонашери майдонғарибед! Намедонед, ки дев чӣ ва аҷина кадом аст? Ҳоло кӣ медонад, ки он гови дар оғил будагӣ буд, ё деви ба сурати гов даромада?

Шокир носро ба зери бўрьё туф карда сухани худро давом дод:

— Ман бисьёр дидаам, ки дев ҳатто ба сурати гови худам даромада, маро заданӣ шудааст.

— Заданӣ шуда намондааст, балки задааст,— гўён Аҳмад сухани ўро бурид ва эзоҳ дод. — Агар туро дев намезад, ин гуна девонавор гап намезадӣ.

Шокир оташин шуда, сухани худро давом дод:

— Дев маро заданӣ шуд, лекин ман ба шарофати ин бозубанд (зери бағали худро кушода, бозубанди калонеро нишон дод), ки ба ман раҳматӣ эшони Баракатхоҷа дода буданд, халос шудам.

— Раҳматӣ эшони Баракатхоҷа девбанди калон буданд,— гуфта Ашўр ба гап даромад ва ҳикоя сар кард. — Раҳматӣ модарам мегуфт, вақте ки ў хурдсол будааст, аҷина ба ў ахсум шудааст, ҳар шаб ба хобаш даромада метарсондааст. Эшони Баракатхоҷа, ки ҳамсоя будаанд, аз ин ҳол хабардор шуда, аласкуниро ба модарам фотиҳа додаанд. Баъд аз он аҷинаҳо ба ў ром шуда, ўро наметарсондагӣ шудаанд. Ҳатто модарам бо аласкунӣ аз дигарон ҳам аҷинаҳоро дур мекард, ҳар беморе ки ба хонаи мо меомад, модарам як парча латтаи кўҳнаро ба сари чўбе печонда оташ дармедод ва ба болои сари бемор «алас-алас, аз ҳамаи зиёну заҳматҳо халос! Ба ҳурмати чил тан, ёздаҳ

* Бештарин аҳолии Хиёбони Бухоро харҳои калони зўрро парвариш карда савор мешуданд ва дигар харбозони олуфта харҳои хуб тарбия карда, гала шуда ба кўчаи Хиёбон мебурданд. Агар хари инҷо аз хари хиёбониён зўртар бошад, дар он ҷо ханг зада, дар хангзанӣ хари хиёбониёнро мағлуб мекард ва агар камзўр бошад, дар он ҷо ханг зада наметавонист ва мағлуб шуда хомўш мегардид. Ин масал аз ҳамин ҳикоя мондааст.

тан, ҳафт тан ва Хизру Ильёс» гӯён мегардонд. Агар он бемор шаккок набошад, дуруст мешуд.

— Агар шаккоқ бошад, яъне дардаш зӯртар бошад, аз аввалааш ҳам бадтар шуда оқибат мемурд, гӯй! — гуфт Аҳмад пичингзанона сухани Ашӯрро бурида ва илова кард: — Ҳамаи инҳо аз тарс ва бегурдагии одам аст, ба одами нотарс ҳеҷ чиз зарар расонда наметавонад.

— Дев ва аҷина душмани номард аст,— гӯён бобо ба гап даромад ва давом намуд:

— Агар душманатон аз хели одам бошад ва ба назаратон намуда ба шумо ҳамла карданӣ шавад, «як ҷон ба як ҷон» гӯён бахтозмой мекунед. Ҳумсои аҷина як душмани ҷудо нотанте, ва як мезанад, ки ҳам кар мешавед ва ҳам кӯр. Ба муқобили деву аҷина зӯроварӣ ба кор намеравад. Вагарна дар байни ҷӯраҳои мо одами тарсончак нест.

## V

Ниёз-гӯппон наи чилими ба пеши даҳонаш омадаро гирифта, ду-се қуллоб кашида давом кард:

— Ман аввал саргузашти худамро ҳикоя кунам. Шумо медонед, вақте ки ғиҷдувониён дар тарфбозӣ* бо вобкандиён тараф шуданд, даҳанмарди ғиҷдувониён ман будам³. Лекин тарфе, ки дар дасти ман буд, сусттар ҷой карда шуда будааст. Вақте ки оташ додам, ба зудӣ оташ дар зери тарф рафт ва кулӯхро аз таги тарф бароварда пошна зад, дасти ман то оринҷ сӯхта шалҳид, ҷомаам оташ гирифт, қариб буд, ки ҳамаи баданам сӯзад. Даррав ҷӯраҳо маро бардошта ба ҳавзи Дарвешобод партофтанд ва ман аз мурдан халос шудам.

---

* *Тарф* — зарфест монанди офтобаи ҷӯянии беңӯлу даста, ки аз ҷӯян мерезанд, ду даҳон дорад, дар даҳони зеринаш аз даруи як лӯнда кулӯхро банд мекунанд. Пас аз он доруи милтиқро бо чанд гуна резаҳои маъданӣ дар даруни он ҷой мекунанд. Дар шабҳои сайру томошои вақтҳои пеш ҷавонон бо якдигар тараф шуда, аз ду сӯй тарфҳоро бардошта оташ медоданд. Тарфи ҳар кас ки хушоташтар, гулрезтар ва бадавомтар буда, шӯълааш росттар барояд, он бурдагӣ ва ғолиб ба шумор мерафт.



С. Айнӣ дар вақти кор, с. 1934

Ниёз-гӯппон доғҳои дасти шалҳидаашро ба чӯраҳояш нишон дода, ба ҳикояи худ давом намуд:

— Бо ҳамин қадар кор (бо пошна задани як тарф) вобкандиён «уй-уй» гӯён моро шикастхӯрда нишон дода гаппаронӣ карданд. Мо ҳам ба тақдир тан дода, дам шудем ва никоргириро ба соли дигар мондем.

Ниёз-гӯппон як чилими дигар кашида боз ба гап даромад:

— Соли дигар то вақти сайри Дарвешобод ба Усто Равшани позарез фармуда як тарфи бисьёр калон резондем. Қолибаш он тарфро Мулло Файзӣ гирифт, ки аз ҳунармандони якӯми замона аст. Доруяшро ҳам Мулло Файзӣ тайёр кард: мисреза, чӯянрезаҳо ва боз ким-кадом маъданҳоро ба дору ҳамроҳ кард, ки тарф дар вақти оташ дардодан ҳафтранг гул мерехт. Оташаш ҳам монанди сутуни баланде, ки ба вай танобҳои ошиқпечони гуногунтухм печида гулҳои рангоранг кушода бошад, рост ба осмон мебаромад ва дар гирдогирди худ гулрезӣ мекард, мисли думи товуси хиргоҳ шудаистода бо рангҳои гуногуни дурахшон медурахшид...

Магар чилими дуд ба дуд кашидаистодааш кайфи Ниёз-гӯппонро баробари кайфи саргузашташ набардошт, ки дар асноӣ ҳикоят даст дароз карда, аз дасти Шокир носкадуяшро гирифта, кафашро пур карда ба даҳонаш ҳаво дод ва давом кард:

— Ин тарф бисьёр калон буд, як одам, ду одам ба даст бардошта саришта карда наметавонист. Бинобар ин дар миёначои як тахтаи гуҷум, ки се оршин қад ва якуним оршин бар дошт, ин тарфро шинондем...

Магар ба сабаби гап зада истодан буд, ки нос дар даҳони Гӯппон пеш аз вақташ об гирифта ба гап заданаш роҳ надод. Гӯппон ҳам носро ба девор туф карда фиристода ба суханаш давом кард:

— Вақти сайру шаби ҳунарнамой расид. Чор тарфбози забардаст, ки яке аз онҳо ман будам, аз чор гӯшаи тахта бардошта дар майдон тайёр шуда истодем. Аз ду тараф мушакҳо ва тарфҳои дастии муқаррарӣ парронда шуданд. Дар вақти гармии бозӣ ва ҷӯшиши гирудор тарфи фармударо оташ дардо-

дем, оташи гулрез ба фалак печид, қийғоси дӯсту душман ба осмон баромад. Чашми вобкандиён мош барин гардид, даҳанашон калӯшкӯҳна барин яла шуда монд. Мо чор нафар монанди шутурони масте, ки дар майдони шутурчанг сар дода шуда бошанд, аз даҳонҳо кафк парронда наъра мекашидем, ғурриш мекардем. Дар ҳолате ки оташи тарф ғуррос зада мебаромад ва тахта ба дастамон буд, монанди аспони Ҳарос * чарх мезадем...

Ниёз-гӯппон, ки дар вақти тасвири саргузашташ гӯё ҳозир ҳам дар ҳамон майдон тарфи фармударо парронда истода бошад, кафки даҳонаш ба мӯйлаб ва буруташ пош мехӯрд, аз лабу даҳонаш кафкҳои носолудро пок карда, овозашро қадаре пасттар ва оҳангашро маъюсонатар карда давом намуд:

— Дареғ, сад дареғ, ки ҳанӯз нимаи дору тамом нашуда тарф таркид, тахта ҳам пора-поро шуда ба атроф парид, ҳашт нафар мурданд, се нафари онҳо он касоне буданд, ки ҳамроҳи ман тарфро бардошта гашта буданд. Аммо ман бо шикастани дасти ростам зинда мондам...

— Магар ба тамошобинони дигар зарар нарасид? — гуфта Аҳмад бо ҳаяҷон пурсид.

— Чаро зарар нарасад? — гуфта Гӯппон давом намуд: — каси бисьёре бо зарби порчаҳои тарф ва тахта маҷрӯҳ шуданд, мардум дар воҳима афтода, гурӯҳ-гурӯҳ ба ҳар тараф мегурехтанд, каси бисьёре дар вақти гурез дар зери пои якдигар монда ҳам маҷрӯҳ ва маиб шуданд... Хайрият, ки дар ҳамин вақт Қаландари зарангаригӣ бо ҳамроҳии Ҳамро-гавбоз [1], ки онҳо он вақтҳо гуреза шуда мегаштанд, аз ким-куҷо пайдо шуданд, маҷрӯҳон ва афтодагонро аз таги пои мардум бардошта ба канор баровარданд, бачагон ва одамони пирро аз байни талотӯб бардошта ба боми каппони гандум ҳаво дода, онҳоро аз талаф шудан халос карданд...

— Қаландар ва Ҳамро-гавбоз чаро гуреза шуда мегаштанд? — гӯён Аҳмад ба Гӯппон савол дод.

---

* *Ҳарос* — осиёи аспӣ аст, ки дар вай чанд сар асп баста мегардонанд.

Ниёз-гўппон ба садои худ, ки дар вақти нақли фалокати худаш қадре маъюсона мебаромад, як оҳанги қаҳрамонона дода гуфт:

— Қаландар ва Ҳамро-гавбоз ҳақиқатан ҳам одамони мард будаанд, онҳо аз ҳеҷ чиз наметарсидаанд. Воқеаи гурезагии онҳо ин аст, ки вақте 15—20 савор аз одамони амлокдор аз барои мол кардани (андоз андохтани) гандуми деҳқоне ба сари заминаш меравашд, ба баҳонаи тахмин кардани ҳосили гандум сулуқи аспҳошонро бароварда, ба даруни гандум медароянд ва гандуми суп-сурх пухтаро ба аспҳошон мехўронанд. Албатта, хеле гандум дар таги пои аспҳо ҳам монда нобуд мешавад. Деҳқон мегўяд: «Бегиҷонҳо! Шумо, ки ҳоло гандумро ба аспҳотон мехўронед ва поймол мекунед, ман молияти (андози) инро аз куҷо ёфта медиҳам?»

Ин сухани деҳқон ба одамони амлокдор сахт мерасад ва худҳошонро таҳқир кардашуда мешуморанд ва яке аз онҳо ба сари деҳқон бо қамчин мезанад. Деҳқон доду фарьёд мекунад. Дар ҳамин вақт ба болои воқеа Ҳамро-гавбоз ва Қаландар, ки роҳгузар будаанд, расида меоянд. Ва сурати воқеаро фаҳмида, деҳқонро ҳимоят мекунанд, одамони амлокдорро ҳақорат медиҳанд. Одамони амлокдор ба сари онҳо ҳам қамчин ҳавола мекунанд. Аммо ҳар дуи инҳо мисли шере, ки ба думаш расида бошанд, ғуррида оташин мешаванд. Халачўби говронӣ ва молапочаи деҳқонро аз сари замин гирифта, одамони амлокдорро мекўбанд, сари яке аз онҳо мекафад. Онҳо мегурезанд ва рафта ба амлокдор шикоят мекунанд. Амлокдор барои дастгир карда ба зиндон фиристодани Қаландар ва Ҳамро-гавбоз одамҳои яроқнок мефиристад. Лекин инҳо рўй пинҳон карда, ба даст намеафтанд. Аз ин воқеа ду сол гузашта бошад ҳам, ҳанўз инҳо рўйрост ба бозор намебароянд. Шаби тарфбозӣ пинҳонӣ ба тамошо омада будаанд, ки хеле мардумро аз талаф шудан халос карданд. Вақте ки одамони ҳокимон пайдо шудани онҳоро фаҳмида, дар паи дастгир карданашон афтоданд, боз ғоиб шуда рафтанд.

— Инҳо ҳам дев ё аҷина будаанд-дия,— гуфта Аҳмад пас аз як пичинг парронда пурсид: — ҳокимон

дем, оташи гулрез ба фалак печид, қийғоси дўсту душман ба осмон баромад. Чашми вобкандиён моц барин гардид, даҳанашон калўшкўҳна барин яла шуда монд. Мо чор нафар монанди шутурони масте, ки дар майдони шутурҷанг сар дода шуда бошанд, аз даҳонҳо кафк парронда наъра мекашидем, ғурриш мекардем. Дар ҳолате ки оташи тарф ғуррос зада мебаромад ва тахта ба дастамон буд, монанди аспони Ҳарос * чарх мезадем...

Ниёз-гўппон, ки дар вақти тасвири саргузашташ гўё ҳозир ҳам дар ҳамон майдон тарфи фармударо парронда истода бошад, кафки даҳонаш ба мўйлаб ва буруташ пош мехўрд, аз лабу даҳонаш кафкҳои носолудро пок карда, овозашро қадаре пасттар ва оҳангашро маъюсонатар карда давом намуд:

— Дареғ, сад дареғ, ки ҳанўз нимаи дору тамом нашуда тарф таркид, тахта ҳам пора-поро шуда ба атроф парид, ҳашт нафар мурданд, се нафари онҳо он касоне буданд, ки ҳамроҳи ман тарфро бардошта гашта буданд. Аммо ман бо шикастани дасти ростам зинда мондам...

— Магар ба тамошобинони дигар зарар нарасид? — гуфта Аҳмад бо ҳаяҷон пурсид.

— Чаро зарар нарасад? — гуфта Гўппон давом намуд: — каси бисьёре бо зарби порчаҳои тарф ва тахта маҷрўҳ шуданд, мардум дар воҳима афтода, гурўҳ-гурўҳ ба ҳар тараф мегурехтанд, каси бисьёре дар вақти гурез дар зери пои якдигар монда ҳам маҷрўҳ ва маиб шуданд... Хайрият, ки дар ҳамин вақт Қаландари зарангаригӣ бо ҳамроҳии Ҳамро-гавбоз [1], ки онҳо он вақтҳо гуреза шуда мегаштанд, аз ким-куҷо пайдо шуданд, маҷрўҳон ва афтодагонро аз таги пои мардум бардошта ба канор бароварданд, бачагон ва одамони пирро аз байни талотўб бардошта ба боми каппони гандум ҳаво дода, онҳоро аз талаф шудан халос карданд...

— Қаландар ва Ҳамро-гавбоз чаро гуреза шуда мегаштанд? — гўён Аҳмад ба Гўппон савол дод.

---

* *Ҳарос* — осиёи аспӣ аст, ки дар вай чанд сар асп баста мегардонанд.

Ниёз-гӯппон ба садои худ, ки дар вақти нақли фалокати худаш қадре маъюсона мебаромад, як оҳанги қаҳрамонона дода гуфт:

— Қаландар ва Ҳамро-гавбоз ҳақиқатан ҳам одамони мард буданд, онҳо аз ҳеҷ чиз наметарсиданд. Воқеаи гурезагии онҳо ин аст, ки вақте 15—20 савор аз одамони амлокдор аз барои мол кардани (андоз андохтани) гандуми деҳқоне ба сари заминаш мераванд, ба баҳонаи тахмин кардани ҳосили гандум сулуки аспҳошонро бароварда, ба даруни гандум медароянд ва гандуми суп-сурх пухтаро ба аспҳошон мехӯронанд. Албатта, хеле гандум дар таги пои аспҳо ҳам монда нобуд мешавад. Деҳқон мегӯяд: «Бегиҷонҳо! Шумо, ки ҳоло гандумро ба аспҳотон мехӯронед ва поймол мекунед, ман молияти (андози) инро аз куҷо ёфта медиҳам?»

Ин сухани деҳқон ба одамони амлокдор сахт мерасад ва худҳошонро таҳқир кардашуда мешуморанд ва яке аз онҳо ба сари деҳқон бо қамчин мезанад. Деҳқон доду фарьёд мекунад. Дар ҳамин вақт ба болои воқеа Ҳамро-гавбоз ва Қаландар, ки роҳгузар будаанд, расида меоянд. Ва сурати воқеаро фаҳмида, деҳқонро ҳимоят мекунанд, одамони амлокдорро ҳақорат медиҳанд. Одамони амлокдор ба сари онҳо ҳам қамчин ҳавола мекунанд. Аммо ҳар дуи инҳо мисли шере, ки ба думаш расида бошанд, ғуррида оташин мешаванд. Халачӯби говронӣ ва молапочаи деҳқонро аз сари замин гирифта, одамони амлокдорро мекӯбанд, сари яке аз онҳо мекафад. Онҳо мегурезанд ва рафта ба амлокдор шикоят мекунанд. Амлокдор барои дастгир карда ба зиндон фиристодани Қаландар ва Ҳамро-гавбоз одамҳои яроқнок мефиристад. Лекин инҳо рӯй пинҳон карда, ба даст намеафтанд. Аз ин воқеа ду сол гузашта бошад ҳам, ҳанӯз инҳо рӯйрост ба бозор намебароянд. Шаби тарфбозӣ пинҳонӣ ба тамошо омада будаанд, ки хеле мардумро аз талаф шудан халос карданд. Вақте ки одамони ҳокимон пайдо шудани онҳоро фаҳмида, дар паи дастгир карданашон афтоданд, боз ғоиб шуда рафтанд.

— Инҳо ҳам дев ё аҷина будаанд-дия,— гуфта Аҳмад пас аз як пичинг паррондан пурсид: — ҳокимон

магар ба касоне, ки ба мурдан ва маҷрӯҳ шудани ҳамин қадар одам сабаб шудаанд, чизе нагуфтанд?

— Не,— гуфт Гӯппон,— ҳамон шаб мо, тарфбозони машҳур, рӯй пинҳон кардем. Ҷалолиддин-амин дар миёна даромада, аз ҳамаи тарфбозон се ҳазор танга ғундошта, як қисмашро худаш хӯрда, бақияашро ба чор ҳокими Ғиҷдувон дод, бо ҳамин кори мо хаспӯш шуд. Лекин ҳокимон барои чашми мардум ҳашт нафар бечораеро, ки дар умри худ тарф ба даст нагирифта буданд, дастгир карда бадарға намуданд. Мо саломат монда, ба ривоҷ додани ҳунари худ машғул шудем.

— Магар ҳоло ҳам дастатон ба тарфбозӣ кор меояд? — гуфта Аҳмад пурсид.

— Дасти ростам кор наояд ҳам, бо дасти чапам ҳар навъ тарфро парронда метавонам, лекин...

Гӯппон аз сухан бозистод ва чилим фармуд.

— Лекин чӣ? — гуфта Аҳмад пурсид.

— Дасти ростам айбдор шуда бошад ҳам, бо дасти чапам ҳар корро карда метавонам. Лекин як воқеаи дигар рӯй дод, ки ман дили худро бой додам. Ман дар ин ҷо ҳамон воқеаро ҳикоя карданӣ будам, тарзе шуд, ки ҳикояти тарфбозӣ ба миён омада, гап дароз шуда рафт.

— Гӯед, гӯед, он воқеаро ҳам шунавем! — гуфта ҷавонон аз ҳар гӯша ба тарафи бобо рӯй андохтанд.

Бобо баъд аз кашидани чилими обтоза боз ба ҳикоякунии саргузашти худ даромад...

— Вақте дар бозори Ғиштӣ дер монда, баъд аз фурӯ рафтани офтоб аз он ҷо баромадам. То вақте ки ба тагӣ мазор расидам, хуфтан шуд, шаб ҳам бисьёр торик буд, моҳ набуд, абри сиёҳ рӯи ситораҳоро ҳам пӯшонда буд. Девон ва париёнро ба хотир оварда, аз мазор чашмамро намеканадам. Ногоҳ дидам, ки дар як гӯшаи мазор оташпораҳо менамоянд. Ман, ки аз он ҳама оташбозиҳо наметарсидам, бо дидани ин оташ андак дилам ларзид...

— Он оташпораҳо чӣ будааст? — гӯён Ашӯр сухани Гӯппонро бурида, тааҷҷуб кард.

— Аҷина буд,— гуфта Гӯппон сухани худашро давом дод.— Агар дар бағали худ бозубанд намедоштам, он аҷина маро зада месӯхт, ҳарчӣ ба шарофати

бозубанд халос шудам, лекин аз ҳамон рӯз боз ҳар оташро аҷина гуфта метарсам. Намедонам, имсол тарфбозӣ карда метавонам ё не? Бинобар ин Рӯзимуродро (номи он шахси мадҳушгардида) ҳам таъна кардан дуруст нест. Аз деву парию аҷина тарсидан даркор аст.

— Бобо! — гуфт Аҳмад,— ба пеши шумо калонгапӣ нашавад, ман аз аҷина-паҷина наметарсам.

— Ука, бисьёр калонгирӣ накунед! — гуфт Шокир ба Аҳмад.— Ҳоло бадани шуморо мӯрча нагазидааст. Ин гапҳоро шумо дар даруни меҳмонхона дар байни 15—20 нафар ёру ҷӯра зада метавонед. Ягон шаб якка ба таги мазор раведу қандатонро хӯред. Агар ҳамин тавр шаккокӣ кунӣ, аҷина як занад, ки «воҳ» нагуфта мурӣ.

Аҳмад шӯрид ва оташин шуда гуфт:

— Ака Шокир, шумо ин қаду қоматро дар куҷо ёзондед, ин қад аст ё ҷуворипоя? Бо ин сиккаву суммот гапи задагии ин каса бинед-а...

Аҳмад қадре хомӯш монд ва боз ба Шокир нигоҳ карда:

— Гарав бандед, ҳозир ман ба таги мазор рафта оям!

— Гарав мебандам,— гуфт Шокир бо оҳанги тамасхуркунона ва дигарҳо ба Шокир ҳамроҳ шуда:

— Гарав мебандем, гарав мебандем,— гуфтанд.

— Аҳмад ука, тезӣ накун! — гуфт бобо ба гап ҳамроҳ шуда,— ба гапи касе, ки аз худат як курта пештар даррондааст, оташин нашав. Аз аҷина наметарсидагӣ одам нест. Ҳоло ту аҷинаро надидай!

— Аҷинаро дидаам ё надидаам, ин кори ман аст,— гуфт Аҳмад,— ҳамин ки «гарав мебандам» гуфта аз даҳонам баровардам, мебандам.

— Гӯй, шартат чист? — гуфт Шокир боз бо тамасхур.

— Шумо калон, шумо гӯед! — гуфт Аҳмад.

— Аҳмад, бачагӣ накун! — гуфта бобо боз оташи Аҳмадро паст кардан хост.

— Бачагеш чӣ? — гуфта боз Аҳмад оташинтар шуд ва бо дасти худ ба тарафи Шокир ишора карда илова намуд:

— Аз ҳамин барин калон шуда гаштан дар бачагӣ девона шуда мурдан беҳтар аст!

— Ҷанг даркор нест, шартро қарор диҳетон,— гуфт Рӯзимурод.

— Шарт ба Аҳмад,— гуфт Шокир.

— Шарт ба шумо, ё ба ҳаматон,— гуфт Аҳмад.

— Шарт ба ҳамаамон ки бошад, ман гӯям,— гуфт Рӯзимурод ва бо як оҳанги мағрурона ба баёни шарт даромад.— Агар ба таги мазор сиҳат-саломат рафта ой, то зинда ҳастем, дангона, ҳарифона ва гаштаки моро муфт хӯр; агар мурӣ, худо раҳмат кунад ва агар рафта натавониста аз роҳ баргардӣ, ҳамаамонро як бор зиёфат кун!

— Дуруст, дуруст, ҷудо нағз,— гуфтанд ҳамаашон.

— Ту чӣ мегӯӣ, Аҳмад? — гуфт бобо ба ӯ нигоҳ карда.

— Ҳар чизеро, ки ҷӯраҳо дуруст шуморанд, ман қабул дорам.

— Биё, ин тавр бошад, дастатро деҳ!

Аҳмад ва бобо монанди онҳое, ки савдо мекунанд, дасти якдигарро гирифтанд, бобо ба Аҳмад корди худро дода гуфт:

— Мазорро аз тарафи офтоббаро давр зада ба айвончаи рӯ ба рӯи гӯр мебарой, дар айвонча бо ин корд як хат мекашӣ, баъд аз он ба чорбоғча фуромада, аз дарвозаи поёни он ба ҷангалзор мебарой, як шоха аз ҷангал бурида гирифта кордро дар зери он ҷангал гузошта бозмегардӣ! Дуруст аст?

— Дуруст! — гуфт Аҳмад.— Лекин саги худро ҳамроҳ мебарам.

— Чаро?

— Дар мазор шағол бисьёр аст, агар саг набошад, дур нест, ки шағолҳо ба ман зарар расонанд.

— Касе, ки аз деву парӣ наметарсад, аз шағол чаро тарсад?—гуфт Шокир бо оҳанги масхарадорона.

— Аз шағол тарсидан албатта дуруст аст,— гуфт Аҳмад,— агар якчанд шағол ба як одами бемилтиқ ё бетаппонча ҳамла кунанд, албатта ғолиб мебароянд. Аммо аз аҷина тарсидан кори занон аст.

— Астагфирулло! — гуфт Шокир оташин шуда.

— Монетон, «як гап кӯтаху олам гулистон»,— гуфт бобо,— ҳозир маълум мешавад, ки кӣ зан, кӣ мард, кӣ шер, кӣ рӯбаҳ.

Аҳмад корди боборо гирифта аз ҷояш хест, ба дари хонаи худ, ки дар ҳамсоягии он ҳавлии маҷлисгоҳ буд, рафта, саги худро «Хайбар, Хайбар»[5] гӯён ҷеғ зада, ба худ ҳамроҳ кард ва роҳи сари мазорро пеш гирифт...

* * *

Аз аҳли маҷлис яке ба ҷони Аҳмад афсӯс хӯрда мегуфт:

— Ҳайф аст, ҷавоне, ки аз сад гулаш як гулаш нашукуфтааст, худро бо як беандешагӣ нобуд кунад.

Дигаре мегуфт:

— Кӯр шавад, «гӯри худ, аъмоли худ» гуфтаанд, ба вай кӣ мондааст даҳанкалониро, баҷан пешхез ҷӣ мешавад мегӯед? Як рӯз не, як рӯз худашро нобуд мекунад-дия.

Сейӯмӣ мегуфт:

— Имрӯз фардо ҳам дорад. Агар ягон кор шавад, фардо ба хешу таборҳои Аҳмад ҷӣ ҷавоб мегӯем? Айб ба бобост, ки ӯро нигоҳ надошт. Ӯ баҷагӣ кунад ҳам, лозим буд, ки бобо ҳаю бош мекард.

— Ба ман ҷӣ? — гуфт бобо.— Ман як бор, ду бор гап задам, гӯш накард. «Ҳарчанд задам, дарнагирифт», «дидӣ ки нашуд, мон ки равад» гуфтаанд.

— Дар ин вақти шаб сари мазор рафтан ҳалво буд, ки Аҳмад мехӯрад? — гуфт Рӯзимурод бо оҳанги нобоварона.— Ҳолӣ мебинед, ки аз нимраҳа гашта меояд, ҳеҷ гап намешавад, натарсетон.

— Бо кадом рӯй ба пеши мо гашта меояд! — гуфт Шокир худбоварона,— дар вақти оташинӣ як гап заду рафт. Аз пеши мо ки баромад, рост ба хонаи худ рафта мехобад. Акнун рӯи Аҳмадро дар шаби зиёфаташ мебинем.

— Ҳеҷ намебинем гӯй-ҷӣ? — гуфт Ашӯр ба Шокир.— Вай пуле надорад, ки ҳамаи моро зиёфат кунад, саҳари барвақт аз хобаш хеста, роҳи Бухороро пеш мегирад ва пас аз он ҳеҷ гоҳ ба деҳа намеояд...

* * *

Ҳанӯз ин гуна гуфтугузорҳо ба поён нарасида буд, ки Аҳмад аз дар даромад. Дар рангу рӯяш осори тарсидагӣ набуд. Дар дасташ навдаи чангале буд, ки онро монанди касе, ки аз гулзоре шохчаи райҳонеро канда гирифта бошад, бепарвоёна мечунбонид*.

— Чӣ кор карда омадӣ? — гуфт бобо ба Аҳмад.

— Ҳар кореро, ки қарор ёфта буд, кардам, — гуфт Аҳмад ва навдаи чангалро ба пеши бобо гузошт.

— Корд чӣ шуд?

Дар таки чангале, ки ин навдаро аз он буридаам, гузоштам.

— Офарин! Ман шаҳрамро ба ту додам! — гуфт бобо бо оҳанги таслимкорона.

— Ҳоло маълум нест, — гуфт Шокир бо оҳанги нобоварона, — кӣ медонад, ки ин навдаро аз мазори калон бурида омадааст, ё аз рӯйдаричаи худаш, ки дар он ҷо ҳам як мазори чангалдор ҳаст?

— Аҳмад дурӯғ намегӯяд, боз росту дурӯғаш пагоҳ маълум мешавад, — гуфт бобо.

— Базм ва хониши париёнро хуб тамошо кардам гӯй-чӣ? — гуфт Рӯзимурод хиҷолатмандона.

— Ҳо! — гуфт Аҳмад. — Агар уллоси шағолонро шумо хониши париён ҳисоб кунед, хуб базм тамошо кардам. Афсӯс, ки баъд аз шунидани уввоси Ҳайбаи ман онҳо дам шуда монданд — «аҷинаҳо гурехтанд», ман ҳам аз базм маҳрум мондам.

— Аз уввоси саги ту девони даруни ғор аз наъра задан ва аждарҳо аз нафас кашидан ҳам мондагист? — гуфт Рӯзимурод масхара дошта.

— Не, ҳаво шамол буд, — гуфт Аҳмад хандакунон, — магар девон ва аждарҳо ба сабаби шамол овози саги маро нашуниданд, ки аз наъра ва нафас кашидан бознаистоданд...

Аҳмад як сония хомӯш монда, як вазъияти ҷиддӣ гирифта давом намуд:

— Шумоён хуб одамед. Ҳар вақт шамол бошад, даруни ғор садо медиҳад. Шумо он садоро наъраи

дев ва нафаси аждарҳо гумон мекунед. Вагарна аждарҳое, ки бо ду лаби худ дарьёи Зарафшонро банд карда, як дарьё обро дам мекашад, бо ин бузургӣ дар он ғори танге, ки харро бо кашшааш роҳ намедиҳанд, чӣ гуна медарояд ва мегунҷад? «Одаму ақл» гуфтаанд. Агар ақл набошад, сар қадуи хушк, даҳон тубаки бекор ва чашм шишаи холӣ будааст-дия!..

Акнун ҳамаи ин даҳанмардон шикаст хӯрда буданд, бинобар ин маҷбур буданд, ки гапҳои талхи заҳрдори Аҳмадро ба ҷон ҳалво дам назада фурӯ баранд.

Танҳо Шокир ҳанӯз ҳам бовар намекард, бо вуҷуди ин то рӯз сафед шуда ошкор гардидани кор бардошт карда истоданро ба худ салоҳ медонист...

Рӯз шуд, офтоб баромад, ба ҳама чун рӯз равшан шуд, ки Аҳмад корномаро тамом карда будааст. Лекин ҳанӯз онҳо бовар намекарданд, ки Аҳмад ин корро бо дилу гурдаи худ кардааст, балки мегуфтанд: «Мо бехабар будаем, Аҳмад девбанд шуда будааст». Бинобар ин аз ҳамон рӯз сар карда, Аҳмадро «Аҳмади девбанд» мегуфтагӣ шуданд.

## VI

Оё Аҳмад ҳақиқатан девбанд буд, ки бо он хурдсолӣ аз девон ва париён зӯр баромада ҳамаро дар ҳайрат андохт, ё бозубанди зӯре дошт, ки ҳеҷ зиёну заҳмат ба ӯ асар намекард ва ё ин ки дар ин миён сирри дигаре буд, ки ба ҳамсолон ва ҷӯраҳояш маълум набуд?

Ҷавоби ин пурсишҳо аз тарзи тарбияи Аҳмад ва саргузашти айёми хурдсолиаш маълум хоҳад шуд.

Аҳмад дар яке аз хонадонҳои хоҷагони Соктаре зоида шуда ба воя расида буд, афсонаҳои деву парӣ, ҳикояти ғор ва аждарҳо, тарониии сари мазор, чорбоғ ва ҷангалзорро аз дигарон дида камтар нашунида буд.

Бинобар ин Аҳмад дар вақтҳои 8—9-солагиаш бисьёр метарсид, ҳатто гирдболҳоеро, ки дар рӯзҳои шамоли дутарафа бармехост, кӯч кардани аҷина

пиндошта, қариб буд дилкаф шавад. Хусусан занони кампир, ки Аҳмад дар хурдсолиаш аз онҳо бисьёр шуг — матал мешунид, ҳамеша ҳикоятҳояшонро бо афсонаҳои деву парӣ зинат дода нақл мекарданд [7].

Ин гуна афсонашунавиҳо ба Аҳмад бисьёр бад таъсир карда буд. Ӯ гумон мекард, ки зери замин, рӯи ҳаво, тахти дарахтони мевадор, хусусан зери дарахти санҷид, рӯи порутӯдаҳо ва хокистартӯдаҳо пур аз деву парӣ аст.

Бинобар ин Аҳмад барои дастбахок кардан баъд аз шом танҳо баромада наметавонист. Агар шабона аз хона баромаданӣ шавад, албатта модараш ҳамроҳ мебаромад.

Аммо падараш аз ин ҳол бехабар буд, зеро ӯ як бор аз забони Аҳмад калимаи «танҳо метарсам»-ро шунида, ӯро бисьёр коҳиш карда буд ва аз модари Аҳмад ҳам «ту бачаро тарсончак карда калон кардаӣ» гуфта сахт озурдагӣ карда буд. Бинобар ин на Аҳмад ва на модараш ба пеши он шахс аз тарси деву парӣ лаб кушода наметавонистанд.

* * *

Шабе модари Аҳмад дар хона набуд, айёми тобистон буда, вақтҳои рӯиҳавлихобӣ буд. Падари Аҳмад ним таноб барии гандумпояашро, ки дар рӯйдарича дошт, он шаб об дода буд. Дар вақти ба замин об сар додан шамол бошад ҳам, ҳанӯз замин бо об тақдаи нашуда, ҳаво ором гирифт. Бинобар ин обрӯбакҳои гандумпоя ба як сӯ ғун нашуда монд.

Падари Аҳмад одами бодиққат буд, ӯ нахост, ки аз бешамолӣ замин ифлос шуда монад. Бинобар ин як шохаи баргдори дарахти гуҷумро бурида гирифта, ба замини нав об додашуда даромада ва бо он шоха обро лат дода обрӯбакҳоро ба як тараф ғундоштанӣ шуд.

Вақте ки падар ба ин кор машғул шуд, Аҳмад ба рӯи суфаи ҳавлӣ танҳо монд. Ӯ дар ин танҳоӣ бисьёр метарсид, аммо аз тарси падар «метарсам» гуфта наметавонист. Аз шом хеле вақт гузашт, шаб

торик шудан гирифт. Дар ин ҳангом хаёли деву парӣ, ҷину аҷина гирдогирди Аҳмадро фаро гирифт. «Мабодо ба назарам чизе намояд» гуфта Аҳмад чашмашро пӯшид. Баъд аз чанд сония дилаш тангӣ кард, хаёлот боз ҳам воҳимадортар гардид: гӯё як чиз омада ба гардани ӯ савор шуданӣ аст ва мехоҳад, ки ӯро буғ (хафа) карда кушад.

Ночор Аҳмад чашмашро кушода дид, ки дар поёни суфа дар даруни тaафдон куррачаҳо, сагбачаҳо, барраҳо ва бузғолаҳо барин ҳайвонҳои хурд ва реза ғун шудаанд, ба пушти куррачаҳо тӯқумчаҳои сурхро бо ҷули сурх кашидаанд, дар гардани онҳо гарданбандҳои абрешими сурхи зангӯладор, дар гардан ва почаҳои ҳайвонҳои дигар ҳам гарданбанд ва пойбандҳоро бо зангӯлаҳои қатор овехтаанд, ки бо ҳаракати онҳо садо мебароваранд. Ин ҳайвонот бо ҳам бозӣ мекунанд, ба болои ҳамдигар савор мешаванд, гардани якдигарро мехоянд ва гоҳо аз даруни хасрӯбаҳо хӯрокворӣ ёфта мехӯранд, дар болои хӯрок бо якдигар талош мекунанд...

Аҳмад хост ин ҳолро ба падараш хабар диҳад, боз аз тарси даҳшати падар, ки дар ин мавридҳо бисьёр коҳиш мекард, хомӯш монд. Лекин чунон тарсида буд, ки ёрои ҷунбидан надошт. Сар то пояш монанди касе, ки варачаи сахт дошта бошад, меларзид, дандонҳояш ба ҳамдигар чунон бо тезӣ мерасиданд, ки шунаванда садои ба ҳам пайвасти бо рез навохта шудаистодаи тори рубоб гумон мекард...

Аҳмад чашмашро аз он ҳайвоноти аҷиб намеканд. Як вақте дид, ки ҳамагӣ саф кашида ба тарафи ӯ меоянд. Аз ҳавли ҷон гурехтанӣ шуда аз ҷояш хест, лекин қадам бардошта натавонист. Танҳо:

— Дадаҷон! — гӯён фарьёд кашид ва ғалтид.

Падари Аҳмад ҳам дар ҷавоб:

— Ха, натарс! Ман рафтам,— гуфта овози даҳшатноке дод.

Аз шунидани овози падар дили Аҳмад қадре қувват гирифт ва чашмашро кушода нигоҳ кард, ки он ҳайвонҳо дар гурехтананд, баъзе ба болои бом, баъзе ба дарахти тути дар поёни суфа буда ва баъ-

зе ба роҳрави берун гурехта, дар як нафас зим ғоиб шуданд.

Падари Аҳмад расида омад, ӯро дар бағал гирифта дилдорӣ дод ва воқеаро пурсид. Аҳмад гирьён-гирьён ва нафаскашон ҳар чи дида буд, ягон-ягон ҳикоя кард.

— Дуруст, ин чизҳое, ки дидӣ, чин ва ачина аст,— гуфт ба Аҳмад падараш,—лекин маълум мешавад, ки ту аз як чиз бехабар будай ва бинобар ин аз инҳо тарсидай.

Падари Аҳмад ӯро, ки як қадар ором гирифта буд, дар рӯ ба рӯи худ шинонда ҳикоят сар кард:

— Шунида мон, вақте ки бобои ман ба сайри Нурато мерафтааст, як аспи бисьёр хубе дар зери пояш будааст, вақте ки мехостааст ба кӯҳи Ғазғом барояд, сағрии асп хам хӯрдааст.

Бобоям андеша кардааст, ки «ин асп аз он аспҳо нест, ки бо савор шудани як кас пушти худро хам кунад, чӣ чои сағриаш. Ҳамоно дар ин воқеа асроре ҳаст» гӯён бо як чобукӣ дар пушти худ ба тарафи сағрии асп чанг задааст. Дар ин чанг задан ба чангалаш як даста мӯи нобофта даромадааст. Дарҳол мӯйро ба банди дасташ печонда маҳкам нигоҳ доштa:

— «Ба ҳурмати чилкоф * ҳозир шав, вагарна мекушамат»,— гуфтааст.

Соҳиби мӯй ба назар намоён шудааст ва бобом дидааст, ки ӯ подшоҳи ачинагон аст, ки дар сари мазори худамон боргоҳ дорад.

Бобом ба ӯ гуфтааст:

— Ба ту кӣ ин ҷасоратро дод, ки ба ман беадабӣ кунӣ, магар девбанди чилкофхон будани маро намедонистӣ?

Подшоҳи ачинагон пас аз узрхоҳӣ ва тавбаву тазарруи бисьёре гуфтааст:

— Вақте ки шумо ба нияти зиёрати Нурато баромадед, ман ҳам ҳамроҳи шумо рафтанӣ шудам, то ки ба шарофати шумо зиёратам қабул шавад. То ин чо дар рикоби шумо пиёда давида омадам, хурду резагони ачинагонро, ки дар роҳ вохӯрданд, ҳамаро огоҳонидам ва кӣ будани шуморо ба онҳо фаҳмон-

* *Чилкоф* — дуое будааст, ки азоимхонҳо мехондаанд.

дам. Аммо дар ин ҷо як шӯхӣ ва густохӣ карда, ба аспи шумо савор шудам, ин беодобии маро бубахшед.

— Дар ин беодобие ки ту кардӣ, ҳаққи ту туро нобуд кардан аст,— гуфтааст бобом ба ӯ,— лекин агар қасам хӯрда аҳд бандӣ, ки ба авлоди ман зарар намерасонӣ, дигар девон ва париёнро ҳам аз зараррасонӣ бозмедорӣ, ман туро мебахшам ва сар медиҳам.

Подшоҳи ачинагон:

— Ба шумо, ба авлоди шумо ва ба авлоди авлоди шумо то қиёми қиёмат зарар намерасонам ва ачинагони дигарро ҳам аз зараррасонӣ бозмедорам,— гуфта қасам ёд кардааст.

— Сабаб ин аст, ки,— гуфт падари Аҳмад,— деве, парие ва аҷинае ба авлод ва хонадони мо зиёну заҳмат расонда наметавонад. Ту аз ин воқеа бехабар будӣ, бинобар ин тарсидӣ, онҳо ба назарат намоён шудаанд. Агар баъд аз ин натарсӣ, онҳо ба назарат намоён нахоҳанд шуд...

Аҳмад баъд аз ин воқеа наметарсидагӣ шуд, баъд аз ин чизе ҳам ба назараш намоён намегардид. Шабҳо обдорӣ мекард, танҳо ба даруни чорбоғ мерафт, дар ҳар ҷое ки кампирҳо «ачина ҳаст» мегуфтанд, ӯ қасдан аз он ҷо мегузашт. Мақсадаш ин буд, ки як бори дигар яке аз ачинагонро бинад ва ӯро дастгир карда, аҳди бо бобокалонаш басташударо ба хотири ӯ оварад, ӯро хуб танбеҳ намояд. Ниқори чандинсоларо, ки ӯ аз ачинагон тарсида ҳамеша дар азоб мегузаронид, аз онҳо барорад. Лекин ҳеҷ гоҳе ба назараш ачина наменамуд...

## VII

Аҳмад 12-сола шуд, ин вақт саводаш ҳам баромада буд. Ӯ девонҳои шоирони гузаштаро бисьёр дӯст дошта мехонд, аз ин ҷумла девони Саъдиро. Рӯзе дар девони Саъдӣ ин байтро дид:

Дев бо одам наёмезад, матарс,
Бал битарс аз одамони девсор.

Аҳмад дар маънии ин байт фикр карда, аз ин чунин фаҳмид, ки дев аз ғайри қасам додан ҳам ба одамӣ зарар расонда наметавонистааст.

Вақти муносиберо ёфта, байти мазкурро ба пеши падараш хонд ва маъниашро пурсид. Падараш гуфт:

— Ҷони падар! Модарат ва занони дигар барои ту бисьёр афсонаҳои ваҳмангезро аз деву парӣ нақл карда туро тарсонда буданд. Дидам, ки хушку холи «натарс!» гуфтани ман ба ту асар накард ва тарсро аз дилу димоғи ту набаровард, бинобар ин ман ҳам «давои қурут — оби гарм» гӯён як афсонаи дурӯғ бофта, тарси дар димоғи ту чандин сол боз ғуншуда-ро якбора баровардам. Чун туро бо дурӯғҳо тарсонда бемор карда буданд, ман ҳам бо дурӯғе бемории ту-ро даво кардам. Он ҳикояти бобом, сайри Нурато, қасам додани подшоҳи аҷинагон... ҳама дурӯғ буд, ки ман он вақт барои маслиҳат сохта будам. Аммо дар ҳақиқат Саъдӣ рост мегӯяд, ки одамӣ аз ҳар чиз зӯр аст, деву парӣ, ҷину аҷина ҳеҷ кадом ба фарзанди одам зарар расонда наметавонанд. Ин зарарҳое, ки одамҳо гумон мекунанд аз девҳо дидаанд, ҳама аз вайронии димоғи онҳост, ки ба сабаби шунидани ду-рӯғҳои воҳимадор ба димоғашон халал расидааст. «Қуввааи воҳима халлоқ аст» гуфтаанд, бинобар ин ваҳмашон ҳар чизро, ё ки чизи нобударо ба назари онҳо «дев» карда нишон додааст. Онҳо бо ваҳми худ тарсида, шал (фалаҷ) шудаанд, даҳонашон кач гар-дидааст, ҳатто баъзеҳо дилкаф шуда мурдаанд. Ту яқин дон, ки деву парӣ ба одамӣ зарар расонда на-метавонад. Зарарасонанда танҳо тарси худи одам аст...

Падари Аҳмад қадре хомӯш монда, баъд аз сан-ҷидани дараҷаи таъсири сухани худ ба Аҳмад, ба шарҳи мисраи дуйӯми байти Саъдӣ даромада гуфт:

— Маънии «аз одамони девсор тарс!» гуфтани Саъдӣ ин нест, ки тарсида аз онҳо гурез, ё ин ки сар хам карда, ҳар чӣ кунанд, дам назан ва ҳар чӣ гӯ-янд, қабул намой. Балки Саъдӣ мехоҳад гӯяд, ки аз одамони девсор (одамони бад) тарсида, ба дафъи за-рари онҳо кӯш! Чунончи, ин маъниро худи Саъдӣ дар поёни ҳамон байт бо ин байт равшан ифода ме-кунад ва мегӯяд:

> Бо бадон бад бошу бо некон накӯ!
> Ҷои гул гул бошу ҷои хор хор.

Падари Аҳмад ба будани деву парӣ, ҷину аҷина боварӣ дошт. Фарқи ӯ аз одамони дигари ҳамасри худаш танҳо ин буд, ки «деву парӣ ба фарзанди одам зарар расонда наметавонад» гуфта эътиқод мекард. Бинобар ин ба писараш ҳам бо ҳамин роҳ талқин карда ва сухани худро зиёдтар тасфил дода гуфт:

— Баъзе шабҳо дар мазорҳо ё дар ҷойҳои дигар ба назари кас оташпораҳо монанди ахгар намоён мешавад. Дар ҳақиқат аҷина аз онҳо беш н*ст. Аз дасти як оташпораи хокистаролуд чӣ мебарояд, ки одамро зада девона кунад ё кушад. Хокистари кӯрдори оташдони мо аз он пурзӯртар аст.

Таълимот ва тарбияи падари Аҳмад * ба Аҳмад ҳама ана бо ҳамин роҳ мерафт. Бинобар ин Аҳмад дар шаби дангона қаҳрамонӣ нишон дод ва дар он вақти шаб ба сари мазоре, ки бобои навҷавонон бо он ҳама зӯроварӣ ва паҳлавонӣ рафта наметавонист, танҳо рафт ва гаравро бурд.

## VIII

Аҳмад хондани худро давом дод, 25—26 сол дар мадрасаҳои Бухоро зиндагонӣ кард, дарс хонд ва дарс гуфт. Дар миёнаи муллоён ва муллобачагон танҳо худаш буд, ки аз деву парӣ наметарсид.

Як шаби тобистон дар Бухоро, дар сари гулзори мадрасаи Бадалбек Аҳмад бо чанд муллобачагон нишаста буд. Яке аз онҳо ба казои ҳоҷат рафт. Баъд аз чанд сония аз тарафи халоҷо овози фарьёде шунида шуд. Аҳмад ва дигарон ба он тараф нигоҳ карда давиданд. Рафта диданд, ки он муллобача ба хок афтодааст ва аз даҳонаш кафк меравад. Баъд аз хушьёр кардани он аз вай аҳволро пурсиданд, ӯ гуфт:

— Аҷинаро дидам.

Аҳмад ханднда пурсид:

— Он аҷина дар куҷост?

Он муллобача зери девореро нишон дода гуфт:

— Ман дар он ҷо аҷинаро ба сурати оташпора дидам. Ҳама ба ҷои нишондодаи ӯ рафта нигоҳ карданд, ки дар ҳақиқат ҳам оташпора намоён аст. Ҳама дар тарс афтоданд. Аммо Аҳмад бейбо ба тарафи он

3*

оташпора рафта, онро бо кафши худ молиш дода ба хокаш олуда кард. Оташпора нопадид гардид. Ҳама гуфтанд, ки «Аҳмад девбанд» будааст.

Ин воқеа дар аввалҳои дарсхонии Аҳмад буд. Аҳмад то ин вақт ба ҳастии деву парӣ монанди падари худ боварӣ дошт. Лекин ҳамин қадар фикр пайдо карда буд, ки «аҷина ба одам зарар расонда наметавонад» мегуфт. Далели вай ба ҳастии аҷина оташпораҳои шабҳо намоён мешудагӣ буданд.

Аз ин воқеа чандин сол гузашт. Дар Бухоро революцияи фикрӣ сар шуд. Аз ҳар тарафи олами маданият рӯзномаҳо, журналҳо ва ҳар гуна китобҳои фаннӣ омадан гирифтанд. Яке аз хонандагони адабиёти нав «Аҳмади девбанд» буд.

Аҳмад дар яке аз китобҳои фаннӣ хонд, ки як ҷузъи устухон фосфор ном моддаи кимиёвӣ будааст, ки шабҳо, хусусан дар ҳавоҳои гарм ба назари одам монанди оташ намоён мегардидааст. Ҳар гоҳ ки устухон пӯсида хок гардад, ин чиз падидор мешудааст. Шабҳо дар мазорот намудани оташпора аз он сабаб будааст, ки дар он ҷо устухони пӯсида бисьёр аст.

Аҳмад дар таърихҳо хонда буд, ки мадрасаи Бадалбек дар ҷои мазори кӯҳнае бино ёфтааст. Пас донист, ки он оташпорае, ки дар он ҷо намоён шуда ҳамаро дар тарс андохта буд, ба ғайр аз фосфор чизи дигаре набудааст.

Аҳмад вақте ки бо мутолиаи китобҳои фаннӣ фосфор будани оташпораҳои шабнамоёншавандаро донист, дигар яқин пайдо кард, ки «дев, парӣ ва аҷина» ном чизе дар дуньё нест. Чизҳое, ки мардум «дев, парӣ, ҷину аҷина» гуфта метарсанд, ё хаёли хушк будаанд, ё чизҳое будаанд, ки чӣ будани онҳо ба донишмандони ҳикмат ва кимиё маълум аст.

Аҳмад агарчи ягон мактаби мунтазами фанниро тамом накарда бошад ҳам, бо таҷриба ва мутолиаҳои худ яке аз донишмандони илми тарбия шуд. Дар ҳар маврид ва ба ҳар кас маслиҳат медод, ки бачагонро тарсонда калон накунанд, монанди ҷин, аҷина хаёлот ва хурофотро ба димоғи бачагон ҷойгир насозанд. Вагарна оянди он бачаро хароб, зиндагӣ ва саломатии ӯро дар таҳлука ва изтироб хоҳанд андохт.

# Мохруй

## 1

Доманаи кӯҳ, замини ҳамвори фарох, дар миёнҷои ин ҳамворӣ қишлоқи И... воқеъ буд, ки гирдогирди онро майдонҳои киштзор фаро гирифта буданд[6]. Лекин дар соле, ки мо аз он гап заданӣ ҳастем, ин майдонҳои киштзор холӣ буда, ҷӯйҳо вайрон, заминҳо шӯристон ва боғҳо гӯристон шуда монда буданд. Аз нишонаи ободӣ танҳо ягон-ягон дарахтони мевадор ва соядор намудор мегардид. Бештарини ин дарахтон ҳам дар ҳолати сарсабзӣ ва хуррамӣ набуда, шохҳояшон шикаста, бозуҳояшон бурида, пӯстҳояшон дарида ё ки тамоман сархушк шуда буданд.

Бештарини ҳавлиҳои ин қишлоқ ҳам холӣ ва вайрон буда, дарҳошон канда, бомҳошон фурӯ рафта ва баъзеҳошон тамоман сӯхта тӯдаи хокистар гардида монда буданд. Як қисми бошандагони ин қишлоқ ба шаҳрҳои Ҳисор ва Душанбе дар паноҳи аскарони сурх рафта ва қисми дигарашон ба кӯҳсорҳо гурехта пароканда шуда буданд. Танҳо дар баъзе ҳавлиҳо будани фарзандони одам аз дуди гулхане, ки шабҳо ба ҳаво мебаромад, намоён мегардид.

Дар яке аз шабҳои зимистон, ки ҳаво соф буда, ситорагон дашту биёбонро ба қадре ки одам одамро дида тавонад, равшан мекарданд, яке аз дастаҳои аскарони сурхи даргард (разведчик) ба канори ин қишлоқ пайдо шуд. Аскарон бо фармони ишоратии фар-

мондиҳашон дар пастҳамоҳи истода, аз аспони худ фуруд омаданд.

Ба дарунаи ин даста чанд нафар аз фидоиёни (добровольцы)-и тоҷик буданд, ки яке аз онҳо аз асп нафуромада, ба фармондеҳ арз кард:

— Хуб, ман рафтам. Хотирҷамъ бошед, ки ин хабари муайян ёфта меоям.

Баъд сари аспи худро ба тарафи кӯҳсор гардонид. Аспи ин фидоии қаҳрамон, ки самандаи ёлдумсиёҳ буда, дар ҳаракат ва чолокӣ аз соҳиби худ мондагӣ надошт, дар [illegible] об [illegible], ки то зонуяш ба лой фурӯ мерафт, монанди он ки дар роҳи ҳамворе рафта бошад, бо тезӣ ва осонӣ пой мепартофт.

Ин савор баъд аз гузаштан аз ҷӯйҳо ва ҷарҳо ба домани кӯҳ расида, аз асп фуромад ва онро ба як бутта арча (бурс), ки аз миёни ду санг баромада буд, маҳкам барбаст, [illegible] аз пашми бӯз тофташудаҳо аз коши зин кушода гирифта, бо он даҳони аспро [illegible] зад, то ки асп шиҳа накашад ва ғаниморо хабардор накунад. Пас аз он ба болои санги баланде баромада, ба чор тараф чашм андохт ва гӯш дод. Чун яқин донист, ки дар он атроф аз ҷунбандае асаре нест, ба болои кӯҳ нигоҳ карда баромада рафт.

III

Раҳи ин кӯҳҳоро мегузарам,
Гоҳ бар тепа, гоҳ дар камаре
Ба ту, э сарвари ман, мунтазирам.
Шод шуй, шод шуй, бай ба сарам!

Бе ту чашмам хароб хоҳад шуд,
Ҷигарам ох... об хоҳад шуд,
Ворамаи* чун кай об хоҳад шуд,
Лутф кун, лутф кун, бай ба сарам!

Дар чашми шуд насиби ман бе кай
Қатра [illegible], [illegible] дар кай.
То кай ин бесарусомонӣ, то кай?
Раҳм кун, раҳм кун, бай ба сарам!

---

* *Вора на вора* — [illegible] санги [illegible].

Фидоии диловар дар вақти баромаданаш ба болои кӯҳ гоҳ-гоҳ ба рӯи санге ором истода ба атроф назар мекард ва ба чор тараф гӯш меандохт, чун дар ҳеҷ куҷо сиёҳие намедид ва аз ҳеҷ ҷо ҳам садое намешунид, боз ба болоравии худ давом мекард.

Равандаи танҳогард ва кӯҳнаварди мо тахминан панҷсад қадам боло рафт. Дар ин вақт аз камаре садое шунид, ки касе суруди болоиро бо овози ҳазини ҷонхароше месуруд.

Магар дили шунаванда ба сароянда ин суруд сӯхт, ки сари худро бо ишорати тасдиқ ҷунбонида: «Э бечора, э бечора» гуфт ва пас аз он ба тарафе, ки ин нола аз он ҷо мебаромад, раҳсипор шуд; ба гӯяндаи суруд наздик расид, лекин худро ба назари вай намоён накарда, дар паси санги барҷастае пинҳон истод. Гӯяндае, ки он се банд шеърро то охир мехонд, пас аз андаке хомӯш мондан оҳи ҷонкоҳе мекашид, қадаме чанд боло мерафт, поён мефуромад ва монанди касе, ки касеро чашм дар роҳ аст, ба ҳар тараф назар меандохт ва боз рост истода суруди мазкурро такрор мекард.

Дар яке аз ин болову поёнравиҳо чашми гӯянда ба шунавандаи пасисангии худ афтода, чанд сония ҳаросон-ҳаросон ба вай нигоҳ карда истод ва пас аз он ба якбора:

— Вой! Магар ту Пирмуҳаммад нестӣ? — гӯён ба тарафи ӯ давид ва хост, ки худро ба пои ӯ андозад. Он кас, ки ба номи Пирмуҳаммад ёд шуд, бо ду дасти гирои худ аз бағали ин кас гирифта, сабук дар оғӯши худ кашид ва:

— Моҳрӯй! Худро бой мадеҳ, худдорӣ кун,— гӯён ӯро бурда ба болои тахтасанге нишонд ва худ ҳам дар паҳлуяш нишаст.

Моҳрӯй:

— Пирмуҳаммад! Ту бисьёр ноинсоф ҳастӣ, ба ҳоли ман ҳаргиз раҳм надорӣ ва намедонӣ, ки бе ту имрӯзҳо аз сари ман чиҳо мегузарад.

— Ҳоло вақти ин гуна гапҳо нест, Моҳрӯй! Ҳоло кори зарурӣ мо барҳам задани босмачиён аст, ҳар гоҳе ки хоки Тоҷикистонро аз паи ин палидон пок кардем, ба муроду мақсади худ мерасем, бесабрӣ

макун! Ҳар сухан вакте ва ҳар нукта мақоме дорад, гуфтаанд.

Моҳрӯй пас аз кашидани оҳ гуфт:

— Сабр кун, сабр кун!.. То кай?.. Магар моҳӣ бе об сабр карда метавонад, ки ман бе ту сабр кунам?... Не, намешавад! Маро ҳамроҳи худат бубар!

— Ман аз бурдани ту ҳеҷ ибо надорам, балки ин айни муддаои ман аст, лекин гап дар ин ҷост, ки ҳоло дар қишлоқ мондани ту барои мо бисьёр зарур аст; мо ба хабарҳои пухтаи ту хеле босмачиёни чаллодро ба даст даровардем, кӣ будани ёридиҳандагони онҳоро шинохтем. Агар боз чанд рӯзе дар қишлоқ монда кӯшиш кунӣ, боқимондаҳои онҳоро ҳам ёфта ба сарашон об мерезем. Пас аз он хоҳ дар қишлоқ монӣ, хоҳ ба Душанбе ва Ҳисор равӣ, ҳеч фарқ надорад, он гоҳ ҳар куҷо ту бошӣ, ман ҳам чун сояи худат он ҷо мебошам.

Пирмуҳаммад аз ҷой хеста, ба атроф як назар андохт ва боз ба ҷои худ нишаста, ба сухани худ давом кард:

— Ҳоло биё, гӯй, Моҳрӯй! Аз тоза чӣ дорӣ? Аз қишлоқ киҳо бо босмачиён равуой доранд, ба онҳо киҳо ёрмандӣ мерасонанд?

Моҳрӯй:

— Акнун дар қишлоқ касе, ки рӯйрост ба фоидаи босмачиён ҳаракат кунад, намонд. Бо ин ҳама гуфта намешавад, ки қишлоқ пок шуд. Зеро хоҳ ҳаракати рӯйрост кунанд, хоҳ накунанд, бойён, муллоён ва амалдорони амир тарафдор ва ёрирасони босмачианд. Дар асл босмачӣ як ҷонварест, ки ҳаминҳо зоида парвариш кардаанд. Лекин вақте ки фақирон ва камбағалон таги гапро фаҳмида ба тарафи ҳукумат гузаштаанд ва ҳатто монанди ту як қисмашон милтиқ ба даст гирифта дар паи инҳо афтоданд, инҳо ба пинҳон кардани сирри худ ва ба рӯйрост ҳаракат накардан кӯшиданд. Агар қишлоқро тамом пок карданӣ бошӣ, ҳар чӣ қадар ки бой, мулло ва амалдори амир ҳаст, ҳамаро дастгир кун ва аз ҳама пештар пои ин муллои шум — Мулло Маҳмудро аз қишлоқ бур!

— Ту аз ҳамин мулло бисьёр метарсӣ ва хатари вайро ҳамеша калон карда нишон медиҳӣ; дуруст аст, ки хоҳ ин мулло бошад, хоҳ дигараш ва хоҳ бойён ва

амалдорони амир, ҳаргиз ба мо дӯст намешаванд, инро ман ҳам медонам. Лекин ҳозир навбати бартараф кардани хатарҳои нақда аст.

— Магар ту хатари ин муллоро насия мепиндорӣ, магар ин наметавонад, ки пинҳонӣ ва хоинона зараре расонад?... Албатта метавонад, ки пинҳонӣ ба коркунони шӯрой ё ба камбағалоне, ки дар миёни меҳнаткашони қишлоқ аз бадии муллоён, боён ва амалдорони амир гап мезананд, зарарҳои калон расонад ва боз ба лаби худ кулӯх молида гардад.

— Дуруст аст, ки Мулло Маҳмуд, агар аз дасташ ояд, як дақиқа аз бадӣ кардан пас наменишинад ва ҳеҷ гуна хиёнаткориро аз мо дареғ намедорад. Лекин ҳозир аз дасташ ҳеҷ кор намеояд; гӯсола аз сари мех мепарад гуфтагӣ барин ин одам ҳам аз болои Иброҳимбек мепарид; акнун ки вай саргурез шуд, ин ба кӣ такья карда бадӣ мекунад?

Моҳрӯй дар ҷавоби ин гуфт:

— «Хасро хор мабин, ки ба чашмат мехалад» гуфтаанд. Душманро хурд ва забун шумурдан ҳеҷ раво нест; аз ғаним эмин будан, хусусан агар вай ба ҷон эмин набошад, ҳаргиз дуруст нест. «Гурбаи навмедшуда ба шер чанг мезанад» гуфтаанд; вай медонад, ки имрӯз набошад, фардо ҳамаи молу мулкаш аз дасташ хоҳад рафт. Дар ин сурат аз ҳавли ҷон дур нест, ки ҳар гуна ҳаракатҳои аҳмақона кунад. Ба ҳар ҳол ман аз ин одам хотирҷамъ шуда наметавонам.

— Ман хотирҷамъ ҳастам, ки ҳозир аз дасти вай ҳеҷ кор намеояд, дар оянда бошад чораи вайро дар вақту соаташ хоҳем дид. Инро гӯй, ки ҳозир дар қишлоқ аз босмачиён касе ҳаст ё не?

— Агар Мулло Маҳмудро аз босмачигарӣ тавба карда пиндорӣ (ки ин мисли тавба кардани шағол аз шикори мурғ ё монанди бозистодани гург аз дарронидани гӯсфанд аст), гуфта мешавад, ки ҳозир дар қишлоқ ҳеҷ босмачӣ нест.

Пирмуҳаммад аз ҷояш хест ва нигоҳе ба атроф карда гуфт:

— Шаб ҳам рафт, ту ҳам ба макони худ рав. Эҳтиёт кун, ки бо ман ҳамгап шуданатро касе нафаҳмад, ман ҳам пеши ҳамроҳони худ меравам.

Пирмуҳаммад ба «қадаре биншинӣ, ним соати дигар биншинӣ» гуфта зорӣ карданҳои Моҳрӯй парво накарда «хуб, ба фурсат боз меншинам» гӯён ба доманаи кӯҳ — ба тарафи аспи худ нигоҳ карда фуромада рафт.

III

Маҳмуд пас аз понздаҳсолагиаш ба Бухоро барои хондан рафта буд. Понздаҳ сол ҳам дар Бухоро истода, хатми кутуб намуда, «домулло Маҳмуд» шуда боз омад.

Мулло Маҳмуд ончанд таноб замини меросӣ дошта бошад ҳам, дар вай кор накард; зеро, аз як тараф, вай худро аз деҳқонони камбағал болотар шумурда аз кор кардан ба замин ор мекард, аз тарафи дигар, рӯзе ки вай ба мадраса даромада буд, ба худ муқаррар карда буд, ки дар омада соҳиби дониши шариат шуда, аз бекор маҳлуқ нони муфт хӯрад. Дар воқеъ ҳам ин нияту орзуи Мулло Маҳмуд бекор нарафт.

Вақте ки вай як қатор китобро ҳамроҳи худ гирифта, аз Бухоро омад, ҳокими вилоят як қисм заминро ба вай танхоҳ карда дод. Дар он замин, ки тахминан панҷоҳ таноб меомад, деҳқонон кор мекарданд, вақте ки хирман тайёр мешуд, Мулло Маҳмуд омада, нимаи ҳосилро ба анбори худ мекашонид.

Албатта, ҳоким ин заминро ба Мулло Маҳмуд ройгон ва худоӣ накарда буд: вай медонист, ки муллоҳо аз Бухоро хатми кутуб карда омада ҳар кор карда метавонад, вай метавонад, ки маҳлуқро ба итоати подшоҳ, ба фармонбардории ҳоким ва амлок ҷалб кунад, вай метавонад, ки ҳар гуна ҷабру зулми ҳокимонро ба назари маҳлуқ ба шариат ороста карда нишон диҳад, хулоса вай метавонад, ки барои тороҷ кардани маҳлуқ дасти рости амлок ва ҳоким шавад. Табиӣ, Мулло Маҳмуд ҳам ин вазифаи аз тарафи ҳукумати амир ба гардани худаш боргузоштаро ба хубӣ адо мекард.

Мулло Маҳмуд ба хосиятҳои бемиёнаҷаи панҷоҳ таноб замин қаноат намекард ва пост, ки бештар ноне гузарад. Бинобар ин деҳқононро ҳашар карда дар қишлоқи И... як мадраса бино кард, дар он мадраса «ба нимта хонондани» деҳқон ва чӯпонбачагонро гузошт, ному

нони ин муллобачагон аз тарафи деҳқонони фақири қишлоқ дода мешуд. Лекин инҳо барои хондан ғун шуда бошанд ҳам, шабу рӯз ба заминҳои меросии мавйита шуда аз кор баромадан Мулло Маҳмуд кор мекарданд. Ҳосилот бошад ҳамагӣ моли анбори «ҳазрати домулло» мешуд. Ва аз ин сабаб буд, ки ин деҳқонбачагони фақир, бо вуҷуди даҳ-дувоздаҳ сол дар ин мадраса хок лесидан кӯрсавод ё бесавод мебаромаданд. Аммо бойбачагони қишлоқ ба назари марҳамати чудогонаи «ҳазрати домулло» мушарраф шуда (ба қавли худи домуллю, ба онҳо худо насиба карда), зуд соҳиби хату савод мешуданд. Пас аз он ё Бухоро рафта, соҳиби шариат шуда меомаданд ва ё ин ки як савдогари босавод шуда, мардумро хуб тороҷ мекарданд.

Торафт молу мулки Мулло Маҳмуд зиёд шудан гирифт, ғайр аз заминҳои корами ҳосилхез рама-рама гӯсфанд ва гала-гала гову асп дар чарогоҳҳо моли Мулло Маҳмуд буд.

## IV

Сангин духтарчаи худашро, ки тахминан яксола шуда буд, ба сари кӯча бардошта баромад. Ӯро дӯстдорӣ мекард, бозӣ медошт, «ҳадӯрсӣ-ҳадӯрсӣ» гӯён бар дасти худ ҳаво дода мегирифт, мисли ташнае, ки анорро макад, дақиқаҳо лаби худро аз рӯи вайноканда мебӯсид. Дар ин асно Мулло Маҳмуд роҳгузар шуда омад, баъд аз ҷавоб додан ба саломи Сангин ва пурсупоси аҳволи ӯ:

— Магар ин бачаи худат аст? — гӯён пурсид.

Сангин:

— Ҳо, тақсир! — гуфта ҷавоб дод.

— Писар аст ё духтар?

— Очиза аст, тақсир.

— Номаш чист?

— Моҳрӯй!

— Ба ин бача ин номро кӣ монд?

— Худам, тақсир!

— Кист, ки нофи худашро худ бурад?! Маълум мешавад, ки ту ақиқа [16] ҳам накардаӣ; ва ҳол он ки фарзанд ба падар чанд ҳақ дорад: якӯм, агар писар

бошад, бо ду гӯсфанд ва агар духтар бошад, бо як гӯсфанд ақиқа кардан, дуйӯм, ба вай номи хуб аз рӯи китоб монондан аст, ки инро танҳо муллоён карда метавонанд. Агар ақиқа карда, имомро хабар мекардӣ, албатта вай ба ин Оиша ё ки Фотима барин номҳои табаррук мемонд.

Мулло Маҳмуд пас аз он ки ба ишорати афсӯс сари худро чунбонид, ба сухани худ давом карда гуфт:

— Ин айби ту нест, ту авоми нодон ҳастӣ; пайғамбар «алъавому ка-л-аном» (нохонда мисли чорпо) аст, гуфтаанд; ин кӯтоҳӣ аз имоми қишлоқ аст, ки ҳукми шариатро ба ту нафаҳмондааст ва ба гунаҳгории ту сабаб шудааст. Хуб, бок надорад, ҳоло ҳам казоишро бар ҷо овардан мумкин аст; барои ин аз рӯзи таваллуди бача то имрӯз чанд рӯз ки гузашта бошад, ҳашт-ҳашт шумурда ҷудо карда мепартоем ва дар рӯзи ҳаштӯми ҳашт рӯзи охирӣ ақиқа мекунем. Ин мешавад ақиқаи қазоӣ.

Мулло Маҳмуд пас аз тамом кардани «амри ба маъруф» дар зери лаб чизе хонда ба тарафи бача дам андохт ва дастҳои худро ба рӯ кашида ба роҳи худ рафт.

Баъд аз намози шоми ҳамон рӯз Сангин аз сари замини худ омада дид, ки имоми қишлоқ ба вай мунтазир аст. Сангин ба имом салом дода:

— Ҳа, тақсир, чӣ хидмат? — гуфта пурсид.

Имом пас аз расонидани саломи Мулло Маҳмуд гуфт:

— Бояд ту барои духтарчаат ақиқа кунӣ, чун ман ин ҳукми шариатро барвақттар ба ту нафаҳмондаам, аз ин сабаб домулло маро ҳам коҳиш карданд.

Сангин «хуб, мебинем» гуфта имомро гусел кард. Фардои он рӯз Сангин ба ҳар кас ки вомехӯрд, аз вай «муборак шавад, Сангин! Ақиқаро кай карданӣ шудӣ»-ро мешунид.

Азбаски Сангин ба ин талқинҳо ҳам аз ҷо начунбид, рӯзе арбоби қишлоқ вайро дида гуфт:

— Сангин, як гӯсфанд ба куҷо меравад, ақиқа карданат салоҳ аст. Азбаски ту сухани домуллоро шикастӣ, он шахс аз ту ранҷидаанд, ин ранҷиши худро ба ҳар ҷо изҳор мекунанд; агар ақиқа накунӣ, дур нест, ки калоншавандагони қишлоқ ба хотири домулло ту-

ро аз маърака ва мавриД бароранд (яъне бойкот кунанд), дар он сурат радди мардум шуда мемонӣ...

Кор чиддӣ шуда буд. Сангин медонист, ки гапҳои арбоб шӯхӣ нест. Сафар бинобар тӯи калон накарданаш ва Назар ба сабаби ба падараш оши сол надоданаш аз кишлоқ бароварда шуда буданд. Чӣ бояд кард? Ночор бояд ақиқа кард, бо қарз гирифтан аз судхӯрон шавад ҳам, бояд ақиқа кард.

Сангин ба воситаи имоми кишлоқ аз «ҳазрати домулло» узр хост ва аз рӯи ҳисоб муайян карда додани рӯзи ақиқаро илтимос намуд.

Мулло Маҳмуд ба имом гуфт:

— Ту хуб содда будай, гарди мадрасаҳои Бухороро ки нахӯрдай, ақлат ба ҳукмҳои шариат намерасад. Дар шариат харач нест. Масалан, як деҳқон ба хару гов хӯп баста хирман мекӯбад, чорпоён ба болои гандум саргин ва шоша мекунанд. Лекин мо намедонем, ки ин мурдорӣ ба кадом донаҳои гандум расидааст. Ҳамин ки деҳқон як ғалбер гандумро ба имоми қишлоқ «ҳаққулло» гӯён медиҳад, он гандуми боқимонда тамом халол мешавад. Гӯё ҳамаи мурдориҳо бо ҳамон як ғалбер гандум ба имом меравад. Ин чо ҳам инчунин аст, мо ба хубӣ намедонем, ки рӯзи хаштӯми ҳашт рӯзи охирӣ кадом аст; барои дафъи ҳарач мегӯем, ки ҳамин рӯзи панчшанбеи оянда аст. «Гӯсфанди бӯрдоқӣ тайёр кун!» гӯй.

* * *

Сангин ба ваъдаи аз сари хирман ду чувол гандум додан як гӯсфандро аз чорводори қишлоқ ба насия гирифт. Аз рӯи таълимоти домулло гӯсфандро кушта, бе он ки ба устухонҳояш корд ва табар расонад, бо каллаву почаҳояш ба дег андохт. Ба дарачае ки гӯшт мухарро пухта, бе задани корд ва расонидани дандон аз устухон чудо шавад, чӯшонид. Таом тайёр шуд. Пеш-пеши ҳама Мулло Маҳмуд ва имоми қишлоқ, аз паси инҳо калоншавандагони қишлоқ саф кашида ба хонаи Сангин омаданд.

Мулло Маҳмуд дар сари дастурхон аз фазоили тӯй, хусусан аз савоб ва баракати ақиқа гап мезад ва низ

фармуд, ки хӯрандагон ба устухонҳои гӯшти ақиқа корд ва дандон нарасонанд, вагарна гӯсфанди ақиқа рӯзи қиёмат маъюб (маиб) бармехезад ва ёрмандиро, ки аз он ба соҳиби ақиқа ваъда шудааст, карда наметавонад. Баъд аз хӯрда шудани гӯшт устухонҳоро дар як халтаи одории карбос андохта дар пои як дарахти мевадор гӯронидан даркор аст, то ки ба шарофати ин кор бачае, ки ба номи ӯ ин ақиқа карда шудааст, пурмева ва аз умр бархурдор шавад.

Дар пойни зиёфат бо талқини арбоб як ҷӯра алочаи хисорӣ ба Мулло Маҳмуд ва як порча карбос ба имоми кишлоқ «ҳаққи қадам» гӯён ҳадья карда шуд. Ин матоъҳо дам ба ваъдаи як ҷувол гандум аз баззози кишлоқ ба насия харида шуда буд.

Сели дигар, ки се ҷувол гандуми Саиғин аз сари хирман барои адои қарзи харҷи ақиқа рафт, рӯзғораш дар тангӣ афтод. Маҷбур шуд, ки барои тухму хӯроквории баҳорӣ боз се ман гандумро ба ваъдаи шаш ман қарз кунад. Ба ҳамин тариқа дар байни ду-се сол ҳамаи заминаш, ки чор таноб буд, бо асбоби деҳқониаш аз даст рафт. Худ ба дари Мулло Маҳмуд ва дигар заминдорони кишлоқ мардикори рӯзҳарор шуда монд.

V

Кишлоки И... бо як сарсабзӣ ва хуррамӣ ба назар намоён мешавад. Дар миёнаи майдонҳои гандумзорӣ, ҷавзорӣ, загир ва кунҷидзорӣ пайкалҳои пахта ва гӯза зинати нав ва зебоии тоза медод. Хусусан гули зарди сафедтобн гӯзапояи ба майна одам расида дар миёнаи баргҳои сабзи он бағоят шинам афтода буд. Боғчаи навсабзи дарахтони мевадор, ки дар вай ниҳолҳои зардолу, шафтолу ва себҳои сарсабзро ҷо намуда буданд, навобод будани ин ёбонро нишон медод.

Дар лаби ҷӯй як қатор дарахти тути хасаки калонкалон буд, ки ниҳолҳои тоза сарзада ва ба як шакли ҳандасагӣ расида, монанди гумбазчаи сабз ба назар менамуданд. Аз инҳо маълум мешуд, ки кори кирмакдорӣ ва пиллагарӣ ҳам дар ин кишлоқ равоҷ ёфтааст.

Ҳавои киштзор тоза ва рӯҳафзо буд, танҳо дуди сиёҳе, ки аз оташхонаи мошинзамоч (трактор) мебаромад, ҳавои ин чоро андаке ғуборолуд мекард.

Як марди тахминан 50—55-сола, ки аз пеши тракторрон каланд ба китф мегузашт, ба вай гуфт:

— Ин майдони почпояро аз тахтар рон, хуб офтоб ва шамол хӯрад. Соли оянда ин чоро ҳам пахта мекорем, чӣ қадар ки гандум кориданӣ бошем, заминҳои лалмии баҳорикорӣ мерасад.

Дар ин вақт аз миёни касоне, ки дар сояи дарахтони бед давра карда нишаста буданд, касе:

— Ака Сангин! Зуд биё, мачлис кушода мешавад ва тракторронро ҳам хабар деҳ,— гуфта ин марди каланд ба китфро фарьёд кард.

Вай ҳам дар чавоб:

— Хӯш, ба боғча об кушоям, ҳозир меравам,— гуфта давон-давон ба лаби чӯи калон рафт, даҳанаи чӯйчаи боғчаро кушод, каланди худро дар об шуст, пас аз хабар додани тракторрон ба мачлис омада, ба қатори ёрон нишаст.

Дар пешгоҳи мачлис як чорпоя, ба рӯи чорпоя як сандалипӯши алвон паҳн карда шуда, бар рӯи он коғаз, қалам, давот барин асбоби хатнависӣ, дар пеши чорпоя як чавони тахминан бистуланчсола, ки либосаш андаке тангтар ва кӯтоҳтар буд, ба болои курсича нишастааст, дар паҳлуи ӯ як духтари тахминан бистсола ҳам ҳаст, ки қалам ба даст гирифта ба рӯи коғаз чизе навишта истодааст.

Чавони курсинишин, ки аз гирифтугираш роҳбари аз шаҳр омада буданаш маълум мешуд, чорпояро бо дасти худ тиқ-тиқ карда, аз чои худ нимхез шуда гуфт:

— Бародарон, мачлис кушода шуд, барои гуфтугузор як масъала дорем, ки вай ҳам ба ин колхози нав ташкилшуда ном ниҳодан аст; барои таклиф ба ҳамшираи мо бибӣ Моҳрӯй сухан дода мешавад.

Моҳрӯй аз чои худ рост хест, пас аз он андаке хам шуда, коғази навиштаи худро боз як бор аз чашм гузаронид. Пас аз он сари худро боло карда гап сар кард:

— Бародарон, ба ҳамаи шумо маълум аст, ки мо дар сояи ҳукумати шӯрой бо ёрмандии аскарони сурх

ва фидоиёни меҳнаткаши тоҷик босмачиёнро ва дар қатори онҳо ҳамаи кӯҳнагиҳоро нест кардем. *(Қарсакзаниҳои ғулғуладор.)* Агарчи бо қурбон кардани даҳҳо нафар фидоиёни тоҷик, ки яке аз онҳо Пирмуҳаммад аст...— Дар ин ҷо духтараки суханвар хомӯш монд ва чакраҳои алмосгунеро, ки аз чашмони сиёҳи оташнигоҳаш ба рӯи дурахшони чун моҳаш равон шуда буданд, бо рӯймолчаи сафеди худ пок кард ва дубора худдорӣ карда гуфт:

— Оре, бо қурбон кардани Пирмуҳаммад бошад ҳам, мо ҳамаи душманони синфии худро, ки шумтарини онҳо Мулло Маҳмуд буд (дар ин вақт ба рӯи духтарак аломати шодӣ намоён шуд), нест кардем. *(Боз қарсакзанӣ.)* Акнун мо зиндагонии нав месозем, яке аз иморатҳои нави мо ин колхоз аст. Ба муносибати ин ки ин колхоз ба замини Мулло Маҳмуд, ки кушандаи Пирмуҳаммад аст (дар ин ҷо духтарак боз осори андӯҳ намоён кард), ташкил мешавад, ман таклиф мекардам, ки номи ин колхоз «Пирмуҳаммад» шавад *.

Аҳли маҷлис ҳама ба якборагӣ қарсак зада:

— Поянда бод номи Пирмуҳаммад! Нест бод нишони Мулло Маҳмуд!

— Зинда бод ҳукумати шӯроӣ! — гӯён таклифро қабул карданд.

*«Раҳбари дониш», 1929, № 7 (22), саҳ. 21—27.*

---

* *Пирмуҳаммад*, ки аз қишлоқи Ёвон буд, яке аз фидоиёни тоҷик буда, соли 1926 бо дасти Мулло Маҳмуди босмачӣ кушта шуд. Мулло Маҳмуд ҳам ба дасти ҳукумат афтода, бо қасоси Пирмуҳаммад кушта шуда, молу мулкаш ба манфиати меҳнаткашон мусодира гардид.

# Мактаби кӯҳна

1

Ман бояд шашсола шуда бошам, ки маро падарам ба мактаби пеши масчиди кишлоқ бурда монд[11]. Модарам мегуфт:

— Туро дар вакти чорсола, чормоҳа, чорҳафта ва чоррӯза буданат бо лаълӣ ва дастурхон ба мактаб фиристода, сабақ сар кунонда монда будем. Аммо ту он вактҳо бисьёр хурд будӣ, дили ман ба ту бисьёр месӯхт, ки дар мактаб бисьёр азоб хоҳӣ кашид, бинобар ин мондем, ки то хол бозӣ карда гаштӣ, акнун хуб кӯшиш карда хон, ки мондагиҳоятро гирӣ ва бо ҳамсолонат, ки дар чорсолагӣ ба мактаб рафтаанд, баробар шавӣ.

Ман ҳам ин тавсияи модарамро, ки дар он вақтҳо ба ман хеле хуб таъсир карда буд, мехостам ба амал оварам ва ҳар чӣ зудтар сабақ омӯхта бо ҳамсолонам баробар шавам, ҳатто аз онҳо гузарам.

Аммо ҳаёт ва шароити мактаб ба ин кӯшишу ғайрати ман роҳ надод.

Ман ба мактаб рафтам. Мактабхона монанди хонаи мо васеъ, дубахра (чордара) *, равшан ва беғалоғуло набуд. Мактаб як хонаи танг буд, ду дар дошт, ки

* Хонаеро, ки ду дар аз тарафи чануб ва ду дар аз тарафи шимол дошта бошад, дубахра меноманд, яъне ҳам тобистонӣ ва ҳам зимистонӣ.

яке аз онҳо дари даромади яктабақа буд, он дарро ҳам дар вақтҳои сармо пӯшонда мемонданд. Дари дигараш даричае буд, ки сечорьяк оршин қад ва ним оршин бар дошт. Мактабдор (муаллим)-амон ба вай як коғазгир (тирезаи коғазӣ) карда, барои дар барфу борон надаридани он ба коғазаш равғани зағир молида буд. Коғази равғанин чангу хоки кӯчаро ба худ гирифта буд, ки монанди дамгири* дег сиёҳ ва чиркин шуда буд. Агар аз хотир фаромӯш накарда бошам, он коғаз ба рӯи пурчини мактабдор ҳамрангӣ дошт. Бинобар ин аз ин дарича ҳам ба хона равшании дуруст намедаромад. Мактабхона аз зери сақф, аз чое, ки сақф бо девор пайванд меёбад, аз ду тараф дутой равзанҳои чорьякоршинӣ дошта бошад ҳам, рӯшноиҳое, ки аз он равзанҳо медаромаданд, на ба замини мактаб, балки ба рӯ ба рӯи худ: бар девори хона — ба зери сақф меафтоданд.

Замини ин хонаро, ки ҳамаи вусъати он тахминан чор оршини дар чор оршин, яъне шонздаҳ оршини мураббаъ буд, чор синчи аз болои якдигар гузаранда кашида, дарунашро ба 9 қисм чудо карда буданд, ки гӯё дар даруни мактаб 9 охурча ба вучуд омада буд.

Дар охурчаи гӯшаи пешгоҳии ин хона, ки дарича ҳам он чо буд, чои мактабдорнишин буда, охурчаҳои пеши дари даромад кафшкан буд ва дар охурчаҳои дигар бачагон менишастанд.

Ҳоло ман дар хотир надорам, ки дар он мактаб он вақтҳо чӣ қадар шогирд буд. Ҳамин қадарашро медонам, ки аз чорсола то дувоздаҳсола бачагони деҳаи мо, ки он вақтҳо мегуфтанд сесад хонавор аст, дар он чо чамъ шуда буданд. Илова бар ин, азбаски деҳаи мо деҳаи хочагон буда, як чои мутабаррак ҳисоб меёфт, баъзе ихлосмандон аз ҳамсоядеҳаҳои мо ҳам бачагони худро ба мактаби деҳаи худ нагузошта, ба мактаби мо меоварданд.

Ман ҳанӯз дар хотир дорам, ки ин мактаб ба назари ман ба он катаки хурдтараке, ки мо доштем ва дар он чо модарам чӯча хобонида буд ва мокиёни мо беш-

---

* *Дамгир* — латтаест, ки дар вақти дам кардани палав вайро ба сарпӯш печонда ба даҳани дег мегузоранд.

тарии вақтҳо чӯчаҳои худро ба он ҷо даровarда дар зери боли худ гирифта меҳобид, монандӣ дошт. Фақат фарқ дар ин ҷо буд, ки агар чӯчагони мо бо овози нозуку форами худ чугур-чугур кунанд, овози пуршӯриши ин бачагон гӯши оламро метарконид...

Ман ба мактаб даромадам. Ҳамроҳи ман падарам як лаълӣ кулчаву мавизро ба як дастурхон печонида ҳалвои гӯён бурда буд. Мактабдор дастурхонро кушод, яке аз кулчаҳоро шикаста қадре худаш хӯрд ва падарамро ҳам таклиф кард, падарам ҳам як бурда хӯрд. Пас аз он як кулчаи дигарро чунон реза кард, ки гӯё ба мурғон медода бошад ва он нонрезаҳоро ба ҳар тарафи мактаб ба болои бачагон пош дод.

Дар ин вақт як занозанӣ, ҷомадарронӣ, гӯшкашӣ, рӯйхарчолкунӣ ва чашмкание буд, ки дар даруни мактаб пайдо шуд. Ба болои ин доду фарьёд, оҳу фиғон, гирьяву зории бачагон гӯё боми мактабро ба ҳаво мебардошт.

Ин шӯру ғавғо бар болои нонрезаҳое буд, ки мактабдор аз ҳалвои ман ба бачагон бахшиш карда буд...

Мактабдор ба ин аҳвол бетараф намонд: дар пушти ӯ дарозу кӯтоҳ чанд чӯб ба девор рост гузошта шуда буд, яке аз ин чӯбҳоро, ки тахминан 5 оршин дарозӣ дошта, нӯги он ба гӯшаи дигари хона ба девор ҳобонидагӣ буд, гирифта ба сари бачагон, бе он ки яке аз онҳоро интихоб кунад, задан гирифт. Бачагон аз задан ва кӯфтани якдигар бозистода, баробар ба гирья даромаданд ва фарьёди «домуллоҷон, тавба кардам» аз ҳамаи даҳонҳо баробар баромада ба осмон баланд мешуд.

Ман дигар тоқат карда натавониста ба қатори бачагони дигар ба гирья даромадам. Аммо падарам ба ман тасаллӣ дод ва агар гирья накарда ба мактаб давом кунам, ба ман як курра гирифта доданӣ шуд ва мактабдор ҳам ба сухани падарам ёрӣ дода «ман ҳам ҳар рӯзи бозор як лӯнда қанд оварда медиҳам» гуфт.

Баъдан падарам он қадар дили маро ба он хона, ки гӯё барои азоби бачагон сохта бошанд, розӣ карда натавониста бошад ҳам, баъдан мактабдор, ки бо вуҷуди чаллодвор заданаш бачагони дигарро, ба ман

ваъдаи қанд дод, дили маро хеле ором гиронид. Ба дили худ тасаллӣ медодам, ки ӯ маро нахоҳад зад.

Аммо чашми худро аз он чӯбҳо, хусусан аз он чӯби дароз, ки ба сар то сари мактаб мерасид ва ба ҳеч бача, гарчанд дар гӯшаи дури мактаб ҳазида бошад ҳам, амон намедод, намеkандам...

Бачагон як қадар ором гирифтанд. Мактабдор як тахтачаро аз пеши худ гирифта, дар вай чизи бисьёреро навишт ва ба падарам нишон дод. Аммо падарам, ки саводнок буд, ба баъзе чизҳои мактабдор навишта эътироз кард.

Дар аввали кор мактабдор ҷанҷол бароварда сухани падарамро қабул накард. Аммо падарам ҳам ҷанҷол карда оқибат гапашро гузаронид ва «худатон дуруст кунед» гӯён мактабдор тахтачаро ба пеши падарам ҳаво дод. Ӯ ҳам аз кисаи худ кордчаашро бароварда, баъзе чизҳои мактабдор навиштаро тарошида, худаш аз сари нав навишт.

Аз ҳамон рӯз сар карда падари ман ба назарам хеле одами калон намуд ва ӯро ҳатто аз мактабдор ҳам, ки ӯро донотарин ва зӯртарини мардуми қишлоқ медонистам, донотар ва зӯртар донистам. Ин ҳол ба дили ман қувват дод, ки агар мактабдор маро занад, ман ба падари худ шикоят хоҳам кард ва ӯ ҳам омада мактабдорро хоҳад зад. Агар мактабдор барои задан чӯб дошта бошад, падарам ҳам халачӯбиговронӣ дорад. Ба халачӯби вай барзагов бо он бузургӣ тоб оварда наметавонад. Аммо ин мактабдор, ки як одами борикрӯи хурд ва лоғари пажмурда аст, бо як халачӯб задани падарам хоҳад мурд...

Пас аз он мактабдор маро дар рӯ ба рӯи худ дузону шинонида, тахтачаро ба рӯи он синч, ки деворчаи охурча ҳисоб меёфт, гузошт ва ба ман «аузубиллоҳ» ва «бисмиллоҳ»-ро гӯёнид. Инҳоро хеле вақт шуда буд, ки падарам ба ман ёд дода буд, ман ҳам бе он ки забонам гирад ва ё тарсам, гуфтам. Мактабдор хеле изҳори хурсандӣ кард. Ба назари ман менамуд, ки бачагони дигар ба ман бо ҳасад нигоҳ мекарданд. Ҳарчанд аз тарси чӯби мактабдор сари худро боло накунанд ҳам, ба ман нигоҳ карда ва ангуштҳояшонро пеши чашмҳояшон оварда маро ба якдигар нишон ме-

доданд. Ва ман гумон мекардам, ки агар танҳо ёбанд, бо он ангуштон чашми маро ҳоҳанд кофт.

Мактабдор фотиҳа хонд, бачагон ҳам «омин» гӯён ба он фотиҳа ҳамроҳӣ карданд ва бо ҳамин расми сабақсаркунии ман тамом шуд. Падарам ба хонаи худамон баргашт ва ман дар он ошӯбгоҳ мондам.

II

Пас аз падарам рафтан мактабдор маро ба наздиктари худ чой дода, ба яке аз бачагони калон амр дод, ки маро ёд диҳад. Он бача маро ба он тахтача нигоҳ кунонда «алиф, бе, те, се» гуфт. Ман ҳам аз забони ӯ гирифта ин чор калима, яъне номи чор ҳарфро такрор кардам, пас аз он ки худи ман инҳоро гуфта метавонистагӣ шудам, он бача ба сари бачаҳои дигар рафт ва онҳоро ҳам ёд медод.

Бачагон он бачаро «халифа» мегуфтанд.

Баъд аз он мактабдор аз мактаб баромада рафт. Акнун шӯрест, ки дар мактаб бархост! Бачагон аввал рост хеста бо якдигар гӯштӣ гирифтанд, пурзӯрон камзӯронро меафтонданд ва мезаданд. Пас аз ним соат афтударафт кардан халифа аз чои худ хест ва чӯби дарози мактабдорро гирифта, аз як сар бачагонро задан гирифт. Ман тарсида хостам, ки аз мактаб баромада гурезам, аммо муяссар нашуд: дари мактабро аз дарун занҷир карда ба зулфинаш чӯб гузаронида буданд, ки даромад-баромад кардани мисли ман бачаи шашсола мумкин набуд ва бо «ба чоят нишин, вагарна мезанам» гуфтани халифа баргашта ба чоям нишастам ва сари худро ҳам карда зери чашм ба халифа нигоҳ мекардам.

Пас аз он ки ҳамаи бачагон бо зарби чӯби халифа чо ба чо нишастанд, халифа дар ҳолате ки он чӯби дароз дар дасташ буд, аз чояш рост хест ва гуфт:

— Бачагон! Акнун камонбозӣ...

Бо баромадани ин овози халифа ҳамаи бачагон фарьёд кашиданд:

— Камонбозӣ!

— Камонбозӣ!

— Камонбозӣ!

Баробари ин шўру ғавғо корҳои амалӣ ҳам шуд: ҳар кадом аз бачагон аз бўрьёи дар зери худашон буда, ки ягона палоси мактаб он буд, хасҳоро кашида баровардан гирифтанд. Бачагон аз кисаҳояшон риштаҳои борики дарздўзӣ ҳам баровარданд. Ҳар бача яке аз он хасҳоро камонвор ҳам карда, дар ду сари он риштаро кашида мебаст. Ба ин тариқ як камончаи бачагонаи соддае пайдо мешуд. Пас аз он хаскамонро камонвор ба дасташ нигоҳ дошта ба ресмони он хаси дигареро гузошта, онро пеш кашида сар медод. Он хас монанди тири камон парида рафта ба бачаи дигаре бармехўрд.

Боз бачагон ба ҳам омаданд, ҳар бача бачаи дигареро аз рўй, биниӣ, пешонӣ ва чашм нишон гирифта бо тири камони худ мезад...

Пас аз қадре ин гуна ҷанги якка ба якка кардан халифа боз чўбро бардошта бачаҳоро аз як сар зада овоз дод:

— Акнун саф кашида ҷанг мекунем!

Бачагон ҳам:

— Саф мекашем, саф мекашем! — гўён фарьёд кашиданд.

Халифа бачагонро калону хурд ду тақсими баробар карда, дар ду тарафи мактаб ҷой дод. Дар ҳар тараф ду саф тартиб дода, бачагони хурдро дар пас ва калонтаронро дар пеш гузошт ва худаш дар зери девор дар миёнаи ду саф рост истода фармон дод:

— Парронед!

Аз сафи пеш хаскамонҳо ба ҳаракат омаданд. Хастирҳо аз камони ҳамаи бачагон баробар ва пай дар ҳам мепариданд. Бачагони дар сафи пушт истода аз бўрьё боз хас кашида ба бачагони сафи пеш тир тайёр карда медоданд.

Дар ин миён хастири яке аз бачагон ба сафи тарафи муқобил рафта ба чашми як бача бархўрд. Ў фарьёдкунон ва «во чашмам» гўён аз саф баромад. Ҳамсафони он бача ҳам якбора шўрида, бўрьёи дар асл порча-порча шуда даридаро аз замин бардошта ба сару рўи сафи муқобил ҳаво доданд. Аҳли сафи муқобил ҳам ин ҳуҷумро оромона қабул накарданд, онҳо ҳам аз зери пойҳои худ бўрьёҳоро бардошта ба

сари муқобилҳояшон ҳаво доданд. Даруни мактаб пур аз чанг ва хоку хас шуд. Ман аз тарси он ки дар зери поҳои бачагон поймол нашавам, ба охурчаи мактабдорнишин гузашта, сурати девор шуда рост истодам...

Ҷанг давом мекард. Дар ҳамин вақт дари мактаб бо шиддати тамом кӯфта шуд, кӯбанда дарро асабиёна бо пояш мезад. Ман гумон кардам, ки ҳамин замон дар мешиканад.

Бачагон бо шунидани садои кӯбиши дар мисли мушбачагоне, ки аз садои фишир-фишири гурба гурезанд, шитобкорона ба чойҳои худ гузашта, дар даруни охурчаҳои худ дар паси синҷ пинҳон гардиданӣ шуданд. Аммо он синҷ, яъне деворчаи охурча, на он қадар баланд буд, ки бачаҳоро пинҳон кунад. Бо вуҷуди ин бачагон сари худро поён карда, рӯи худро дар он ҷо руст мекарданд, аммо пуштҳошон дӯнг шуда баромада аз даруни охурча намоён мегардид.

Кӯбиши дар ҳанӯз давом мекард, аммо ҳеҷ кас ҷасорат намекард, ки дарро кушояд. Пас аз ором гирифтани бачагон ба даруни охурчаҳои худ, халифа рафта дарро кушод. Як одаме, ки аз ғояти ғазаб рӯю абрӯю ришу буруташ монанди гурбаи сагдида фах карда буд ва чашмонаш калон шуда қариб буд, ки аз косахонаашон бароянд, аз дари мактаб даромад. Ин одам мактабдор буд.

Мактабдор баробари ба мактаб даромаданаш аз дасти халифа, ки ҳанӯз чӯби дарози мактабдор дар дасти ӯ буд ва барои кушодани дар рафта буд, он чӯбро гирифта аввал ба сари халифа даҳ-дувоздаҳ бор кулочкашӣ карда зад.

Халифа бо бардошта шудани чӯби мактабдор монанди саги бегонаи барои ангурдуздӣ ба боғе даромада ва ба боғбон вохӯрда фарьёдкунон ба ҳар тараф мегурехт. Аммо чӯби дарози мактабдор ба ҳама гӯшаҳои мактаб расо расида, сари халифаро молиш медод.

Пас аз он ки мактабдор бо задани халифа қадре ғазаби худро таскин дод, ба ҷои худ гузашта нишаст ва маро, ки ҳанӯз дар охурчаи ӯ сурати девор будам, ба ҷои худам гузаронид, аммо маро назад.

Баъд аз он боз чӯби дарози худро боло карда, ҳамаи бачагонро, ки ҳанӯз сарпоину пуштболо буданд, задан гирифт. Ӯ ба ҳар як чӯб ҳавола кардан понздаҳ-бист бачаро якбора мезад ва онҳо ҳам баробар:

— Тавба кардам! — гӯён фарьёд мекашиданд.

Пас аз он мактабдор амр дод:

— Хонетон!

Бачагон пуштҳои чӯбхӯрдаи худҳошонро хорида-хорида сар бардоштанд ва бе он ки гӯшаи чашмҳошонро аз мактабдор кананд, сарҳошонро ба тарафи китоб ва тахтачаҳошон хам карда, ман намедонам, чиҳо буд, ки хонда фарьёд мекашиданд. Ман ҳам ба онҳо тақлид карда ба тахтачаи худ сарамро хамонида ва гӯшаи чашмамро ба мактабдор дӯхта, «алиф, бе, те, се» гӯён дод мегуфтам.

Баъд аз он мактабдор халифаро ба пеши худ чеғ зад. Ӯ ҳам, бо вуҷуди ин ки ҳозир аз мактабдор он ҳама чӯбро хӯрда буд, бе ҳеҷ тарсу бим ба пеши ин золим омад.

Ман ба ҷасорати халифа ҳайрон шудам ва мехостам, ки ман ҳам мисли он нотарс шавам. Аммо ман ба дили худ мегузаронидам, ки агар ман ҳам монанди халифа нотарс шавам ва мактабдор маро задан хоҳад, ман мисли ин халифа аз вай нахоҳам гурехт, балки чӯбро аз дасти ӯ кашида гирифта ба сари худаш хоҳам зад. Ҳайфо, ки ҳоло хурд ҳастам ва дар дилам тарс ҳам бисьёр аст.

Мактабдор ба халифа гуфт:

— Гӯй ба ман, ки киҳо ин ҳама шӯру ғавғоро барпо карданд?

Халифа ягон-ягон даҳ-дувоздаҳ бачаро номбар карда шумурд.

Бачаҳо аз хондан бозистода гӯш доданд, ки шунаванд ва донанд, ки халифа киҳоро ба мактабдор хабаркашӣ мекунад.

Аммо мактабдор ба ин кор роҳ надод ва дубора чӯби калони худро бардошта онҳоро ба ёд овард, яъне онҳоро ба хондан даровард...

Мактабдор номи гунаҳгоронро аз халифа шунида:

— Хомӯш! — гуфта фарьёд кашид.

Бачагон ҳама ба якборагӣ дам истоданд.

Мактабдор бачагонеро, ки халифа ба ӯ хабаркашӣ карда буд, ягон-ягон номбар карда ҷеғ задан гирифт. Агар мактабдор ягон бачаро саҳв карда ҷеғ занад, халифа сухани ӯро тасҳеҳ мекард:

— Не, ин нест, он аст,— гӯён бачаи дигареро нишон дода ном мебурд.

Ба ҳамин тариқа даҳ-дувоздаҳ нафар бача ба пеши мактабдор ҷамъ шуданд. Инҳо ҳамагӣ аз бачагони калонсолтар буданд.

— Дарро банд! — гуфт мактабдор ба халифа.

Халифа рафта дари даромади мактабро аз дарун занҷир карда, ба зулфинаш чӯб ҳам гузаронид.

— Фалакро гир! — гӯён мактабдор ба халифа фармон дод.

Ман фалакро шунида бошам ҳам, то он вақт он чизи шумро надида будам.

Халифа ба паҳлуи мактабдор гузашта як чӯберо, ки бар болои сари мактабдор ба девор овезон буд, гирифт. Ин чӯб, ки тахминан яку ним аршин дарозӣ дошт, кадре ҳам буда, ба ду сари он як ресмон бастагӣ буд. Он вақт ман дидам, ки фалак чӣ гуна мешудааст.

— Аҳмад, боз шӯхӣ мекунӣ? — гуфт мактабдор ба як бачае, ки дар пеши ӯ дар қатори бачагони гунаҳгор рост истода буд.

— Тақсирҷон, тавба кардам, ман шӯхӣ накардаам. Муҳаммад кард,— гӯён фарьёд баровард ӯ.

Аммо мактабдор ба ин оҳу вой ва тавбаву зории ӯ нигоҳ накарда, ба бачагоне, ки дар паҳлуи ӯ рост истода буданд, нигоҳ карда:

— Пахш кунетон инро! — гуфта фармон дод.

Бачагони дигар ӯро пахш карданд ва ба амри дуйӯми мактабдор мунтазир нашуда ресмони фалакро ба пойҳои он бача гузарониданд ва ду бача аз ду сари чӯби фалак гирифта тофтан гирифтанд, ба ҳадде ки ресмон ба соқи пои бача сахт печида, магар пояш ба бурида шудан наздик расид, ки бача:

— Вой мурдам! Вой поякам!— гӯён фарьёд кашид.

Бачагони дигар аз хондан бозистода, бо тарсу ларз овози ӯро гӯш медоданд. Аммо мактабдор ба ин кор

роҳ надод ва бо бардошта ба сари бачагон хобониданн чӯби дарози худ бачагони дигарро ҳам ба фарьёд овард.

Онҳо бо овози баланд ба хондан даромаданд. Мактабдор як чӯби дугазиро аз даруни чӯбҳои ба пушти сараш ба девор ростистода гирифта ба дасти халифа супурда:

— Зан! — гуфта фармон дод.

Халифа бо он чӯб ба кафи пойҳои Аҳмад, ки ду бачаи дигар онро ба фаллоқ печонда бардошта истода буданд, задан гирифт.

Акнун ба фарьёду фиғони Аҳмад ҳеҷ тоқат карда намешуд, аммо фарьёди вай бо фарьёди бачагони хонанда омехта, аз миён ҷудо намегардид. Ҳар кас, ки аз кӯча мегузашт, гумон мекард, ки бачагон бо овози баланд хонда истодаанд...

Халифа ба кафи пои Аҳмад ба дараҷае зад, ки аз ҷоҳои чӯбрасида хун шорида чӯбро рангин кард.

Мактабдор, магар бо дидани ранги хунини чӯб бошад:

— Бас! — гуфт.

Халифа аз задани Аҳмад бозистод. Фаллоқро ҳам аз пои ӯ кушоданд ва Аҳмад манаҳи худро дошта ба халифа нигоҳи ғазабноке кард.

— Муҳаммадро гиред! — гӯён мактабдор боз фармон дод. Бачагон Муҳаммадро ҳам бо ҳамон тарз хобониданд ва ба пойҳояш фаллоқ андохта тофтанд. Ӯро ҳам халифа то ба дараҷае, ки кафи пойҳояш хуншор шавад, зад.

Ба ҳамин тариқа даҳ-дувоздаҳ бачаи ба он ҷо ҷеғ задашударо заданд.

Аммо дили ман ба ҳоли онҳо месӯхт, зеро ҳеҷ кадоми онҳо ба бозӣ раҳбарӣ накарда буданд, ҳамаи корҳоро худи халифа карда буд ва боз худи ӯ онҳоро бардурӯғ ба мактабдор хабаркашӣ кард. Мехостам, ки ин ҳолро ба мактабдор гӯям, аммо аз халифа тарсидам.

Лекин ин раҳмхӯрии ман нисбат ба бачагони чӯбхӯрда ва ғазабам дар ҳаққи халифа бисьёр дер накашид: мактабдор пас аз он ки ҳамаи бачагони ҷеғ задаовардаашро занонда шуд, ба халифа нигоҳ карда гуфт:

— Ман медонам, ки ҳамаи шумиҳоро худи ту сар мекунӣ,— ва ба бачагони ҳанӯз дар он ҷо ростистода, ки поҳояшонро монутир ба замин мениҳоданд ва аз озори кафи по тоқат надоштанд, ки пайваста як пояшонро ба замин ниҳода истанд, нигоҳ карда гуфт:

— Пахш кунед инро!

Бачагон ҳам, ки гӯё ба ҳамин амр мунтазир буданд, халифаро пахш карданд ва ба соқҳои пояш фалlокро андохта тофтан гирифтанд. Халифа фарьёд мекард:

— Пойҳоямро бурид, сахт натобед!

Аммо ҳеч кас гӯш намедод.

Мактабдор як чӯби тозаро ба дасти яке аз бачагон дода, ба задан амр кард. Он бача он чӯбро гирифта, ба кафи пойҳои халифа задан гирифт.

Бачагони фаллоқдор боз ҳам фаллоқро сахттар метофтанд. Халифа фарьёд мекард, ки:

— Ҳар қадар ки занед, ихтиёр доред, аммо фаллоқро ин қадар сахт натобед!

Аммо бачагон боз ҳам сахттар метофтанд.

Пас аз он ки бачаи чӯбдаст якчанд чӯб ба кафи пои халифа зад, мактабдор ба бачаи чӯбхӯрдаи дигаре нигоҳ карда гуфт:

— Акнун чӯбро ту гир, қарзат ба қиёмат намонад.

Он бача аз бачаи аввалӣ чӯбро гирифта, боз ҳам сахттар ба кафи пои халифа задан гирифт..

Ба ҳамин тариқа аз ҷумлаи бачагоне, ки аз халифа чӯб хӯрда буданд, якчанд нафарашон «қарзҳои худашонро» аз ӯ бо фоизаш гирифтанд.

— Акнун бас! — гуфт мактабдор.

Чӯбзан аз задан бозистод. Аммо фаллоқдорон ҳанӯз пои халифаро сар намедоданд. Мактабдор:

— Боз чӣ мегӯед, магар ҳанӯз дилатон хунук нашудааст? — гуфт:

— Намак! — гуфт яке аз онҳо.

— Дар воқеъ, намак! — гуфта такрор кард мактабдор. Киса ва зери кӯрпачаи худро кофта: — ба ман намак нест, ба кӣ ҳаст? — гуфт.

Ҳамаи бачагони чӯбхӯрда кисаҳояшонро кофтанд, аз кисаи як-дуи онҳо намаки кӯфтаи ба латта баста баромад.

— Пошед! — гуфт мактабдор. Ба чойхои кафида хун баромадан кафи пойхои халифа намаки сударо пошида, бо дастҳошон молиш доданд.
Акнун халифа чун гов бонг мезад:
— Сар диҳстон! — гуфт мактабдор.
Бачагон фаллокро чаппа тоб дода пойҳои халифаро аз ресмон сар доданд. Халифа чашмони гирьяолуди худашро бо остинаш пок карда лангон-лангон ба чояш рафта нишаст.
Бачагон ҳоло ҳам бо овози баланд баробар фарьёд мекарданд, яъне мехонданд.
Мактабдор чӯби дарози худро бардошта, пас аз он ки боз як бор пушту гардани бачагонро молиш дод:
— Хомӯш! — гуфт.
Бачагон хомӯш истоданд, мактабдор гуфт:
— Фардо ҳамаатон ҳаштпулӣ пули бӯрьё биёретон, ки имрӯз ҳамаи бӯрьёҳо даридааст.
Ҳамаи бачагон:
— Мебиёрем, мебиёрем! — гуфта овоз баланд карданд.
— Озод! — гуфт мактабдор.
Бачагон чун гурӯҳи гунчишкон, ки аз калхот мегурехта бошанд, якбора аз чойҳояшон часта ба тарафи дар давиданд. Дар ҳанӯз баста буд. Халифа ҳам ба оҳистагӣ аз чояш хеста, лангон-лангон ба таги дар омада дарро кушод, аввал худаш баромад, бачагони дигар ҳам аз паси ӯ якдигарро пахш карда, тела дода баромаданд, аз ҳама пастар ман баромадам.
Ҳамаи бачагон ба пеши мактабхона тӯда шуда истоданд. Халифа ба онҳо нигоҳ карда:
— Салом! — гуфт.
Ҳамаи бачагон бо як овоз:
— Ассалому алайкум! — гӯён фарьёд кашиданд.
Бачагон ба ҳар тараф пароканда шуда гурехтанд. Аммо бачагони чӯбхӯрда бо халифа ба паскӯчаи пушти мактаб, ки роҳи ҳавлии мо буд, баргаштанд. Халифа ба онҳо гуфт:
— Фардо иштибозӣ ва бедонабозӣ. Тайёр шуда оед!
— Дуруст! — гуфтанд бачагони дигар ва инҳо ҳам рафтанд.




Муқоваи нашри «Мактаби кӯҳна»
ба забони узбекӣ

Мо имрӯз аз мактаб озод шуда будем. Ман дар умри худ ду озодиро дидам: яке соли 1917 дар вақте ки чилудусола будам, аз зиндони амир баъд аз ҳафтоду панҷ чӯб хӯрдан, дуйӯм дар вақти шашсолагиам, он рӯзе, ки аз мактаб озод шуда будам. Аммо ба назари ман ҳар дуи ин озодӣ ҳам аз якдигарашон ширинтар менамуданд. ·

III

Ман ба хона рафтам, баробари дидани модарам гиръя карда сар додам. Модарам ҳарчанд мегуфт:

— Чӣ шуд ба ту, чаро гиръя мекунӣ? — ман чизе ҷавоб гуфта наметавонистам. Охир, аз кучо буд, падарам пайдо шуд. Ӯ аз модарам зиёдтар шиддат карда пурсид:

— Зуд гӯй, ба ту чӣ шуд, вагарна гӯшатро мебурам?

Ман дар ҳолате ки гиръя гулӯямро гирифта буд, ҳиққосзанон гуфтам.

— Бачаҳо бо якдигар ҷанг карданд.

— Бачаҳо бо якдигар ҷанг карда бошанд, ба ту чӣ? — гуфт падарам.— Ту, ки ҷанг накардаӣ ва касе ҳам туро ҷанг накардааст, пас чаро гиръя мекунӣ?

— Домулло* онҳоро зад.

— Хуб кардааст, бачагони ҷангараро мезананд.

— Ман мактаб намеравам.

— Номаъқул кардӣ,— гуфт падарам бо шиддат ва пас аз қадре хомӯш истодан:

— Чаро мактаб намеравӣ? — гуфта пурсид садои худро нармтар карда.

Домулло маро мезанад.

— Ҳад надорад, зада наметавонад, агар туро занад, ман гӯши ӯро мебурам,— гӯён падарам аз кисаи худаш кордчаашро бароварда нишон доду гуфт:

— Ин аст кордча,— ва такрор кард: — Агар домулло туро занад, бо ҳамин кордча гӯшашро мебурам!

---

* Бачагон мактабдорро домулло мегуфтанд ва ман ҳам ба онҳо тақлид карда аввалин бор ин калимаро ба забон оварда будам.

Ман аз ин сухани падарам гўши бурида ва хунолуди мактабдорро, ки ўро хеле бад дида будам, ба хотир оварда хеле шодмон шудам, хатто ба дили худ гузаронидам, ки: «Майлаш, як бор мактабдор занад ва ман омада ба падарам хабар диҳам, ин ҳам рафта гўши ўро бураду ман тамошо кунам».

Аммо боз тарсидам, зеро то он вақт чўби сахт нахўрда будам, вақте ки чўби мактабдорро дар ҳолате ки ба поям расида истодааст, ба хотир меовардам, кафи пойҳоям хоришкунон сўзиш мекард, дилам ба пушт мекашид ва нафасам тангӣ мекард. Аз баҳри ин тамошо, яъне бегўш дидани мактабдор гузаштанӣ шудам. Аммо инро ҳам дилам қабул намекард. Зеро ки дар ҳамсоягии мо як хари гўшбурида буд, ҳар вақт ки соҳибаш он харро савор шуда мебаромад, бачагон:

— Хараш бегўш-э, хараш бегўш-а,— гўён чапакзанон қиғғос мекашиданд. Ман, ки ин шавқу завқи бачагонро дида будам ва худам ҳам бо дидани он ҳол хеле шодмон мешудам, гумон мекардам, ки бачагон ин мактабдорро, ки онҳоро ин ҳама мезанад, агар бегўш бинанд, на монанди имрўза бозӣ мекунем гуфта якдигарро мезананд, балки шодикунон мактабдори бегўшро тамошо хоҳанд кард. Ба ин тамошо дили ман хеле моил буд. Як тадбир ба хотирам расид, ки агар он тадбир ба амал меомад, ман бе ин ки худам чўб хўрда бошам, мактабдорро гўшбурида медидам ва ба ин мулоҳиза ба падарам гуфтам:

— Агар аввал рафта гўши домуллоро набуред, ман мактаб намеравам.

Ў гуфт:

— Ман ҳам курра гирифта намедиҳам.

Оҳ, курра!.. Он чӣ қадар чизи зебост, агар ба гардани вай гарданбанди сурхи пўпакдори зангўлаок банданд, боз чӣ қадар зебо хоҳад шуд. Вақте ки ба вай савор мешавӣ, гўши худро сих карда думашро бардошта ва пойҳои пасашро ба ҳар тараф ҳаво дода медавад, дар он вақт ту на ба болои хар, балки гўё ба ҳаво парида абрҳоро савор шуда сайр карда истода бошӣ!

Хаёли ширини ин гуна хар ҳамаи душвориҳои мактабро ба ман осон кард, ман аз гарданшахии худ фу-

ромадам, валекин боз аз падарам як чиз рӯёндани шуда гуфтам:

— Агар курраи гарданбанднок, пӯпакдор гирифта додани шавед, майлаш, мактаб меравам.

— Боракалло, писарам! — гуфт ӯ.— Ту ба мактаб гирья накарда рав, ҳама чизро гирифта медиҳам.

Ман чашмони худро пок карда, пас аз як даҳан нонро ба даст гирифтан ба рӯйдарича баромада аз паттаи бед як чӯб ҳам шикаста гирифтам, ба як девори якпохсагӣ, ки падарам ба рахнаи рӯйдарича зада буд, савор шуда он чӯбро ба худам халачӯб қарор дода, он деворро хар фарз карда:

— Хих, хих!..— гӯён ҳай кардан гирифтам. Албатта, девор роҳ намерафт, бо вуҷуди ин ман орзуи харро бо девор шикаста, дили худро хуш мекардам.

## IV

Рӯзи дуйӯм аввали пагоҳӣ ман ба мактаб рафтам, ки дар он ҷо ғайр аз мактабдор каси дигаре нест. Ба вай салом дода, хостам ба ҷои ба ман таъинкардааш гузашта нишинам.

Ӯ ба ин хоҳиши ман роҳ надода гуфт:

— Пули бӯрьё овардӣ?

— Не, аз ёдам баромадааст.

— Ту, ки пули бӯрьёро аз ёд барорӣ, чӣ гуна мулло мешавӣ? Зуд дав, аз падарат ҳашт пул пули бӯрьё биёр.

Ман тахтачаамро ба болои синчи пеши худам гузошта, аз мактаб бозгашта баромадам.

Ҳанӯз дур нарафта будам, ки маро мактабдор:

— Садриддин!— гӯён чеғ зад.

Пас гашта даромада рӯ ба рӯи мактабдор ба ӯ чашм дӯхта истодам.

— Даст пеш гир!— гуфт ӯ бо оҳанги қадре нохушнудона.

Ба ин фармони ӯ амал карда даст пеш гирифтам, лекин ба шубҳа афтода аз ӯ чашм канда ба чӯбҳои паси сари ӯ ростистода нигоҳ кардам. Ӯ ҳам дасташро ба чӯб дароз кард. Ман аз тарси он ки маро хоҳад зад, бо як ғайрати бехудона:

— Агар шумо маро занед, падарам гӯшатонро мебуранд!— гӯён фарьёд кашидам. Ӯ ханднду:

— Не, туро намезанам, агар шӯхӣ накунӣ, хеч намезанам,— гуфт.

Ман аз хандаи ӯ осуда шуда мунтазири фармони дуйуми ӯ гардидам.

Чӯбҳои кӯтоҳро гирифту ба дасти ман дода гуфт:

— Инҳоро бар, ба ҳавзи масҷид парто, баъд ба хонаатон рафта аз падарат пули бӯрьёро гирифта биёр.

Ман, аз як тараф, барои дур шудани чӯбҳо аз мактаб ва, аз тарафи дигар, барои хандаи мактабдор хурсанд шуда давидам, ба тарзе ки поям ба замин намерасид. Аввал чӯбҳоро ба ҳавз бурда партофтам. Пас аз он ба хона рафта, аз падарам, ки ба чархи осиётарошӣ даромада буд, пули бӯрьёро талаб кардам.

— Чанд пул даркор будааст?— гуфт ӯ.

— Ҳашт пул.

Кисаашро кофта ҳашт пули сиёҳ шумурда ба дасти ман дод. Ман аз дӯконхонаи падарам баромадам ва боз пас гашта ба падарам гуфтам:

— Домулло ба ман ханда кард, туро намезанам гуфту чӯбҳоро ҳам ба ман дод, ки ба ҳавз бурда партофтам.

— Хуб, хуб. Зуд рав, сабақатро такрор кун,— гуфт ӯ.

Давон-давон боз ба мактаб омадам. Акнун як қисми бачаҳо ҳам омада буданд ва мактабдор ба ҷамъ кардани пули бӯрьё машғул буд, ман ҳам пули аз падарам гирифтаамро бурда ба мактабдор додаӣ шудам. Аммо дастонамро болои ҳам бар синаам монда, бе он ки дастамро дароз кунам, пулро ба кафи дастам ва дар ҳами ангуштонам нигоҳ дошта ба ӯ нишон додам.

Ӯ боз ханднда:

— Баракалло, акнун баодоб шудӣ,— гуфт ва илова кард:— Дар вақти пул додан дастатро пеш нагирӣ ҳам мешавад.

Ман аз ин гузашти мактабдор ба ҷасорат омада, бе он ки дасти чапамро аз сари синаам бардорам, бо дасти ростам пулро дароз кардам.

Мактабдор пулро аз дасти ман гирифт ва маро:

— Илоҳӣ калон шавӣ, мулло шавӣ!— гӯён дуо ҳам кард.

Ман ба дили худ гузаронидам, ки «мактабдор он қадар ҳам бад набудааст, чӯбҳоро аз мактаб дур кард ва ба бадали пуле, ки барои бӯрьёи мактаб гирифт, дар ҳаққи ман дуо ҳам кард».

Мактабдор боз ба пулҷамъкунии худ даромад, ҳар бачае, ки пул наоварда буд, ӯро боз ба хонааш барои пул овардан пас мефиристод. Баъзе бачагон дубора ҳам пул намеоварданд ва ҳамин қадар хабар меоварданд, ки падарашон ваъда кардааст рӯзи бозор пул диҳад.

Мактабдор ба муқобили онҳо мегуфт:

— Ман ҳам то ҳамаатон пул наёваред, бӯрьё намехарам ва ин бӯрьёҳои кӯҳна ва даридаро барои сӯхтан ба таҳоратхона мефиристонам, шумо ба замин менишинед ва барои бозӣ хас ҳам намеёбед.

Бо ин сухани мактабдор бачаҳои пуловарда онҳоеро, ки пул наёварда буданд, нихта мезаданд:

— Магар барои ҳашт пул падарат мемурд? Биёр-дия!

Он бача ҳам:

— Рӯзи бозор гуфтам-ку!— гӯён гирья мекард. Ман ҳам ба дили худ падари он бачаро хасис ва сахтдаст мешумурдам ва он вақт намедонистам, ҳашт пул, ки баробари ду тин аст, чӣ қадар қурбу манзалат дошт ва ёфтани он барои камбағалон чӣ андоза душвор буд. Ҳоло дар хотир дорам, ки ҳамон рӯзҳо ба хонаи мо меҳмон омада буд ва падарам ба ман як танга, ки 64 пул ҳисоб меёбад, бо як халта дода, ба ҳавлии Ширинбои биринҷфурӯш, ки ҳамдеҳаамон буд, фиристод ва гуфт:

— Ин пулро бурда деҳ, ӯ ду чорьяк биринҷ медиҳад. Аммо ширбиринҷ мепазем нагӯй, ки биринҷи паст медиҳад. «Чӣ мепазетон?» гуфта пурсад, ош гӯй мон, аммо нагӯй, ки чӣ ош мепазем.

Акнун фикр мекунам, ки вақте ки ба шасту чор пул ду чорьяк, яъне чор кило биринҷи нағз диҳанд, ба ҳашт пул ним кило биринҷ мешавад, ки ин хеле пули калон будааст.

Хулоса, бо ҷанҷоли пулғундорӣ рӯз чоштгоҳ шуд ва мактабдор ҳам:

— Хезетон, чойхӯрак! — гуфт.

Бачагон гуррос зада аз ҷо хестанд ва аз дари мактаб баромада мисли дирӯза, пас аз салом додан, хона ба хона пароканда гардиданд.

Ман ҳам ба хона рафта хӯрок хӯрда, қадре гурбаи худро бозӣ кардам ва боз ба мактаб омадам. Мактабдор ҳанӯз дар мактаб буд, бачагон ҳам акнун ягон-ягон баргашта меомаданд.

Бачаҳо ҷамъ шуданд, мактабдор:

— Хонетон! — гӯён чӯби дарози худро бардошт. Ҳама ба фарьёд даромаданд ва ман ҳам «алиф, бе, те, се» гӯён дод мегуфтам.

Мактабдор ба халифа нигоҳ карда:

— Сабақ деҳ! — гуфт.

Халифа аз зарби чӯби дирӯза лангон-лангон хеста бо навбат пеши ҳар бача нишаста ӯро сабақ медод.

Имрӯз ба сабақи ман худи мактабдор мутасаддӣ шуда, маро ба рӯ ба рӯи худ нишонид ва тахтачаро ба пешам гузошта:

— Сабақатро хон! — гуфт.

Ман бе он ки ба тахтача нигоҳ кунам:

— Алиф, бе, те, се, — гуфтам.

— Дуруст, боракалло! — гуфт мактабдор ва худаш дар вақте ки ба хатнависӣ машғул буд:

— Поёнашро хон, «ҷим, ҳе, хе» гӯй, — гуфт.

Ман аз забони мактабдор гирифта ҳамчунон ба рӯи чиркини пажмурда ва чашмони бенури обрав ва риши бузвораш, ки дар вақти гап задан баробари ҷунбидани манаҳаш боло-поин мерафт, нигоҳ карда, он ҳарфҳоро, яъне номи он ҳарфҳоро гирифта такрор мекардам.

Пас аз он ки мактабдор ин гуна талқин кард ва ман такрор намудам, гуфт:

— Акнун худат хон!

— Алиф, бе, те, се, — гуфтам ман.

— Не, — гуфт ӯ, — поёнашро хон!

Аммо ман намедонистам, ки болои инҳо кадом асту поёнаш кадом аст. Бинобар ин, дар ҳолате ки

ҳоло ҳам башараи мактабдорро тамошо мекардам, даст пеш гирифта истодам.

— Поёнашро хон, мегӯям! — гуфта мактабдор шиддат кард. Худи ӯ ҳоло ҳам ба хатнависӣ машғул буд, пас аз он ки ӯ хатҳои навиштаи худро ба ҷузгираш ба болои он хатҳое, ки аз пагоҳ боз менавишт, гузошт, ба ман нигоҳ карда қадре хомӯш истод ва гуфт:

— Ту бачаи бисьёр кундзеҳн будай, ман ҳамин қадар ёд додам, ҳанӯз ёд намегирӣ.

— Чиро ёд додед? — гуфтам ман.

— Ҷим, ҳе, ҳе-ро, — гуфт ӯ.

— Инро медонам, — гуфтам ман ва такрор кардам:

— Ҷим, ҳе, ҳе, — ва илова кардам: — Инҳоро медонам, аммо поёнашро намедонам.

— Поёнаш ҳамин аст, боракалло, рав, ба ҷоят нишин, хондан гир! — гуфт.

Ман ҳам ба ҷои худ рафта «ҷим, ҳе, ҳе» гӯён ба такрор даромадам. Лекин ҳоло ҳам чашмамро аз афту андоми мактабдор, хусусан аз риши бузвори он намекандам. Дар вақте ки ӯ чашмони худро нимпӯш карда, хомӯш истода хат менавишт, риши ӯ ба ман хеле аҷиб менамуд ва риши бузи худамонро ба ёдам меовард.

Пештар мо як буз доштем, худам ӯро чаронда хеле фарбеҳ карда будам. Зимистони сахт омад, ҷӯйҳо ях бастанд, осиёҳо хобиданд ва чарххои осиёи падарам тарошидаро ҳам касе нахарид. Қариб ду моҳ падарам пул намеёфт, ки гӯшт бихарад. Оқибат, ҳамон бузро куштанӣ шуд, ман розӣ нашудам, доду бедод кардам. Аммо падарам ба оҳу вои ман нигоҳ накарда, кордро тез карда, бузро хобонда пойҳоишро баст ва модарам пойҳои бузро нигоҳ дошта истод, падарам ҳам вайро сар бурид.

Ман ҳамчунон гиря мекардам ва ба буз нигоҳ мекардам. Буз дар вақте ки чаккак зада ҷон меканд, ришаш, чунон ки риши мактабдор дар вақти гап заданаш меҷунбид, ҳаракат мекард. Вақте ки буз тамоман мурд ва падарам сари ӯро тамоман аз танаш ҷудо карда партофт, ман он сарро бардошта хеле

дӯстдорикунон тамошо карда будам. Чашми буз нимкоф буд, ришаш ба пеш хеста истода буд. Мактабдор, ки ҳоло хомӯш меистод, ришаш ба риши он бузи мурдаи ман монандӣ дошт. Ман аз дидани ин ҳол он бузи худро ёд карда, хеле андӯҳгин шудам, бо вуҷуди ин ҳам «ҷим, ҳе, хе» гӯён такрор мекардам...

Дар ин вақт касе ба пеши даричаи мактаб, ки дар тарафи даруни он мактабдор менишаст, омада дарро тақ-тақ кард.

Мактабдор «кист?»— гӯён коғазгирашро кушод.

Он кас намоён шуд. Ин як зан буд. Ба сари худ чашмбанд ва фаранҷӣ дошт. Ба мактабдор як танга дароз карда гуфт:

— Ин назрро гиред, дуои дарди сар, дуои дарди дандон, дуои дарди чашм ва дуои кушоиш диҳед ва бачагонро ҳам имрӯз озод кунед.

— Ба як танга чор дуо? Боз бачаҳоро озод кунам? Ин намешавад, ҳеҷ набошад, боз як тангаи дигар диҳед,— гуфт мактабдор.

— Ман аз роҳи дур, аз Обкена омадам,— гуфт он зан,— маро ҳамсоямон Шарофбой, ки занаш зонида натавониста дарди сахт кашида истодааст, як танга дода барои дуои кушоиш фиристоданӣ шуд, занони ҳамсоягони дигар ҳам, ки ҳар кадом дардманд буданд, барои дардҳои худ дуо фармуданд ва «ҳар вақт пул ёбем, назри домуллоро медиҳем, бурда медиҳӣ» гуфтанд. Ман ҳам аз барои савоб ба ин қадар роҳ пои пиёда хеста омадам. Шумо дуоҳоин мaро диҳед, боз ҳар вақт онҳо пул диҳанд, оварда медиҳам. Ҳоло аз барои ризои худо бачагонро озод кунед.

Мактабдор як тангаро гирифта, ба кисааш андохт ва аз он хатҳое, ки пагоҳ боз менавишт ва ҷузгираш ҳам аз онҳо пур буд, чор донаашро ба занака дод.

— Кадоми ин дуоҳо ба кадом дард аст?— гуфта он зан пурсид.

— Инҳо дуоҳои ҳамабобанд,— гуфт мактабдор,— кадомашро, ки ба кадом касал диҳед, як ба як шифо меёбад.

Занак дуоҳоро гирифта аз ҷояш хест. Мактабдор ҳам имрӯз «барои ризои худо» бачагонро озод кард.

Рӯзи дигар мо ба мактаб омадем. Ҳанӯз чойхӯрак нашуда будем, ки ба дари мактаб як савора омада:

— Домулло, домулло!— гӯён мактабдорро чеғ зад ва мактабдор, бе ин ки аз мактаб барояд ва ё даричаашро кушояд:

— Ҳа, чӣ мегӯед?— гуфта садо дод.

— Дар Обкена ҷаноза, зани Шарофбой мурд!— гӯён аспашро ба як тарафи дигар хай карда рафт.

Мактабдор саросема шуда саллаашро аз сар гирифта ба замин монда, магар барои таҳорат кардан бошад, берун баромадан гирифт.

— Дуотон нафъ накардааст-дия, домулло, зани Шарофбой мурдааст-ку,— гуфт тамасхуркунон ба ӯ халифа.

— Шаккокӣ накун! — гуфт ба ӯ мактабдор.— Дуо нафъ накардан надорад, ӯ аз беихлосии худаш мурдааст. Агар ихлос медошт, халос мешуд, «ихлосу халос» гуфтаанд.— Ба бачагон нигоҳ карда:

— Шумоҳо чойхӯрак!— гӯён берун баромада рафт. Бачаҳо ҳам барои чойхӯрак пароканда шуданд. Ман ҳам рафтам...

Пас аз як соат боз ба мактаб омадам. Бачаҳои дигар ҳам ҷамъ шуданд.

— Бачаҳо, як маслиҳат,— гуфт халифа.

— Чӣ маслиҳат?— ҳама бо як овоз пурсиданд.

— Мо ҳар бозие ки кунем, ҳеҷ кас ба домулло хабар надиҳад ва аз болои касе хабаркашӣ накунад,— гуфт халифа.

— Аввал худатро саришта кун,— гуфт ба ӯ яке аз бачагони калон, ки бо хабаркашии халифа аз мактабдор чӯб хӯрда буд.

— Минбаъд шумо ҳам хабар надиҳеду ман ҳам хабар намедиҳам!— гуфт халифа ба бачагони калон ва ба ман нигоҳ карда:

— Ту ба падарат ҳам хабар надеҳ,— гуфт,— падарат иғвогар аст, як рӯз ман аз дарахти шумоҳо зардолу дуздида будам, ҳам ба домулло хабар дод, ҳам ба падарам. Ҳар дуи онҳо ҳам маро заданд.

— Не, хабар намедиҳам!— гуфтам ман.

— Агар хабар диҳӣ,— гуфт ӯ,— туро ба бачаҳо фармуда хармурд мекунонам!

— Не, хабар намедиҳам!— гуфта боз такрор кардам. Ман аввал бор рӯякӣ «хабар намедиҳам» гуфта бошам ҳам, ин бор ваъдаам ҷазмӣ буд. Зеро ман аз хармурд бисьёр метарсидам.

Як бор маддоҳе омада ба деҳаи мо маърака гирифт. Калонони деҳа ба деҳаи ҳамсоя барои тӯй рафта буданд. Ба маъракаи маддоҳ ғайр аз ҷавонон ва бачагон дигар кас ҷамъ нашуд.

Маддоҳ ҳикоят сар кард. Вақте ки ҳикояти ӯ ба ҷои ширинаш расид, талаб андохт:

— Ҳар кас ҳар чӣ хоҳад, нон, пул, харбуза, тарбуз, ғӯлунг, мавиз оварда диҳад, пас аз он боқимондаи ҳикоятро мекунам,— гуфт.

Бачагон ва ҷавонон ба хонаашон давиданд ва ҳар кас як чиз оварда ба маддоҳ дод, ман ҳам рафта аз модарам як мушт ғӯлунг гирифта оварда ба маддоҳ додам.

Маддоҳ ҳамаи чизҳои ҷамъшударо ба хӯрҷинаш андохта, ба хараш бор кард ва:

— Бақияи ҳикоятро ҳафтаи оянда омада мегӯям,— гуфта ба хараш савор шуданӣ шуд.

Ҳарчанд ҷавонон:

— Бақияашро ҳам ҳозир гӯед, агар чиз кам ҷамъ шуда бошад, боз меорем,— гуфта зорӣ карданд, ӯ қабул накард ва ба хараш савор шуд.

Дар ин вақт яке аз ҷавонон:

— Хармурд!— гуфта овоз баровард. Ҳама якбора:

— Хармурд, хармурд, хармурд!— гӯён ба маддоҳ часпиданд ва ӯро аз хараш ба замин гардонда фуроварданд ва задан гирифтанд. Маддоҳ:

— Вой мурдам, монед, ҳикоятро мегӯям,— гуфта фарьёд мекард.

— Аз ҳикояти шумо ҳам хармурди шумо тамошои хуб дорад,— гӯён боз ҷавонон ӯро мезаданд.

Охир маддоҳ суст шуд, акнун тоқати фарьёд кашиданаш ҳам намонд.

— Акнун ба об мегӯтонем,— гуфт яке аз ҷавонон,— бардоред!

Ҳама ба якбора маддоҳи нимчоншударо ба рӯи даст бардоштанд ва ба ҷӯи Мазрангон, ки аз даруни деҳаи мо мегузарад, андохтанд ва пас аз ба об ғӯтонидан боз ӯро кашола карда баровардаид. Саллаи маддоҳ аз сараш ба об афтода буд, ки вайро ҳам яке аз ҷавонон як дарахтро дошта истода ба ҷӯй ҳам шуду гирифта баровард.

Саллаи маддоҳро ба хӯрҷинаш андохтанд ва худашро ҳам бо ҳамон ҷома ва либосҳои тараш ба хараш савор карданд ва харашро ба роҳ андохта аз пасаш як чӯб ҳам заданду:

— Рав, дафъ шав, худат пеш-пешу ҳикоятат аз пушт!— гуфтанд.

Ман аз ҳамон ҳодиса боз аз «хармурд» метарсидам, бинобар ин аз таги дил ба халифа:

— Бозиро ба падарам хабар намедиҳам,— гуфтам.

— Акнун иштибозӣ,— гуфт халифа.

Магар бачагон ин бозиро пеш аз ин ба даруни мактаб чандин бор карда буданд, ки дарҳол аз ҷойҳояшон хеста бӯрьёҳои дариДаро ба як тараф ғундошта хоначаҳои иштиро канданд...

Бозӣ сар шуд, дар миёна хеле донак бурду бой ёфт, бачагони ҳунарманд бачагони соддаро фиреб доданд, бачагони пурқувват бачагони камқувватро зада донакҳошонро гирифтанд. Боз занозанӣ, гиръяву зорӣ, ҷомадаронӣ сар шуд.

Яке аз бачагон ба ман омада чақид:

— Ё бозӣ кун,— гуфт ӯ,— ё туро дар миёна гирифта каллакӯбак мекунем.

Ман на иштӣ доштам, на донак ва на иштибозиро медонистам. Модарам ҳеҷ гоҳ ба ҷома ва куртаи ман киса намекард:

— Бачаи кисадор дузд мешавад,— мегуфт ва бароӣ рӯйрост бардошта гаштани асбоби бозӣ рухсат ҳам намедод. Бинобар ин ман он вақтҳо ҳеҷ гуна бозиро намедонистам.

Аммо аз каллакӯбак ҳам метарсидам, зеро ин як бозӣ ё шӯхии бисьёр бад буд. Чанд бача як бачаро дар миёна гирифта, сари ӯро бараҳна карда, бо нӯги

нохунхошон, чунон ки эюрсурхак дарахтро нўл мезанад, мезаданд.

Ман ҳайрон шудам, ки чӣ кор кунам ва аз каллакўбаки бачагон бо кадом роҳ халос шавам. Ҳарчи халифа ба фарьёди ман расид:

— Монетон ўро ба ҳоли худаш,— гуфт,— падари ў бисьёр одами бад аст.

Харчанд «бад» гуфтани ў падарамро дар дили ман сахт расида бошад ҳам, барои халос шудани ман аз ин гуна маҳлакаҳо халосгор ёфт шуда буд: баъд аз он ҳар вақт, ки ба сабаб ё бе сабаб бачагон ба ман мечақиданд, ман ба халифа фарьёд мекардам:

— Ё бачагонро саришта кун, ё ин ки бозиҳоятонро ба падарам мегўям.

Халифа ҳам дарҳол бачагонро аз чақидан ба ман бозмедошт. Халифа пас аз он ки чўби дарози мактабро гирифта, бачагонро як қатор зада чанҷоли иштибозиро бартараф кард:

— Акнун бедонабозӣ,— гуфт.

Аммо ба ин бозӣ бачагон бисьёр рағбат накарданд. Зеро, ғайр аз худи халифа ва як бачаи дигар, бачагони дигар бедона надоштанд.

Аммо халифа илоҷи ин корро ҳам ёфт:

— Мо ҳар ду бедонаҳоямонро ҷанг меандозем, шумоҳо бологарав монетон,— гуфт.

Аммо барои бологаравмонӣ ба бештарини бачагон пул набуд, донак ҳам дар бурду бои иштибозӣ тамом шуда буд. Гуфтанд:

— Набошад, мо рафта аз хонаҳомон донак меорем.

Халифа қабул кард. Бачагон ҳам ба тарафи хонаҳошон шитоб карда давиданд.

Халифа то омадани бачагон ба бачагони дар мактаб монда иштихонаҳоро ғўронда, бўрьёҳои дарвдаро ба чойҳошон пахн карда, аммо аз миёнаҷои ошурхона дар миёнаи мактаб буда як қадар заминро доиравор кушода монд.

Бачагон омаданд, бедонабозӣ ҳам сар шуд.

Халифа бо як бачаи бедонадори дигар дар гирди доираи заминаш кушода рў ба рўи якдигар нишас-

танд. Дар паҳлуҳои онҳо бачагони дигар ҳам нишастанд. Он бачагон, ки барои нишастанашон дар гирди доира ҷой набуд, дар гирдогирди бачагони нишаста рост истоданд.

Халифа ва он бачаи бедонадори дигар аз бағалашон, ки аз рӯи курта миёнашонро баста бедонаҳошонро дар он ҷой дода буданд, онҳоро баровар-данд.

Аввал нӯли бедонаҳошонро лесидэнд, пойҳои бедонаҳоро ёзонда ба панҷаҳояшон ҳам оби даҳон молиданд, ба зери болҳояшон ҳам оби даҳон заданд...

Халифа ба он бача гуфт:

— Чанди ману чанди ту?

— Бисти ману бисти ту,— гуфт ӯ.

— Сии ману сии ту.

— Панҷоҳи ману панҷоҳи ту.

Оқибати бозӣ ба «сади ману сади ту» қарор ёфт. Яъне бедонаи ҳар кас гурезад, ба тарафи муқобилаш садта донак медод.

— Шумо ҳам бологарав монетон,— гуфт халифа ба бачагони дигар.

Бачагони дигар яке аз болои бедонаи халифа, яъне «бедонаи халифа зӯр мебарояд» гуфта, дигарӣ аз болои бедонаи они дигар, яъне «аз они ӯ зӯр мебарояд» гуфта ду ба ду гарав бастанд. Онҳо ҳам ҳар кас мувофиқи ҳоли худ бо «даҳи ману даҳи ту» ё «панҷоҳи ману панҷоҳи ту» ё ин ки «сади ману сади ту» бологарав гузоштанд.

Гаравбандӣ тамом шуд. Халифа ва он бачаи дигар бедонаҳошонро ба маърака* сар доданд. Ҳар ду бедона панҷаҳошонро кушода, гарданҳошонро ёзонда ба ҷанг даромаданд. Ин ба каллаи он мезад, он аз гӯши ин мекашид. Яке нохунҳои худро хезонда чашми дигариро нишон мегирифт, дигарӣ аз гардани они дигар газида мехост, ки ба замин ғелонад...

Дар андак вақт сару рӯи бедонаҳои бечора хуншор шуд. Аммо ҳеҷ кадоми онҳо нагурехт. Ҳарифҳо

* Давраи бедонабозӣ, мурғбозӣ, гӯштигириро «маърака» меноманд.

бедонаҳошонро гирифта боз хору мол карданду боз ба ҷанг сар доданд, боз бедонаҳо ҷанги худро давом доданд. Вақте ки ба ҳамин тариқа ду-се бардор ҷанг карданд, бедонаи тарафи муқобили халифа «ҳушт» гӯён гурехт ва бедонаи халифа онро ба ҳар тарафи доира пеш мекард.

Як қиғғосест, ки аз тарафи бачагон баромад! Чапакзаниҳо, ҳуштаккашиҳо, чиртак ҳаводиҳиҳо сар шуд...

Дар ҳамин вақт мисли балои ногаҳонӣ мактабдор омад. Магар бачагон имрӯз аз хонаашон донак оварда бетадбирӣ карда дари мактабро аз даруи набаста будаанд, ки мактабдор бе ҳеҷ гуна даркӯбӣ ба мактаб даромада тавонист.

Бачагон чунон саргарми ҷӯшу хурӯш буданд, ки то ба мактаб даромада чӯби дарозро ба дасти худ гирифта ба сари бачагон кӯфтани ӯ ҳеҷ кас хабардор нагардид. Танҳо ман будам, ки дар берунтари маърака истода як чашмамро ба бозӣ дӯхта бошам ҳам, чашми дигарамро аз дар намекандам. Бинобар ин бо намоён шудани риши бузвори мактабдор оҳиста омада ба ҷои худ нишаста будам.

Мактабдор пас аз он ки аз чӯбзанӣ монда шуд, омада ба ҷои худ нишаст ва ба ман:

— Ту бачаи баақл ҳастӣ,— гуфт.

Бачагони дигар ҳам ба ҷойҳои худ ором гирифтанд. Халифа рӯ ба рӯи мактабдор рост истод. Ӯ магар умед мекард, ки мактабдор боз аз ӯ номгӯи «гунаҳгорон»-ро хоҳад пурсид. Аммо ин умеди ӯ беҷо баромад ва мактабдор аз ӯ чизе напурсида:

— Рав, аз ҳавз чӯбҳои дирӯз ба об партоенда мондаамро биёр, хуб об гирифта барои адаб додан ба шумоён соз шудагистанд.

Халифа рафт, ҳамаи бачагон чун барги бед меларзиданд, танҳо ман будам, ки бо «ту бачаи бааҳл ҳастӣ» гуфтани мактабдор осуда шуда будам.

Халифа чӯбҳоро оварда ба пеши мактабдор партофт. Мактабдор ҳам бе ҳеҷ ҷавобу савол:

— Аввал худи инро хобонед! — гуфта ба бачагони дигар амр дод.

Якчанд бачаи калонтар пеш омада, халифаро рӯйболо ба замин хобонданд ва фаллоқро ҳам ба пойҳояш андохта печонда кафҳои пояшро барои чӯбзанӣ соз карда нигоҳ доштанд.

Ман дидам, ҳанӯз ҷароҳатҳои дирӯзаи кафи пои ӯ намоён буданд, ки рӯи онҳо шух баста буд.

— Зан! — гуфта амр дод мактабдор.

Яке аз бачагон яке аз он чӯбҳоеро, ки худи халифа оварда буд, аз замин гирифта ба пои халифа зад. Лекин бо як задан он чӯб шикаста пора шуд. Бача чӯби дигарро гирифт, он ҳам бо задани аввалӣ шикаст. Ба ҳамин тариқа ҳамаи чӯбҳо бе он ки ба пои халифа озоре расонанд, шикаста пора шуда ба замин афтоданд.

Мактабдор оташин шуда, шикастаи чӯбро гирифта аз назараш гузаронид ва гуфт:

— Чӯбҳои ман ба ҳавз фиристодагӣ чӯбҳои тут буданд, ки хусусан баъд аз як шаб ба об хобидан ҳеҷ намешикастанд. Ин бадкирдор он чӯбҳоро наёварда, химчаҳои хушкидаи бедро ба об як ғӯтонида гирифта овардааст,— ва:

— Рав, он чӯбҳои худамро аз ҳавз биёр! — гуфта ба бачаи чӯбдаст амр дод.

Он бача рафт, халифа ҳамчунон пой ба фаллоқ меистод.

— Дар ҳавз чӯб нест! — гуфта омад он бача.

— Маълум мешавад, ки,— гуфт мактабдор,— ин бадкирдор он чӯбҳоро ба ҷое пинҳон кардааст. Хуб, майлаш, минбаъд ба ҷои чӯби тут чӯби анор тайёр мекунам. Ҳозир медонам, ки аз ин бадкирдор чӣ гуна инқор гирам.

— Рӯ ба замин хобонед ӯро! — гуфт мактабдор ба бачагоне, ки ба сари халифа гирд омада буданд.

Бачагон халифаро баъд аз баровардани фаллоқ аз пояш рӯ ба замин хобониданд ва мактабдор чӯби дарози худро бардошта худаш ба пушти халифа задан гирифт. Аммо халифа, монанди ин ки гавак кашад, ба сари оринҷ ва зонуҳояш хобида буд, дар вақти задани мактабдор худро тоб дода зарбаи чӯбро рад мекард.

Дасту пойҳояшро кашида тахт ҳобониданд ва як бачаи дигар ҳам аз пушти шонааш зер кард ва халифа беихтиёр:

— Оҳистатар, бедона намурад! — гуфта фиристод.

— А, магар ин бедона ҳам дорад? — гуфт мактабдор ва илова кард:

— Бедонаашро ёфта ба ман диҳед!

Бачагон дарров ба бағали халифа даст андохта, аз он ҷо бедонаашро бароварда ба мактабдор доданд. Мактабдор ҳам бе ҳеҷ мулоҳиза сари бедонаро, ки ҳанӯз аз асари ҷанг хушёр буд, канда ҳаво дод.

Халифа фарьёд кард:

— Аҳмад ҳам бедона дорад, бедонаи ӯро чаро намекушед?

— Бедонаи ӯро ҳам ёбед! — гуфт мактабдор.

Бачагон халифаро монда ба Аҳмад часпиданд, халифа ҳам аз ҷо хеста ба бағали Аҳмад даст зад ва бедонаи ӯро ёфта бароварда бо дасти худ ба мактабдор дод.

Мактабдор сари ин бедонаро ҳам канда ҳаво дод.

— Имрӯз дафъ шавед, озод. Чӯбзанӣ фардо! — гуфт ва илова кард:

— Фардо панҷшанбе аст, нони панҷшанбегиро * фаромӯш накунед.

Бачагон бо пахшопахши якдигар аз мактаб баромаданд, аммо имрӯз баъд аз саломи умумӣ дарҳол пароканда шуда нарафтанд. Дар кӯча истода ба ҳисоби бурду бои бологаравии бедонабозӣ даромаданд. Бойбурдагон аз бойдодагон ҳақ талаб мекарданд. Онҳо:

— Бедонаҳо мурданд, ҷанги онҳо ва гаравии бар болои ҷанги онҳо басташуда ҳам тамом шуд! — гӯён ҳақ надоданӣ мешуданд. Ҳамаи бачагон ба якдигар дарафтоданд. Халифа бо Аҳмад ҷомаҳои худро кашида ба як тараф гузошта, ба ҷанг даромаданд. Ман гурехта ба тарафи ҳавлии худамон рафтам.

---

* Дар мактаби кӯҳна ҳар рӯзи панҷшанбе бача маҷбур буд, ки ба мактабдор якта нон биёрад. Ин нонро «нони панҷшанбегӣ» мегуфтанд.




Муқоваи нашри якӯми русии
«Мактаби кӯҳна»

## V

Ман ба мактаб давом мекардам, ҷӯшу ғавғои мактаб ҳам давом мекард. Ман дар миёнаи чанд ҳафта дар даруни ҳамон қадар шӯру ғавғо бошад ҳам, номҳои ҳарфҳои алифбои арабро азбар кардам. Ба ман гоҳо халифа ва гоҳо худи мактабдор сабақ медод. Баъд аз ин дарси зеру забар сар шуд. Дарси зеру забар аз дарси номҳои ҳарфҳо дилчаспатар буд, дар ин дарс ба ман сар карда «алиф забар — а, зер — и, пеш — у»-ро ёд доданд. Ман ҳам мад кашида:

— «Алиф забар — а, зер — и, пеш—у» гӯён такрор мекардам. Гуфтани ин суханҳо ба гӯшам мавзун ва форам мерасид. Ин дарсро ҳам то охири алифбои араб азбар кардам.

Пас аз он навбати дарси ду забар, ду зер, ду пеш расид, дар ин дарс ба ман «алиф ду забар — анду, ду зер — инду, ду пеш — ун» гуфта ёд доданд. Ин дарс ҳам бад набуд. Калимаҳои ин дарс боз ҳам мавзунтар ва боз ҳам оҳангдортар буданд.

Агар дар дарси як забар, як зер, гуфтани «алиф забар — а, зер — и, пеш — у; бе забар — ба, зер — бе, пеш — бу» сарахбори ягон ҳавои мусиқӣ ҳисоб ёбад, дар дарси ду забар, ду зер гуфтани «алиф ду забар — анду, ду зер — инду, ду пеш — ун; бе ду забар — банду, ду зер — бинду, ду пеш — бун» тарона ва рези он ҳаво ба шумор мерафт.

Ин дарсро ҳам то охири алифбои араб азбар кардам.

Дар ҳар кадоми ин дарсҳо тахтачаи таълимии ман дигар мешуд. Лекин онҳоро мактабдор навишта намедод:

— Падарат одами айбҷӯй аст. Навиштан маро хуш намекунад, гӯй, худаш навишта диҳад,— гуфта ба падарам ҳавола мекард. Падарам навишта медод.

Дар охири сол ман ба дарси абҷад даромадам, аммо ин дарсро ҳеҷ хуш накардам. Дар ин дарс ба ман:

— «Алиф бо бе забар — аб, ҷим бо дол забар — ҷад — абҷад» гӯй,— гуфта ёд медоданд.

Аз як тараф гуфтани ин калимаҳо душвор бошад, аз тарафи дигар садояш ҳам беоҳанг ва дилгир буд...

Рӯзе падарам ба ман гуфт:

— Акнун, ки ту абҷадхон шудӣ, ман ба ту ҳисоби абҷадро ҳам ёд медиҳам,— ва тахтачаи абҷад навишташударо ба пеши ман гузошт. Аз он тахтача ҳарфҳоро ягон-ягон ба ман нишон дода:

— Ин чист? Ин чист? — гуфта мепурсид. Ман ба ҳеҷ кадоми пурсишҳои падарам ҷавоб дода натавонистам. Зеро чӣ будани он чизҳоро намедонистам ва касе то ҳол ба ман онҳоро нишон ҳам надода буд.

— Охир, ҳамин рӯзҳо ту дар мактаб чӣ хонда истодаӣ? — гуфта падарам ба ман шӯрид. Ман:

— Алиф бо бе забар — аб, ҷим бо дол забар — ҷад — абҷад...— гӯён дарсҳоеро, ки аз абҷад гирифта будам, аз ёд хонда додам.

— Ҳа... ту тӯтӣ! — гуфт падарам,— ту ҳар чизро мегӯӣ, аммо чӣ гуфтанатро намедонӣ.

Он вакт дар дилам гузашт, ки бояд тӯтӣ як чизи бисьёр баде бошад. Лекин сонитарҳо фаҳмидам, ки тӯтӣ як мурғи бисьёр зебои зирак будааст. Ҳар чизро ба вай талқин кунанд, ёд мегирифтааст ва такрор карда мегуфтааст. Аммо азбаски вай одам нест, маънииашро намедонистааст. Бинобар ин касонеро, ки маънии чизеро надониста онро ёд кардаанд, ба тӯтӣ монанд мекардаанд.

Пас аз он падарам даруни ҷилдамро кофта, тахтачаҳои кӯҳнаро, ки дар он дарсҳои алифбо ва зеру забар навишта шуда буданд, ёфта баровард ва аз ҳар кадоми онҳо нақшҳои сиёҳро ба ман нишон дода боз:

— Ин чист? Ин чист? — гуфта мепурсид.

Ман боз ҷавоб дода наметавонистам. Аммо вақте ки падарам ҳар тахтачаро ба ман нишон дода:

— Инро хон! — мегуфт, ман аз сар то поён ҳар чизеро, ки дар он навишта шудааст ва ё навишта нашудааст, аз ёд хонда медодам. Падарам такрор кард:

— Ту тӯтӣ ҳастӣ! — ва илова намуд:

— Айб ба ту не, ба домуллот ва халифаат аст. Онҳо ба ту ҳар чизро тӯтивор ёд кунондаанд, аммо ҳеҷ чизро ёд надодаанд...

Вай қадре сокит шуд ва боз илова кард:

— Ӯ курсаводи кӯр аст, ман аз кӯр чашми бино мехоҳам. Ман аҳмақам,— ва ба ман нигоҳ карда гуфт:

— Имрӯз ту мактаб нарав.

Ман бисьёр хурсанд шудам, зеро абҷадхонӣ ба дилам бисьёр зада буд.

* * *

Падарам хатиби деҳа, мутавалли, муаззин ва як-ду муйсафеди деҳаро ба меҳмонӣ хабар карда будааст. Баъд аз шом инҳо омаданд. Дастурхон баровардем, ширбиринҷ баровардем.

Ҳаминро ҳам ман бояд дар ин ҷо гуфта гузарам, ки дар хонаи мо бегоҳҳои бозор ва ҳам рӯзҳое, ки меҳмон ояд, бештарин ширбиринҷ мепухтанд. Падарам ба модарам мегуфт:

— Барои палав равған бисьёр меравад, ҳам гӯшт сарф мешавад. Аммо ширбиринҷ арзон меафтад, ба ин танҳо биринҷ мехарем, шир ва қадре равғани зард бошад, аз гови худамон мерӯяд.

Аммо бо вуҷуди ин ҳар вақт, ки маро ба хонаи биринҷфурӯш барои биринҷ мефиристод:

— Ширбиринҷ мепазем нагӯй, вагарна биринҷи паст медиҳад,— мегуфт.

Як бор ман пурсидам:

— Палав мепазем гӯям чӣ?

— Не,— гуфт падарам! — Ин дурӯғ мешавад, ба дурӯғгӯӣ одат накун. Ҳеҷ ошро ном набар.

Ҳикояи худро давом медиҳам.

Баъд аз он ки меҳмонон табақи ширбиринҷро лесиданд, ба чойнӯшӣ даромаданд; падарам ба хатиб нигоҳ карда гуфт:

— Ғараз аз ташвиш дода ба ин ҷо овардани азизон ин аст, ки дар бораи мактабдор як машварат мекардетон.

— Ба мактабдор чӣ шудааст? — гуфт хатиб бо оҳанги нохушнудона.

— Ҳеҷ чӣ нашудааст, аммо бесавод аст,— гуфт падарам ва илова кард:

— Ҳатто алифбонависиро ҳам намедонад, ки ман алифбои писари худамро худ навишта додам.

Мутавалли тарафи хатибро гирифта гуфт:

— Ба бачагони деҳаи мо ҳамон чизи худаш медонистагиро ҳам ёд диҳад, кифоя аст, ҳеҷ кас дар ин деҳа писари худашро мударрис карданӣ нест.

Падарам гуфт:

— Ин мактабдор ҳамон чизи худаш медонистагиро ҳам ёд дода наметавонад. Як зимистон писари ман хонд, ҳоло абҷад мехонад, лекин аз рӯи хат «алиф» то «бе»-ро фарқ намекунад. Ба болои ин мактабдор аз бачаҳо ҳеҷ хабардорӣ намекунад, ҳама қиморбоз ва бедонабоз шуда рафтаанд.

Ман, ки аз ин сухани падарам донистам ӯ бедонабозии бачагонро фаҳмидааст, сахт тарсидам. Агар ин ҳолро халифа шунавад, «ӯ ба падараш бозии моро гуфтааст» гӯён маро хармурд мекунонад, гуфта дар андеша афтодам.

— Худи шумо, ки,— гуфт хатиб,— хушсаводтар ва ёд доданро хубтар медонистаед, писари худатонро худатон хононед, ба мактаб фиристода нони панҷшанбегӣ ва ҳалвои додан чӣ ҳоҷат аст? Бечора мактабдорро ҳам ба ҳолаш гузоред, ки аз як даҳан нонаш маҳрум нашавад.

Падарам гуфт:

— Ман як парча замин дорам, барои нафақаи аҳлу аёл маҷбурам, ки дар он ҷо киштукор кунам. Даромади он ба рӯзгорам намерасад, дар вақти холигии дастам маҷбурам, ки чархи осиётарошӣ кунам. Ба болои инҳо зимистонҳо барои пӯшоки бачагон дӯконбофӣ ҳам мекунам. Агар ман писарамро худам хононам, рӯзгорамро кӣ мегузаронад?

Падарам пешонаи худро қадре турш карда хомӯш истод ва якбора хандакунон ба хатиб нигоҳ карда гуфт:

— Ғарази ман аз зиёфати шумоён ин буд, ки мактабдорро бекор кунонам ва ба ҷои ӯ як мактабдори хубтар ёбем, модоме ки инро қабул накардед, акнун як коре кунед, ки ширбиринҷи ман муфт наравад.

Падари ман як одати аҷиб дошт, мардуми он замон он гуна одатро айб медонистанд. Ӯ чизи дар дилаш бударо рӯйрост мегуфт ва аз ҳеҷ кас ибо намекард. Дар ин ҷо ҳам мақсади зиёфати худро рӯйрост гуфта

лод. Фақат барои сахт нарасонидан ба дили меҳмонон суханашро қадре ба ханда омехта гап зад:

— Чӣ кор кунем, ки ширбиринҷи шумо ба ман ҳазм шавад? — гуфт хатиб.

— Роҳ диҳед, ки писари ман дар қатори духтарон дар хонаи шумо ба пеши бибихалифаатон хонад.

— Писарбачаро чӣ тавр дар миёнаи духтарбачагон роҳ медиҳем? — гуфт хатиб.

— Ин гуна тақвоҳои аз шариат беруниро монед,— гуфт падарам.— писари ман акнун ҳафтсола шудааст, шариат бошад то дувоздаҳсолагӣ дар миёнаи духтарбачагон гаштани писарбачагонро раво медонад.

Хатиб розӣ шуд:

— Хуб, майлаш, фиристонед, хондан гирад. Лекин гоҳ-гоҳ ширбиринҷ зиёфат кунед,— гӯён ӯ ҳам сухани худро бо ханда тамом кард...

Зиёфат бо ҳамин ба поён расид. Ман хурсанд шудам, ки аз бими ба дасти халифа хармурд шудан халосӣ ёфта будам.

## VI

Фардои он рӯз маро модарам ба мактаби бибихалифа бурд, барои ҳалвоӣ ба болои лаълӣ мавиз ва кулча, як рӯмол ва каллапӯшро ҳам, ки ба нияти тӯи ман дӯхта буд, зам намуд.

Бибихалифа зани хатиби деҳаи мо буд, худи хатиб аз вилояти Дарвоз буда, занаш аз Саримазори Ғиҷдувон буд. Бибихалифа як зани сафедрӯи миёнсоли фарбеҳ ва шикамкалон буд. Фарбеҳияш ба дараҷае буд, ки дар вақти чорзону нишастанаш зонуҳои ӯ монанди чархи осиё менамуд, ки гӯё онро падарам ба пешаш гирифта тарошида истода бошад.

Дар вақте ки мо ба пешаш даромадем, ӯ дар пешгоҳи хона ба рӯи панҷ-шаш қабат кӯрпача чорзону менишаст. Ба гирдогирди хона духтарбачагон бар рӯи намад менишастанд. Ба пеши онҳо ба ҷои синҷи мактаби писарбачаҳо болишҳоро дуқат карда монда буданд, ки онҳо китобҳошонро ба рӯи он болишҳо монда мехонданд.

Бибихалифа модарамро хуш қабул карда, «барои хотири ширбиринҷи падарам ба қабули ман маҷбур шуданашро» хандида изҳор намуд ва илова кард:

— Ҳар вақт, ки писаратон ба таббат* дарояд, ба ман ҳам як табақ ширбиринҷ меоред.

— Худо ба он рӯз расонад, ба шумо як табақ палав меорам,— гуфт модарам дар ҷавоби ӯ.

Бибихалифа дастурхонро кушода, нон шикаст ва ба духтарбачагон ҳам аз ҳалвоии ман нон бахшиш кард. Аммо ин монанди мактабдори мард нонро пора карда ба пеши онҳо ҳаво надод. Балки ба дасти халифаи худ, ки он ҳам як духтари калонсолтар буд, дод ва ӯ ҳам аз як сар ба ҳар духтар якбурдагӣ аз он нон дод. Аммо қисми калонтарашро худаш хӯрд.

Ба дастурхон фотеҳа хонда шуд. Бибихалифа ба ман «бисмиллоҳ», «аузубиллоҳ» гӯёнда сабақ сар кунонид. Бо ҳамин расми дарссаркунии дубораи ман ба анҷом расид. Модарам рафту ман дар мактаби духтаракона мондам.

Бибихалифа ба ман аз миёнаҷои абҷад, ки то он ҷо ман дар мактаби пеши масҷид хонда будам, сабақ дод. Тарзи сабақдиҳии ин қадре дигаргунатар буд. Ӯ бо нӯги як чӯбчае, ки дар даст дошт, ҳар ҳарфро нишон дода номи онро мегӯёнид. Аммо ин ҳам ба шинохтан ва ё нашинохтани ман он ҳарфро кор надошт.

Бибихалифа ҳамеша ба сабақдиҳӣ машғулӣ мекард, шогирдонашро бо навбат ягон-ягон ҷеғ зада сабақ медод, бо ҳамин як қатор сабақ додан як рӯз мегузашт.

Вақти дарси бибихалифа пас аз хӯрдани чой то соати дувоздаҳи рӯз буд. Шогирдони ӯ пас аз хӯрдани чояшон ба мактаб меомаданд. Вақте ки соат дувоздаҳ шуд, бибихалифа онҳоро нонхӯрак мекунонид. Аммо бачагон барои нонхӯрак ба хонаашон намерафтанд ва нонеро, ки ҳамроҳи худашон аз хонаашон меоварданд, дар он ҷо нишаста мехӯрданд. Ҳар кас аз нони худ нимаашро ба бибихалифа медод.

---

* Номи яке аз сураҳои Қуръон аст.

Ман рӯзи аввал нон набурда будам, бибихалифа як бурда нонеро, ки як духтарбача ба вай дода буд, ба ман дода:

— Туро имрӯз ман зиёфат кунам, фардо нонатро бисьёртар мебиёрӣ ва ба ман ҳам бисьёртар медиҳӣ,— гуфт.

Пас аз нонхӯрак бачагон хонаҳо ва рӯи ҳавлии бибихалифаро покиза рӯфта медоданд. Баъзе рӯзҳо бибихалифа ба бачагон ҷомашӯӣ мекунонид. Ҳатто маро ҳам ба ҷомашӯӣ иштирок мекунонид.

— Ҷомашӯиро ёд гирифта мон, агар калон шавӣ, барои хондан ба Бухоро ба мадраса равӣ, ба ту даркор мешавад,— мегуфт.

Бибихалифа ҳам ба паси худ як чӯби дарозро ба девор рост монда буд. Лекин ман ҳеҷ гоҳ надидаам, ки ӯ бо он чӯб касеро зада бошад. Ҳар касро, ки сабақ медод, агар чизи вай ёд додаистодаро дуруст гуфта натавонад, бо остини васеу дарози куртааш, ки вай ё аз суф ва ё аз чит буд, ба рӯи ӯ мезад. Аммо ин остинзании ӯ аз як боди суст зиёдтар таъсир надошт.

Шогирдони ӯ ҳам, ки ғайр аз ман ҳамагӣ духтарбача буданд, бозиҳои бад намекарданд ва якдигарро намезаданд. Агар дар вақти ҳавлирӯбӣ ё ҷомашӯӣ фурсат ёбанд, зоча (лӯхтак)-бозӣ мекарданд, дар сафолпорчаҳо аз хок ош пухта барои зочаҳошон тӯй медоданд.

Онҳо барои ман ҳам як зочаи писарбача сохта доданд. Дар тӯяшон зочаи маро барои зочаҳои худашон домод мекарданд. Азбаски ғайр аз зочаи ман дигар зочаи писар набуд, ба вай баъзан даҳ-дувоздаҳ духтарзоча мерасид. Ростӣ, ин бозӣ ба ман хеле хуш меомад.

Аммо гоҳо мешуд, ки духтарбачагон зочаҳои худашонро, ки ҳамаи он бечорагон ба як шавҳар расида буданд, бо ҳам ҷанг меандохтанд ва зочаи маро маҷбур мекарданд, ки баъзан онҳоро раҳо кунад. Ҳанӯз аз хотир набаровардаам, ки дар ин мавридҳо қадре дилам сиёҳ мешуд ва ба дили худ аҳд мекардам, ки агар калон шавам, ман ду зан нахоҳам гирифт.

Бо вуҷуди ин барои ин ки ҳамон қадар зочадухтарон ба зочаи ман мӯҳтоҷ буданд, ба дили худ фахр мекардам.

Сонитар боз як писарбачаи дигар ба мактаб омада бошад ҳам, ӯ ба давлати домодӣ мушарраф нашуд. Азбаски ӯ қадре бачаи дурушттар буд, духтарбачагон барои ӯ зоча сохта надоданд. (Ман ҳикояти ин писарбачаро як вақти дигар хоҳам навишт, ки ӯ саргузаштҳои бисёр аҷиб дорад).[12]

* * *

Ман дар мактаби бибихалифа давом мекардам. «Ҳафтьяк»-ро* тамом кардам, чанд сураҳои кӯтоҳи онро аз ёд кардам, қуръонро ба поён расондам, «Чоркитоб»-ро ҳам хондам, қадре аз Хоҷа Ҳофиз ҳам хондам. Аммо ҳоло ҳам ба ғайр аз чизҳое, ки дар пеши бибихалифа хонда будам, дигар чизеро аз рӯи хат хонда наметавонистам, масалан, як ғазали Ҳофизро, ки дар мактаб хонда будам, дар ҳар куҷо ва бо дастхати ҳар касе ки бошад, хонда метавонистам. Аммо ғазали дигарашро, ки вайро дар мактаб нахонда будам, аз китоби худам ҳам хонда наметавонистам, яъне савод надоштам. Хатнависиро бошад ҳеҷ наметавонистам. Бо вуҷуди ин падарам маро аз мактаби бибихалифа гирифта, ба пеши хатиб ба дарс монд. Худаш ҳам ба ман «Аввали илм»[13] ёд медод. Ман он вақт даҳсола будам.

Аммо абҷадро хуб омӯхта будам ва сураҳои қуръонро, ки он ҳам бо расми абҷад навишта мешавад, оҳиста-оҳиста хонда метавонистам. Акнун фикр мекунам, ки сабаби он ин будааст:

Падарам маро ба мактаби бибихалифа фиристода бошад ҳам, аз орзуи ёд додани ҳисоби абҷад ба ман бознаистод. Дар ин хусус ӯ ҳар шаб, баъд аз шом то хуфтан, яъне тахминан як соат бо ман машғулӣ мекард.

---

* *«Ҳафтьяк»* — китобест, ки аз сураҳои кӯтоҳтари қуръон барои бачагони хурдсол алоҳида ҷилд кардаанд.

Аввал овози абҷад: «а», «бе», «че», «де»-ро ба ман шиносонид. Пас аз он бо якдигар ҳамроҳ карда чӣ тавр хондани онҳоро ҳам ёд дод. Пас аз он «алиф—як, бе — ду, ҷим — се, дол — чор» гӯён ҳисоби он ҳарфҳоро ёд дод...

Ба ҳамин тариқа падарам абҷадро ба ман то охираш бо ҳисобаш ёд дода баромад. Дар муддати тахминан як моҳ ман ҳарфҳои абҷадро шинохта мехондагӣ шудам ва ҳисобашро ҳам, ки аввал як-як зиёд шуда то даҳ, пас аз он даҳ-даҳ зиёд шуда то сад ва баъд аз он сад-сад зиёд шуда то ҳазор мерафт, омӯхтам.

Баъд аз он ки ман инҳоро омӯхтам, падарам гуфт:

— Акнун ба ту боз як чизи бисьёр ғалатиро ёд медиҳам. Ин нӯҳ рақам ва як сифр (нуль) аст, ки онро ҳакимҳои Ҳиндустон ёфтаанд. Бо он нӯҳ рақам ва як сифр ҳисобҳои тамоми дуньёро ёд гирифтан мумкин аст.

Ман дар шавқ ва ҳавас омадам, ки ин чӣ гуна як кори соҳирона бошад. Бо даҳ чиз ҳисоби ҳамаи дуньёро гирифтан ҳақиқатан як чизи омӯхтанист. Ман ҳам, ки даҳ ангушт дорам, бо инҳо рӯзҳои ҳафтаро чанд бор ғалат карда базӯр мешумурам...

Ман аз падарам сахт хоҳиш кардам, ки ҳар чи зудтар он даҳ чизи ҷодугаронаро ба ман ёд диҳад.

Падарам ба кор даромад.

Аввал рақамҳои нӯҳгонаро ягон-ягон навишта ба ман нишон дод. Дар ҳар рӯз як рақамро нишон медод ва баъд аз он сифр (нуль)-ро ба ман нишон дода, онро ҳам шиносонид. Баъд бо як сифр даҳ шудани якро ёд дод ва бо ҳамин тариқа то охири нӯҳ рақам давом кард.

Ин дарс ба ман он қадар зӯрӣ накард, зеро ман дар ҳисоби абҷад чӣ гуна як-як, даҳ-даҳ ва сад-сад зиёд шуданро омӯхта будам.

Баъд аз он ки ман инҳоро омӯхтам, падарам ба ман гуфт:

— Ту чизҳоеро ёд гирифтӣ, ки дар деҳаи мо инҳоро ҳеҷ кас намедонад. Ҳисоби абҷадро бошад ҳат-

то мактабдори деҳа ҳам, ки домуллои пештараи ту аст, намедонад.

Ман ҳам бо омӯхтани ин гуна илмҳои камъёб дар дили худ хеле фахр мекардам. Дар ин миён як ҳодиса рӯй дод, ки ҳисоби абҷад ҳақиқатан ҳам сабаби фахри ман гардид.

Он ҳодиса ин гуна буд:

Дар Саримазори мо сайри солинавӣ — наврӯзӣ барпо шуд. Ба он сайр аз ҳамсоядеҳаҳои мо ҳам хеле одамон омаданд. Дар сайр гӯштигирӣ сар шуд, одамони ҷамъшуда ба ду тақсим ҷудо шуда, ба якдигар тараф гашта, маърака гирифта нишастанд. Падарам дар даруни маърака дар пеши тарафи худи моён менишаст ва маро ҳам дар пеши худаш нишонда буд. Аз ду тараф паҳлавонон баромада бо ҳам гӯштӣ мегирифтанд, пурзӯрон камзӯронро меафтонданд. Дар аввали кор деҳаи мо ғолиб буд, аз инҳо ҳеҷ кас намеғалтид.

Як вақт аз тарафи муқобил як муллобача, ки дар Бухоро таҳсили илм мекардааст, ба ҷавоне, ки аз тарафи мо баромада як каси онҳоро ғалтонда буд, талабгор шуда баромад.

Ҷавони мо ҳам бе ҳеҷ гуна қилуқол бо он мулло гӯштӣ гирифт. Аммо баъд аз фурсате бо ҳам дарафтодан ҷавони мо афтод.

Як ҷавони дигар аз тарафи мо ба он мулло талабгор шуда баромад. Магар ин ҷавон ба назари он муллобача зӯртар намуд, ки:

— Ман бо ин гӯштӣ намегирам,— гуфт. Аммо нагуфт, ки «ӯ аз ман пурзӯр аст», балки гуфт:

— Ӯ чапан аст, ман мулло; даст ба гиребон шудани чапан бо мулло сабаби таҳқири уламо мешавад.

Падарам бо шунидани ин суханони вай якбора шӯрид ва маро ба бағали худ бардошта аз ҷояш ҷаста хест ва ба миёнаҷои маърака рафта он муллобачаро ба пеши худ чеғ зад. Муллобача ҳам омада рӯ ба рӯ истода:

— Чӣ мегӯед?— гуфт ба падарам.

— Шумо муллоед ё паҳлавон? — падарам аз он муллобача пурсид.

— Ман муллои паҳлавонам! — ҷавоб дод ӯ.

— Агар мулло бошед,— гуфт падарам,— ба часадаш нигоҳ накарда бо ин писари ман, ки ҳаштсола аст, мунозира кунед. Мардум бинанд, ки ҳақиқатан шумо муллоед ё не? Агар паҳлавон бошед, бо он ҷавоне, ки ҳамсол ва ҳамҷасади шумост, гӯштӣ гиред, то мардум бинанд, ки кадоми шумо зӯр ҳастед.

Падарам илова кард:

— Биёед, аввал муллоии шуморо озмоем,— ва ба ман нигоҳ карда гуфт:

— Пурс, писарам, аз ҳисоби абҷад чизеро аз ин кас!

Ман ҳам бе ҳеҷ андеша:

— «Те» чанд аст?— гуфта аз он кас пурсидам.

Ӯ дам истод, ҷавоб дода натавонист. Падарам ба ман гуфт:

— Худат гӯй, ки «те» чанд аст.

— Чорсад аст! — гуфтам ман.

Пас аз он падарам якчанд ҳарфҳои дигарро ягон-ягон «ин чанд аст, он чанд аст» гӯён аз он мулло пурсид. Ӯ ба ҳеҷ кадом ҷавоб дода наметавонист. Ҳар ҳарферо, ки ӯ ҷавоб дода наметавонист, падарам аз ман мепурсид ва ман ҷавоб медодам.

Тарафи мо он муллобачаро «ӯйт-ӯйт» гӯён масхара доштанд. Ӯ аз хиҷолат суп-сурх шуда буд.

Падарам ба ӯ гуфт:

— Акнун муллоии шумо тамом шуда монд, монанди як чапан бо он ҷавон гӯштӣ гирифтан гиред.

Ӯ ҳам розӣ шуд, ки бо он ҷавон гӯштӣ гирад.

Ҳар ду гӯштӣ гирифтанд. Аммо даст ба гиребон шудани онҳо ҳамон буду ғалтидани мулло ҳамон.

Шӯрест, ки аз маърака бархост! Гӯштигирӣ ҳам бо ҳамин тамом шуд.

Ҷавонони тарафи моён ба падарам мегуфтанд:

— Ҳақиқатан он муллоро писари шумо ғалтонд. Азбаски ӯ дар мунозира мулзам шуд ва хиҷолат кашид, натавонист, ки қуввати худро тамом ҷамъ карда кор фармояд.

Аз ин сухани онҳо фахри ман боз зиёдтар мешуд ва ба дили худ мегуфтам, ки ман бояд ҳар илмро омӯзам, лекин дар ҳақиқат ман ҳанӯз савод надоштам...

* * *

Бо ҳамин ман ҳикояти мактаби ибтидоии худро тамом кардам, аммо чӣ гуна дарс хонданам, савод баровarданам ва ба адабиёт шуғл карданамро дар як вақти дигар хоҳам ҳикоят кард.

*26 октябри соли 1934,*
*Самарқанд.*

# Колхози „Коммунизм“

## I. ҚИШЛОҚИ СОКТАРЕ [14]

Ин қишлоқ, ки ба қишлоқшӯрои Бӯлдии райони Ғиҷдувон тобеъ аст, барои ман хеле шиносо аст, чунки ман дар ин қишлоқ зоида шуда, айёми хурдсолии худро дар ин ҷо гузаронидаам. Ҳарчанд қариб 20 сол аст, ки муносибати ман аз ин қишлоқ канда шудааст, ман ҳамаи хонаҳо, ҳамаи заминҳо, ҳамаи боғҳо, ҳамаи дарахтҳо, ҳамаи одамҳои зинда, ҳатто касони мурдаи ин қишлоқро медонам.

Дар шимоли ғарбии ин қишлоқ як тал — теппаи бузурги баланд ҳаст, ки аз болои он тал ҳамаи ин қишлоқ бо ҳамаи ҳавлиҳо, заминҳо ва дарахтҳои худ, ҳатто бо дарьёи Зарафшон, ки аз тарафи шарқии ин қишлоқ мегузарад, менамояд. Ман дар айёми хурдсолии худ дар болои ин тал, ки мазори аҳолии ин қишлоқ ва аз ин ҷумла бошишгоҳи абадии гузаштагони худи ман аст, бисьёр гаштугузор мекардам, навиштаҷоти сангҳои мазорро хонда, бо гузаштагон — бо мурдагон шиносой пайдо менамудам. Сабаб ин аст, ки ман мурдагони ин қишлоқро ҳам донparam будам. Ҳар вақт, ки чашми ман аз сангимазорҳои монда мешуд, ман дар як гӯшаи ин тал нишаста киштзорҳо, боғҳо, бӯстонҳои ин қишлоқро тамошо мекардам. Дарьё мегуррид, аммо ғурриши он бо нолаи шағолони мазор ҳамроҳ шуда ба дили ман даҳшат меандохт, бод мешӯрид, аммо шӯриши он димоғи маро ба таркиш меовард...

Ин киштзорҳо, боғҳо, бӯстонҳо аз они кӣ буданд? Барои ҷавоб ёфтан ба ин суол тафсилоти зеринро шунавед:

Дар ин қишлоқ тахминан 600 таноб, яъне 150 гектар замини корам буда, аҳолиаш ҳам тахминан 300 хонавор буд. Агар ҳамаи замини корами ин қишлоқ ба аҳолии худаш баробар тақсим меёфт, ба ҳар сари хона ним гектар замин мерасид. Агар дар ҳар хона ба ҳисоби миёна 5 нафар одам бошад, бояд ин ним гектар замин панҷ нафарро сер мекард, ва ҳол он ки тақсимоти замин бо ин гуна баробарӣ набуд, балки тахминан 50 гектар замини корами ин қишлоқро хонаводаи қозизодагон, ки ҳамагӣ зану мард 4 нафар буданд, ба даст даровварда, 25 гектарашро ҳам хонаводаи мутаваллиён, ки онҳо ҳам аз 4 нафар беш набуданд, аз они худ карда буданд. Дигар заминдорони ин қишлоқ аз ним гектар то дуним гектар замин доштанд.

Аҳолии безамини ин қишлоқ, ки фоизи калонеро ташкил менамуданд, ба қозизодагон, ба мутаваллиён ятимӣ, мардикорӣ, чорьяккорӣ мекарданд, ё аз беруни қишлоқ коре кофта барои худ «қути лоямуте» меёфтанд.

Хонаводаи мо ҳамагӣ 6 нафар буда, ним гектар замин доштем. Ин ним гектар замин, албатта, моро дуруст сер намекард, бар болои ин ман орзу доштам, ки Бухоро рафта таҳсили илм намоям. Аммо барои ин кор пул даркор буд ва падари ман ҳам пул надошт. Бинобар ин падарам барои таъмин кардани ин орзуи ман як барра гирифта дод, ки онро парво кунам, фурӯшам ва бо он пул ба Бухоро равам. Сабаб ин буд, ки ман барои парво кардани он барра аз хору хошоки он мазор, ки ғайр аз мурдагон соҳиб надошт, фоида бурданӣ шуда, бештарини вақти худро бар болои мазор мегузаронидам.

Аз барои парво кардани ҳамин як барра барои ман ғайр аз ҳамин мазор ҷое набуд. Дуруст аст, ки дар ҳарими Зарафшон тахминан 50 гектар замини марғзори алафзор буд, аммо ин алафзорро чорводорони калон соҳибӣ карда буданд ва агар касе дар он ҷо ҳайвонеро барад, пояшро зада мешикастанд...




Муқоваи нашри якуми «Колхози «Коммунизм»

## II. ХУН ВА ОТАШ

Аз он замон бисьёр вақт гузашт, дар Бухоро ҳаракати инқилобӣ сар шуд, инқилоби Бухоро ба вуқӯъ омад, пас аз он ҳаракати босмачигӣ рӯй дод. Дар ҳамин ин ҳаракатҳо касоне, ки тарафдори инқилоб буданд, бисьёр қурбониҳо доданд. Аз ин ҷумла қишлоқи Соктаре ҳам дар зери хун ва оташ монд, касони тарафдори инқилоб дар ин қишлоқ ҳам кушта шуданд (дар ин қатор бародари ман), хонаҳошон тороҷ ёфт ва як қисми ҳавлиҳо аз тарафи босмачиён сӯзонида шуд. Аммо хонадони қозизодагон ва дигар заминдорони калон аз пештара ҳам хубтар дар осудагӣ буданд, онҳо ба босмачиён такья карда эксплоатацияи худро ривоҷ медоданд...

## III. ПАС АЗ ХУН ВА ОТАШ

Ниҳоят, инқилоб ғалаба кард. Босмачигӣ ба поён расид, дар Осиёи Миёна тақсимоти ҳудуди миллӣ ба амал омад, аз заминҳои Бухоро мулкияти хусусӣ бардошта шуд. Пас аз он ислоҳоти замин иҷро карда шуд.

Дар қишлоқи Соктаре аз ислоҳоти замин ба ҳамаи батракон замин нарасид. Заминҳои қозизодагон ва мутаваллиён аз батрак ва чорьяккороне, ки дар даруни он заминҳо кор мекарданд, зиёдатӣ накард. Аммо батракони аз ислоҳоти замин бебаҳрамонда маъюс нашуданд ва дар паи заминьёбӣ афтоданд.

Аз миёни онҳо Салим Соҳибназарзода ном батрак ба майдон баромад ва батраконро ғун кард:

— Маъюс нашавед — гуфт,— ман ҳамаи шумоёнро заминдор мекунам.

Бештарини батракон сухани ӯро бовар накунанд ҳам, аз дунболи ӯ афтоданд, аммо як қисмашон:

— Ин сарносӣ — хаёлпараст шудааст,— гуфта ӯро масхара медоштанд.

## IV. ТРАКТОРИ НАХУСТИН

Салим Соҳибназарзода батраконро каш карда, ба шӯъбаи Тракторцентри райони Ғиҷдувон бурд. Ба сардори Тракторцентр гап зада ӯро розӣ кард, ки барои

заминҳои алафзори дарьёбоди Соктареро кушода батраконро заминдор кардан ба ихтиёри ӯ як тракторро бо як нафар тракторчӣ супорад.

Ҳамин гуна шуда, дар вакте ки дар районҳои Бухоро тракторро «хари даччол» гуфта, аз вай деҳқонон мегурехтанд, трактори нахустин ғуррас зада ба қишлоқи Соктаре даромад.

Ҳамаи мардумони қишлоқ калону хурд дар сари роҳи трактор ғун шуда буданд, занон ва духтарон аз сари деворҳо, болои бомҳо, паси дарвозаҳо тракторро тамошо мекарданд. Бачагони хурдсол чапакзанон, кийгоскупон аз дунбали трактор медавиданд. Гузаштани трактор аз кӯчаи қишлоқ маросими домодбариро нишон медод. Ҳакикатан худи трактор ҳам монанди домоди барои никоҳ раванда бо виқор ва савлат ҳаракат мекард, ғурриши он ҳам ба гӯши мардум мисли карнаю сурнаи домодбарӣ мерасид.

Трактор аз қишлоқ гузашта ба дарьёбод фуромад. Алафҳои рӯи замини дарьёбод ҳар сол ба ҳайвонҳо хӯронда шуда, юлғунҳо, сусҳо (мийяҳо) ва хошокҳои дигараш даравида гирифта шаванд ҳам, зери замини он пур аз решаҳои ғафси солхӯрда буд. Дар он заминҳо каланд ё амоч даромаданро касе ёд надорад.

Трактор ба кор даромад, кундаҳои ғафси юлғун ва решаҳои калони сусро монанди он ки динамит аз кӯҳ харсангҳоро парронад, кофта партофтан гирифт. Батракон он кунда ва решаҳоро чида аз замин мебароварданд. Дар натичаи ин меҳнати муштарака — меҳнати техника бо меҳнати дастӣ дар баҳори соли 1928 аз дарьёбоди Соктаре даҳ гектар, яъне чил таноб замин кушода шуд. Ин замини навкушодашуда монанди хокаи ангишти дар обмонда сиёҳ ва намдор буд. Салим Соҳибназарзода ҳақ дошт, ки он замини навкушодаи худро «тиллои сиёҳ» меномид. Ӯ мегуфт:

— Тиллои сурх ҳаст, ки онро ҳама медонанд, инчунин тиллои сафед ҳаст, ки онро хеле пурқимат мегӯянд. Бинобар ин пахтаро, ки пурқиматтарини ҳосилоти деҳқонии мост, «тиллои сафед» номидаанд. Аммо ин замини сиёҳ, ки мо бо ёрии трактор кушодаем, «тиллои сиёҳ» аст, ки чанд садҳо пуд «тиллои сафед», яъне пахта хоҳад дод.

Дар ҳақиқат ҳамин «тиллои сиёҳ» дар тирамоҳи соли 1929 аз ҳар гектар 200 пуд «тиллои сафед» дод.

Батракон шод шуда, ба ғайрат омаданд ва миёни худ гуфтанд, ки дар соли оянда аз Тракторцентр бисьёртар трактор оварда, боқимондаи замини ин Ҷарьёбодро ҳам хоҳем кушод...

## V. БОЗ ХУН

Душманони синфӣ ин комьёбиҳои батраконро дида натавонистанд. Хусусан касоне, ки аз алафзори дарьёбод бе ҳеҷ меҳнат фоида мебурданд, хостанд, ки ин майдони пуркиматро аз дасти батракон ситонанд. Барои ин аз миён бардоштани ташаббускори ҳаракати заминкушой — Салим Соҳибназарзода даркор буд. Душмани синфӣ аз пэи ин батраки фаъол афтод.

Дарьёбод ором буд, оромии ин ҷоро танҳо садои ғурриши оби Зарафшон вайрон мекард. Лекин садои об бо овози хониши вартиш — бедонаҳои дар байни алафзорҳо ҳаракаткунанда омехта як мусикаи ба гӯш форамеро ба вуҷуд меовард.

Шаб буд, моҳтоб набуд, аммо дар осмони кушода ситорагони дурахшанда монанди чароғҳои электрикӣ, ки дар чодири нилгун овехта шуда бошанд, дар замин як рӯшноии назаррабоеро меандохтанд. Насими шабона бо бӯи хуши сабзаҳо, киштҳо, алафҳои худрӯи дарьёбод омехта димоғҳоро кувват, шушҳоро роҳат, дилҳоро масаррат медод.

Ҳайфо, ки дар ин шаби фараҳафзо дар дарьёбод касе набуд, ки аз ин ҳавои хуши дилкаш баҳравар гардад.

Оре, дар осиёе, ки дар миёнаҷои ин дарьёбод воқеъ шуда буд, як пири солхӯрда посбонӣ мекард ва як ҷавони дигар ҳам буд, ки гандуми худро дар осиё орд мекашид. Аммо инҳо дар даруни осиё бо гарду ғубори орд олуда шуда нишаста, аз ҳавои дилкушои дарьёбод баҳра намегирифтанд.

Лекин танҳо як шахс буд, ки ӯ, чунон ки аз хоки ин дарьёбод роҳи фоида бурданро ёфта буд, аз ҳавояш ҳам фоида мебурд. Ин шахс Салим Соҳибназар-

зода буд, ки рӯзона дар пахтазори дарьёбод бо батракон кор карда, шабона ҳам пас аз хона ба хона рафтани батракон танҳо дар он ҷо мемонд. Ӯ дар ин ҷо монда киштзори худро аз ҳуҷуми эҳтимолбудаи душмани синфи нигоҳдорӣ мекард.

Салим Соҳибназарзода дар ин шаби хуш пас аз хеле гаштугузор кардан дар миёни киштзор, қариби субҳ ба сари осиё омада, чойхоби худро аз осиёбон гирифта, дар суфаи шамолрави осиё дар ҳавои кушода андохта ба хоб рафт. Салимро, ки рӯзона каланд зада шабона ҳам гаштугузор карда хеле монда шуда буд, сар ба болин мондан замон хоби сахт даррабуд...

Аз миёни алафзорҳои ҳанӯз кушоданашудаи дарьёбод панҷ кас пайдо шуданд. Риш ва рӯи он одамон бо рӯймоле сахт баста шуда, танҳо ду чашмашон намоён буд. Ин чашмони пурхуну оташ дар шаби нимторик монанди ду лахчаи алав ба дилҳо даҳшат меандохт. Агар Салим бедор мебуд, бо винтовкае, ки дар зери сараш гузошта буд, ин чашмони пурдаҳшатро ба хубӣ нишон мегирифт. Афсӯс, ки Салим дар хоб буд...

Ин одамони сару рӯйбаста аз сари нови осиё хазида гузашта, бе он ки Салим бедор шавад ва дар даруни осиё будагон хабардор гарданд, мисли сагони ҳапгир ба болои суфа баромада Салимро пахш карданд. То Салим бедор шуда фарьёд кашид, дасту пои ӯ баста шуда буд. Ба фарьёди Салим даруни осиё будагон давида баромада:

— Кист? Чӣ гап? — гуфта бошанд ҳам, ба онҳо ду тири аз ду винтовка ба якборагӣ баромада ҷавоби хомӯшкунанда дод, пирамард худро боз гашта ба даруни осиё кашида, ба даруни ҳамбаи орд даромад. Ҷавон бошад, аз болои нови осиё ҷаҳида гузашта, худро ба болои як дарахти беди сершох гирифта, дар он ҷо пинҳон шуд.

Одамони рӯбаста даҳони Салими дастпобастаро ҳам бастанд, ки дигар ӯ фарьёд карда натавонист. Пас аз ду дақиқа Салим дуртар аз осиё ба як дарахт баста шуд. Пас аз он якбора аз панҷ винтовка тир холӣ гардид.

Синаи Салим Соҳибназарзода парча-парча шуда буд...

## VI. ҒАЛАБАИ ҚАТЪӢ

Салим Соҳибназарзода кушта шуд. Аммо хуни у ҳадар нарафт. Фардои он рӯз, вақте ки батракон аз кушта шудани Салим хабардор шуданд, аз як тараф, дар паи ниқоргирӣ аз кушандагони он ва умуман дар паи душманони синфӣ афтода бошанд, аз тарафи дигар, дар паи ташкил кардани колхоз афтоданд. Ташкили колхоз барои душманони синфӣ сахттарини ҷавобҳо буд. Батракон инро фаҳмиданд ва барои ташкили колхоз зудтар ҳаракат карданд.

Дар натиҷа дар соли 1929 дар қишлоқи Соктаре 3 артели майдаи хоҷагии қишлоқ ташкил ёфт. Ҳамаи деҳқонони миёнаҳоли ин қишлоқ ҳам дар зери роҳбарии батракон ба ин артельҳо гирд омаданд. Чунки онҳо фоидаи трактор ва самараи кори якҷояи батраконро дар таҷрибаи онҳо дар замини нав кушодашудаи дарьёбод ба чашми худ дида буданд. Бинобар ин дар ташкили колхоз дар ин қишлоқ ҷанҷолҳое, ки дар қишлоқҳои дигар дар ин бора рӯй дода буд, набаромад. Комьёбиҳои батракон ва хуни Салим ҳамаи ҷанҷолҳои шуданиро хомӯш карда буд.

Артельҳо ташкил ёфт, ҳайвонҳои корӣ якҷоя карда шуд, аз меҳнати трактор ҳам ба хубӣ фоида бурда шуд. Бо ҳамаи ин фоида ба сари хоҷагӣ тақсим меёфт. Аз ин сабаб ин артельҳо бештар ба ширкати хоҷагии қишлоқ (ТОЗ) монандӣ доштанд. Бо вуҷуди ин дар соли 1929 — 30—31 дар сояи меҳнати якҷояи батракон, камбағалон ва миёнаҳолон, дар натиҷаи хизмати трактор ва кушода шудани боз як қисми замини дарьёбод фоидаи ин артельҳо бад нашуд.

## VII. КОЛХОЗИ БУЗУРГ

Дар охири соли 1931 ин артельҳои майда як шуда, ба номи «Коммунизм» як колхози бузург ташкил доданд. Дар ин колхоз низомномаи артели хоҷагии қишлоқ тамоман ба амал гузошта шуда, интизоми сахти меҳнат, зарбдорӣ, мусобиқаи социалистӣ ҷорӣ карда шуд. Дар натиҷаи мубориза сахти синфӣ бо танбалон, коргурезон ва боқимондаҳои кулакӣ дар охири

зода буд, ки рӯзона дар пахтазори дарьёбод бо батракон кор карда, шабона ҳам пас аз хона ба хона рафтани батракон танҳо дар он ҷо мемонд. Ӯ дар ин ҷо монда киштзори худро аз ҳуҷуми эҳтимолбудаи душмани синфӣ нигоҳдорӣ мекард.

Салим Соҳибназарзода дар ин шаби хуш пас аз хеле гаштугузор кардан дар миёни киштзор, қариби субҳ ба сари осиё омада, ҷойхоби худро аз осиёбон гирифта, дар суфаи шамолрави осиё дар ҳавои кушода андохта ба хоб рафт. Салимро, ки рӯзона каланд зада шабона ҳам гаштугузор карда хеле монда шуда буд, сар ба болин мондан замон хоби сахт даррабуд...

Аз миёни алафзорҳои ҳанӯз кушоданашудаи дарьёбод панҷ кас пайдо шуданд. Риш ва рӯи он одамон бо рӯймоле сахт баста шуда, танҳо ду чашмашон намоён буд. Ин чашмони пурхуну оташ дар шаби нимторик монанди ду лахчаи алав ба дилҳо даҳшат меандохт. Агар Салим бедор мебуд, бо винтовкае, ки дар зери сараш гузошта буд, ин чашмони пурдаҳшатро ба хубӣ нишон мегирифт. Афсӯс, ки Салим дар хоб буд...

Ин одамони сару рӯйбаста аз сари новаи осиё хазида гузашта, бе он ки Салим бедор шавад ва дар даруни осиё будагон хабардор гарданд, мисли сагони ҳапгир ба болои суфа баромада Салимро пахш карданд. То Салим бедор шуда фарьёд кашид, дасту пои ӯ баста шуда буд. Ба фарьёди Салим даруни осиё будагон давида баромада:

— Кист? Чӣ гап? — гуфта бошанд ҳам, ба онҳо ду тири аз ду винтовка ба якборагӣ баромада ҷавоби хомӯшкунанда дод, пирамард худро боз гашта ба даруни осиё кашида, ба даруни ҳамбаи орд даромад. Ҷавон бошад, аз болои новаи осиё ҷаҳида гузашта, худро ба болои як дарахти беди сершох гирифта, дар он ҷо пинҳон шуд.

Одамони рӯбаста даҳони Салими даступобастаро ҳам бастанд, ки дигар ӯ фарьёд карда натавонист. Пас аз ду дақиқа Салим дуртар аз осиё ба як дарахт баста шуд. Пас аз он якбора аз панҷ винтовка тир холӣ гардид.

Синаи Салим Соҳибназарзода парча-парча шуда буд...

## VI. ҒАЛАБАИ ҚАТЪӢ

Салим Соҳибназарзода кушта шуд. Аммо хуни ӯ ҳадар нарафт. Фардои он рӯз, вақте ки батракон аз кушта шудани Салим хабардор шуданд, аз як тараф, дар пайи ниқоргирӣ аз кушандагонӣ он ва умуман дар пайи душманони синфӣ афтода бошанд, аз тарафи дигар, дар пайи ташкил кардани колхоз афтоданд. Ташкили колхоз барои душманони синфӣ сахттарини ҷавобҳо буд. Батракон инро фаҳмиданд ва барои ташкили колхоз зудтар ҳаракат карданд.

Дар натиҷа дар соли 1929 дар қишлоқи Соктаре 3 артели майдаи хоҷагии қишлоқ ташкил ёфт. Ҳамаи деҳқонони миёнаҳоли ин қишлоқ ҳам дар зери роҳбарии батракон ба ин артельҳо гирд омаданд. Чунки онҳо фоидаи трактор ва самараи кори якҷояи батраконро дар таҷрибаи онҳо дар замини нав кушодашудаи дарьёбод ба чашми худ дида буданд. Бинобар ин дар ташкили колхоз дар ин қишлоқ ҷанҷолҳое, ки дар қишлоқҳои дигар дар ин бора рӯй дода буд, набаромад. Комьёбиҳои батракон ва хуни Салим ҳамаи ҷанҷолҳои шуданиро хомӯш карда буд.

Артельҳо ташкил ёфт, ҳайвонҳои корӣ якҷоя карда шуд, аз меҳнати трактор ҳам ба хубӣ фоида бурда шуд. Бо ҳамаи ин фоида ба сари хоҷагӣ тақсим меёфт. Аз ин сабаб ин артельҳо бештар ба ширкати хоҷагии қишлоқ (ТОЗ) монандӣ доштанд. Бо вуҷуди ин дар соли 1929—30—31 дар сояи меҳнати якҷояи батракон, камбағалон ва миёнаҳолон, дар натиҷаи хизмати трактор ва кушода шудани боз як қисми замини дарьёбод фоидаи ин артельҳо бад нашуд.

## VII. КОЛХОЗИ БУЗУРГ

Дар охири соли 1931 ин артельҳои майда як шуда, ба номи «Коммунизм» як колхози бузург ташкил доданд. Дар ин колхоз низомномаи артели хоҷагии қишлоқ тамоман ба амал гузошта шуда, интизоми сахти меҳнат, зарбдорӣ, мусобиқаи социалистӣ ҷорӣ карда шуд. Дар натиҷаи мубориҙаи сахти синфӣ бо танбалон, коргурезон ва боқимондаҳои кулакӣ дар охири

соли 1932 колхозчиёни колхози «Коммунизм» ба тавонгар шудан рӯ овардаид, ба ҳар рӯзи меҳнат як сӯму навад тин пул ва севу ним кило гандум расид. Ғайр аз ин колхозчиён ба қадри даркории худ аз колхоз картошка, сабзӣ, пиёз, харбуза, тарбуз гирифтаид. Зарбдорон дар як сол то сад пуд гандум ва 600 сӯм пул кор карданд.

## VIII. КОЛХОЗИ БОЛЬШЕВИКӢ ВА КОЛХОЗЧИЁНИ ТАВОНГАР

Шиори «ҳамаи колхозҳоро колхози большевикӣ ва ҳамаи колхозчиёнро тавонгаркунӣ» колхозчиёни колхози «Коммунизм»-ро ба ҳаракат овард. Дар сари ин ҳаракат зарбдорон буданд.

Зарбдорон барои колхози большевикӣ кардани колхози «Коммунизм» ва тавонгар кардани колхозчиёни он худро зарбдор эълон карданд. Онҳо гуфтанд:

— Барои тавонгар кардани колхозчиён баланд бардоштани миқдор ва сифати ҳосил лозим аст, барои ин ҳам мо бояд ҳамаи чораҳои агротехникиро ба амал дароварем. Аз ҳама душвортарини ин корҳо дар вақти худ тамом кардани кишт аст, зеро имсол бояд колхоз 137 гектар пахта корад. МТС дар кишти баҳорӣ танҳо 30 фоизи ин заминҳоро ронда доданӣ шуд. Барои дар вақти худ ба хубӣ ронда киштани бақияи ин заминҳо ҳайвоноти кории колхоз, ки иборат аз 40 сар гов ва 13 сар асп аст, кифоя намекунад, кишт аз вақташ дер мемонад, ё заминҳо бад ронда мешаванд, ҳар дуи ин ҳам ба миқдори ҳосил, ҳам ба сифати он зарар мерасонад. Мо бояд барои дар вақташ ва бо ронищи хуб тамом шудани кишт аз тавонгарии порсолаамон, ки дар сояи зарбдории хуб ба даст даровардаем, фоида барем, то ки ҳамаи колхозчиёнро ба зарбдорӣ кашида, дар соли 1933 тавонгар намоем ва ҳудамо ҳам тавонгартар шавем...

Масъала ҳал шуд, 8 нафар зарбдори наркалла аз дороии худ, ки соли гузашта аз колхоз фоида карда буданд ва аз харочоти солонаашон зиёдатӣ карда буд, ҳашт сар шутури нар гирифта ба кори кишти пахта андохтанд. Инҳо гуфтанд:

— Ин ҳашт сар шутур барои дар вақти худ адо ёфтани кишти колхоз сабаб мешавад. Пас аз кишт мо шутурони худро ба дашт фиристода фарбеҳ кунонида, боз мефурӯшем. Дар ҳолате ки ба мо ҳеҷ зарар намерасад, колхози мо боло меравад.

Кишт аз вақти муайянкардаи агроном 5 рӯз пештар тамом шуд.

Ин ҳашт нафар наркалла, ки кори онҳо дар таърихи ҳаракати колхозии Осиёи Миёна (шояд дар СССР ҳам) якӯм бор дида мешавад, киҳо буданд? Инҳо батракон, камбағалон ва миёнаҳолони собиқ буданд, ки соли 1932 дар сояи зарбдорона кор кардани худ дар колхоз аз ҳама зиёдтар фоида бурда буданд, фоидаи худро дар тӯй, дар кӯпкорӣ, дар майхӯрӣ исроф накарданд, балки он фоидаро дар роҳи ёрмандии социалистӣ сарф намуданд. Номи ин наркаллагон, ки сазоворанд бо ҳарфи зар дар таърихи ҳаракати колхозӣ навишта шаванд, ба тарзи зерин аст:

1) Наврӯз Ўрун, 2) Шараф Пӯлод, 3) Аҳмад Раҷаб, 4) Усмон Ширин, 5) Ҳамроҳ Амон, 6) Нӯъмон Ҳодӣ, 7) Шариф Раҷаб, 8) Рашид Самеъ.

## IX. ПАС АЗ 20 СОЛ

Маро, ки 20 сол боз ҷои зоидашудаи худро надида будам, дар моҳи августи соли 1933 шӯҳрати пешрафти колхозҳои райони Ғиҷдувон умуман, боло рафтани колхози «Коммунизм»-и қишлоқи худамон хусусан, ба он тараф кашид. Ман ба қишлоқ рафтам. Аммо ин қишлоқ на он қишлоқ буд, ки ман дар он ҷо зоида шуда, айёми хурдсолии худро дар он ҷо гузаронида будам. Қишлоқ гӯё тамоман аз сари нав сохта шуда буд: хонаҳои тирезадори печьнок, ҳавлиҳои боғчадори хушҳаво. Дар як тарафи қишлоқ мактаби нав сохта шуда, бо боғчаи худ онро зинат медод, дар миёнаҷои қишлоқ клуб, қироатхона, чойхонаи сурх ва идораи колхоз ҷилва менамуд.

Мардуми ин қишлоқ ҳам дигар шуда буданд. Дуруст аст, ки ман бештарини мардуми ин ҷоро мешинохтам, калонсолҳояшонро шахсан мешинохтам, ҷавононашонро бо номи падарашон мешинохтам. Аммо

на ин калонсолон онҳое буданд, ки ман пештар дида будам ва на ин ҷавонони ҷунон менамуданд, ки аз падарони шиносҳои ман рӯнда бошанд. Инҳо мардумоне буданд, ки дар сурати миллӣ сирати социалистиро пайдо карда буданд. Бештарин саводнок буданд, газета ва китоб мехонданд, аз ғайри ташвиқоти касе ба чораҳои агрономӣ, ба нишондодҳои органҳои раҳбарӣ пай мебурданд. Ҳамаи инҳо монанди як агротехник татбиқ намудани чораҳои агрономиро медонистанд.

Дар инҳо хушьёрии синфӣ пурра буд, бо танбалон, бо боқимондаҳои кулакӣ, бо таъсири мафкураҳои душманони синфӣ сахт мубориза мебурданд.

Инҳо дар вақти дамгирӣ, дар чойхонаи сурх, дар сари дастархони дӯстона танҳо аз пахта, танҳо аз чӣ гуна боло бардоштани ҳосили пахта, танҳо аз тарзи кишти табдилӣ, танҳо аз корфармоии машина — трактор, танҳо аз поруи маъданӣ, танҳо аз чӣ гуна ҷамъ кардани поруи маҳаллӣ гап мезаданд...

Дар моҳи август кори каландкунии пахта тамом шуда, ғӯзапояҳо ба кӯрак бастан даромада буданд. Ин колхозчиён аз ин фурсат, ки то вақти чинак тахминан як моҳ муддат буд, истифода карда, дар кандани ҷӯйҳо, дар омехтани поруҳои маҳаллӣ бо хоки ҷӯйҳо машғул буданд, ки ин тайёрӣ барои кишти соли 1934 буд.

Ҳайвонҳои корӣ — аспон ва говони инҳо ҳам монанди он аспон ва говон набуданд, ки ман бист сол аз ин пеш дида будам. Дар он замон ба ғайр аз аспи кӯпкорӣ, ки он ҳам моли козиёдагон ва мутаваллиён буд, дигар аспҳоро баста парво кардан ҳеч расм набуд, говонро бошад ҳаргиз баста парво намекарданд. Аммо дар колхози «Коммунизм» барои тайёр кардан говонро ба шудгори тирамоҳӣ ва аспонро ба пахтакашонии зимистонӣ дар моҳи август баста парво мекарданд. Говон аз фарбеҳӣ монанди шутур кӯҳондор шуда буданд, сағрии аспон ҳам бо шикамашон ҳамрӯй шуда буд.

Ман як бори дигар болои тал (мазор) баромада, ба атроф назар андохтам. Дар назаргоҳи ман заминҳои хурд-хурди хоҷагиҳои якка наменамуданд, балки

палҳои васеъ буданд, ки дар вақти заминсозӣ барои трактор корфармой мувофиқ карда сохта шуда буданд. Дар дарьёбод бошад аз чангалзорҳо, сусзорҳо асар намонда буд, ғайр аз алафи юнучка, сабзавот, ҷуворӣ ва шолӣ, ки барои кишти табдилӣ корида шуда буданд, ҳамаи заминҳо пахта кошта шуда буданд. Аммо ин пахтаҳо бо қадҳои баланд ва навдаҳои расои худ монанди буттаҳои чангалӣ киштзорро фурӯ гирифта буданд.

Ҳоло ҳам дарьё меғуррид, аммо ғурриши он бо садои трактор ҷӯр шуда ба дилҳо масаррат медод; ҳоло ҳам бод мевазид, аммо вазиши он бӯи хуши гулҳои навшукуфтаи пахтаро оварда димоғҳоро хуррам мекард.

## X. НАТИҶА

Дар натиҷа дар моҳи январи соли 1934 дар анҷумани VI Партияи Коммунистии Ӯзбекистон, вақте ки котиби масъули райкомпартияи Ғиҷдувон дар бораи пештар аз вақташ ва барзиёд бар ҷо овардани колхозҳои районн Ғиҷдувон плани худро ва дар хусуси мубориза бурдани ин район барои шиори «колхози большевикӣ кардани ҳамаи колхозҳо ва тавонгар намудани ҳамаи колхозчиён» гап мезад, ба тариқи мисол гуфт, ки: «Дар мо монанди колхози «Коммунизм»-и қишлоқшӯрои Бӯлдӣ колхозҳое, ки ба ҳар рӯзи меҳнат 9 килограмм гандум ва 7 сӯм пул гирифта бошанд, кам нестанд» («Қизил Ӯзбекистон», 14 январи соли 1934, шумораи 12).

Зарбдорони ин колхоз дар соли 1933 то 390 рӯзи меҳнат кор кардаанд, ки ҳаққи яксолаашон ба ҳар нафар аз дусад пуд зиёдтар ғалла ва аз 2700 сӯм зиёдтар пул расидааст. Ғайр аз шаш нафар танбал, касоне ки аз ҳама камтар кор кардаанд, рӯзи меҳнаташон дусад шудааст, ки ҳар кадоми инҳо аз сад пуд зиёдтар ғалла ва 1400 сӯм пули нақл гирифтаанд.

Худи колхоз бошад ба гирифтани як автомобили боркашӣ аз мукофоти ҷумҳуриятӣ комьёб шудааст.

Адади зарбдорони ин колхоз имсол ба 14 нафар расидааст, ки ҳар кадоми инҳо мехоҳанд, ки бо роҳи

муовапати социалистӣ аз пули худ як-як асп гирифта кори кишти соли 1934-ро нисбат ба соли 1933 боз ҳам пештар тамом намоянд, сифати кишт ва заминрониро аз соли гузашта хубтар кунанд, то ки ҳосилоташон зиёда шуда, ҳаққи меҳнаташон ҳам зиёдтар гардад.

Ин аст таърихи колхози «Коммунизм»-и қишлоқи Соктаре тобеи қишлоқшӯрои Бӯлдй, ки дар районн Гиждувон воқеъ аст ва намунаи муваффақиятҳои шоёни ибрати он!

Ин на достон аст, на афсона, на очерк аст, на муболаға, балки як факт аст, ки бо номҳои реал, чунон ки буд, тасвир карда шуд.

*4/III соли 1935,*
*Самарқанд*

# Чашни таърихӣ

## I[15]

Якӯм бор аст, ки ман Панҷакентро[16] мебинам, лекин таърихи ин сарзаминро як дараҷа медонам. Вақте ки ман аз Самарқанд ба нияти сайри Панҷакент ба роҳ бароmадан хостам, дилам ларзид, зеро хаёли таърихӣ ба назарам як роҳи пасту баланди пурхароси душворгузареро овард.

Аммо вақте ки ба роҳ баромада, боғоти Самарқандро пас гузоштам, он манзараи таърих монанди хоби парешон як чизи хаёлӣ шуда рафт: роҳ чун кафи даст ҳамвор, монанди хиёбонҳои шаҳрҳои калон фарох, сангфарш ва мусаффо буд.

Биноҳои мактаб, МТС, чойхонаҳои сурх, идораҳои совхоз ва колхоз, хонаҳои нави колхозчиёни стахановчӣ, дӯконҳои кооператив ва дигарҳо ҳақиқатан ҳам ин роҳи биёбонии дирӯзаро ба тарзи шаҳр гардонда буданд.

Дуруст аст, ки ин биноҳо аз якдигар дур-дур буда, дар мобайнҳошон масофаҳои холӣ, ё киштҳои пахта, тамоку ва шолӣ ҷойгир шуда буданд; аммо аз он ҷо ки ман бо автомобили сабуксайр бо тезӣ мегузаштам, он биноҳо ба назарам ба ҳам пайваста намуда, ҳақиқатан ҳам кӯчаҳои шаҳрҳои калонро ба назарам ҷилва медоданд...

Ман масофаи байни Самарқанд — Панҷакентро дар як соату чорьяк бурида, ба шаҳр даромадам...

Ман ин маркази районро шаҳр номидам, зеро ин маркази район аз шаҳрҳое, ки ман то ҳол дидаам, ҳеч мондание надорад. Ин шаҳр ҳам, чунон ки аз манзараи таърихӣ дар хаёли ман намоён мегашт, хароба ва вайрона набуд, балки кӯчаҳои фароҳи сангфарш, ҷӯйҳои чадвалини пуроби зулол, биноҳои сафеди аврупоӣ, дарахтҳои қатори якрадаи соядор — на дар хоб ва на дар хаёл — дар бедорӣ аз пеши назарам қатор шуда гузаштан гирифтанд...

Вақте ки ман аз автомобиль фуромада, пиёда кӯчаҳои ин шаҳрро тамошо кардам, як хусусияти дигар ба назарам намуд, ки ин хусусиятро дар ҳеч як шаҳри Тоҷикистон ва Осиёи Миёна надида будам. ин ҳам бошад, боғчадор будани бештарини ҳавлӣ ва идораҳояш ва бо оби равони чашмагӣ таъмин ёфтани қариб ҳамаи биноҳояш буд. Ин гуна шаҳри чашмасорро ман ҳеч надидаам...

II

Рӯзи ҳафтӯми август, соатҳои шаш буд, мо бо роҳбарони ташкилотҳои районӣ бо автомобильҳои сабуксайри тезрафтор ба роҳ даромадем. Мо ба қишлоқи Суҷина дар ҷамоати Суҷина рафтагор будем. Мо аз болои қирҳои сангрезагӣ ва талҳои хокӣ мегузаштем, тарафи дасти ростамонро боғҳои сабзу хуррам, ки бар болои талҳои баланди кӯҳмонанд буданд, зинат медоданд, аз дасти чапамон Зарафшон бо он азамат ва тезии худ мегузашт.

Зарафшонро пеш аз ин ман бисёр дидаам, манзараи онро дар Самарқанд, дар Миёнколот, дар деҳаи Соктаре, ки таваллудгоҳи ман аст, бисёр тамошо кардаам. Боре аз Ҳазораи Кармина то Соктареи Бухоро бо амад ва амадчиёни ин дарьёи шӯхшанги тезрафтор саёҳат карда, бо ҳамаи печутобаш ва бо ҳамаи гирдобҳояш шинос шудаам. Бинобар ин ман бо ин оби баркрафтор ошнои деринаам ва ин дарьёи пурбаракати дилраборо монанди як ошнои деринаи қадрдон бисьёр дӯст медорам.

Бо ҳамаи ин ман Зарафшонро бо ин манзарае, ки дар байни Панҷакент — Суҷина дидам, надидаам, ин

манзара бисёр дилрабо ва бисёр ҳам душвортасвир буд.

Мо аз тарафи дасти чапи дарё мерафтем, дар тарафи дасти рости он қаторкӯҳҳои кабудчаранги зардчахоли сурхчатоб сар ба фалак мекашид; дарё бо оби пурмавчи оинагуни худ аз камари ин кӯҳи пуршукӯҳ дар чавлон буд; канорҳои чапи дарёро шолипояҳои сабзу хуррам зинат дода ва канори росташро қаторкӯҳҳо ҳошия баста буданд; мо аз канори шолипояҳо бо роҳе, ки аз болои қир ва тал кашида шуда, аз сатҳи шолипоя хеле баландӣ дошт ва торафт боло мерафт, мерафтем.

Оби дарё монанди оинаи қаднамо, ки ба деворе такья дода бошанд, якрӯятар меистод.

Ман ғалат кардам, ки ин оби паҳноварро ба оинаи қаднамо монанд намудам: оинаи қаднамо ин қадар паҳной надорад. Агар таъбирамро хонандагон бугисанданд, ин обро «оинаи чаҳоннамо» ном ниҳам, равост. Дар ҳақиқат ҳам, дар зери тобиши офтоби фурӯрафтаистода, ки аз шарқ ба ғарб рӯи ин обро фурӯ гирифта буд, акси атрофи дарё бо ҳамаи кӯҳҳояшу кӯталҳояш, қирҳояшу талҳояш, боғҳояшу палҳояш аз таги ин оби шаффоф намоён буданд. Магар худи ҳаминҳо як чаҳон нест?

Ду канори тарафи паҳнои ин «оинаи чаҳоннамо» ба назар наменамуд, аммо канорҳои болой ва поёниашро наққошони ҳунарманди табиат ҳошия баста буданд, ҳошияи болой кабудчаранги зардчахоли сурхчатоб буд, ки инро девораи кӯҳ ба ҳам расонда буд ва ҳошияи поёнӣ сабзи якранг буд, ки инро ҳам шолипояҳо ба вучуд оварда буданд.

«Оинаи чаҳоннамо» монанди оинаҳои дигар ба чое барқарор наистода, ҳамеша дар чавлон буд, монанди комсомол ва пионерони қишлоқ, ки ба тарафи пахтазор барои кор даванд, ин ҳам барои обьёрии майдонҳои пахта шитобкорона медавид. Тезии автомобили мо, ки ба тарафи омади об нигоҳ карда мерафт, тезии табиии оби Зарафшонро дучандон карда нишон медод. Сари мо дар байни ин ду тезии зидди якдигар дар гардиш буд. Ин оинаи ачиб рост намерафт, балки гардишкунон ба қафои мо мегузашт. Мо

гумон мекардем, ки ҳамин замон ин об атрофи моро фаро мегирад, ва мо дар байни гардиш ё гирдоби об мемонем...

Ҳайфо ки ин тамошои камъёб бисьёр дароз накашид: дар фурсати поездаҳ дақиқа мошини мо ба сари пули як оби дигар омада расид. Ин оби Муғъён буд, ки аз шарқи ҷанубӣ ба шимоли ғарбӣ нигоҳ карда новаи осиёвор шӯрида ба Зарафшон мерехт. Ин оби тези чуқур чунон соф ва шаффоф буд, ки қайроқсангҳои зераш монанди моҳиҳои рӯи об ба назар равшан менамуд.

Мошини мо бо тезии оби зери пул аз рӯи пул гузашта, ба тарафи дасти чап гардиш карда, дар пеши сарҳавзи соядоре истод. Дастаи мусиқии миллӣ, ки дар як шаҳсуфаи ин сарҳавз саф баста истода буд, бо ҳавои дилнавози худ моро пешвоз гирифт.

Ин сарҳавз, ки дар як тарафи он мактаб бо чойхонаи сурх бино ёфта буд, аз они колхози «Янги деҳқон» буд. Ин колхоз яке аз беҳтарин колхозҳои райони Панҷакент буда, дар ҷамоати Сучина, дар қишлоқи Сучина барпо шуда буд.

Имрӯз дар ин ҷо ҷашни актсупорӣ барпо мешуд. Ин акт васиқаи давлатӣ буд, ки заминҳои маълумсарҳадро ба ин колхоз барои фоида бурдани абадӣ— доимӣ мустаҳкам карда медод.

Колхози «Янги деҳқон» ҳақ дошт, ки ин васиқаи таърихиро бо ин ҷашни таърихӣ аз ҳама колхозҳои райони Панҷакент пештар ба даст дарорад, зеро ин колхоз аз ҳамаи колхозҳои ин район пештар плани худро баҷо оварда буд.

III

Колхозчиён моро ба як шаҳсуфа, ки бар рӯи он қолини сурх густурда, аз болояш кӯрпачаи қуроқи пахи карда буданд, чой доданд. Кӯрпачаи қуроқи чизе буд, ки ба назари диққати бинанда меҳнатдӯс-



Намунаи дастнависи муаллиф
аз «Ҷашни таърихӣ»

тии Эвони ин тарафро нишон медод. Бачора зан порчаҳои ёекунча ва гирдаро, ки ҳар кадомашон аз як тӯмор ва ё як панчтинй зиёда пахной надоштанд, нури чашм рехта дастӣ бо ҳам дӯхта, кӯрпачаи хушсурати дарозеро ба вучуд оварда буд.

Се тараф ва болои сари моро дарахтони сада ва беди сершохи зумурраднбарг фаро гирифта буданд ва аз як тарафамон дарьёи Мугьён бо ғурриши шермонанди худ мешорид.

Мусиқа менавохт, хонандагон суруд мегуфтанд, раққосон мерақсиданд, колхозчиён барои тайёр кардани ин чашни таърихӣ поҳошонро ба замин нарасонда ба ҳар тараф медавиданд, оби Мугьён мавчзанон мегуррид, ман чашму гӯши худро ба мавчу ғурриши об дӯхта будам.

Офтоб дар фурӯ рафтан буд, заррахои зарринн охиринаш гӯё аз қуллаҳои кӯх канда ба оби дарьё афтода ғарқ мешуданд, сояҳои кӯхсори гирду пеш монанди абри сиёҳи ғафс аз чор тараф ба тарафи мо наздик меомаданд, аммо ин сояҳо бо ин ҳама сиёҳу торикиашон монанди абри сиёҳи баҳорон фараҳангез ва шодиовар буданд. Мусиқа менавохт, хонандагон суруд мегуфтанд, раққосон мерақсиданд, колхозчиён медавиданд, об мавч зада мегуррид ва ман чашму гӯшамро аз мавч ва ғурриши об наканда тамошо мекардам.

Дар як тараф кабоби гӯсфандӣ дар бирьён шудан буда, бӯи хуши иштиҳоовари худро ба димоғҳо мешамонд; дар тарафи дигар деги калони палав дар чӯш буда, бо частухези бикир-бикиркунонаи худ ба рақсу хониши дастаи мусиқӣ ҳамроҳӣ мекард; чойникҳои чои кабуд каъби худро ба замин нагузошта дар рафтуомад буданд; пиёлаҳои яшмини санчидгул даст ба даст мегардиданд; мусиқӣ менавохт, хонандагон суруд мегуфтанд, раққосон мерақсиданд, дарьё мавч зада мегуррид ва ман чашму гӯши худро аз мавч ва ғурриши об намеканда̄м.

Офтоб тамоман фурӯ рафт, сояҳои ғафси кӯҳсор чун пардаҳои шаби тор давру пеши моро фаро гирифт, ман madҳушона ба хаёлот фурӯ рафтам, аммо

бо нури лампаи чилӯм, ки аз шохи дарахт ба болои сарамон овехта буданд, якбора хушьёр шудам ва дидам, ки акти давлатии абадӣ — ҳамеша фоида бурдан аз замин ба пешам хобидааст. Ин он акт буд, ки дар ҳамин маҷлиси барпо шудаистода ба колхози «Янги деҳқон» дода мешуд.

Ман он актро ба дастам гирифта, дар зери нури лампа аз назар гузарондам. Акт бо навиштаҳои зарин ва бо тамғаи давлатии бо оби тилло пахш кардашудааш бо як азамат ва шукӯҳи ҳаяҷоновари назаррабо ҷилва мекард.

Акнун бар шохҳои ҳамаи дарахтони сарҳавз лампаҳои чилӯми овезаро овехта буданд; сарҳавз монанди рӯз равшан шуда буд; шохҳои дарахтони соҳибазамат монанди як шомиёнаи сабз ба болои сари нишинандагон кашидашуда менамуданд. Ҳар қадар ки сарҳавз равшантар мегардид, тобиши навишта ва тамғаи зарини акт ҳам ҳамон қадар назарработар мешуд.

IV

Мусиқа менавохт, хонандагон суруд мегуфтанд, раққосон мераксиданд, дарьё меғуррид ва боз беихтиёр рӯи ман ба тарафи дарьё баргашт.

Ин дафъа ғурриш ва ҷӯшиши дарьё аз пештарааш пуршӯртар ва синахароштар буд, дар оромии шабонаи кӯҳсор рафтори шабонаи дарьё озодона овози худро баланд мекард ва садои ғуррриши он торафт баландтар мешуд. Торикии шабонаи кӯҳсор ҳам тарафи дарьёро харосовартар карда буд. Акнун мавҷи дарьё дар зери нури ситораҳо, ки дар он оби оинагун партав меафканд, гоҳ-гоҳ чун хаёли кобусе менамуд...

Ин торикии кӯҳсори ҳазоронсола бо дарьёи пуршӯри бисьёр умрдидааш хаёли маро ба тарафи таърихи сиёҳ ва торики гузашта кашола карда бурд.

Таърихи ин об ва кӯҳсорро кӣ медонад? Эҳтимол чандин даҳ ҳазор солҳо боз ин об бо ин ғурриши худ

аз байни ин кӯҳсори сангпайкари халалнопазири кӯҳансол дар ҷараён бошад...

Оре, таърихи ин об ва ин кӯҳсор нопайдоканор аст, аммо таърихи бошандагони ин сарзамин қисман — ин ҳам қисми гузаштаи наздикаш — як дараҷа ба мо маълум аст.

Мо медонем, ки тахминан дусад сол пештар аз замони мо — дар солҳои 1720—1730 феодалҳои Бухоро, Қаршӣ, Шаҳри Сабз ва Самарқанд бо ҳам ҷангиданд. Аз як тараф феодалҳои Бухоро ва Қаршӣ, аз тарафи дигар феодалҳои Шаҳри Сабз ва Самарқанд.

Феодалҳои Шаҳри Сабз ва Самарқанд қазоқ ва қирғизони биёбониро ҳам ба ёрии худ чеғ зада оварда, онҳоро ҳам ба ин ҷанги хонасӯз ҳамроҳ кунониданд.

Хун рехт, боғҳо ва киштзорҳо хароб гардид, банди Работхӯҷа вайрон шуд, Самарқанд тамоман хушкид, хушкаҳои боғ ва киштзорҳоро ҳам қазоқу қирғизон ба галаву рамаҳои худ хӯрониданд. Қаҳтии сахт рӯй дод, аз паси он вабо, ки бародарзодаи қаҳтӣ аст, даррасид. Бозори одамкушӣ ва одаммурӣ гарм гашт. Қазоқон бо ҳайвоноти худ аз ин биёбони беобу алаф — аз Самарқанд ба биёбони худашон — ба канорҳои дарёи Сир баргаштанд. Ҳайвоноти маҳаллӣ бошад дар қатори соҳибони худ тамоман талаф гардида буданд...

Дар натиҷаи ин ҷанги ҳафтсола дар Самарқанд ва атрофи он то сию панҷ сол ҷонзоде набуд. Самарқанд бо ин ҳама биноҳои таърихии худ ранги ваҳшатсароеро гирифта буд. Агар касе он вақтҳо ба Самарқанд омада, ба болои яке аз манораҳояш баромада садо медод, ба ғайр аз гунбазҳои биноҳои холӣ ва фасурдааш ҷонзоде набуд, ки ба ӯ ҷавоб диҳад. Гунбазҳо ҳам акси садои худи фарьёдкунандаро ба худаш баргашта медоданд.

Онҳое ҳам, ки аз он қатлу тороҷу қаҳтӣ ҷон бо саломат бурда буданд, худро ба тарафи кӯҳсори Панҷакент кашида, бо мардуми аслии ин ҷо ҳамроҳ

шуда, замини корами ин чоро боз ҳам тангтар карда буданд.

Аммо мегӯянд, ки «як мавизро чил кас хӯрдааст», камбағалон метавонанд, ки бо ҳам созиш кунанд. Чунончи, мегӯянд: «Чил дарвеш метавонад дар як порча палос чойгир шавад, аммо рӯи дунъё барои ду подшоҳ тангӣ мекунад». Деҳқонони камбағали маҳаллӣ деҳқонони гурезаи торочдидаро бо гармӣ қабул карданд ва замини корами ин чоро бо ҳам диданӣ шуданд. Дар ҳамон вакт ҳам дарьёи Муғьён мегуррид ва дарьёи Зарафшон мечӯшид ва кӯҳсорҳои ин давру пеш бо ҳамин виқору азамати худ барқарор буданд...

* * *

Аммо «ба як мавиз қаноат кардани чил дарвеш, дар як порчапалос ором гирифтани камбағалон», яъне ба заминҳои корами Панҷакент қаноат карда осуда зиндагонӣ кардани гурезагони Самарқанд ва камбағалони маҳаллии Панҷакент бисьёр дер накашид. Таърихи бераҳм бар сари ин мардум боз балои дигареро овард.

Ин бало балои Раҳимхони манғит[17] буд.

Раҳимхони манғит хокистарҳои аз сӯхтори Абулфайзхон[18] мондар оба як ҷо ғун кард, Абулфайзхон ва боқимондагони ӯро бо ҷамъе аз фуқаро кушта, бо хуни онҳо хокистарҳоро лой карда, ба худ дар Бухоро қасри наве бино намуд ва дар он қаср «Меҳмонхонаи Раҳимхонӣ»-ро андохта, бар сари ҳукумат нишаст.

Барои ин ҷавони моҷароҷӯи хунрез ҷои қатлу тороҷ кардашуданӣ кам монда буд. Як порча замини корам, ки аз атрофи Бухоро ва Қаршӣ бо деҳқонони гуруснаи он сарзамин ба дасти Раҳимхон даромада буд, чашми гуруснаи ӯ ва навкарони ӯро сер намекард. Дар Самарқанд бошад чизе намонда буд, ки Раҳимхон тороҷ кунад. Бинобар ин Раҳимхон дар фикри тороҷ кардани Панҷакент ва Ёрӣ афтод.

Аммо барои лашкаркашӣ ба тарафи Панҷакент дар Самарқанд ғалла ва алаф набуд. Бинобар ин

Раҳимхон деҳқонони атрофи Бухоро ва Қарширо то як каф ҷав, як каллапуш гандум ва як банд бедаашон боз як бори дигар тороҷ кард. Ин ғаллаҳо ва ҷаву бедаҳоро ба Самарқанд кашонда, дар мадрасаҳои холимонда анбор намуд ва ба ин захираи тороҷӣ такья карда, ба тарафи Панҷакент ва Ёрӣ лашкари беамони худро кашид.

Ин воқеа дар солҳои 1755—1756 буд. Дар Панҷакент ва Ёрӣ санг бар болои санг нагузошта биноҳоро вайрон кард, мардумро кушт, рамаҳоро ронд. Як қисми мардумро ҳам ба чӯлҳои Бухоро ва Қаршӣ кӯчонид. Дар Ёрӣ ва Панҷакент аз навкарони худ илгар[19] гузошта, заминҳои кохамро ба дасти саркардагони худ супурд. Деҳқонони аз кушокушӣ ва бадарға зиндамондаи ин ҷониб «ғуломи бедирам харидаи» Раҳимхон ва саркардагони ӯ шуда монданд. Замин тамоман аз дасташон рафта буд...

Оби Муғьён мегуррид, торикии шабона, сиёҳии ғафси кӯҳсор бо ёдоварии ин таърихи сиёҳ маро дар як баҳри сиёҳи торик ғарқ карда буд. Ҷунбиши ин баҳри сиёҳ маро аз он таърихи сиёҳи нисбатан дуртар ба рӯзҳои сиёҳи қадре наздиктар овард. Ин рӯзҳои ба Туркистон омадани колонизаторҳои подшоҳӣ буд. Дар он рӯзҳо Панҷакент, Ёрӣ ва кӯҳистони ин ҷонибро як пристав ва як нафар тогбегӣ[20] идора мекард.

Мили таппончаи пристав бар синаи деҳқонони камбағали ин сарзамин ҳамеша рост буда, муҳайёи тирпарронӣ буд. Агар касе ба пристав таъзим накунад, қурбони ин тири беамон мегардид. Шамшер ва тозиёнаи тоғбегӣ бар сари онҳо бозӣ мекард. Волостнойҳои маҳаллӣ касоне буданд, ки деҳқонони «саркаш»-ро баста, барои куштан ва тороҷ кардан ба дасти пристав ва тоғбегӣ месупурданд.

Заминдорони калони маҳаллӣ ҳам деҳқонони камбағал ва чорьяккорро то метавонистанд эксплоатация карда, қисме аз «ғанимат»-хошонро ба колонизаторҳо медоданд. Деҳқонони камбағал ба замин соҳиб набуданд, инҳо на танҳо ба замин соҳиб набуданд, барои сарпаноҳ ҷое ҳам надоштанд. Инҳо

ҳақиқатан дар ватани худ ғариб, дар хонаи худ бегона буданд...

Ман чашми худро ба тарафи торикии шаб — ба тарафи дарьё ва кӯҳсори сар ба фалак кашида дӯхта ҳамин гуна саҳифаҳои сиёҳи таърихро аз хаёл мегузарондам, ки касе:

— Зинда бод ба таври доимӣ ба замин соҳиб шудани колхози «Янги деҳқон!» — гуфта фиристод.

Ин садои суруровар маро аз баҳри сиёҳи таърих ба соҳили фактҳои имрӯза бозовард. Чашми худро кушода дидам, ки акти замин бо навишта ва тамғаи зарринии худ дар зери лампаи чилӯм тофта, факти ба фоида бурдан аз замин абадӣ — доимӣ соҳиб шудани деҳқонони камбағали дирӯзаро ба назари ман чилвагар гардонид...

## V

Қолхозчиёни колхози «Янги деҳқон»-ро ман деҳқонони камбағали дирӯза номидам, зеро имрӯз инҳо камбағал набуданд, имрӯз инҳо як ҳазору чанд гектар заминро барои фоида бурдани абадӣ—доимӣ бо акти давлатӣ ба даст медароварданд, инҳо имрӯз фермаҳои говдорӣ, гӯсфанддорӣ ва паррандадориро соҳиб буданд. Ғайр аз ин ҳар кадоми инҳо ба рӯйдаричаҳои ҷудогона, ба хонаҳои ҷудогона, ба говҳо ва гӯсфандҳои ҷудогона соҳиб буданд.

Инҳо осуда ва сер буданд; осуда ва сер будани инҳо аз пӯшокашон ҳам маълум буд. Ҷавонони инҳо имшаб, ки шаби чашни таърихӣ аст, ҷомаҳои кориашонро партофта, ҷомаҳои беқасаби навашонро пӯшида омада буданд. Миёнҳои инҳо бо миёнбандҳои шоҳии шилшила ва гардихазинадор аз рӯи бастагӣ буд. Ба сарашон каллапӯшҳои чоргули нав аз қолиб баромадаро нимшикан монда буданд. Инҳо имшаб монанди бойбачагони пештара шинухез мекарданд.

Пирсолони колхозчӣ ҳам ҷомаҳои тагу боло пӯшида, салла баста, чунон ки аз тӯйхона баромада ба намози ҷумъа мерафта бошанд, монанди «одамша-

вандагони» замони пештара дандонашонро кофта-кофта бовиқорона қадам партофта меомаданд.

— Инҳо чаро дандонашонро кофта меоянд? Ҳанӯз-ку оши тӯйро нахӯрдаанд? — ман бо тааҷҷуб аз як колхозчӣ, ки ба пеши мо чой мегузошт, пурсидам.

— Имрӯз ҷумъа аст, рӯзи бозор аст,— гуфт он колхозчӣ,— инҳо палави бегоҳибозориашонро хӯрда, шикамашонро сер карда омада истодаанд, бинобар ин аст, ки ба маҷлис дер ҷамъ мешаванд.

— Пас ин қадар палаву кабобро, ки дар ин ҷо тайёр карда истодаетон, кӣ мехӯрад?— гуфта ман пурсидам.

Колхозчии чойгузор як табассуми маънидоре карда ҷавоб дод:

— Он рӯзҳоеро, ки деҳқонон ба оши тӯй чашм дӯхта, рӯз чизе нахӯрда, рӯдаҳошонро тоб дода мегаштанд, оби дарьёи Муғьён дар қатори сангрезаҳои худ гелонда бурд. Он вақтҳо чизе ҳам надоштанд, ки бихӯранд. Акнун ки дар хонаи худ оши палави тозабуғашон тайёр мешавад, чаро онро нахӯрда, ба оши тӯй чашм дӯхта гурусна нишинанд?..

Ин ҷавоби он колхозчӣ боз як порча аз таърихи сиёҳи гузаштаро ба хотири ман овард. Дар он замонҳо агар ягон бой тӯй кунад, «калоншавандагон» аз вақти муайяни хабар кардашудаашон як соат дертар бовиқорона омада, аввали ошро хӯрда, боз дандонҳояшонро кофта-кофта, оҳиста-оҳиста қадам партофта мерафтанд.

Аммо деҳқонони камбағали гурусна, ки хусусан баъд аз шунидани номи тӯй иштиҳояшон боз ҳам гиротар мегардид, ба тӯйхона аз ҳама пештар омада, ба деги ош чашм дӯхта менишастанд, вақте ки «одамшавандагон» ошро хӯрда рафтанд, монанди мурғон, ки ба нонрезаи аз дастурхон афшондашуда часпанд, ба оши сарқут дарафтода, ба зӯр шиками худро шушбанд мекарданд.

Акнун шикам ва чашми колхозчиён, ки деҳқонони камбағали гуруснаи пештараанд, сер шуда буд, акнун ҳатто оши колхози худашонро ҳам назарашон намегирифт...

## VI

Мусиқа менавохт, хонандагон суруд мегуфтанд, раққосон мерақсиданд; акнун моҳи бистрӯза аз сари кӯҳ намоён шуда буд, акнун ба рӯи оби оинамонанд партави моҳ паҳн шуда, он торикии ҳаросангезро парокanda карда фиристода буд. Манзараи кӯҳсор бо оби ғуррищдор, ки аз партави моҳи ширвор мавҷ мезад, дилработар гардида буд; акнун хаёлҳои таърихӣ аз назари ман монанди торикии шаб ба дурҳо рафта буданд.

Мусиқа менавохт, хонандагон суруд мегуфтанд, раққосон мерақсиданд ва ман бовиқорона чой нӯшида нишастани колхозчиёни шикамсерро тамошо мекардам...

Соат ба даҳ наздик расида буд, аммо ҳанӯз маҷлиси расмӣ кушода нашудааст. Лекин колхозчиён баъд аз ду-се пиёла чой нӯшида таскин додани ташнагии биринҷи обдӯст, ки аз хонаашон хӯрда омада буданд, кушода шудани маҷлиси расмиро мунтазир шуда наистоданд, онҳо як-як, ду-ду худро ба маъракаи рақс андохтанд.

Чапакзании колхозчиён ба ҳавои мусиқӣ ҳамроҳ шуд, ғулғулаи «зинда бод!..» ғурриши оби дарьёи Муғьёнро пахш кард. Акнун ба гӯши ман садои ғурридани об намедаромад. Ғулғулаи колхозчиён ба фалак мерасид. Акси садои ин ғулғула аз кӯҳсори гирду пеш баромада, ҷӯшу хурӯшро дучандон мекард...

Акнун ғурриши об гӯё дар миён набуд. Танҳо садои шодиёнаи пурҷӯшу хурӯши колхозчиён дар кӯҳсори Зарафшон ва Муғьён ҳукмфармо буд...

Колхозчиён аввал ду-ду, баъд чор-чор ба рақс даромаданд. Рафта-рафта кор ба ҷое анҷомид, ки нимаи аҳли маҷлис мерақсид ва нимаи дигараш ҳам мувофиқи зарби мусиқӣ чапак мезад. Гӯё ки инҳоро чои кабуд маст карда бошад, мастона наъраҳо мекашиданд.

Не, инҳоро чои кабуд маст накарда буд, чой ҳеҷ гоҳ касеро маст накардааст. Арақ ҳам одамро

ин гуна масти хушьёрхаракат намекунад. Инҳо масти шароби комьёбиҳои колхозӣ буданд, аммо чунон масте ки аз комьёбиҳои худ саргаранг нагардидаанд. Ин ҳолати онҳо аз ваъдаҳое ки дар бораи дар оянда боз ҳам мустаҳкамтар кардани колхоз ва осудаҳолтар кардани колхозчиён медоданд, ҳувайдо буд...

Атрофи сарҳавз, шаҳсуфаҳо, чойхона то бомҳои мактаб ва айвон аз зану марди колхозчиён пур шуд. Зеро ба ин маҷлис ғайр аз колхозчиёни колхози «Янги деҳқон» колхозчиёни дигари колхозҳои ҷамоаи Сучина ҳам меҳмон шуда буданд. Барои навомадагон ҷои нишаст ёфтан душвор буд. Аммо дар миён бачагон наменамуданд.

— Бачагони ин қишлоқ куҷо рафтаанд?— гуфта пурсидам ман аз як колхозчӣ.

— Ба болои саратон нигоҳ кунед,— гуфт он колхозчӣ дар ҷавоб.

Ман ба боло чашм андохтам, ки ҳамаи дарахтон аз бача пур буданд. Гӯё ки дарахтони сада ва бед бача бор оварда бошанд, шохҳои онҳо аз вазни бачагони ба худашон часпидаистода ба тарафи замин ҳам хӯрда буданд...

Оқибат маҷлиси расмӣ кушода шуд, он соати масъуд, ки колхозчиёни колхози «Янги деҳқон» барои абадӣ—доимӣ фоида бурдан аз замин ба акти давлатӣ соҳиб мешуданд, даррасид.

Раиси комиҷроияи район бо як нутқи кӯтоҳи маънидоре акти давлатиро ба дасти раиси колхоз супурд. Раиси колхоз ҳам бо нутқи кӯтоҳе, ки онд ба ваъдаҳои боз ҳам мустаҳкамтар кардани колхоз буд, актро қабул кард. Котиби комитети партиявии районӣ бо як нутқи мухтасаре тарафи сиёсии актсупориро шарҳ дод.

Баъд аз маҷлис концерти расмӣ cap шуд ва баъд аз концерт зиёфат дода шуд...

Вақте ки мо ба манзил баргашта омадем, аз нимаи шаб се соат гузашта буд. Рафиқон либосашонро кашида-накашида ба хоб рафтанд. Ман ҳам либоси худро кашида ба ҷои хоб ёзидам...

Аммо маро хоб намебурд. Ман таассуроти худро дар фикри худ мисли як очерк тасвир мекардам...

Ҳамин ки рӯз равшан шуда, қалам задан мумкин гардид, ба навиштани ин очерк даромадам...

*12 августи с. 1936,*
*Самарқанд.*

# Тирози ҷаҳон

## I

Ленинободи имрӯза (Хуҷанди пештара) дар қисми шимолии Тоҷикистон яке аз ободтарини шаҳр ва районҳо аст[8]. Ин шаҳр дар сарҳадди Мовароуннаҳри кӯҳна, дар домани Фарғона, дар канори дарьёи Сир (Сайҳун) воқеъ аст. Дар замонҳои қадим роҳи савдои Хитой ва мамлакатҳои Эрон ва Аврупо аз болои ин шаҳр буд. Дар ҷануби шарқии ин шаҳр қаторкӯҳҳои сероб ҳастанд, ки сои Хуҷанд аз он ҷо шорида, шаҳр ва районро аз об таъмин мекунад. Як тарафи ин шаҳрро Сирдарьё ба шакли моҳи нав печонда гирифтааст, ки ин ҳам ба ҳусни табиии ин ҷо яке бэрчанд афзудааст. Дар канори рости дарьёи Сир кӯҳҳои пурмаъдани Қаромазор, Консой воқеъ аст. Аз он ҷойҳо қалъагӣ, руҳ, маргимуш ва дигар маъданҳои пурқимат ва рангҳои камьёб мебароянд.

Ана ҳамин вазъияти табиӣ дар замонҳои қадим ҳам Хуҷандро яке аз ободтарин ва пурсарваттарини шаҳрҳои Осиёи Миёна гардонда буд. Бинобар ин аст, ки ҷуғрофия ва таърихнависони қадим ин шаҳрро «арӯси дуньё» ё ин ки «тирози ҷаҳон» номидаанд, ки зинат ва ороиши ҷаҳон гуфтан аст.

Лекин ин вазъият дар замони пештара ҳар чи қадар ки ба ободу ва серсарват шудани ин шаҳр сабаб шуда бошад, ҳамон қадар ҳам ба хароб шудан, ба

тороч ёфтан, ба зулму бедод кашидани аҳолиаш сабаб гардида буд:

Феодалҳои маҳаллӣ ҳеҷ вақт намехостанд, ки ин хонаи пурнеъмати «худашон» ва аҳолии меҳнатдӯсти онро ба дасти бегонагон супоранд ва нони дар даҳони худашон бударо ба дасти каси дигар диҳанд. Аммо феодалҳои ҳамсоя ва истилогарони аз дурдаст омада ҳамеша чанголи хунини худашонро ба сари ин «оши тайёр» мезаданд. Хусусан муҳоҷирони олтоӣ ва муғулистонӣ, ки ба тарафҳои Эрон ва Мовароуннаҳр ҳиҷратҳои ҳарбӣ мекарданд, барои онҳо ин шаҳр ба ҷон хӯроки сариροҳӣ мегузашт.

Чунон ки ин шаҳр дар зери суми чорпоёни муҳоҷирони шаркӣ поймол мегардид, истилогарони ғарбӣ ҳам ин ҷоро аз назар дур намедоштанд. Искандари Македонӣ, ки Мовароуннаҳрро ишғол кард, дар лаби дарьёи Сир як қалъа андохт. Табиӣ, ҳамин Хуҷанди пештара буд, ки аскарони қалъадори Искандарро бо нону гӯшту ҷаву мева сер мекард.

Ҳамин ҷангу ҷидолҳои бепоён, ташвишҳои болои ҳам ва машаққатҳои пай дар пай буд, ки мардуми ин ҷоро сахтҷон, меҳнатдӯст ва қаҳрамон гардонида буд.

Лашкари муғул ва тотори Чингизхон барои истило кардани тамоми Осиёи Миёна, Эрон, Афғонистон он ташвишеро накашидааст, ки барои ба даст даровардани Хуҷанд кашида буд.

Чингизхон дар вақти истилои Мовароуннаҳр қисми бузурги аскари худро дар зери дасти худ ба тарафи Бухоро кашида, панҷ ҳазор саворро дар зери дасти яке аз сардоронаш ба болои Хуҷанд фиристод.

Дар он вақт ҳокими Хуҷанд Темурмалик ном хуҷандӣ буд, ки ӯ ба султон Муҳаммади Хоразмшоҳ табаият дошт.

Темурмалик чун аз омад-омади лашкари Чингиз хабардор шуд, аҳолиро бо амволашон дар қалъаи мустаҳкаме ҷой дод, худ бо ҷавонони ҷангӣ дар миёнаи дарьёи Сир, дар ҷазирае ки дар он ҷо қалъаи сахте сохта буд, ҷойгир шуда, аз он ҷо ба мудофиа тайёрӣ дид.

Темурмалик дар қатори асбоби мудофиа 12 адад киштии ҷангӣ сохта, болои онҳоро бо намадҳо пӯшонда, рӯи намадҳоро бо лой андовид ва аз ҳар тарафи киштиҳо барои тирандозӣ даричаҳо гузошт.

Вақте ки лашкари Чингиз ба лаби об расид, Темурмалик ҷавонони ҷангиро дар 6 киштӣ, ки метавон онҳоро модари киштиҳои зиреҳпӯши имрӯза шумурд, ҷой дода, ба мудофиа бархост.

Ҷавонони ҷангӣ ягона силоҳи дурзани он замон, ки тири хадангдори камонӣ буд, аз даричаҳо ба тарафи душман меандохтанд ва тирҳошонро хато нахӯронда душманро мезаданд. Аммо тири душман ба киштиҳои намадпӯши бо лой андовидашуда ҳеҷ коре намекард ва инчунин нафтандозии муғулон, ки яке аз олатҳои ҷангии он замон буд (ба ҷои бомбаи сӯзонандаи имрӯза), киштиҳои намадпӯши лойандовидаро даргиронда наметавонист.

Ҳар гоҳ ки ҷавонони киштинишин монда мешуданд ва киштиҳо ҳам таъмирталаб мегардиданд, Темурмалик ин 6 киштиро дар пеши қалъаи даруниобии худ барои истироҳат ва таъмир мегузошт ва ба ҷои инҳо 6 киштии дигари дам гирифтаистодаашро мефиристод.

Темурмалик ба ҷангҳои рӯзона қаноат накарда, шабҳо бо киштиҳои худ дарьёгардӣ намуда, аз ҷойҳои муносиб ба хушкӣ аскар фуроварда, ба душман шабохунҳои ҷонгусил мезад.

Одати чингизиён он буд, ки ҳар вилоят ва шаҳреро ки фатҳ мекарданд, ҷавонони пурқувват ва ҳунарманди он ҷоро аз қатли ом нигоҳ дошта, онҳоро ба номи ҳашарӣ ба ҷангҳои нав мерониданд.

Чун кори фатҳи Хуҷанд дер кашид, муғулон саворони худро аз 5 ҳазор ба 20 ҳазор расониданд ва аз пиёдагони ҳашарӣ ҳам 50 ҳазор нафар оварданд.

Ҷавонони ҳашарӣ дар зери шамшери саворони муғул аз кӯҳ санг мекашониданд ва муғулон ин сангҳоро ба об рехта, ба тарафи қалъаи даруниобии Темурмалик роҳ дуруст мекарданд.

Оқибат хуҷандиён мағлуб шуданд ва Темурмалик ба гурехтан маҷбур гардид...

Темурмалик дар вақти гурез ҳам бо киштиҳои худ ба рафти об нигоҳ карда мегурехт ва муғулон лаб-лаби об ӯро дунболагирӣ карда мерафтанд ва ҳар гоҳ ки онҳо ба Темурмалик наздиқ мерасиданд, тирҳои ӯ онҳоро ба дур шудан маҷбур мекарданд...

Чун муғулон аз ин дунболагирӣ ҳеч коре баровар-да натавонистанд, дар пеши шаҳри Банокат, ки онро пеш аз Хуҷанд ба даст дароварда буданд, ба рӯи об занҷир кашиданд ва бо ҳамин хостанд, ки роҳи киш-тиҳои Темурмаликро банд кунанд. Аммо Темурмалик бо зарби шамшери бурро, тири паррон ва гурзи га-рон он занҷирҳоро аз ҳам гусихт ва барои худ роҳи гурезро кушод.

Чун Ҷӯҷӣ — писари Чингиз аз воқеаи душвории ба даст даровардани Темурмалик воқиф шуд, ба лашкариёни муғул фармон дод, ки аз дунболагирии ӯ бозистанд ва ҳар ҷо-ҳар ҷо посбонон гузошта, гузо-риши ҳолоти ӯро дидбонӣ намоянд. Бо ҳамин тадбир барои ба даст даровардани ӯ фурсати муносибро нигарон бошанд.

Муғулон фармони Ҷӯчиро ба амал оварданд. Дар натиҷа барои Темурмалик дар саҳро ва дашт ҳам роҳи гурез кушода шуд.

Чун Темурмалик роҳи хушкиро барои худ боз дид, аз об баромад ва бо биёбон роҳи Хоразмро пеш гирифт...

Муғулон дар биёбон аз паси Темурмалик расида, ба ӯ ҳуҷум карданд. Темурмалик дар ҳар бори ҳуҷу-ми муғулон аз роҳ бозистода ба онҳо масоф медод, аз ҳар ду тараф каси бисьёре кушта мегардид. Аммо дар ҳар ҳуҷум муғулон мағлуб шуда пас мемонданд ва Темурмалик ба роҳи гурези худ давом мекард...

Оқибат дар атрофи Темурмалик аз ҷавонони ҷан-гӣ касе зинда намонд ва аз муғулон ҳам танҳо се на-фар зинда монда буданд, ки онҳо ӯро дунболагирӣ мекарданд.

Дар дасти Темурмалик аз яроқ танҳо се дона тир монда буд, ки яке аз онҳо ҳам бепайкон буд. Дар ҳамин вақт яке аз он се нафар муғул ба Темурмалик наздик шуд. Темурмалик аввал он тири бепайконро дар чиллаи камон гузошта, ба тарафи он муғул ан-




Муқоваи нашри якуми «Тирози ҷаҳон»

дохт. Тир ба чашми муғул расид ва ўро кўр карда аз саф баровард.

Ду муғули дигар ба Темурмалик наздик расиданд. Темурмалик ба онҳо гуфт:

— Дар дасти ман ду дона тир мондааст, ки барои дуи шумо басанда аст. Лекин ҳам ба шумо, ҳам ба тирҳоям ҳайфам меояд. Беҳтар он аст, ки шумо аз дунболагирии ман даст кашида, роҳи саломатро пеш гиред ва тирҳои ман ҳам ба дасти худам саломат монанд.

Ин сулҳ ба муғулон салоҳ намуд ва ўро ба ҳоли худаш гузошта, аз роҳ баргаштанд...

Темурмалик танҳо ба Хоразм расид. Он вақт Хоразм дар зери суми аспи лашкариёни муғул поймол шуда ва султон Муҳаммад гурехта буд. Темурмалик дар он ҷо буданро салоҳ надонист ва шаҳнаеро, ки муғулон дар он ҷо гузошта буданд, кушта, худ аз дунболи султон рафт...

Темурмалик баъд аз ёфтани султон Муҳаммад ва ҳикоят кардани саргузашти худ ба ў, аз ў ҷудо шуда бо либоси дарвешӣ ба тарафи Шом ва Арабистон рафт ва чанд гоҳе дар он тарафҳо монд.

Баъд аз чандин сол, ки вилоятҳои Мовароуннаҳр ва Туркистон ором гирифт, ҷангу ҷидолҳо тамом шуд ва муғулон дар он ҷоҳо ҳокими мутлақ шуда монданд, Темурмалик ба ватан бозгашт. Аммо дар Хуҷанд истиқомат накарда, дар вилояти Фарғона ҷойгир шуд ва гоҳ-гоҳ ба Хуҷанд омада, аз он ҷо аҳвол ва ахбор мегирифт...

Дар ин вақт писари Темурмалик ба пеши Боту рафта буд. Чун ў аз хон дар боран тасарруф кардани мероси падар ярлиқ гирифта ба Хуҷанд омад, Темурмалик ба пеши писараш рафт ва гуфт:

— Ту агар падаратро бинӣ, мешиносӣ?

— Ман аз падар тифли ширхора монда будам,— гуфт писараш,— ман албатта ин вақт ўро намешиносам, аммо як ғулом ҳаст, ки падарамро бисёр дидааст ва аҷаб нест, ки ў шиносад.

— Ман падари туам,— гуфт Темурмалик.

Писараш он ғуломро чеғ зада оварда, ўро ба вай нишон дод. Ғулом баъд аз тафтиш карда дидани ало-

матҳо ва нишонаҳои бадании ӯ тасдиқ кард, ки ин Темурмалик аст...

Баъд аз ин воқеа хабари бозгашта омадани Темурмалик овоза шуд, албатта ин хабар даҳан ба даҳан ба гӯши хон ҳам расид.

Темурмалик баъд аз шӯҳрат ёфтани омаданаш ғайри расмӣ ва пинҳонӣ зистанро барои худ салоҳ надониста, хост, ки ба пеши хон равад ва аз ӯ афв ва рухсат талабад.

Темурмалик, вақте ки бо ин ният ба пеши хон мерафт, дар роҳ ба ӯ Қадаған-ӯғлон ном яке аз хонзодагони чингизӣ воҳӯрд ва фармуд, ки ӯро дар банд гиранд.

Қадаған-ӯғлон муғулонеро, ки дар ҷанги бо Темурмалик иштирок карда буданд, ҷамъ кард, то тафтиш кунад, ки ин одам Темурмалик аст ё не?

Он муғулон ҳар воқеаеро, ки аз Темурмалик мепурсиданд, ӯ батафсил ҳикоя карда медод. Дар он миён он муғуле ҳам, ки дар ҷанги охирини бо Темурмалик аз тири бепайкони ӯ кӯр шуда буд, ҳозир шуд. Ӯ ҳам ба Темурмалик суолҳо медод. Темурмалик дар ҷавоби ӯ суханони беодобона ва ҳақоратомезона мегуфт.

Қадаған-ӯғлон аз ин ҳаракати Темурмалик дар ғазаб омад ва ё ин ки зинда мондани ин гуна одамро барои мулкдории чингизиён хатарнок дид, дар ҳамон маҷлис бо дасти худ ба тарафи ӯ тире кушод ва ӯро ба хунаш оғушта кард.

Хуҷанд дар ҳуҷуми чингизиён ба қадри бой ва ободии худ азоб ва машаққат кашид. Меҳнаткашони Хуҷандро барои ба ҳам овардани захме, ки аз лашкари Чингиз ба он ҷо расида буд, лозим шуд, ки чандин солҳо кор кунанд.

Баъд аз он ҳам Хуҷанд ором нагирифт, дар гузаштани ҳукумат аз чингизиён ба темуриён боз Хуҷанд поймол шуд. Дар вақти ҳукуматдории авлоди Темур ҷатачиёни муғул соле чанд бор Хуҷандро тороҷ мекарданд.

Дар ҷанги шайбониҳо ва темуриҳо ҳам ҳоли Хуҷанд ба ҳамин минвол буд...

Дар асрҳои охирӣ, ки дар Бухоро аморати мангитиён ва дар Фарғона хонии шаҳрухиён ташкил ёфт, боз ҳоли Хуҷанд бадтар шуд; дар ин асрҳо Хуҷанд ҳамеша дар байни ду оташ буд.

Хони Фарғона ва амири Бухоро ҳамеша душмани беамони якдигар буданд, Хуҷанди бечора ҳар вақт мавқеи задухӯрди ин ду хунхор буд. Амири Бухоро лашкар кашида омада, Хуҷандро мегирифт, як бор буду нобуди аҳолиро тороҷ мекард, ба баҳонаи тарафдори хони Фарғона буданашон онҳоро мекушт. Баъд аз он дар қалъаи Маҳрам як даста аскар ва дар Хуҷанд як ҳоким гузошта, худ ба Бухоро бармегашт.

Чун хабари ба Бухоро гашта рафтани амир маълум мешуд, хони Фарғона лашкар кашида ба сари Хуҷанд меомад, одамони амирро мекушт ва мегурезонид. Баъд аз он ин ҳам аҳолиро ба баҳонаи тарафдорӣ карданашон ба амири Бухоро мекушт, буду нобудашонро тороҷ мекард ва ба он ҷо як ҳоким гузошта, ба пойтахти худ бармегашт.

Баъд аз он боз навбати қатлу тороҷи Хуҷанд ба амири Бухоро мерасид. Ин ҳол дар ҳукуматдории ин амирон ва хонон беинтиҳо давом мекард.

Дар вақти лашкар кашидани хони Фарғона ба тарафи Тошканд ҳам ин шаҳр вазифаи лашкаргоҳӣ ва сарироҳиро адо мекард. Ҳокимони Тошканд ҳам, ки гоҳо исъён карда ба хони Фарғона тег мекашиданд, аввалин ҳуҷумашон ба Хуҷанд буд.

Дар ҳар қадоми ин мавридҳо, ки камаш соле як бор рост меомад, Хуҷанд бо аҳолии худаш поймол ва вайрон мегардид.

Дар вақти ҳуҷуми колонизаторҳои чорӣ ҳам баъд аз Тошканд аввалин шаҳре, ки поймоли суми аспҳои казакрусони императорӣ гардид, Хуҷанд буд. Сарсари императорӣ бароми ин ки робитаи амири нимҷондаи Бухороро аз хони ниммурдаи Фарғона ҷудо кунад, пеш аз гирифтани Ҷиззах ва Самарқанд Хуҷандро ба даст даровард.

Дар вақти ҳукумати чорӣ ҳам Хуҷанд хуб эксплоатация карда шуд, қитъаҳои хосилхез, боғҳои барвақтӣ, тобистони дароз, меҳнаткашони меҳнатдӯст ва

корқуни ин сарзамин назари диққати колонизаторҳоро ба тарафи худ кашид. Дар Хуҷанд фирмаҳо, банкҳо ва магазинҳо кушода шуд, пунктҳои пахтакарӣ ва кок (ғулунг)-ғундорӣ омода гардид.

Савдогарони маҳаллӣ, ки гумоштагони фирмаҳои русҳо шуда буданд, ба кор даромаданд. Заминҳои обод ва ҳосилхез ба дасти заминдорони калон гузашт. Оммаи аҳолӣ чорьяккор, ятим ва мардикори онҳо шуда монданд. Қаймоқро колонизаторҳои рус бардоштанд, ширро савдогарон ва судхӯрони маҳаллӣ хӯрданд. Агар ин таъбир ҷоиз бошад, танҳо зардоб дар насибаи меҳнаткашон монд.

Хуҷанд, чунон ки маркази савдо, обод ва ҳосилхез буд, инчунин манбаи уламои динӣ, маркази эшонҳо ва тӯраҳо буд. Ин муфтхӯрон дар замони амирон ва хонон аҳолиро чӣ қадар тороҷ мекарда бошанд, дар замонҳои истилои колонизаторҳои рус муфтхӯриро чанд-чанд зиёд карданд. Зеро дар замони амирон ва хонон ба сабаби ҷангу ҷидолҳои пай дар пай дар муфтхӯрӣ барои онҳо фурсат кам буд. Аммо дар замони чорӣ аз «интизоми» мамлакат фоида бурда, бо ёрии ҳоким ва приставҳои рус ин тоифа хуб дандон ёзонданд ва чангол расонданд. Гулӯгоҳи мардуми меҳнаткашро бо ин чанголи дарози худ гирифта, бо дандони тезашон чок карда, гургвор хуб хун макиданд.

Барои макидани хуни як шаҳр ё як район як қозӣ, ё як мулло, ё як эшон ва ё як тӯра басанда аст. Вой ба ҷони он ҷое, ки дар он ҷо аз ин тоифа даҳҳо нафар бошанд ва боз ҳар кадоми инҳо ҳам мулло, ҳам эшон, ҳам тӯра ва ҳам қозӣ бошанд.

Аҳволи Хуҷанд ана ҳамин тавр буд, бештарини муллоҳои ин ҷо ҳамаашон ҳам тӯра ва баъзан ҳам қозӣ буданд. Дар ин гуна шароит барои меҳнаткашон аз курта танҳо гиребон, аз тунбон танҳо нефа ва аз тан танҳо устухон мемонд.

Ман, чунон ки аҳволи гузаштаи Хуҷандро дар таърихҳо хондаам, инчунин то инқилоби Октябрь он ҷоро борҳо дидаам. Хуҷанд растаҳои тангӣ болопӯшида дошт, ки дар он ҷо бaззозҳо, чойфурӯшҳо ва шохифурӯшҳо дӯкондорӣ мекарданд. Савдогарон молҳои

маҳалли ва молҳои саноатии Россияро мефурӯхтанд. Инҳо касоне буданд, ки бо судхӯрӣ, бо замин баиҷорагирӣ, бо насияфурӯшӣ ва бо дигар роҳҳои савдои он замон дар он растаи тангу торик аз аввали субҳ то охири шом меҳнаткашонро пӯст мекананд.

Дар Хуҷанд дигар чанд бозори болокушода ва каппонҳо буданд, ки дар он ҷоҳо бо харидани пахта, пилла, коқ (ғулунг), мавиз ва дигар молҳои хоҷагии қишлоқ, бо фурӯхтани гандум, ҷав ва орд ин тороҷгарии савдогарӣ давом мекард.

Дар Хуҷанд мадрасаҳо, масҷидҳо, мазорҳо ва қорихонаҳо буданд, ки дар ҳар кадоми онҳо яке ё якчанд аз он ҳам эшон, ҳам мулло, ҳам шайх ва ҳам тӯраҳо нишаста, инҳо ҳам бо хурофот ва динфурӯшӣ хуни аҳолии меҳнаткашро мемакиданд.

Агар баъзе аз ин зоти шарифҳо ба болои сифатҳои номбурдашудаашон ярлиқи қозигиро ҳам аз ҳокими рус ба даст медаровард, дигар «худо паноҳ диҳад». Дигар ӯ метавонист, ки дар як рӯз тамоми буду нобуди як меҳнаткашро ба даст дароварад.

Дар замин ва боғи худ бе музд кор фармудани ин ҷанобон меҳнаткашонро бошад — як кори оддӣ ҳисоб меёфт ва ба ин ҳатто худи ҳамон меҳнаткашон ҳам таъаҷҷуб намекарданд ва гӯё ки онҳо барои хизмати бемузди он ҷанобон халқ шуда бошанд, ризо ба қазо дода, паси сар хорон-хорон кор кардан мегирифтанд.

Агар аҳёнан яке аз меҳнаткашон ба ин гуна корҳои бемузд тан намедод, ӯ шӯрапушт, гарданшах, саркаш, иғвогар, зиёдасар, худобехабар эълон меёфт, бо иғво ва ташвиқоти он ҷанобон ӯ радди маърака, радди мардум мегардид ва ҳатто дузд ва ҳаромзода ба шумор мерафт, он гуна одамро шариат задаги ҳисоб мекарданд.

Кӯчаҳои шаҳр танг, каҷу килеб, дар зимистон пурлой ва дар тобистон пурхоку ҷанг буд. Гузарҳоро ҳавлиҳои танг ва хонаҳои вайрон ташкил мекард. Оре, дар ҳар маҳалла яке ё ду ҳавлии пуршаъну шавкат ёфт мешуд, ки инҳо аз они ҳамон савдогарҳо ва ё тӯраҳо буданд. Ҳар кас, ки дар як гузари хароб як ҳавлии фавқулодда ободро медид, беихтиёр дар

дили худ мегуфт, ки: «магар буду нобуди ин маҳалла ба ҳамин ҳавлӣ сарф шудааст, ки дигар хонаҳо ба ин харобӣ ва ин ҳавлӣ ба ин ободист». Дар ҳақиқат ҳам ҳамин тавр шудагӣ буд.

Дар лаби дарьё қисми аврупоии шаҳр — шаҳри нав бино ёфта буд, дар он ҷо ҳоким ва пристав ҷойгир шуда буданд.

Қалъаи шаҳр дар наздикии дарьё бар болои як тали баланд бино ёфта буд. Дар он ҷо дар замонҳои пеш искандариҳо, арабҳо, қараҳониҳо, хоразмшоҳиҳо, чингизиҳо, темуриҳо, шайбониҳо, дар охир бухороиҳо, қӯқандиҳо ва гоҳо ҳам феодалҳои маҳаллӣ нишаста ба аҳолӣ ҳукмронӣ мекарданд. Дар замони подшоҳии колонизаторони рус ҳам қувваи ҳарбии худро дар он ҷо гузошта, монанди мурғи лошахӯр, ки ба сайди лоғар чашм медӯхта бошад, аз он ҷо ҳама ҷои шаҳр ва районро дар зери чашми гурусназ худ гирифта нигарони лоша мешуданд...

Оре. Хуҷанд дар замони қадим «тирози ҷаҳон» буд, лекин тирози ҷаҳони кӯҳна буд, тироз — зебу зинати он касоне буд, ки дар он ҷаҳони кӯҳна ҳукмронӣ мекарданд. Вазифаи меҳнаткашон бошад таҳҷо ин тироз — зебу зинатро тайёр карда додан буд.

Оре. Хуҷанд дар замони гузашта «арӯси дуньё» буд, лекин арӯси дуньёи кӯҳна буд, арӯси он дуньё буд, ки дар он дуньё насибаи арӯсон дар зиндони асорат, дар зери зарбу лати бедолгарон сил шуда мурдан буд.

## II

Ман соли 1936 моҳи сентябрь ба сайри Ленинобод (Хуҷанди пештара) рафтам. Ленинобод ба он Хуҷанде, ки ман онро то Инқилоби Кабири Октябрь чандин бор дида ва аҳволи таърихиашро дар китобҳо хонда будам, ҳеҷ монандӣ надошт.

Аз вокзал то охири шаҳр роҳи калони сангфарши мусаттаҳ, дар ду тарафи роҳ, ки дар замонҳои пеш биёбони хушк буд, колхозҳои пахтакор ҷойгир шудаанд. Дар ду тарафи ин роҳ аз шаҳр то саҳро заводҳо, фабрикаҳо, комбинати пиллакашӣ ва шоҳибофӣ,

заводи консерв, мактаб, яслӣ ва хобгоҳи умумии ин завод ва фабрика, институти хоҷагии қишлоқ, техникуми хоҷагии қишлоқ ва хобгоҳи умумии онҳо, мактаби 10-солаи тоҷикӣ, мактаби 10-солаи русӣ, омӯзишгоҳи таълим ва тарбияи мардона, омӯзишгоҳи таълим ва тарбияи занона ва дигар мактабҳои ибтидоӣ, миёна ва олӣ, совети шаҳрӣ, горком, магазинҳои гуногуни тоҷикторг ва тоҷикматлубот, боғи шаҳр, майдони сурх, гостиница ва чойхонаҳои сурх бино ёфтаанд.

Ин манзараи олӣ ва назаррабо, ки дар ин шаҳри таърихӣ дар натиҷаи сиёсати миллии ленинии Партияи Коммунистӣ пайдо шудааст, ҳақиқатан онро шоистаи номи олии «Ленинобод» кардааст. Дар ҳақиқат ҳам ин шаҳрро сиёсати миллии ленинӣ обод кардааст, ки ин ном аз ин сифат гирифта шудааст.

Ман баъзеи ин муассисаҳои илмӣ ва саноатиро рафта дидам, бо коркунони илмиашон, бо талаба ва студентҳошон, бо инженер ва техникҳошон сӯҳбат кардам.

Одам вақте ки ҳар кадоми ин муассисаҳоро мебинад, дар тааҷҷуб мемонад ва ҳайрон мешавад, ки дар як фурсати кӯтоҳ як районе, ки дар замони гузашта поймоли истибдоди феодалӣ ва фишорьёби шиканҷаи эксплоатацияи колонизаторӣ, асири хурофоти динӣ, маркази судхӯрон ва истисморчиёни маҳаллӣ буд, ин гуна як шаҳри ободи советӣ ва маркази маданияти миллишакли социалистимазмун шудааст.

Ман ба комбинати пиллакашӣ ва шоҳибофӣ рафтам, комбинат бо мошинаҳои системаи охирин таҷҳиз ёфта буд. Дар он ҷо садҳо коргарони тоҷик — занҳо, мардҳо, духтарҳо ва писарҳо кор мекарданд. Онҳо — он тоҷиконе, ки дар замони пеш ғайр аз чарху дук ва дӯкони бофандагии дастии маҳаллӣ дастгоҳеро надида буданд, имрӯз мошинҳои навсистемро бо чолокӣ ва тардастӣ мошинвор идора мекарданд.

Комбинат се смена (баст) кор мекард. Аммо писарон ва духтарони хурдсол, ки шогирди ин комбинат ба шумор мерафтанд, рӯзе чор соат кор карда, чор соат ҳам мехонданд.

Ман дар мактаби ин комбинат дар вақти дарс хондани шогирдон ҳозир шудам, бо шогирдон гуфтугузор кардам. Як қисми инҳо бачагони бепарастор буданд, ки аз районҳои дигар сарсариёна ба Ленинобод омадаанд ва ин муассиса онҳоро ба тарбияи худ гирифтааст. Муассиса на танҳо инҳоро хўронда мепўшонад, балки ба замми ин ба инҳо илм ва ҳунар ҳам меомўзад, ки дар оянда яке аз бинокорони социалистӣ, яке аз узвҳои бошарафи башарият хоҳанд шуд. Ҳатто аз худи ҳамин вақт он бачагони бепарастор ва сарсарии пештара ҳам худҳошонро яке аз кадрҳои хушбахти советӣ ҳисоб мекарданд. Ин кор танҳо дар мамлакати социалистӣ, дар шароити ҳокимияти советӣ, дар зери роҳбарии партияи Ленин мумкин аст.

Ман яслии ин муассисаро дидам. Бачагони ширхора ва хурдсоли коргарзанон мувофиқи синнашон дар хонаҳои гуногун ҷойгир шуда буданд. Тозагии сару рўй, озодагии либос, бозиҳои коллективона, сурудгўии ҳамовозона, интизом дар хўрду хоб. рамузфаҳмӣ ва ҳозирҷавобии ин бачагони хурдсол бинандаро дар ҳайрат меандохт.

Дар як ҷо чандин бачагон зочабозӣ (театри зочагӣ)-ро, ки дар зери дасти мураббия иҷро мешуд, тамошо мекарданд. Аммо дар ҷои дигар чандин бачаи дигар аз ҳамин зочабозӣ мисол гирифта, худҳошон артист шуда бозӣ медоданд.

Меҳрубонӣ ва омўхтагии ин бачагон ба парасторон ва мураббиягони худҳошон ҳаминро нишон медод, ки мураббия ва парасторонашон ба онҳо аз модарашон ҳам зиёдтар меҳрубонона ва шафиқона муомила мекарданд.

Як манзараи аҷиб ҳайрати маро афзуд:

Дар вақте ки ман дар яслӣ будам, сменаи якўм тамом шуд ва коргарзанони аз кор фориғшуда ба яслӣ омаданд, ки аз он ҷо бачагонашонро гирифта ба хонаҳошон бираванд. Бештарини бачагони сесола ва чорсола бо модарҳошон рафтанро намехостанд. Ҳар кадоми онҳо «ман дар ин ҷо мемонам, ба хона намеравам» гўён гиръя мекарданд.

Ин бачагон хона ва модарҳои худҳошонро фаромӯш карда, ба яслӣ ва шароити зиндагии он тамоман омӯхта шуда буданд.

Дар ҳақиқат яслӣ як оила — як хонаводаи социалистӣ буд, ки мураббиягон ва парасторон дар он ҷо роли модариро бозӣ мекарданд. Бачагони ин ҷо гӯё бародарон ва ҳамширагони аз як модар зоидашудаи ин хонавода буданд. Бинобар ин хонаи ҳақиқии худҳошон ин ҷоро ва модари айнии худҳошон ин мураббиягон ва парасторонро мешумурданд ва аз ин ҷо ҷудо шуданро намехостанд.

Инҳо он гуна бачагон буданд, ки дар шароити замони гузашта насибаи бештарини инҳо аз ифлосӣ, бадхӯрокӣ, бехӯрокӣ ва бепарасторӣ дар хурдсолӣ мурдан буд. Ҳоло инҳо дар шароити тарбияи советӣ бачагони хушбахти социалистӣ шуда буданд...

Бинои мактаби 10-солаи тоҷикӣ, ки ман дар Ленинобод дидам, ҳамин сол сохта шуда буд. Рафтани ман ба он мактаб ба расмикушоди он рост омад.

Ин бинои дуошьёна яке аз он биноҳои илмӣ буд, ки монандашро танҳо дар Москва дидан мумкин аст. Дуруст аст, ки дар Тошканд, дар Самарқанд ва дигар шаҳрҳои Осиёи Миёна барои дорулфунунҳо ва дигар мактабҳои олӣ биноҳои бисьёр калон сохта шудаанд. Аммо дар ягон шаҳри Осиёи Миёна барои мактаби даҳсола ин гуна қасри шоҳона сохта нашудааст.

Ман омӯзишгоҳи таълиму тарбияи писарон ва духтаронро дидам. Дар ин ҷо ин ду омӯзишгоҳ дар биноҳои ҷудогона ҷойгир шудаанд.

Омӯзишгоҳи таълиму тарбияи занона диққати маро зиёдтар ҷалб кард. Ман дар вақти дарсҳои курси тайёрии ин омӯзишгоҳ ҳозир шудам. Духтарбачагони даҳсола, дувоздаҳсола хеле фаҳмида ва бо диққат дарс мехонданд. Ҳама озода, ҳама бомаданият, ҳама ҳушьёр ва ҳама зирак буданд.

Муаллим дар ҳузури ман (шояд барои ба ман фаҳмондани аҳволи толибагонаш бошад) дар зимни дарси навбатиаш монанди маҷлиси ҳисобгирӣ (зачёт) ба бачагон оид ба дарсҳои гузашта суолҳои гуногун медод. Аз ҷавоби шогирдон маълум мешуд, ки онҳо

дарсҳои гузарондаашонро тамоман фаҳмида ва ба амал татбиқ кардани онро дониста гузаштаанд.

Ин ҳол дар шароити мо яке аз нуктаҳои хеле умедбахш аст.

Маълум аст, ки дар Осиёи Миёна, хусусан дар Тоҷикистон, барои мактабҳои дараҷаи аввал муаллимони пуртаҷриба кам ёфт мешаванд, бинобар ин бештарини шогирдон дар солҳои аввали таҳсили худ кам мехонанд. Ин камбудӣ дар тамоми муддати таҳсили оиндаи ин гуна шогирдон таъсири бади худро доим мекунонад. Дар натиҷа ин гуна шогирдон, масалан, агар омӯзишгоҳи таълиму тарбияро тамом карда бароянд ҳам, муаллими бад шуда мебароянд.

Аммо бештарини шогирдони омӯзишгоҳи таълиму тарбияи занонаи *Ленинобод* ҳаминро нишон доданд, ки онҳо мактаби дараҷаи аввалро бо нуктагӣ гузаштаанд. Албатта, аз инҳо муаллимагони хеле хуб ва педагогони ба пешаи худ моҳир мерасанд. Ба ибораи дигар, пешрафти ҳар кадоми толибагони ин омӯзишгоҳ, пешрафти таҳсили садҳо ва ҳазорҳо фарзандони оиндаи советиро аз ҳамин вақт таъмин мекунад.

Маълум аст, ки забони *гуфтугӯи* миллатҳои бемаданият, камсавод ва бесавод бисёр вайрон мешавад. Тоҷикон то инқилоби Октябрь қариб бемактаб ва қариб бесавод буданд, баъзеҳошон дар мактабҳои пешинагачиҳӣ хурсавод шуда бошанд ҳам, он мактаб забон ёд намедод, бо вуҷуди донистани забони адабии бисёр бой забони гуфтугӯяшон хеле вайрон буд. Ин ҳол таъсири бади худро бештар дар маҳаллаҳои умумӣ дар вақти нутқ ва мухобираҳо нишон медиҳад. Коркунони калонсоли тоҷик, ки дар аввалҳои инқилоб таҳсилашон бо забони ӯзбекӣ шудааст, бештарини инҳо бесо ҳам бадтар, бо ин забони махлути аҷиба гап мезананд. Аз ин ҳол хонандаи *Ленинобод* ҳам холӣ нестанд. *Ленинободиҳо* ки дар забони гуфтугӯяшон расуроти забони адабӣ нисбат ба районҳои дигари тоҷикнишин бештар аст, бо вуҷуди ин дар забони гуфтугӯяшон монанди «адачон» ва «гуридо» баъзе калимаҳоро таҳрир мекунанд, ки тоҷикони дигар районҳо ба он механдиданд.

Аммо имсол, ки ман дар як маҷлиси умумии комсомолони Ленинобод ҳозир шудам, дидам, ки ҷавонони Ленинобод қариб ҳамагӣ забондони адабӣ шудаанд. Ҷавонони комсомол яке аз паси дигаре ба маҷлис баромада гап заданд. Нутқҳошонро бо забони адабии равони соф ва оммафаҳм адо менамуданд. Бо вуҷуди ленинободӣ будани худашон аз он калимаҳои аъҷубаи хандаовари ленинободӣ ба сухани худҳошон ягон даҳан ҳам ҳамроҳ намекарданд.

Аз ин маълум мешавад, ки ҷавонони Ленинобод бо мутолиа, бо хондани асарҳои адабӣ ҳамеша ба худтарбиякунӣ машғулӣ доштаанд.

Ман ба концерт ва омӯзишгоҳи мусиқавии Ленинобод рафтам. Маҳорати навозандагон ва раққосони ин ҷо ба ман нишон дод, ки ин шаҳр ҳақиқатан як шаҳри маданияти социалистӣ шудааст.

Дар омӯзишгоҳи мусиқавии Ленинобод дар болои як масъалаи муҳим кор мерафт. Ин масъала гармонийидани (гармонизация кардани) созҳои миллӣ буд.

Талаба ва толибагони ин омӯзишгоҳ дар зери роҳбарии муаллими санъаташон муваффақиятҳои ба даст даровардаашонро ба ман нишон доданд.

Ҳақиқатан одам ҳайрон мешавад, ки ҳамон дутор, ҳамон танбӯр, ҳамон чанг, ҳамон ғижжак, ҳамон най ва ҳамон дойра чӣ гуна бо созҳои аврупоӣ ҳамроҳ шуда, ҳавоҳоро бо ҷӯшу хурӯш адо менамоянд.

Дар баъзе ҷойҳои дигар ҳам бо созҳои аврупоӣ ҳамроҳ карда навохтани созҳои миллиро дида будам. Аммо дар он ҷоҳо рӯҳи миллӣ қариб маҳв шудагӣ буд. Ба болои ин шумо танҳо нағмаҳои созҳои аврупоиро мешунидед, танбӯрҳо ва дуторҳо бе он ки дар нағмаҳои оркестр таъсир нишон диҳанд, монанди ҷӯбдасти дирижёр бе садо меҷунбиданд.

Аммо дар омӯзишгоҳи Ленинобод ман дигар чизро дидам, дар ин ҷо созҳои миллӣ ҳамроҳи созҳои аврупоӣ баробар кор мекарданд, монанди як узви ҳуқуқдори оркестр роли худро бо оҳанги равшан адо менамуданд.

Як манзараи хушнамои Ленинобод боғи шаҳр буд. Боғи шаҳри Ленинобод танҳо на аз он ҷиҳат хушна-

мо буд, ки дар канори дарьёи Сайҳуни нилгун воқеъ шудааст: инчунин на танҳо аз он ҷиҳат хушнамо буд, ки дарахтони мавзун, гулҳои гуногун ва ҷорчаманҳои хушнамуи ҳаст, балки аз он ҷиҳат ҳам хушнамо буд, ки он ҷо дар замони гузашта маркази истибдоди феодалӣ ва манбаи бедоди колонизаторӣ буд; он ҷо ҷое буд, ки дар замони гузашта ҳамаи ҳукмҳои қатл ва торочи фақирон аз он ҷо имзо меёфт. Он ҷо ҷое буд, ки дар соли 1916 аҳолии ситамдидаи исьёнкардаро дар он ҷо тирборон карда буданд; он ҷо ҷое буд, ки пештар монанди ҳукмҳои аз он ҷо имзоёфтаи пештара ифлос, мурдор ва чиркин буд; он ҷо ҷое буд, ки меҳнаткашон пештар ба он ҷо аз дур бо тарсу ларз нигоҳ мекарданд.

Имрӯз он ҷо монанди ҷойҳои дигари ватани социалистӣ гулзор шуда буд, меҳнаткашони хушбахти озод — он меҳнаткашоне, ки пеш аз инқилоб аз он ҷо зулм медиданд, имрӯз бо аҳли хонаводаашон дар он ҷо саёҳат мекарданд, дам мегирифтанд ва истироҳат менамуданд.

Хулосаи калом ин ки Ленинободи имрӯза «тирози ҷаҳони нав», зеб ва ороиши ҷаҳони социалистӣ шудааст. Имрӯз шумо дар он ҷо меҳнаткашони асир, меҳнаткашони беҳуқуқ, меҳнаткашони истисморшаванда ва меҳнаткашони бемаданиятро намебинед. Шумо дар он ҷо имрӯз меҳнаткашонеро мебинед, ки дар сояи сиёсати миллии ленинии Партияи Коммунистӣ, дар сояи ёрмандии пай дар ҳами пролетарҳои Умумиттифоқ, дар сояи роҳбарии Партияи Коммунистӣ ва Ҳукумати Советӣ сер, хушбахт ва маданӣ шуда шаҳри худро «тирози ҷаҳони нав» сохта ба он соҳиб шудаанд.

Дар бораи колхозҳои ин район дар очерки дигар менависам.

*2 декабри с. 1936,*
*Самарқанд.*

# Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик

## ДАРОМАДИ СУХАН[22]

Пеш аз он ки мо воқеаи қаҳрамони халқи тоҷик — Темурмалики хуҷандиро тасвир намоем, ба мо лозим аст, ки дар бораи аҳволи онрӯзаи Мовароуннаҳр, Хуросон ва Хоразм ва дар хусуси ҳодисаҳое, ки пеш аз ҳуҷуми Чингизхон дар ин сарзаминҳо рӯй додаанд, ба тарзи кӯтоҳ маълумот диҳем, то ки хонанда дар куҷо ва дар чӣ гуна шароит рӯй додани ин воқеаи таърихиро тасаввур карда тавонад.

### I. АҲВОЛИ ИҚТИСОДӢ, ИҶТИМОӢ ВА ОБОДӢ ДАР МОВАРОУННАҲР, ХУРОСОН ВА ХОРАЗМ ПЕШ АЗ ҲУҶУМИ ЧИНГИЗХОН БА ИН САРЗАМИНҲО

Мо дар ин боб тахминан сад сол пеш аз ҳуҷуми Чингизхонро ба назар мегирем. Пеш аз ҳама аввал ҳамин нуктаро бояд ба хонандагони киромӣ хотирнишон кунем, ки мо дар ин ҷо дар бораи аҳволи иқтисодӣ ва хоҷагии онвақтаи ин сарзаминҳо маълумоти батафсил доданро ба гардани худ намегирем, балки мақсади мо аҳволи он замонро ба тарзи умумӣ ва кӯтоҳ тасвир карда гузаштан аст, то ки дар пеши назари мутолиакунандагон як манзараи умумӣ ҷилва кунад.

Мовароуннаҳр, Хуросон ва Хоразм дар он замонҳо ободтарини мамлакатҳои Шарқи ислом буданд.

Дарьёхо, нахрхо ва ҷӯйхо дар ҳама тарафхои ин сарзаминхо равон буда, қариб ҳамаи заминхои қобили киштукор кишта мешуданд.

Чарогоҳҳояшон ҳам бо рамаҳо ва галаҳо пур буда, беҳтарин аспҳо, хачирҳо, шутурҳо, гӯсфандҳо ва дигар ҳайвоноти хонагӣ дар ин ҷоҳо мерасиданд. Ривоҷи чорводории ин сарзаминҳоро аз ҳамин қиёс кардан мумкин аст, ки танҳо чарогоҳҳои кӯҳистони Ҳисор, ки дар он вақтҳо он ҷо Чағониён номида мешуд, ҳарсола ба тариқи андоз барои ошхонаи султон Санҷари салҷукӣ 24 ҳазор гӯсфанди ҳисорӣ медод. Ҳарчанд ки ин воқеа аз ҳад зиёд золимона будани андози он замонро нишон диҳад ҳам, хеле тараққӣ кардани чорводориро ҳам нишон медиҳад.

Банокат, Хатлон, Вахш, Чағониён, Тирмиз, Балх, Марв, Шодбох, Нишопур, Насо, Шаҳристон, Деҳистон, Абевард ва Тӯс бариин чандин вилоятҳо ва шаҳрҳои ободи серодам буданд, ки имрӯз баъзеи онҳо мавҷуд бошанд ҳам, аз баъзеи онҳо ному нишон намондааст. Ҳар қадоми он шаҳрҳои беному нишонрафта (монанди Нишопур, Насо, Шодбох ва дигарҳо), ки имрӯз ҷоҳои онҳо регзори хушк ва биёбони холист, дар он замонҳо ҷоҳои серодам ва пурҳаракат буда дар миёнаи боғҳо, бӯстонҳо ва гулу гулзорҳо фурӯ рафтагӣ буданд.

Серодамии Марви онрӯза ва дигар шаҳрҳои Хуросонро аз ҳамин воқеа ҳам қиёс кардан мумкин аст, ки чингизиён дар ҳуҷуми аввалиашон ба Марв аз як миллион зиёдтар одамро куштанд.

Баъди аз Марв рафтани муғулон зиндамондагон аз гӯшаву канорҳо баромада, боз дар он ҷо гирд омада буданд. Чингизиён, ки роҳгузар шуда аз он ҷо мегузаштанд, дубора ба Марв ҳуҷум карда, боз касони бисьёрero куштанд.

Чингизиён инчунин дар Нишопур як миллиону 47 ҳазор нафарро ва дар Ҳирот дар навбатҷ аввал як миллиону шаст ҳазор нафарро ва дар навбати дуйӯм сад ҳазор нафарро куштанд (ба саҳифаҳои 38—40-и ҷилди 5-и «Равзат-ус-сафо»[23] нигоҳ кунед).

Назар ба ривояти «Равзат-ус-сафо» дар Балх то ҳуҷуми Чингиз 1200 ҷомеъ (масҷиди калон) ва 1200

ҳаммом буд. Дар ҳуҷуми Чингиз танҳо аз арбоби илму адабиёт, ки номашон маълум буд, 50 ҳазор кас кушта шуд. Боқии кушташудагонро, ки оммаи аҳолӣ буданд, аз ҳамин бояд қиёс кард. Аз ин ҳуҷҷати таърихӣ ободӣ ва серодамии Балхи онрӯза ба хубӣ равшан мешавад.

Мо дар ин ҷо аз ободии Мовароуннаҳр ва шаҳрҳои марказии вай — Самарқанд ва Бухоро чизе намегӯем ва танҳо ҳамин қадарро қайд карда мегузарем, ки ин ду шаҳр дар замони сомониён маркази маданият ва сиёсати Шарқи ислом буда, баъдҳо онҳо сифати маркази сиёсии Хуросон ва Эрон будани худро гум карда бошанд ҳам, ободии худро давом кунониданд.

Вилоятҳои Мовароуннаҳр ва Хуросон дар он замонҳо аз ҷиҳати савдо ва тиҷорат ҳам марказ ҳисоб меёфтанд. Роҳи савдои як қисми Аврупо, Осиёи Ғарбӣ, Эрон, Ҳиндустон, Хитой, Осиёи Шимолӣ ва Муғулистон бештарин ба воситаи ҳамин сарзамин буда, иҷрокунандагон ва воситашавандагони ин тиҷорати бузург ҳам ба эътибори аксарият савдогарони ҳамин ҷоҳо буданд.

Дар хусуси ободии Хоразм муаллифи «Равзат-ус-сафо» ба муносибати зикри аҳволи хоразмшоҳи аввал — Қутбиддин Муҳаммад мегӯяд (ҷилди 4, саҳифаи 127):

«...Муддати сӣ сол ба фароғи бол ва рафоҳи ҳол ба ҳукумати Хоразм, ки дар он айём аз ғояти маъмурӣ (ободӣ) таъна бар Мисру Хито мезад, қиём намуд».

Ин аҳвол дар аввалҳои барпо шудани давлати хоразмшоҳиён буда, дар давоми муддати яксаду чандсолаи ҳукумати ин хонадон, ки Хоразм пойтахт шуд ва хоразмшоҳиён дар ободии ин вилоят мекӯшиданд, бояд аз аввала чанд дараҷа зиёдтар обод шуда бошад.

Хуҷанд, ки ҷои бошишгоҳ ва майдони қаҳрамонии қаҳрамони ҳикояи мост, дар ободӣ забонзади мардуми Шарқ буд. Дар он вақтҳо ободии Хуҷанд ба ҷое расида буд, ки вайро «тирози ҷаҳон» (зебу зинати ҷаҳон) мегуфтанд.

Дарьёҳо, наҳрҳо ва ҷўйҳо дар ҳама тарафҳои ин сарзаминҳо равон буда, қариб ҳамаи заминҳои қобили киштукор кишта мешуданд.

Чарогоҳҳояшон ҳам бо рамаҳо ва галаҳо пур буда, беҳтарин аспҳо, хачирҳо, шутурҳо, гўсфандҳо ва дигар ҳайвоноти хонагӣ дар ин ҷоҳо мерасиданд. Ривоҷи чорводории ин сарзаминҳоро аз ҳамин қиёс кардан мумкин аст, ки танҳо чарогоҳҳои кўҳистони Ҳисор, ки дар он вақтҳо он ҷо Чағониён номида мешуд, ҳарсола ба тариқи андоз барои ошхонаи султон Санҷари салҷуқӣ 24 ҳазор гўсфанди ҳисорӣ медод. Ҳарчанд ки ин воқеа аз ҳад зиёд золимона будани андози он замонро нишон диҳад ҳам, хеле тараққӣ кардани чорводориро ҳам нишон медиҳад.

Банокат, Хатлон, Вахш, Чағониён, Тирмиз, Балх, Марв, Шодбох, Нишопур, Насо, Шаҳристон, Деҳистон, Абевард ва Тўс барин чандин вилоятҳо ва шаҳрҳои ободи серодам буданд, ки имрўз баъзеи онҳо мавҷуд бошанд ҳам, аз баъзеи онҳо ному нишон намондааст. Ҳар қадоми он шаҳрҳои беному нишонрафта (монанди Нишопур, Насо, Шодбох ва дигарҳо), ки имрўз ҷоҳои онҳо регзори хушк ва биёбони холист, дар он замонҳо ҷоҳои серодам ва пурҳаракат буда дар миёнаи боғҳо, бўстонҳо ва гулу гулзорҳо фурў рафтагӣ буданд.

Серодамии Марви онрўза ва дигар шаҳрҳои Хуросонро аз ҳамин воқеа ҳам қиёс кардан мумкин аст, ки чингизиён дар ҳуҷуми аввалиашон ба Марв аз як миллион зиёдтар одамро куштанд.

Баъди аз Марв рафтани муғулон зиндамондагон аз гўшаву канорҳо баромада, боз дар он ҷо гирд омада буданд. Чингизиён, ки роҳгузар шуда аз он ҷо мегузаштанд, дубора ба Марв ҳуҷум карда, боз касони бисьёреро куштанд.

Чингизиён инчунин дар Нишопур як миллиону 47 ҳазор нафарро ва дар Ҳирот дар навбати аввал як миллиону шаст ҳазор нафарро ва дар навбати дуйўм сад ҳазор нафарро куштанд (ба саҳифаҳои 38—40-и ҷилди 5-и «Равзат-ус-сафо»[23] нигоҳ кунед).

Назар ба ривояти «Равзат-ус-сафо» дар Балх то ҳуҷуми Чингиз 1200 ҷомеъ (масҷиди калон) ва 1200

хаммом буд. Дар хучуми Чингиз танхо аз арбоби илму адабиёт, ки номашон маълум буд, 50 хазор кас кушта шуд. Боқии кушташудагонро, ки оммаи аҳолӣ буданд, аз ҳамин бояд қиёс кард. Аз ин ҳуччати таърихӣ ободӣ ва серодамии Балхи онрӯза ба хубӣ равшан мешавад.

Мо дар ин чо аз ободии Мовароуннаҳр ва шаҳрҳои марказии вай — Самарқанд ва Бухоро чизе намегуем ва танҳо ҳамин қадарро қайд карда мегузарем, ки ин ду шаҳр дар замони сомониён маркази маданият ва сиёсати Шарқи ислом буда, баъдҳо онҳо сифати маркази сиёсии Хуросон ва Эрон будани худро гум карда бошанд ҳам, ободии худро давом кунонида буданд.

Вилоятҳои Мовароуннаҳр ва Хуросон дар он замонҳо аз чиҳати савдо ва тичорат ҳам марказ ҳисоб меёфтанд. Роҳи савдои як қисми Аврупо, Осиёи Ғарбӣ, Эрон, Ҳиндустон, Хитой, Осиёи Шимолӣ ва Муғулистон бештарин ба воситаи ҳамин сарзамин буда, ичрокунандагон ва воситашавандагони ин тичорати бузург ҳам ба эътибори аксарият савдогарони ҳамин чоҳо буданд.

Дар хусуси ободии Хоразм муаллифи «Равзат-ус-сафо» ба муносибати зикри аҳволи хоразмшоҳи аввал — Қутбиддин Муҳаммад мегӯяд (чилди 4, саҳифаи 127):

«...Муддати сӣ сол ба фароғи бол ва рафоҳи ҳол ба ҳукумати Хоразм, ки дар он айём аз ғояти маъмурӣ (ободӣ) таъна бар Мисру Хито мезад, қиём намуд».

Ин аҳвол дар аввалҳои барпо шудани давлати хоразмшоҳиён буда, дар давоми муддати яксаду чандсола ҳукумати ин хонадон, ки Хоразм пойтахт шуд ва хоразмшоҳиён дар ободии ин вилоят мекӯшиданд, бояд аз аввала чанд дарача зиёдтар обод шуда бошад.

Хучанд, ки чои бошишгоҳ ва майдони қаҳрамонии қаҳрамони ҳикояи мост, дар ободӣ забонзади мардуми Шарқ буд. Дар он вақтҳо ободии Хучанд ба чое расида буд, ки вайро «тирози чаҳон» (зебу зинати чаҳон) мегуфтанд.

Машғулияти асосии омман мардуми Хуросон, Мовароуннаҳр ва Хоразм дар деҳот киштукор, боғдорӣ, кирмакпарварӣ буда, дар шаҳрҳо ва дар марказҳои аҳолинишин майдаҳунармандӣ (пешаварӣ), бофандагӣ, дӯзандагӣ, дуредгарӣ, меъморӣ, наққошӣ, заргарӣ, зардӯзӣ, оҳангарӣ ва монанди инҳо буд.

Дар даштҳо ва чарогоҳҳо, ки дар он ҷоҳо бештарин туркон ва туркманон ба тарзи бодиянишинӣ ва кӯчманчигӣ зиндагонӣ мекарданд, машғулияти асосӣ чорводорӣ буд. Аҳолии деҳанишин ҳам ба чорводорӣ машғулӣ мекарданд, лекин чорводорӣ барои инҳо касби асосӣ набуда, балки як пешаи иловагӣ ба шумор мерафт.

Бештарини заминҳо қитъа-қитъа ва деҳа-деҳа ба амалдорон ба тарзи танхоҳ дода мешуданд, ки деҳқонон дар он заминҳо монанди ҷорьяккорон кор мекарданд ва қисми бузурги маҳсулотро танхоҳдорон мегирифтанд. Аз подшоҳ гирифта то ҳокимони вилоятҳо ва сараскарҳо ҷорпоҳои сершумораи ба худ махсус ҳам доштанд, ки онҳоро ҷӯпонон ва галабонон парвариш мекарданд.

Дар деҳқонӣ ва ҷорводории амалдорон ва молдорони калон ғуломон ҳам бисьёр кор мекарданд. Бештарини ғуломони он замон аз туркҳои шимолӣ, қалмоқон, хитоён ва ҳиндуён буданд. Ғуломони ҳинду чунон бисьёр буданд, ки дар адабиёти он замон ва баъд аз он замон то чандин сад соли дигар «ҳинду» ба маънои ғулом кор фармуда мешуд. Масалан, як шоир ба маҳбубаи худ ба ҷои ин ки «ман ғуломи ту» гӯяд, «ман ҳиндуи ту» мегӯяд.

Бештарини ин ғуломонро ғуломҷаллобон аз сардорони қабилаи ҳамон қавмҳо ё аз сардори қабилае, ки аз қабилаи дигар дар вақти ҷанги қабилагӣ асир гирифтаанд, харида меоварданд. Як қисм ғуломоне ҳам буданд, ки дар вақти ҷанги бо ғайри мусулмонон бевосита ба дасти аскарон асир афтодаанд.

Аз ғуломон касоне ҳам буданд, ки ба подшоҳ ва ё ба ягон амалдори калон ба сабаби ҷонсупоронa хизмат карданашон ба мартабаҳои олии ҳукумат мерасиданд. Чунончи, Белкотакин ғуломи Маликшоҳи салҷукӣ буда, дар Хоразм шаҳна шуд ва ғуломи ӯ

Ануштакин баъд аз вафоти ӯ аз тарафи Маликшоҳ дар Хоразм ба ҳамон мансаб таъин гардид, ки падари Қутбиддин Муҳаммад — хоразмшоҳи якӯм ҳамин кас аст.

Даромади ҳукумат аз заминҳои корам ушру хироҷ, аз молҳои тиҷоратӣ боҷу закот ва аз молҳои чорво ҷинсан закот буд.

Агар мо дар ин ҷо ҷумлаи «даромади ҳукумат»-ро бе эзоҳ гузорем, шояд хонандагон гумон кунанд, ки дар он вақтҳо ҳам хазинаи давлатӣ бошад ва ҳукмдорон моли он хазинаро ба масорифи шахсии худ сарф накарда, танҳо ба корҳои умумии мамлакат сарф мекарда бошанд. Лекин дар ҳақиқат ин тавр набуд, балки даромади ҳукумат даромади шахсии ҳукмдорон ва ҳокимони вилоятҳо ба шумор мерафт. Табақаи ҳукмдорон дар навбати аввал даромади ҳукуматро ба манфиати шахсии худ сарф мекард ва боқимондаашро, агар хоҳад, ба корҳои умумӣ харҷ мекард ва агар ин корро нахоҳад, аз харҷи шахсӣ боқимондаашро барои шахси худ захира карда, хароҷоти умумии мамлакатро ба тарзи фавқулодда боз аз аҳолии меҳнаткаш меситонид.

Табақаҳои ҳукмдор ғайр аз ин ки ба номи ушр, хироҷ, закот ва дигарҳо аз мамлакат даромад мекарданд, заминҳои корами бисьёр ва галаву рамаҳои чорвои бешумор ҳам доштанд, ки дар инҳо аҳолии камбағал ва ғуломон ба тарзи крепостной кор мекарданд. Миқдори даромади умумии табақаи ҳукмдор, ки аз ин воситаҳо ба ҳам мерасид, қариб баробари даромади умумии мамлакат буд.

## II. МАДАНИЯТИ МОВАРОУННАҲР, ХУРОСОН ВА ХОРАЗМ ПЕШ АЗ ҲУҶУМИ ЧИНГИЗХОН

Мовароуннаҳр, Хуросон ва Хоразм аз замонҳои қадим яке аз марказҳои дуньёи маданӣ шуда омадаанд. Маданияти баъдазисломии халқи форсу тоҷик бошад ба асоси ҳамон маданияти қадимӣ дар Мовароуннаҳр ташкил ёфта, ба ҷойҳои дигар паҳн шуд.

Маълум аст, ки забони адабии ҳар қавм яке аз асосҳои маданияти ҳамон қавм ба шумор рафта, во-

ситан омӯзиш ва забту накли он маданият мебошад. Забони адабии баъд аз исломияти халқи тоҷику форс, ки ин забонро дар илм «форсии нав» меноманд, дар Мовароуннаҳр ташкил ёфта ва ба воя расида, барои ҳаман халқҳои форсизабон забони адабии умумӣ гардид.

Маданияти Мовароуннаҳр як маданияти чунон пурсамарае буд, ки бисьёр қавмҳои кӯчманчӣ ва ваҳширо ҳам тарбия карда, маданӣ намуд. Мовароуннаҳр дар ҳиҷратҳо ва сафарҳои ҳарбии халқҳои кӯчманчӣ аввалин манзили маданӣ ҳисоб меёфт. Ҳарчанд ин маркази маданият дар навбати аввал аз ҳуҷуми қавмҳои ваҳшӣ зарар дида ба маданияташ халал мерасид, дар насли дуйӯм он қавмро тарбия намуда, маданӣ карда мерасонид.

Маданияти Мовароуннаҳр, Хуросон ва Хоразм мувофиқи тараққии иқтисодӣ ва ободии моддиаш пештар аз ҳуҷуми Чингиз ба авҷи аълои худ расида буд. Дар ҳар кадоми шаҳрҳо ва деҳаҳои калони ин сарзаминҳо, мадрасаҳо ва китобхонаҳо буда, дар он ҷоҳо олимон ва толибони илм гирд омада буданд. Инҳо аз фанҳои гуногун ифода ва истифода мекарданд ва асарҳои илмию адабии ҷаҳоншумули худро дар ин ҷоҳо ба вуҷуд меовар данд.

Назар ба ривояти муаллифи «Қомус-ул-аъломи туркӣ»[24] (ҷилди 6, саҳифаи 4267, моддаи «Марв»), ки аз Ёқути Ҳамавӣ (вафот 626—1229) накл кардааст, пештарак аз ҳуҷуми Чингиз дар шаҳри Марв дах китобхонаи мукаммал буд, ки онҳо бо китобҳои нодири гуногун пур буданд ва Ёқути Ҳамавӣ «Мӯъҷам-ул-булдон» ва дигар асарҳои ҷаҳоншумули худро аз он китобхонаҳо фоида бурда навиштааст.

Ёқути Ҳамавӣ наслан юнонӣ буда, дар Бағдод ислом оварда[25] тарбия ёфтааст, чандин сол дар Марв нишаста ва аз китобхонаҳои он ҷо истифода карда, асарҳои пурқимати худро навиштани ӯ ба чӣ дараҷа пурра будани он китобхонаҳоро равшан нишон медиҳад.

Дар Бухоро низ ба ғайр аз ин ки ҳар мадраса китобхонаи ба худ махсус дошт, дар ҷомеи Бухоро китобхонаи умумие буд, ки дараш барои ҳамаи му-

толиакунандагон боз буд. Равокҳои даруни чор самти ҷомеи Бухоро, ки дар он вақтҳо аз бинои ҳозирааш дида бисёр васеъ буд, пур аз китобсандуқҳо (шкафҳо) буда, ҳамаи онҳо бо китобҳои камъёбу пурқимат моломол буданд.

Ин китобхона то ҳуҷуми чингизиён барқарор буд. Вақте ки Чингизхон шаҳри Бухороро ишғол кард, бо саворони хоссаи худ ба ҷомеи мазкур даромад, худаш дар мақсураи масҷид нишаст ва саворони худро фармуд, ки китобҳоро ба ҷои коҳу алаф ба пеши аспон рехта, китобсандуқҳоро ба ҷои охур кор фармуданд ва аспони гуруснаи муғулон варақҳои китобҳои пурбаҳоро мисли гиёҳҳои хушки биёбонӣ бо рағбати тамом хӯрданд.

Абулфатҳ Муҳаммади Шаҳристонӣ (вафот 548—1154) «Китоб-ул-милали в-ан-ниҳал»-и худро, ки ба забони лотинӣ ва ба дигар забонҳои аврупоӣ тарҷима шудааст, аз китобхонаҳои Марв ва Бухоро фоида бурда навиштааст. Наҷибуддини Самарқандӣ, ки мутахассиси илми тиб буда, дар Ҳирот дар вақти ҳуҷуми чингизиён кушта шудааст, «Китоб-ул-ағзият-ил марзо», «Китоб-ул-асбоб ва-л-аломот», «Китоб-ул-карободин-ул-кабир» ва «Китоб-ул-карободин-ул-сағир» ном асарҳои пурқимати худро дар Бухоро, Самарқанд, Марв ва Ҳирот навиштааст.

Хоразм ҳам дар маданияти баъдаисломӣ аз Мовароуннаҳр ва Хуросон қафо намонда буд. Хусусан баъд аз барпо шудани давлати хоразмшоҳиён ин вилоят ҳам ба сифати маркази маданият соҳиб шуд. Аз тарафи Зайниддин бинни Исмоил бинни Ҳусайни Ҷурҷонӣ (вафот 531 ҳиҷрӣ — 1137 милодӣ) дар Хоразм ба номи Отсизи хоразмшоҳ ба забони форсӣтоҷикӣ таълиф ёфтани «Захираи Хоразмшоҳӣ» * барин як китоби 12-ҷилда, ки аз назариёт ва амалиёти

---

* Як нусхаи мукаммали ин китоби пурқимат, ки ба коғази нимкаваб бо хатти бисёр хуб дар замони муаллиф навишта шудааст (бояд бевосита аз дастнависи муаллиф нусха гирифта шуда бошад), бо ташаббуси нависандаи ин сатрҳо аз китобхонаи Давлатии умумии Тоҷикистон шуд.

тиб гап мезанад, барои исботи ин матлаб мисол шуда метавонад.

Як қатор шоирони олим ва адибони ҳакиму файласуф, ки ба таърихи адабиёти форс-тоҷик зинати ҷаҳонӣ бахшидаанд, дар ҳамин сад соли охири то ҳуҷуми Чингиз аз ҳамин сарзаминҳо расида, дар ҳамин ҷоҳо тарбия ва нашъунамо ёфтаанд. Мо дар ин қатор ба тарзи мисол номҳои зеринро ёд карда мегузарем:

Умари Хайёми Нишопурӣ (вафот 510—1124), Саид Ҳасани Ғазнавӣ (вафот 535—1141), Низомии Арӯзии Самарқандӣ, Амъақи Бухорой (вафот 540—1146), ҳамзамони Амъақ — Рашидии Самарқандӣ, писари Амъақ — Ҳамидӣ, Муиззии Самарқандӣ ё ин ки Марвӣ (вафот 542—1148), адиб Собири Бухороии Тирмизӣ (дар соли 546—1152 дар Хоразм кушта шудааст), шайх Саноии Ғазнавӣ (вафот 546—1152), Анварии Абивардӣ (вафот 547—1153), ҳаким Сӯзании Самарқандӣ (вафот 569—1174), Рашиди Ватвоти Балхии Хоразмӣ (вафот 578—1183), Сайфии Нишопурӣ, Рӯҳонии Самарқандӣ, Ҷавҳарии Заргари Бухорой, Заҳири Форьёбӣ (вафот 586—1190), Асириддини Ахсекатӣ (як шаҳри водии Фарғона, ки ҳозир Асака номида мешавад), Сайфи Исфарангӣ (исфарагӣ) ва дигарҳо.

Дар ин давра санъати мусиқа, наққошӣ ва рассомӣ ҳам хеле ривоҷ гирифта буд. Наққошон ва рассомон на танҳо нақшу нигорҳои нафиси хаёлӣ ва расмҳои манзараҳои табиатро мекашиданд, балки онҳо ба айнан кашидани расми ҷондорҳо ва одамҳо ҳам иқтидор ва маҳорати пурра доштанд. Барои исботи ин муддао воқеаи зерин далел шуда метавонад.

Отсизи хоразмшоҳ ба султон Санҷари салҷуқӣ исьён карда буд. Султон адиб Собирро аз Марв ба Хоразм фиристод, ки Отсизро ба итоат даъват кунад. Отсиз, аз як тараф, масъалаи итоатро гуфтушунид карда истода, аз тарафи дигар, ду нафар фидоиро ба Марв пинҳонӣ фиристод, ки султонро бо сиққасд ҳалок кунанд. Адиб Собир аз ин сир хабардор шуда, он ду фидоиро ёфта дида, расми онҳоро ба кошғазе кашида, бо мактубе дар соқи мӯзаи зане гузош-

та, ба Марв — ба Санҷар фиристод, ки аз он ҳодисаи рӯйдодани огоҳ шавад.

Санҷар ба воситаи он расмҳо он ду фидоиро аз харoботе ёфта ҷазо дод. Агар адиб Собир расми он ду фидоиро айнан кашида наметавонист, ба воситаи он расмҳо он ду ҷинояткорро ёфтан мумкин намешуд. (Сабаби аз тарафи Отсизи хоразмшоҳ дар об ғарқ кунонда кушондани адиб Собир ҳамин ходиса аст.)

## III. АҲВОЛИ СИЕСИИ ХУРОСОН, МОВАРОУННАҲР ВА ХОРАЗМ ПЕШТАР АЗ ҲУҶУМИ ЧИНГИЗ

Давлати салҷуқиён дар Хуросон ташкил ёфта ва аз ҳамин ҷо ривоҷ гирифта, бештарин ва ободтарини [ҷойҳои] Шарқи исломро ба зери дасти худ даровард. Ин давлат дар замони ҳукмронии Алб-Арслон, Маликшоҳи аввал ва султон Санҷар аз Мовароуннаҳр ва қисми шимолии Ҳиндустон гирифта то Шом, Антокия ва Осиёи Хурд дар зери идораи худ даровардa буд. Ҳарчанд дар Бағдод халифаҳои аббосӣ нишинанд ҳам, нуфуз ва ҳокимият ҳатто дар худи Бағдод ҳам дар дасти салҷуқиён буд. Дар замони Алб-Арслон Нишопур ва дар замони султон Санҷар Марв пойтахти ин давлат буда, ҳамаи он мамлакатҳои васеъ аз тарафи ҳамин ду шаҳри Хуросон идора карда мешуданд.

Вақте ки Маликшоҳи салҷуқӣ аз сафари Мовароуннаҳр ва Туркистон бо лашкари бисьёр баргашта омада, аз Аму бо киштиҳо ба тарафи Хуросон гузашт, вазири ӯ Низомулмулк музди киштибононро ба моли Антокия ҳавола навишт, то ки дар бораи вусъати мамлакати Маликшоҳ дар таърих як ҳуҷҷати расмӣ монад. Чун киштибонон аз дурии Антокия шикоят карданд, ҳуҷҷати ҳавола аз онҳо бо пули нақд харида гирифта шуда, дар қатори ҳуҷҷатҳои таърихӣ гузошта шуд.

Аз вилоятҳои Мовароуннаҳр Самарқанд ва Бухоро, ки истиқлоли дохилӣ дошта ба салҷуқиён хироҷгузор буданд, дар охирҳои замони Санҷар дар натиҷаи ҷанге, ки ӯ аз қарахитоиён шикаст хӯрд, ин ду

вилоят аз зери дасти салчуқиён баромада бо истиқлоли дохилӣ ба қарахитоиён хироҷгузор шуданд.

Вилояти Хоразм дар аввалҳои давраи салҷуқиён мустақил буд. Аммо дар замони Алб-Арслон дар соли 458—1066 ин вилоят бо шаҳри Ҷанд, ки дар наздикиҳои қисми охирии дарьёи Сир буд, ба дасти салҷуқиён даромад. Дар соли 491 ҳиҷрӣ — 1098 милодӣ сари хонадони хоразмшоҳиён — Қутбиддин Муҳаммад, ки падараш Ануштакин аз ғуломони дарбори салҷуқиён буда, шаҳнаи Хоразм буд, баъд аз вафоти падар аз тарафи салҷуқиён бо лақаби хоразмшоҳӣ волии Хоразм таъин шуд ва баъд аз вафоти ӯ (521—1127) писараш Отсиз бо лақаби мазкур ҷонишини падар гардид.

Отсиз дар аввалҳои ҳукумати худ монанди падараш ба султон Санҷари салҷуқӣ итоат кард. Вақте ки дар давлати салҷуқиён нишонаҳои сустӣ пайдо шудан гирифт, ӯ аломатҳои исьён нишон дода дар паи истиқлол афтод. Баъд аз шикаст хӯрдани Санҷар дар ҷанги қарахитоиён ва асир афтодани ӯ ба дасти туркманҳои ғаз, Отсиз худро ворисн мамлакати салҷуқиён шумурда хуруч кард.

Дар ин бора шоири дарбори Отсиз — Рашиди Ватвот мегӯяд:

> Чун малик Отсиз ба тахти мулк баромад,
> Давлати салҷуку оли ӯ ба сар омад.

Аҷаб аст, ки Отсиз аз як тараф, барои васеъ кардани мамлакати худ ба муқобили Санҷари салҷуқӣ меҷангида бошад, аз тарафи дигар, дар ин ҷангу ҷидолҳо аз қарахитоиён мадад гирифта, ҳар сол ба онҳо хироҷи муайяне медод, ки хироҷгундорони қарахитоиён ба ӯ монанди як волии ҳукмдори худ муомила мекарданд, яъне Отсиз дар паи манфиати насияи ба даст даромаданаш номаълум манфиати нақди ба даст доштаи худро барбод медод.

Отсиз пеш аз он ки ба мамлакати Санҷари салҷуқӣ соҳиб шавад, як сол пештар аз ӯ — дар соли 1156 милодӣ вафот кард ва писари ӯ Эл-Арслон ҳам, ки ба ҷои ӯ хоразмшоҳ шуда буд, аз мероси салҷуқиён баҳра бурда натавонист. Вай як бор ба Мовароун-

нахр хучум карда то Самарканд рафта бошад ҳам, бо мусолиҳаи хушку холӣ баргашт.

Аммо Эл-Арслон ҷазои хатои падари худро кашид: азбаски ӯ моли мукаррарии падараш ваъда кардагиро ба қарахитоиён надод, онҳо ба Хоразм ҳуҷум оварданд. Аскарони пешгарди Эл-Арслон шикаст хӯрданд. Дар ин миён худи ӯ вафот карда (557—1162), дар миёнаи фарзандонаш — Султоншоҳ ва Такаш низоъ сар шуд.

Аввал Султоншоҳ ба тахти Хоразм нишаста бошад ҳам, Алоуддини Такаш, ки писари калони Эл-Арслон буд, аз қарахитоиён мадад гирифта, бародарашро аз Хоразм ронд ва худаш подшоҳ шуд. Баъд аз он Султоншоҳ аз қарахитоиён мадад ҷуст ва ба Такаш муқобил баромад, яъне хоразмшоҳиён дар ин давра дастнишондаи қарахитоиён шуда монда буданд, ки онҳо тақдири инҳоро ҳал мекарданд.

Оқибат Такаш ғолиб омада, подшоҳӣ ба номи ӯ монд ва Султоншоҳ ба як қисми Хуросон ҳоким шуд ва баъд аз вафоти Султоншоҳ он як қисми Хуросон ҳам ба Такаш гузашт ва қисми дигари Хуросонро подшоҳони ғӯр гирифтанд, яъне мероси салҷуқиён дар Хуросон дар миёни хоразмшоҳиён ва ғӯриён тақсим ёфт.

Такаш ду-се бор ба Ироқи Аҷам сафари ҳарбӣ карда, аз он ҷо ҳам як қисм аз мероси салҷуқиён гирифта, дар соли 596—1200 вафот кард.

Ба ҷои Такаш бар тахти Хоразм писараш — Қутбиддин Муҳаммади сонӣ, ки ба султон Муҳаммади хоразмшоҳ машҳур аст, нишаст. Азбаски ҳуҷуми чингизиён ба Мовароуннаҳр ва Хуросон дар замони ин султон рӯй дод, ба мо лозим аст, ки ба болои аҳволи замон ва мамлакатдории вай қадре зиёдтар истода гузарем.

## IV. АҲВОЛИ ЗАМОНИ СУЛТОН МУҲАММАДИ ХОРАЗМШОҲ ВА МАМЛАКАТДОРИИ Ӯ

Аввалҳои замони салтанати Муҳаммади хоразмшоҳ дар низоъ бо ғӯриён гузашт. Ғӯриён Ҳирот ва чандин шаҳри дигари Хуросонро соҳиб шуда буданд

вилоят аз зери дасти салҷуқиён баромада бо истиқлоли дохилӣ ба қарахитоиён хироҷгузор шуданд.

Вилояти Хоразм дар аввалҳои даврaи салҷуқиён мустақил буд. Аммо дар замони Алб-Арслон дар соли 458—1066 ин вилоят бо шаҳри Ҷанд, ки дар наздикиҳои қисми охирии дарьёи Сир буд, ба дасти салҷуқиён даромад. Дар соли 491 ҳиҷрӣ — 1098 милодӣ сари хонадони хоразмшоҳиён — Қутбиддин Муҳаммад, ки падараш Ануштакин аз ғуломони дарбори салҷуқиён буда, шаҳнаи Хоразм буд, баъд аз вафоти падар аз тарафи салҷуқиён бо лақаби хоразмшоҳӣ волии Хоразм таъин шуд ва баъд аз вафоти ӯ (521—1127) писараш Отсиз бо лақаби мазкур ҷонишини падар гардид.

Отсиз дар аввалҳои ҳукумати худ монанди падараш ба султон Санҷари салҷуқӣ итоат кард. Вақте ки дар давлати салҷуқиён нишонаҳои сустӣ пайдо шудан гирифт, ӯ аломатҳои исьён нишон дода дар паи истиқлол афтод. Баъд аз шикаст хӯрдани Санҷар дар ҷанги қарахитоиён ва асир афтодани ӯ ба дасти туркманҳои ғаз, Отсиз худро ворисн мамлакати салҷуқиён шумурда хуруҷ кард.

Дар ин бора шоири дарбори Отсиз — Рашиди Ватвот мегӯяд:

> Чун малик Отсиз ба тахти мулк баромад,
> Давлати салҷуқу оли ӯ ба сар омад.

Аҷаб аст, ки Отсиз аз як тараф, барои васеъ кардани мамлакати худ ба муқобили Санҷари салҷуқӣ меҷангида бошад, аз тарафи дигар, дар ин ҷангу ҷидолҳо аз қарахитоиён мадад гирифта, ҳар сол ба онҳо хироҷи муайяне медод, ки хироҷгундорони қарахитоиён ба ӯ монанди як волии ҳукмдори худ муомила мекарданд, яъне Отсиз дар паи манфиати насияи ба даст даромаданаш номаълум манфиати нақди ба даст доштан худро барбод медод.

Отсиз пеш аз он ки ба мамлакати Санҷари салҷуқӣ соҳиб шавад, як сол пештар аз ӯ — дар соли 1156 милодӣ вафот кард ва писари ӯ Эл-Арслон ҳам, ки ба ҷои ӯ хоразмшоҳ шуда буд, аз мероси салҷуқиён баҳра бурда натавонист. Вай як бор ба Мовароун-

назр кӯчҳо карда ба Самарқанд рафта бошад ҳам, ба мусолиҳа кӯшиш нома бардошт.

Аммо Эл Арслон ҳамон хатои падари худро давом дода, у мулкҳои мухаррараи падараш ... карда-гиро бо қарахитоиҳо мадад, лекин ба Хоразм ҳуҷум оварданд. Аскарони пешгарди Эл Арслон шикаст хӯрданд. Дар ин вақт худи ӯ вафот карда (1157—1172), дар мобайни фарзандонаш — Султоншоҳ ва Текиш низоъ сар шуд.

Аввал Султоншоҳ ба тахти Хоразм нишаста бошад ҳам, Алоуддин Текиш, ки писари калони Эл Арслон буд, аз қарахитоиҳо мадад гирифта бародарашро аз Хоразм ронд ва худаш подшоҳ шуд. Баъд аз он Султоншоҳ аз қарахитоиҳо мадад хост ва ба Текиш муқобил баромад, яъне хоразмшоҳиён дар ин давра дастнишондаи қарахитоиҳо шуда монда буданд, ки онҳо тахдории онҳоро ҳал мекарданд.

Оқибат Текиш ғолиб омада подшоҳӣ ба номи ӯ монд ва Султоншоҳ ба як қисми Хуросон ҳоким шуд ва баъд аз вафоти Султоншоҳ он як қисми Хуросон ҳам ба Текиш гузашт ва қисми дигари Хуросонро подшоҳони Ғӯр гирифтанд, яъне мероси салҷуқиён дар Хуросон дар мобайни хоразмшоҳиён ва ғуриён тақсим ёфт.

Текиш чун бар ба Ироқи Аҷам сафари ҳарбӣ карда, аз он ҷо ҳам як қисм аз мероси салҷуқиёнро гирифта, дар соли 596—1200 вафот кард.

Ба ҷои Текиш бар тахти Хоразм писараш — Қутбуддин Муҳаммад соҳиб, ки ба султон Муҳаммади хоразмшоҳ машҳур аст, нишаст. Аббосиҳо ҳуҷуми чингизиён ба Моваруннаҳр ва Хуросон дар замони ин султон рӯй дод, ба ин сабаб аст, ки ба баёни аҳволи замон ва мамлакатдории вай андаке зиёдтар истода гузарем.

## IV. АҲВОЛИ ЗАМОНИ СУЛТОН МУҲАММАДИ ХОРАЗМШОҲ ВА МАМЛАКАТДОРИИ Ӯ

Аҳволи замони салтанати Муҳаммади хоразмшоҳ дар навъе ба ғуриён гузашт. Ғуриён Ҳирот ва чандин шаҳри дигари Хуросонро соҳиб шуда буданд

ва мехостанд, ки ҳамаи Хуросонро аз хоразмшоҳиён бигиранд. Султон Муҳаммад мехост, ки ҳамаи Хуросонро, ҳатто Ғазниро ҳам, ки пойтахти ғӯриён буда, дар замони салҷуқиён ба мамлакати онон илҳоқ шуда буд, ба даст дарорад.

Дар миёнаи ғӯриён ва султон Муҳаммад 4 бор ҷанг воқеъ шуд ва дар ҳар бор ғалаба ба тарафи ғӯриён буд, ҳатто ғӯриён як-ду бор ба Хоразм ҳам ҳуҷум оварданд. Аммо султон Муҳаммад дар охир аз қарахитоиён мадад гирифта, ба ғӯриён ғалаба кард ва кам-кам ҳамаи Хуросонро ба даст даровард.

Султон Муҳаммад ҳам монанди падару бобоҳои худ ба қарахитоиён ҳар сол ба номи хироҷ моли муайяне медод ва дар вақти лозим шуданаш аз онҳо мадад мегирифт ва бо ҳамин роҳ пушти мамлакати худро аз онҳо эмин карда, ба пеш, ба тарафи Хуросон ва Ироқ ҳаракат мекард. Ӯ оқибат Ғазниро ҳам ба даст даровард, Ироқро ҳам ишғол кард ва бо атобакони форс ҷангида, ба онҳо ҳам ғалаба карда, онҳоро ба қатори хироҷгузорони худ даровард. Лекин ӯ бо ҳамаи ин ғалабаҳо хироҷгузори қарахитоиён буд.

Султон Муҳаммад барои раҳоӣ ёфтан аз зердастии қарахитоиён бо ҳокими Самарқанд Усмоншоҳ, ки ӯ ҳам хироҷгузори қарахитоиён буд, дар пинҳонӣ забон як кард. Баъди он моли муқарарриро ба қарахитоиён надод ва элчии ба талаби мол омадаи онҳоро кушта, ба Мовароуннаҳр ҳуҷум овард. Бухороро бо ёрмандии аҳолии он ҷо, ки аз ҳукмфармоии қарахитоиён безор шуда буданд, ишғол кард. Ҳокими он ҷоро, ки бандаи содиқи қарахитоиён буд, кушт.

Ҳокими Самарқанд Усмоншоҳ пеш аз ба он ҷо расидани султон Муҳаммад ба қарахитоиён исьён карда, ба номи ӯ сикка зад ва хутба хононд. Султон бе он ки аз камон тире раҳо кунад, Самарқандро ҳам ишғол кард ва ба ҳамин тариқа тамоми Мовароуннаҳр ба дасти ӯ гузашт.

Султон Муҳаммад баъд аз ин гуна ғалабаҳои муфт хост, ки Носир-халифаи аббосиро аз хилофат бароварда, ба ҷои ӯ яке аз сайидҳои алавии (авлоди Алӣ) тирмизиро гузаронад, то ки бо ин роҳ салтанати рӯҳонии мусулмононро ба зери нуфузи салтанати сиёсии

худ дароварда, ба ҳамаи Шарқи ислом ҳукмрон гардад.

Султон Муҳаммад барои ҳамин мақсад бо сесад ҳазор савор ба тарафи Ироқ равона шуда, то шаҳри Ҳулвон рафт ва дар роҳ элчии халифаро, ки бо талаби сулҳу осоиш омада буд, таҳқир карда аз пеши худ ронд. Аммо дар Ҳулвон сармои сахт хеста дасту пои хеле одами бисёреро аз лашкариёни ӯ талаф кард. Ғайр аз ин бо он ҳол ба Бағдод сафари ҳарбӣ кардан мумкин набуд, аз он ҷо ба тарафи Хуросон баргашт. Ана дар ҳамин вақт тайёрии Чингизхон барои ҳуҷум ба мамлакати султон шӯҳрат ёфт ва аз миёна бисёр вақт нагузашта, бо ҳуҷуми чингизиён мамлакати ӯ зеру забар шуд.

Агар кӯтоҳ карда гӯем, мамлакати хоразмшоҳиён дар замони султон Муҳаммад бисёр васеъ шуда, ин давлат ба камол расид ва инчунин дар замони ҳамин подшоҳ тамоман маҳв ва несту нобуд шуд.

Агар мо ин маълумоти мухтасареро, ки дар бораи замони султон Муҳаммад дода шуд, ба назар гирем, гуфта метавонем, ки дар вақти ҳуҷуми Чингизхон ба Мовароуннаҳр ва Хуросон ҳукумати султон Муҳаммад сиёсати ҳанӯз истеҳком ва устувории дурусте пайдо накарда буд, мамлакатҳои нав ишғолшуда ҳанӯз ба ҳукумати вай дил набаста буданд, хироҷгузорони нав, ҳокимзодагони вилоятҳои ба тозагӣ ишғол кардашуда ва ҳокимоне, ки бо зӯрӣ ба ӯ тобеъ шуда буданд, интизори фурсати муносибе буданд, ки ба ӯ исьён кунанд.

Чунончи, вақте ки ӯ барои ҷангидан бо қарахитоиён ба ҳудуди Туркистони Шарқӣ рафт ва шикаст хӯрд, ҳокими Ҳирот исьён кард. Ҳокими Ҳирот, ки бо вуҷуди ба ихтиёри худ ба султон тобеъ шуда дар зери дасти вай даҳ сол истодан исьён мекунад, аз Ғазнин, ки ба тозагӣ ишғол карда шуда буд, чӣ гуна дар ягон рӯзи сахт садоқат умед карда мешавад? Ва ҳол он ки дар Ғазнин бозмондагони ғӯриён ҳанӯз буданд, ки аз султон интиқом кашидан мехостанд.

Саркардагони султон Муҳаммад ҳам ба итоати ӯ якдилу якзабон набуданд, дар маъракаҳои халқунандаи ҷанг ба ӯ хиёнат карда ба душманаш ёрӣ доданд-

шон мумкин буд. Чунончи, вақте ки ӯ бо қарахитоиён ҷанг сар кард, ду нафар аз саркардагонаш ба хони қарахитоиён забон доданд, ки дар вақти гармии ҷанг ба тарафи ӯ гузаранд. Он саркардагон дар ҳақиқат ҳам ҳамин тавр карданд ва ба сабаби аз саф баромада бо дастаи худ ба тарафи душман гузаштани он ду хоин лашкари султон шикаст хӯрд ва худаш дар миёни душманон монд. Аммо ба сабаби нашинохтани онҳо вай аз он таҳлука халосӣ ёфт.

Хулоса, на дар байни ҳокимони вилоятҳои султон Муҳаммад ва на дар байни сараскаронаш ягонагии пурра набуд ва инчунин онҳо ба султон ҳам эътимод ва итоати комил надоштанд, ки дар рӯзҳои сахт ҳамаашон дар зери роҳбарияти ӯ аз як гиребон сар бароранд.

Султон Муҳаммад ҳам он қадар иқтидори сиёсӣ ва ҳарбӣ надошт, ки дар муқобили як душмани ғаддори хунхори монанди Чингиз як сафи ягонаи ҷанговарро ба вуҷуд оварда тавонад. Билъакс, ӯ бо ҳаракатҳои худписандӣ, худситоӣ, худбинӣ ва мағрурии худ ҳамаро аз худаш меранҷонид.

Султон Муҳаммад афкори оммаро ба назар намегирифт, ба муҳаббат ва нафрати оммаи мардум эътибор намекард. Чунончи, як бор вай дар ҳолати мастӣ ба қатли шайх Маҷидуддин фармон дод, ки ӯро дар алоқаи ғайриқонунӣ бо волидаи султон — Туркон-хотун доштанаш тӯҳмат карда буданд. Қатли ин одами машҳури рӯҳонӣ бо тӯҳмати хушк ва аз ғайри исботи қонунӣ, аз як тараф, дар байни рӯҳониён ва як қисм аҳолии диндор нисбат ба султон нафрат пайдо кунонида бошад, аз тарафи дигар, дар пеши як қисми дигари аҳолӣ ӯро ба модарбахатоӣ машҳур карда расво намуд.

Инчунин дар замоне, ки олами Шарқи ислом халифаро ноиби пайғамбар медонист, султон ба муқобили вай исьён карда теғ кашид. Дуруст аст, ки оли Бӯя ва салҷуқиён ҳам халифаҳои замони худро дар зери нуфузи худ гирифта, дар дасти онҳо ҳеҷ ихтиёре намегузоштанд. Лекин онҳо ҳамаи ин корҳоро дар зери либоси «эҳтироми халифа» ва ба номи «ёрӣ додан» ба ӯ мекарданд. Ба иборати дигар, онҳо одамони зӯри со-

ҳибтадбир буданд, ки мақсади худро бо ҳилаҳои сиёсӣ ҳосил менамуданд. Аммо султон Муҳаммад халифаро бедин эълон кард, на танҳо ӯро, балки тамоми аҳли хонаводаи аббосиро, ки дар байни мусулмонони дунёи қариб панҷсадсола нуфузи рӯҳонӣ доштанд, аз хилофат маҳрум кардан хост.

Бо ҳамаи ин агар султон Муҳаммад Носир-халифа ва аббосиёнро аз хилофат дур карда метавонист, эҳтимол мерафт, ки бо вуҷуди норозигӣ, мусулмонон дар пеши амри воқеъ чизе гуфта натавонанд. Аммо дар вақте ки султон бо вуҷуди он лофҳо ва дӯғҳо ба муқобили халифа коре карда натавониста бе ҷангу ҷидол аз Ҳулвон баргашт, дар пеши мардум обрӯи ҳарбии худро барбод дода хандазор шуд ва ҳатто як қисм одамони соддадил он сармои сахтеро, ки сабаби баргаштани султон аз муқобилат ба халифа шуд, «кароматӣ» халифа шумурданд.

Албатта, султон Муҳаммад бо ин корҳои худ нафрати умумии олами исломро ба худ ҷалб кард, ва ҳол он ки барои ғалаба ва мағлубияти як лашкаркаш муҳаббат ва нафрати умумӣ роли калоне бозӣ мекунад.

Султон Муҳаммад ба муқобили халифа дар вақте лашкар кашид, ки Чингиз барои ҳуҷум ба мамлакати вай тайёрӣ медид. Ин ҳаракати султон ғайр аз нафрати умумӣ нисбат ба худаш раги интиқомгирии Носир-халифаро ҳам ба ҳаракат овард: Носир-халифа ҳам фикри расои дуррасе надошт ва оқибати ҳуҷуми Чингизро ба олами ислом ба ҳисоб гирифта наметавонист, ба ӯ мактуби махсусе навишта ӯро барои ҳуҷум ба мамлакати султон Муҳаммад ташвиқ ва даъват кард ва хонро ҳомии худ шумурд.

Ҳарчанд Чингиз сару савдои ба халифа ёрӣ додан надошта, балки билъакс дар охир маҳв кардани халифа низ дар нақшаи ҳарбии ӯ бошад ҳам, ин мактуб ба ӯ хеле ёрӣ дод — ин мактуб сусту ларзон будани ақибгоҳи султон ва аз олами ислом ҷудо шуда мондани ӯро ба Чингиз фаҳмонда, ӯро дар кори ҳуҷум далер кард.

Ғалабаҳои султон Муҳаммад дар роҳи васеъ кардани мамлакати хоразмшоҳиён ҳамагӣ тасодуфӣ буданд. Нияти мамлакатгирии султон Муҳаммад ба ша-

шон мумкин буд. Чунончи, вақте ки ӯ бо қарахитоиён ҷанг сар кард, ду нафар аз саркардагонаш ба хонҷ қарахитоиён забон доданд, ки дар вақти гармии ҷанг ба тарафи ӯ гузаранд. Он саркардагон дар ҳақиқат ҳам ҳамин тавр карданд ва ба сабаби аз саф баромада бо дастаи худ ба тарафи душман гузаштани он ду хоин лашкари султон шикаст хӯрд ва худаш дар миёни душманон монд. Аммо ба сабаби нашинохтани онҳо вай аз он таҳлука халосӣ ёфт.

Хулоса, на дар байни ҳокимони вилоятҳои султон Муҳаммад ва на дар байни сараскаронаш ягонагии пурра набуд ва инчунин онҳо ба султон ҳам эътимод ва итоати комил надоштанд, ки дар рӯзҳои сахт ҳамаашон дар зери роҳбарияти ӯ аз як гиребон сар бароранд.

Султон Муҳаммад ҳам он қадар иқтидори сиёсӣ ва ҳарбӣ надошт, ки дар муқобили як душмани ғаддори хунхори монанди Чингиз як сафи ягонаи ҷанговарро ба вуҷуд оварда тавонад. Билъакс, ӯ бо ҳаракатҳои худписандӣ, худситоӣ, худбинӣ ва мағрурии худ ҳамаро аз худаш меранҷонид.

Султон Муҳаммад афкори оммаро ба назар намегирифт, ба муҳаббат ва нафрати оммаи мардум эътибор намекард. Чунончи, як бор вай дар ҳолати мастӣ ба қатли шайх Маҷидуддин фармон дод, ки ӯро дар алоқаи ғайриқонунӣ бо волидаи султон — Туркон-хотун доштанаш тӯҳмат карда буданд. Қатли ин одами машҳури рӯҳонӣ бо тӯҳмати хушк ва аз ғайри исботи қонунӣ, аз як тараф, дар байни рӯҳониён ва як қисм аҳолии диндор нисбат ба султон нафрат пайдо кунонида бошад, аз тарафи дигар, дар пеши як қисми дигари аҳолӣ ӯро ба модарбахатой машҳур карда расво намуд.

Инчунин дар замоне, ки олами Шарқи ислом халифаро ноиби пайғамбар медонист, султон ба муқобили вай исьён карда теғ кашид. Дуруст аст, ки оли Бӯя ва салҷуқиён ҳам халифаҳои замони худро дар зери нуфузи худ гирифта, дар дасти онҳо ҳеҷ ихтиёре намегузоштанд. Лекин онҳо ҳамаи ин корҳоро дар зери либоси «эҳтироми халифа» ва ба номи «ёрӣ додан» ба ӯ мекарданд. Ба иборати дигар, онҳо одамони зӯри со-

хибтадбир буданд, ки мақсади худро бо ҳилаҳои гиёҳӣ ҳосил менамуданд. Аммо султон Муҳаммад халифаро бедин эълон кард, на танҳо ӯро, балки тамоми аҳли хонаводаи аббосиро, ки дар байни мусулмонони дунё қариб панҷсадсола нуфузи рӯҳонӣ доштанд, аз хилофат маҳрум кардан хост.

Бо ҳамаи ин агар султон Муҳаммад Носир-халифа ва аббосиёнро аз хилофат дур карда метавонист, эҳтимол мерафт, ки бо вуҷуди норозигӣ, мусулмонон дар пеши амри воқеъ чизе гуфта натавонанд. Аммо дар вақте ки султон бо вуҷуди он лофҳо ва дӯғҳо ба муқобили халифа коре карда натавониста бе ҷангу ҷидол аз Ҳулвон баргашт, дар пеши мардум обрӯи ҳарбии худро барбод дода хандазор шуд ва ҳатто як қисм одамони соддадил он сармои сахтеро, ки сабаби баргаштани султон аз муқобилат ба халифа шуд, «каромоти» халифа шумурданд.

Албатта, султон Муҳаммад бо ин корҳои худ нафрати умумии олами исломро ба худ ҷалб кард, ва ҳол он ки барои ғалаба ва мағлубияти як лашкаркаш муҳаббат ва нафрати умумӣ роли калоне бозӣ мекунад.

Султон Муҳаммад ба муқобили халифа дар вақте лашкар кашид, ки Чингиз барои ҳуҷум ба мамлакати вай тайёрӣ медид. Ин ҳаракати султон ғайр аз нафрати умумӣ нисбат ба худаш раги интиқомгирии Носир-халифаро ҳам ба ҳаракат овард: Носир-халифа ҳам фикри расои дуррасе надошт ва оқибати ҳуҷуми Чингизро ба олами ислом ба ҳисоб гирифта наметавонист, ба ӯ мактуби махсусе навишта ӯро барои ҳуҷум ба мамлакати султон Муҳаммад ташвиқ ва даъват кард ва хонро ҳомии худ шумурд.

Ҳарчанд Чингиз сару савдое ба халифа ёрӣ додан надошта, балки билъакс дар охир маҳв кардани халифа низ дар нақшаи ҳарбии ӯ бошад ҳам, ин мактуб ба ӯ хеле ёрӣ дод — ин мактуб сусту ларзон будани ақибгоҳи султон ва аз олами ислом ҷудо шуда мондани ӯро ба Чингиз фаҳмонда, ӯро дар кори ҳуҷум далер кард.

Ғалабаҳои султон Муҳаммад дар роҳи васеъ кардани мамлакати хоразмшоҳиён ҳамагӣ тасодуфӣ буданд. Нияти мамлакатгирии султон Муҳаммад ба ша-

роите рост омад, ки баъд аз сукути салҷуқиён дар ҳар вилоят ва музофот як «подшоҳ» пайдо шуда буд ва ҳеҷ кадоми онҳо ба мудофиаи мамлакати худ иқтидор надоштанд. Бинобар ин ӯ бо осонӣ бисьёр ҷойҳоро ба даст даровард. Вагарна ӯ як одами ҳарбии пуриқтидор ва дурандеш набуд.

Ин ғалабаҳои тасодуфии осон дар ӯ як ақида пайдо кунонид, ки гӯё ӯ дар ҳар маъракаи ҷанг бе ҳеҷ ҳозирӣ бо осонӣ ғалаба мекарда бошад. Ба иборати дигар, ӯ ҳамаи ғалабаҳоро ба шахси худ нисбат медод ва дар натиҷа аз ҳад зиёд мағрур шуда монд ва дар мавридҳое, ки ҷораш пеш наравад, онҳоро тасодуфӣ ё аз дигарон медонист. Чунончи, ӯ дар ҷанги аввал, ки ба қарахитоиён бо ёрии Кучлукхон ғалаба кард, ҳамаи муваффақиятро аз иқтидори шахсии худ дониста фармуд, ки дар хутба ва фатҳномаҳо номи ӯро бо калимаҳои «Санҷар, Искандари сонӣ ва зиллуллоҳ» (сояи худо) ёд кунанд. Аммо дар ҷанги дуйӯм ҳарчанд аз қарахитоиён мағлуб шуда бошад ҳам, ин лақабҳоро аз худ дур накард ва он мағлубиятро тасодуфӣ шумурд.

Дар вақте ки Чингиз сар то пои мамлакати султон Муҳаммадро аз ҷосусон пур карда, ҳамаи аҳволи ӯро—қуввааи ҳарбӣ, ихтилофи байни саркардагон, беитоатии онон ва мағрурияти беасоси шахсии ӯро фаҳмида гирифта буд, ӯ аз аҳволи Чингиз, аз иқтидор ва интизоми ҳарбии вай тамоман бехабар буд ва хабардор шуданро ҳам лозим намедонист, чунки ба ақидаи ӯ дар дуньё ҳеҷ подшоҳе набуд, ки ба мамлакати вай ҳуҷум оварда ғалаба ёфта тавонад.

Султон Муҳаммад на танҳо ба мамлакати Чингизхон ҷосус нафиристод ва дар пайи аҳволфаҳмӣ наафтод, ҳатто хабарҳои тасодуфиро ҳам, ки доир ба иқтидори ҳарбии Чингиз бошад, шунидан намехост ва ба худаш расондани ин гуна хабарҳоро нисбат ба худ таҳқир мешумурд. Чунончи, боре Чингиз Маҳмуди Ялавочи хоразмиро бо Хоҷа Алиакбари бухорой ва Юсуфи ӯтрорӣ ба пеши султон Муҳаммад элчӣ карда онфиристод. Чингиз дар номаи худ мувофиқи одати онрӯза ғалабаҳои худро шумурда, мамлакати Хитой (Чин)-ро ба даст дароварданаш, тамоми қабилаҳои Муғулистонро ба итоат овардан ва хонҳои Туркистон-

ро ба худ тобеъ карданаш — ҳамаро ягон-ягон навишта, дӯстии худро ба султон таклиф карда буд ва ӯро дар он мактуб азизтарини фарзандони худ шумурда буд.

Султон Муҳаммад баъд аз ба манзил фиристодани элчиён, аз байни онҳо Маҳмуди Ялавоҷи хоразмиро пинҳонӣ ба пеши худ талабида аз вай: «Оё рост аст, ки хони шумо ба давлати Хитой ғалаба кардааст?» гуфта пурсид. Вақте ки Маҳмуд ин суханро тасдиқ кард ва чанд калима дар бораи қуввату ҳашамати Чингизхон илова намуд, султон дар ғазаб омада гуфт:

— Магар ту вусъати мамлакати ман ва қувваи аскарии маро намедонӣ, ки Чингизро дар пеши ман таъриф мекунӣ? Ӯро чӣ ҳад, ки маро фарзанди худ шумурдааст?..

Маҳмуди Ялавоҷ тарсид ва бими он буд, ки султон ӯро қатл кунад ва аз хавфу бим ба хушомадгӯӣ даромада гуфт:

— Сипоҳи Чингизхон нисбат ба лашкари султони оламиён мисоли рӯшноии шамъ аст пеши нури хуршеди оламафрӯз ва ё монанди чеҳраи шаб аст пеши шамоили рӯз...

Султон бо шунидани ин калимаҳои мунофиқонаи аблаҳфиребона аз Маҳмуди Ялавоҷ хурсанд шуд, аз ғазаб фуромад ва ҳатто ба вай инъоми махсусе ҳам кард.

Оре, султон Муҳаммад як бор яке аз мӯътамадони худро ба тариқи ҷосусӣ ба мамлакати Чингизхон фиристод. Лекин ин дар вақте буд, ки ҷаҳон аз овозаи қуввату ҳашмати Чингизхон пур шуда, султон дар воҳима афтода буд ва муносибати байни ӯ ва Чингиз бад шуда, аломатҳои наздик омадани ҳуҷуми Чингиз намоён гардида буд.

Ин ҷосус ҳамаи иқтидори ҳарбӣ ва интизоми аскарии Чингизро фаҳмида омада ба султон хабар дод. Султон бо шунидани ин хабарҳои инкор карданошуданӣ ба ҷое, ки дар муқобили он қувват ва мувофиқи он душман тайёрӣ бинад, монанди ҳамаи мағруронии беасос ва лофзанони тарсончак аз ғояти хавфу ҳарос саросема шуда монд ва дар ғайри як маъракае, ки дар вай ҳам тасодуфан ба як тӯдаи аскарии чингизиён рост

омада буд, дигар дар ягон ҷое ба муғулон муқобилат накард ва ҳамеша дар фикри он буд, ки роҳе ёфта аз ҷанги чингизиён гурехта, ҷони худро халос кунад.

Султон Муҳаммад ҳамеша монанди як мағрури худписанд лоф аз шуҷоат ва қаҳрамонӣ мезад. Аммо агар мо шуҷоати шахсии ӯро бо мақоли тоҷикӣ ифода кунем, ӯ «хонашери майдонғариб» буд.

Султон Муҳаммад ахлоқан ҳам хеле вайрон шудагӣ буд. Ин воқеаи зерин ба ин матлаб мисол шуда метавонад: дар Эрон дар вақти бозгашти султон аз Ҳулвон, ки ба муқобили Носир-халифа рафта буд, мактуби охирини Чингизхон ба ӯ расид. Чингиз дар ин мактуб аз ҳуҷуми худ ба диёри ӯ хабар дода, ӯро ба мубориза бо худ даъват мекард.

Султон Муҳаммад бо гирифтани ин мактуб ба ҷои ин ки ба муқобили он гуна душмани пуриқтидори хунхор тайёрӣ бинад, айшу нӯши худро зиёд кард. Дар роҳе, ки ӯ ба мудофиаи мамлакат мерафт, дар ҳеч манзил бе нишоту комронӣ ором намегирифт. Дар манзилҳои фараҳфазо бошад чандин рӯз монда, доди айшу шодмониро медод.

Вақте ки ӯ ба Нишопур расид, як моҳ дар он ҷо таваққуф карда, бо парипайкарони хуршедталъат май арғувонӣ нӯшида бо нишоту комронӣ ба сар бурд ва ҳар саҳар ки бедор мешуд, мегуфт:

> Фардо алами фироқ тай хоҳам кард,
> Бо толеи саъд қасди май хоҳам кард.
> Маъшуқа мувофиқ асту айём ба ком,
> Акнун накунам нишот, кай хоҳам кард?!

Чингизхон барои ҳуҷум кардан ба Мовароуннаҳр ва Хуросон тайёрии бисёр калон дида буд, ӯ ҳамаи қабилаҳоеро, ки дар Муғулистон ва атрофи он буданд, ба итоати худ даровард, Туркистони Шарқиро ишғол карда ба худ тобеъ намуд, қабилаҳои туркони кӯчманчиро ҳам, ки дар дашту биёбон ба тарзи бодиягардӣ зиндагонӣ мекарданд, баъзеҳошонро бо ҷанг ва баъзеҳошонро бо ваъдаи тороҷи ояндаи дар Мовароуннаҳр шуданӣ ба худ ром кард. Хулоса, ӯ бо қувват ва тадбир барои ҳуҷум ба мамлакати султон Муҳаммад як сафи ягонаи бисёр мустаҳкам ба вуҷуд овард.




Муқоваи нашри якӯми «Темурмалик»

Аммо султон Муҳаммад бо тадбири сиёсӣ ба худ муттафиқ (иттифоқчӣ)ёфтан он тараф истад, бо мағрурию худписандӣ ва бетадбирӣ муттафиқхои табиии худро ҳам аз худ дур мекард. Ба ин даъво воқеаи зерин мисол шуда метавонад:

Дар он вақтҳо қабилаи найман, ки яке аз қабилаҳои серодами туркони кӯчманчӣ буд, дар наздикии Муғулистон зиндагонӣ мекард. Чингиз ба он қабила ҳуҷум оварда ба зери дасти худ даровард. Аммо Кучлук ном ҳонзодаи он қабила ба Чингиз сар нафуроварда, бо як даста аз нӯкарони содиқи худ гурехта, ба Туркистони Шарқӣ рафта, ба хони он ҷо, яъне қарахитой Гӯрхон паноҳ бурд ва ба ӯ домод шуд.

Аммо баъд аз чанде Кучлук ба Гӯрхон исьён карда, ба дашт баромад. Аз наймаҳое ҳам, ки ба дасти Чингиз афтода буданд, қисмеро ба худ кашида хост, ки Гӯрхонро аз миён бардошта, ба Туркистони Шарқӣ соҳиб шавад ва пеш аз ба амал овардани ин мақсад бо султон Муҳаммад муоҳида кард, ки ҳар ду аз ду тараф ба Гӯрхон ҳуҷум оваранд, ҳар кадоми ин ду муттафиқ, ки пештар ба пойтахти Гӯрхон дарояд, бештарини мамлакати Гӯрхон аз они вай мешавад.

Ҷанг сар шуд, дар ҷанги аввал султон Муҳаммад ғалаба карда бошад ҳам, то пойтахти Гӯрхон рафта натавонист. Дар ҷанги дуйӯм бошад султон тамоман мағлуб гардид ва чунон ки дар боло қайд карда шуд, қариб буд худи ӯ ба дасти қарахитоён асир афтад.

Аммо Кучлук ғалабаи қатъӣ карда Гӯрхонро тамоман мағлуб ва маҳв карда, ба мамлакати ӯ соҳиб шуд. Бо вуҷуди ин султон Муҳаммад аз мероси Гӯрхон як қисми бузургеро ба худ талаб мекард. Азбаски Кучлук ба султон чизи муҳимме надод, султон ба муқобили ӯ сафари ҳарбӣ тайёр кард.

Ин ҳодиса дар вақте рӯй дода истода буд, ки Чингиз ба сафари ҳарбӣ барои ишғоли мамлакати султон Муҳаммад тайёрӣ медид. Лекин ӯ мехост пеш аз ҳуҷумаш ба Мовароуннаҳр Кучлукро, ки душмани деринааш буд, аз миён бардорад ва Туркистони Шарқиро ба даст даровард, роҳи худро аз як душмани интиқомҷӯ пок намояд.

Ана дар ҳамин шароит султон Муҳаммад ба ҷои он ки бо Кучлук муттафиқ шуда дар пеши роҳи Чингиз садде барпо намояд, ба муқобили ӯ аскар мекашид ва бо дасти худ дар девори ҳудуди худ рахна андохта, ба Чингиз роҳ кушода медод.

Воқеаи қабилаи таркит ҳам монанди ҳамин аст: Чингиз қабилаи таркитро, ки дар даштҳои Қазоқистони Шимолии имрӯза зиндагонӣ мекарданд, ба даст даровард. Тӯқтаған ном хонзодаи таркит бо баъзе нӯкарони худ аз дасти Чингиз гурехта, ба канорҳои қисми охирини дарьёи Сир — ба наздикиҳои кӯли Арал омад. Чингиз писари худ Ҷӯчиро барои таъқиби ӯ фиристод.

Дар ҳамин вақт султон Муҳаммад баъд аз гирифтани мактуби охирини Чингиз аз Ироқ ба Самарқанд омада буд, ки мамлакатро аз ҳуҷуми чингизиён мудофиа кунад. Чун ӯ дар Самарқанд шунид, ки Тӯқтаған аз Чингиз гурехта омада ба канорҳои мамлакати ӯ наздик расидааст, ба ҷои он ки ӯро меҳмоннавозӣ карда ба муқобили Чингиз муттафиқи худ гардонад, барои дафъ ё дастгир кардани ӯ як даста аз аскарони озмудаи худро гирифта, шахсан ба биёбони Қазоқистон баромад.

Султон Муҳаммад, ки дар биёбон Тӯқтағанро ҷустуҷӯ карда мегашт, ба қатлгоҳе расид, ки ӯро бо тамоми нӯкаронаш Ҷӯчӣ кушта будааст ва дар ин миён султон ба Ҷӯчӣ рост омада, дар байнашон ҷанг воқеъ шуд. Муғулон ба қалби лашкари султон, ки худаш ҳам дар он ҷо буд, ҳуҷум оварда аскарони ӯро кушта ва пароканда карданд ва қариб буд, ки султон дастгир шавад. Дар ҳамин вақт писараш Ҷалолиддин, ки ҳақиқатан як муҷассамаи шуҷоат буд, аз дасти рост ба мадади падар расида, ӯро аз ин таҳлука раҳоӣ дод. Ҷалолиддин хеле мардонагӣ ба кор бурда, ҷангро то шаб давом кунонид. Шабона муғулон ба тарафи ӯрдуи Чингиз рафтанд ва султон ба Самарқанд бозгашт.

Аввалин ва охирин маъракае, ки султон Муҳаммад шахсан ба чингизиён рӯ ба рӯ шуда ҷангид, ҳамин маъракаи тасодуфӣ буд. Ӯ бо ҳамин ҷанг на танҳо дили худро бой дод, ҳатто лофҳо ва ғурурҳои забонии худро ҳам якбора тарк карда рӯйрост дар пайи гурез афтод. Ӯ на танҳо худ мегурехт, балки сардорони хос

ва писари далери худ Ҷалолиддинро ҳам ба гурез ташвиқ ва далолат мекард.

Чунончи, воқеаи зерин ин муддаоро исбот мекунад: султон Муҳаммад бе ҷангу ҷидол аз Самарқанд гурехта ба Балх расид ва аз он ҷо ба Ироқ рафтан хост, то ки аз ҳуҷумгоҳи чингизиён дур бошад ва ҷонаш саломат монад. Писараш Ҷалолиддин ба ин фикр муқобил баромад ва ӯ гуфт: мо бояд ҳамаи аскарони худро ғун карда канори оби Амӯро мустаҳкам намуда, ба муқобили душман истодагарӣ кунем. Акнун, ки Мовароуннаҳр аз даст рафт, шояд Хуросонро аз ҳуҷуми душмани хунхор нигаҳдорӣ намоем. Агар ба ин кор муваффақият наёбем ҳам, боре вазифаи худро ба қадри имкон адо кардагӣ ҳисоб ёфта, аз таъна ва дашноми мардум худро раҳой медиҳем. Агар султон дар ин ҷо истоданро нахоҳад, лашкарро ба ман супорад. Ман то ҷон дорам, ба адои вазифа худдорӣ мекунам.

Аммо султон ин таклифро қабул накард, на худ истод ва на ба писараш аскар ва ихтиёр дод, ки роҳи душманро бандад ва «ҳоло толеи ман баргаштааст ва ҳар вақт, ки толеъ ба ман ёр шавад, ба ҷанг рухсат медиҳам» гуфт. Соҳиби «Зафарнома» [26] ин воқеаро бо байтҳои зер тасвир карда, аз забони Ҷалолиддин мегӯяд:

Равам, хайма бар тарфи Ҷайҳун занам,
Або душманон даст дар хун занам,
Чу бо ин сипоҳ оям он ҷо фуруд,
Бимонад бадандеш з-он сӯи рӯд.
Ва гар бар ту оянд зи мо бадкуниш,
Зи мардум набошем дар сарзаниш...

Шоир аз тарафи худ мегӯяд:

Суханҳои пиронаи он ҷавон
Набишнид султони нокордон,
Варо гуфт: «Чун толеам нест ёр,
Нахоҳам задан даст дар ҳеҷ кор».
Надонист ин низ, к-ӯ монеъ аст
Писарро, ҳам аз пастии толеъ аст.

Ва ҳол он ки Ҷалолиддин баъд аз он ки аз падар ноумед шуда бо як даста нӯкарони худ аз вай ҷудо шуда рафт, бо одами кам ба муқобили муғулони бисьёр чандин бор ҷангҳои мардонаи ғолибона карда, душ-

маиро шикаст дод. Ҳатто вай як бор дар лаби оби Синд бо худи Чингиз ҷангида қариб буд, ки ба вай ҳам ғалаба кунад. Лекин ба сабаби ихтилофи саркардагонаш, ки онҳо ин ахлоқро аз тарбияи султон Муҳаммад гирифта буданд ва дар натиҷаи бо одамони худ дар вақти гармии ҷанг аз саф баромада рафтани яке аз онҳо Ҷалолиддин дар он маърака шикаст хӯрд.

Ихтилоф ва нобудани ягонагӣ дар байни сараскарони лашкари султон Муҳаммад як маразе буд, ки худи ӯ қасдан ин маразро дар байни онҳо паҳн карда буд: ӯ ба мақсади ин ки сараскарон ба муқобили ӯ иттифоқ накунанд, ҳар вақт баъзеи аз онҳоро ба баъзеи дигарашон душман месохт.

Султон Муҳаммад гоҳо бесабаб ва ё ба сабаби андак баъзе одамони калони худро мекушт, бинобар ин саркардагон қалбан ба ӯ боварӣ ва садоқат надоштанд. Ӯ ин одати бади худро дар вақти гурезаш аз муқобили Чингиз ҳам тарк накарда буд. Чунончи, дар байни роҳи Балх ва Нишопур ба сабабе, ки ҳеҷ асос надошт, яке аз мӯътабартарин одамони худро куштанӣ шуд. Ӯ аз ин аҳвол хабар ёфта гурехта, ба ӯрдуи Чингиз рафт ва аз он ҷо ба якчанд сардорони лашкари султон хат навишт, ки гӯё онҳо ба Чингиз забон дода бошанд ва он мактубҳоро бо ҷосус фиристода фармуд, ки қасдан ба дасти султон афтонад.

Султон он мактубҳоро хонда дида, ба ҳамаи он саркардагон бадгумон шуд, саркардагон ҳам воқеаро фаҳмида, аз тарси ҷони худ қасди куштани султон карданд. Вақте ки ба ин кор муваффақ нашуданд ва қасдашон ба султон маълум шуд, ҳамаашон гурехта ба ӯрдуи Чингиз рафтанд ва Чингиз ҳам ба гуноҳи ин ки «онҳо ба подшоҳи худ хиёнат кардаанд», ҳамаашонро аз дами теғ гузаронид.

Модари султон — Туркон-хотун, ки як зани бадкирдоре буд, низ дар ихтилофи байни умаро оташ меронд. Ӯ ҳамеша хешовандони худ ва наздикони худро ҳимоят карда бо шикояти онҳо дигаронро ҷазоҳои сахт медод, мусодира мекард ва мекушонд.

Агар султон Муҳаммад аҳли дарбори худро идора карда метавонист, агар ӯ ба дараҷаи ибтидоӣ ҳам бо-

шад, аз қоидан лашкаркашӣ хабардор мебуд, чингизиёнро аз ҳудуди вилоят мегардонд ва ҳеҷ набошад, хунбаҳои он ҳама аҳолии талафшударо аз онҳо пешакӣ мегирифт ва ба онҳо талафоти пай дар пай расонда, қувваи онҳоро маҳв мекард.

Дар Самарқанд дар рикоби султон Муҳаммад чорсад ҳазор савор буд ва чандин сад ҳазор пиёдаи талабгор. Ӯ як қисм аскарони худро барои муҳофизаи Ӯтрор, Бухоро ва Самарқанд тақсим кард ва қисми дигарро бо худ гирифта аз душмане, ки ҳанӯз ба мамлакат нарасида буд, гурехт ва тақдири шаҳрҳои дигарро ба аҳолии он ҷоҳо ҳавола намуд.

Агар султон Муҳаммад дониши ибтидоии ҳарбӣ ва каме ҳам бошад, номус медошт, як қувваи муҳимро дар зери идораи писараш ба Ӯтрор, ки дар ҳудуд буд, фиристода бо бақияи лашкари худ дар Самарқанд меистод ва дар вақти лозим шуданаш ба писараш ёрӣ мефиристод, эҳтимоли қавӣ он буд, ки душман дар ҳудуд нигоҳ дошта мешуд.

Ба дурустии ин мулоҳиза воқеаи Ғойирхон далел шуда метавонад: Ғойирхон волии Ӯтрор буд. Ӯ бо шаст ҳазор нафар қуввае, ки султон ба вай фиристода буд, шаҳрро панҷ моҳ ба муқобили чингизиён мудофиа кард. Баъд аз хиёнат карда бо нӯкарони худ ба душман таслим шудани Қарача-ҳоҷиб, ки яке аз мӯътамадони султон буд ва ба шаҳр даромадани чингизиён, Ғойирхон боз як моҳи дигар аркро мудофиа карда ва то кушта шудани ҳамаи одамонаш ва бо сангборон кардани душман сарф шудани тамоми хиштҳои пардеворҳои қасри ҳукуматӣ истодагарӣ намуд.

Ин воқеа ба хубӣ нишон медиҳад, ки агар султон Муҳаммад аҳамияти калонро ба Ӯтрор медод ва писари худ Ҷалолиддинро ба он ҷо мефиристод, дар он ҷо нигоҳ доштани душман мумкин мешуд ва баъд аз нигоҳ дошта пай дар пай талафот расондан, навбати пасгардондан мерасид.

Чунон ки дар байни лашкари султон Муҳаммад монанди писараш Ҷалолиддин ва Ғойирхон ҷанговарони далер буданд, инчунин аҳолии Мовароуннаҳр ва Хуросон ҳам ба эътибори аксарият ҷанговар, нотарс ва ватанпарвар буданд. Мо дар хусуси ҷанговарии

аҳолии Мовароуннаҳр як воқеаеро, ки пеш аз замони ҳуҷуми Чингиз дар Самарқанд рӯй дода буд, ба тарзи мисол ёдоварӣ мекунем.

Дар соли 1210 милодӣ, вақте ки султон Муҳаммад ҳокими Самарқанд — Усмоншоҳро барои ба худаш домод кардан ба Хоразм бурда буд, қарахитоиён бесардории шаҳрро фурсати ғанимат шумурда, ба Самарқанд ҳуҷум оварданд. Аҳолии Самарқанд дар зери раҳбарияти қаҳрамонони халқӣ бо ҷонбозӣ ба мудофиаи шаҳри худ даромаданд.

Самарқандиён ба султон Муҳаммад хабар фиристода аз вай ёрӣ талаб карда бошанд ҳам, ба муносибати исьёни Ҷанд ва лашкар кашидани ӯ ба он ҷониб ба Самарқанд ёрӣ фиристода натавонист. Усмоншоҳ бошад дар Хоразм ба тӯй ва ба кори ба никоҳи худ дароварлани духтари султон машғул буд. Аҳолии Самарқанд вақте ки аз ёрии Хоразм маҳрум монданд, маҷбур шуданд, ки бо як душмани қавӣ ба сари худ ҷанганд.

Қарахитоиён ба самарқандиён кинаи сахт доштанд, чунки аҳолии Самарқанд, ки собиқ дар зери ҳимояти онҳо буданд, ба сабаби зулми аз ҳад зиёди онҳо бо хоҳиш ва кӯшиши худ ба тобеияти хоразмшоҳ даромада буданд. Агар қарахитоиён зафар меёфтанд, барои интиқомгирӣ аҳолии Самарқандро ваҳшиёна қатли ом мекарданд. Аҳолӣ ҳам ин маъниро пай бурда, то кушта шудан дар маъракаи ҷанг истодагарӣ мекарданд ва касе аз онҳо асир намеафтод ва аз саф намегурехт.

Ин ҷанг қариб се моҳ дароз кашид ва аҳолӣ дар ин муддат бо хуруҷҳои мардона ва акси ҳуҷумҳои худ ба душман талафоти куллӣ расонда, ӯро аз шаҳри худ дур андохтанд.

Дар ин маврид байни қарахитоиён ва самарқандиён ҳафтод бор ҷанги майдонӣ шуд. Дар ҳамин ҷангҳо танҳо як бор ғалаба ба тарафи қарахитоиён буда, дар шасту нӯҳ маъракаи ҷанг аҳолии Самарқанд ғолиб баромада душманро ронданд.

Оқибат қарахитоиён маҷбур шуданд, ки аз самарқандиён даст кашида ба вилояти худ баргашта раванд. Баъд аз таскини воқеаи Ҷанд, вақте ки султон

Муҳаммад ба Самарқанд расида омад, дар Мовароуннаҳр ягон нафар ҳам қарахитой намонда буд.

Дар ҷанги чингизиён мудофиаи Толқон ҳам намунаи дурахшони қаҳрамонии аҳолӣ шуда метавонад. Чингиз баъд аз қатли ом кардани Тирмиз ва Балх, писари худ — Тӯлиро ба Марв фиристода, худ ба Толқон рафта буд. Аҳолии Толқон ба мудофиаи шаҳри худ кӯшиданд ва ҷангҳои ғолибонаи майдонӣ карданд.

Бо вуҷуди ин ки Чингиз шахсан ба ҷанги Толқон фармондиҳӣ мекард ва зубдаи ҷанговарони муғул, ки аскарони хоссаи ӯ ба шумор мерафтанд, бо вай буданд, то ҳафт моҳ ба шаҳр даст наёфт. Оқибат баъд аз расидани Тӯлихон бо лашкари худ ба ӯрдуи вай ва ҷамъ омадани дигар лашкариёни муғул, ки ба ҳар тарафи Хуросон пароканда буданд, ба Толқон қалъа кушода шуд.

Аҳолии Ҳирот ҳам доди қаҳрамониро доданд: писари Чингиз — Тӯлихон бо ҳаштод ҳазор савор Ҳиротро муҳосира кард. Дар он вақтҳо малик Шамсиддин дар он ҷо ҳоким буд. Аҳолӣ дар зери фармондиҳии ӯ якдилу якзабон шуда ба мудофиаи ватан кӯшиданд, ҳар рӯз аз дарвозаҳои шаҳр бо ҳуҷум баромада дар ҷангҳои майдонӣ муғулкушӣ мекарданд. Адади кушташудагони чингизиёнро аз ҳамин бояд қиёс кард, ки фақат аз сардорон ва баҳодурони номдори лашкари Тӯли ҳафтсад кас кушта шуда буд. Албатта, ҳиротиён ҳам бисёр кушта мешуданд, лекин дар пеши мудофиаи ватан ҷонашон ба назар нанамуда меҷангиданд. Дар яке аз ҷангҳои майдонӣ малик Шамсиддин кушта шуда, аҳолӣ бесардор монда бошанд ҳам, ба худ ҳеҷ гуна сустиро роҳ надода ҷангро давом кунониданд.

Ин ҷанг моҳҳо дароз кашид, оқибат Тӯлихон дид ки шаҳрро бо ҷанг гирифта наметавонад, пас роҳи ҳиларо пеш гирифт: қозӣ ва дигар калоншавандагонро ба худ гирифта, ба шарти амон ёфтани молу ҷони аҳолӣ, хироҷ ситонидан ба қадри нимаи он хироҷе, ки ба султон Муҳаммад медоданд, надаромадани лашкариёни муғул ба шаҳр ва таъйин кардани ҳоким аз аҳолии Ҳирот сулҳ кард.

Тӯли дар рӯзҳои аввал ба ваъдаи худ вафо карда бошад ҳам, баъд аз кушода шудани қалъаи Толқон

Чингиз баҳонае ёфта, Элчакдой-нуёнро бо аскари фаровон дубора ба Ҳирот фиристод. Аҳолии Ҳирот боз ба мудофиа даромаданд. Аҳолӣ «дар китолу чидол эхмолу имҳол (сахл гирифтан ва вақт гузарондан)-ро чоиз намедоштанд ва аз дарвозаҳо бо найзаҳо ва шамшерҳо берун омада осори рӯзгори қиёматро зохир месохтанд».

Ба Элчакдой ҳар рӯз мадад мерасид, ӯ талафоти аскари худро ба назар нагирифта ба ҳуҷум фармон медод ва аз лашкари ӯ ҳар рӯз қариб панҷ ҳазор кас кушта ва маҷрӯҳ мешуд. Муғулҳо дар зери як бурҷи қалъа нақб зада панҷоҳ газ ҷойро рахна карданд. Аммо аҳолии ҷонбози Ҳирот дар он рахна монанди сипарҳои оҳанин синаҳои худро рост карда истода душманро ба шаҳр роҳ намедоданд.

Ин ҷанг шаш моҳу ҳафдаҳ рӯз дароз кашид. Оқибат ба сабаби камии озуқа ва гурусна мондани халқ ба аҳолии шаҳр сустӣ рӯй дод ва муғулон шаҳрро гирифта, аҳолии гуруснаи ниммурдаро қатли ом карданд.

Аммо султон Муҳаммад афсӯс, ки аз далерӣ, ҷанговарӣ, нотарсӣ ва ватандӯстии аҳолӣ фоида бурда натавонист. Агар дар вай заррае ақлу идроки ҷанговарӣ ва ҳамияти ватанпарварӣ мебуд, он аҳолии қаҳрамонро дар зери як фармондиҳӣ оварда ба ҷанг андохта, намегузошт, ки чингизиёни хунхори ғаддор ба гулзори ватан қадам гузоранд ва аҳолии ҳар шаҳрро ба танҳоӣ қатли ом намоянд.

Аммо султон Муҳаммад аҳолии ҷанговари ватанпарварро на танҳо ташкил ва роҳбарӣ карда натавонист, балки, баръакс, чунон ки худи ӯ ба майдони ҷанг надаромада гурехт ва як қисми калони лашкариёни худро бо худ гурезонда бурд, аҳолиро ҳам аз чингизиён тарсонда ба гурехтан, ба муқобилат накардан ва таслим шудан ташвиқ ва далолат кард, ҳатто дар ин бора фармон дод.

Мо дар ин хусус якчанд мисол нишон медиҳем:

Вақте ки султон Муҳаммад лашкариёни худро парешонда карда ва як қисми онҳоро бо худ гирифта барои гурехтан аз хандақи қалъаи Самарқанд мегузашт, ба аҳолӣ нигоҳ карда гуфт: «Ҷамье, ки қасди

поймол кардани мо доранд, агар тозиёнаҳои худро дар ин хандақ андозанд, хандақ анбошта (пур) шавад». Ва ҳол он ки ин беномусу беҳамият ба чашми худ ғайр аз дастаи хурди Ҷӯчӣ лашкариёни муғулро надида буд. Албатта, ӯ бо ин сухан дили аҳолӣ ва лашкариёнро шикаста, онҳоро аз чингизиён ба тарс андохт ва иродаи мудофиавии онҳоро суст кард.

Инчунин дар роҳи гурези худ ба ҳар шаҳр ва деҳа ки мерасид, ба аҳолӣ: «Чораи кори худ созед ва барои худ гурезгоҳе ба даст оваред, то аз ҷанги ҳаводис ва навоиб (ҳодисаҳо ва мусибатҳо) эмин бошед» мегуфт.

Дар вақте ки султон Муҳаммад аз Нишопур баромада мегурехт, ба вай хабар расид, ки чингизиён ба қасди Марв ҳаракат кардаанд ва дарҳол ба аҳолии Марв ба ин мазмун фармон фиристод: «...Деҳқонон ва соири халоиқ, ки қуввати гурехтан надошта бошанд, дар ҷои худ мақом созанд ва ҳар вақт, ки лашкари муғул расад, ба қадами итоат ва инқиёд пеш оянд ва ҳар ҳукму фармони онҳоро ба амал оранд».

Ин гуна ташвиқ ва таълимоти беномусонаи султон Муҳаммад сабаб шуд, ки аҳолии Бухоро, Балх, Марв ва чандин шаҳрҳои дигар шаҳрҳои худро дуруст мудофиа накарда муфт мурданд. Чун саргузашти он шаҳрҳоро аҳолии Толқон ва Ҳирот дида донистанд, ки таслим ҳеч фоида надорад, дар мудофиаи ватан истодагарӣ карда, пеш аз кушта шудани худ интиқомашонро аз душман гирифтанд.

Яке аз он ватандӯстон, ки то имконияти охирин ба чингизиён муқобил истод, қаҳрамони халқи тоҷик — Темурмалик буд, ки мо дар паи тасвир намудани воқеаи қаҳрамонии ӯ мебошем.

## ҚАҲРАМОНИ ХАЛҚИ ТОҶИК ТЕМУРМАЛИК

### 1. ҚАЛЪАИ ОБӢ ВА КИШТИИ САРПӮШИДА

Шаҳри Хуҷанд (Ленинободи имрӯза) монанди чандин шаҳрҳо ва районҳои дигари Мовароуннаҳр ва Хуросон дар ҳуҷуми Чингиз ба ҳоли худ гузошта шуда буд. Дар он ҷо аз тарафи султон Муҳаммад дастаи

аскарии муҳофиз гузошта нашуда буд. Аҳолии он ҷо ҳам монанди аҳолии дигар ҷойҳои мамлакати султон ба дасти тақдир супурда шуда буданд. Маслиҳате ҳам, ки аз тарафи султон ба онҳо дода шуда буд, ҳамон «маслиҳат» буд, ки ӯ дар вақти гурези худ ба аҳолии сари роҳ дода буд. Ин «маслиҳат» ҳамин буд, ки мегуфт: «...Чораи кофи худ созед ва барои худ гурезгоҳе ба даст оваред, то аз ҷанги ҳаводис ва навоиб эмин бошед!» ё чунон ки ба аҳолии Марв кард, фармон медод, ки «агар гурехта натавонед, таслим шавед!»

Аммо ҳокими Хуҷанд — қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик ба ин гуна «маслиҳат» ва фармонҳои хоинона, ва агар сабуктар карда гӯем, беномусона гӯш надод ва аз вақте ки ӯ ҳаракати Чингизи хунрезро ба тарафи Мовароуннаҳр шунид, дар паи мудофиаи ватан афтод.

Темурмалик аз аввал медонист, ки як душмани хунхори пурзӯри монанди Чингизро Хуҷанд ба танҳоӣ шикаст дода нест карда наметавонад. Лекин виҷдони ватандӯстӣ ӯро маҷбур мекард, ки то дар бадан ҷон ва аз ҷон рамаке дорад, вазифаи аз тарафи ватан ба гарданаш гузошташударо адо намояд, то ки дар пеши модари азиз — ватан хоин ва оқи модар ба шумор наравад ва дар таърих номи ӯ бо лаънат ва нафрат ёд нашавад. Ӯ ин нуктаро ба хубӣ медонист, ки агар ватан аз даст рафта поймоли суми аспони душман шавад, ӯ зинда намемонад ва агар зинда монад ҳам, бономусона ва қаҳрамонона дар сафи ҷанги мудофиаи ватан кушта шудан ҳазор бор аз он гуна зиндагонии сарпастона, асирона ва беномусона беҳтар аст. Бинобар ин ӯ қарор дод, ки ба ҳар роҳе ки бошад, ба қадри қувват ва имкон дар мудофиаи ватан кӯшиш намояд.

Темурмалик барои иҷрои ин мақсади худ атрофи шаҳри Хуҷандро аз назар гузаронда, дар миёнаи оби дарёи Сир ҷазирае ёфт, ки дар он ҷо қалъае сохтан мумкин буд. Ӯ аз ҳама кор аввал мардуми Хуҷандро сафарбар карда, дар он ҷазира як қалъаи мустаҳкам бино намуданро сар кард.

Ҳарчанд шаҳри Хуҷанд қалъаи қадимии мустаҳкаме дошта бошад ҳам, назар ба фикри Темурмалик бо одами кам ба он қалъа такья карда дар муқобили чингизиён муддати дароз истодагарӣ намуда ҷангидан мумкин набуд. Чунки онҳо бо аскари бисьёр қалъаи ҳушкиро дар муҳосираи сахт мегирифтанд, бо манҷаниқҳои* калон, ки ягона яроқи қалъагирии он замон буд, шаҳр ва деворҳои вайро хароб мекарданд ва зарфҳои пурнафтро оташ зала ба шаҳр андохта сӯхторҳо ба амал меоварданд.

Аммо қалъае, ки Темурмалик дар миёнаи об сохтан мехост, аз хавфи санги манҷаниқ ва оташи нафт дар амон буд. Зеро бинобар аз хушкӣ дур будани қалъаи обӣ сангҳо ва зарфҳои пурнафт, ки аз канор андохта мешуданд, ба вай намерасиданд.

Дар вақте ки хуҷандиён дар зери раҳбарияти Темурмалик қалъаи обӣ месохтанд, ҳар рӯз аз сафи ҷанг хабарҳои бад — хабарҳои ноумедкунанда мерасид: таслим шудани Зарнуқ, хароб шудани Сиғноқ, гурехтани ҳокими Ҷанд — Ялангу-малик, таслим шудани аҳолии он ҷо, ниҳоят аз даст рафтани Ӯтрор ва қатли ом ёфтани ҳамаи аҳолии он ҷоҳое, ки чингизиён ишғол кардаанд ва дигарҳо,— умеди ба ғалаба доштаи ҳар гуна одамро барбод медоданд.

Аммо ҳеҷ кадоми ин гуна хабарҳо ба азму иродаи Темурмалик футур нарасонид. Балки ҳар хабареро, ки ӯ дар бораи ваҳшигарии чингизиён нисбат ба аҳолӣ, боғу бӯстонҳо ва киштзорҳоро сӯхтани онҳо мешунид, оташи интиқомгирии ӯ зиёдатар аланга мезад ва хуни ғайрату ҳамияти ӯ ба ҷӯш омада, дар мудофиаи ватан ва авлоди вай собитқадамтар мегардид.

Темурмалик баъд аз тамом намудани сохтмони қалъа он ҷоро бо озуқа ва аслиҳа пур кард. Хубтарин

---

* *Манҷаниқ* — асбоби сангандозии замони қадим аст, ки аз ҷӯб месохтанд. Дар беруни шаҳри муҳосира кардашуда сарқӯб ном бурҷи баланд сохта, асбоби мазкурро бар болои вай гузошта, бо вай ба даруни шаҳр ва девори қалъа сангҳои гарон андохта вайрон мекарданд. Манҷаниқ дар замони қадим ба ҷои тӯпҳои қалъакӯби замони мо кор фармуда мешуд, ки аз ин асбоб чингизиён ҳам ба хубӣ фоида бурдаанд.

аслихаи ҷанги он замон шамшер, ханҷар, найза, табарзин ва камону тир буд, ки ҳамаи ин гуна яроқҳоро худи аҳолии Хуҷанд бо як суръат ва ғайрати ҷанговарона сохта ба қалъа мерасониданд.

Мақсади Темурмалик аз сохтани қалъаи обӣ ва пур кардани вай бо озуқа он набуд, ки дар даруни қалъа аз ҳуҷуми душман эмин шуда биншинад, балки мақсади ӯ аз ин кор ба он қалъа такья карда, бо душман ҷангидан ва ба қадри имкон ва қуввати худ аз душмани ваҳшии хунхор интиқом кашидан буд. Бинобар ин ӯ баробари сар кардани бинокории қалъа киштисозиро ҳам сар кард.

Темурмалик устоҳои дуредгари Хуҷандро ғун карда, онҳоро ба зери дасти устоҳои моҳири киштисоз супурда, 12 киштии бодбонӣ созонид ва вазифаи саринженериро худаш адо карда, барои он киштиҳо нақшаро худаш кашида дод.

Агар киштиҳои Темурмалик монанди киштиҳои оддии он замон саркушода сохта мешуданд, дар онҳо нишаста ба муқобили чингизиён ҷангидан мумкин намешуд. Зеро чингизиён дар вақти ба канор наздик рафтани киштиҳо мумкин буд, ки онҳоро бо санги манҷаниқ зада ғарқ кунанд, ё бо зарфҳои пурнафт оташ зада сӯзонанд, ё ин ки бо тири камон киштинишинонро талаф кунанд.

Темурмалик дар нақшаи худ ҳамаи ин нуктаҳоро ба назар гирифт ва мувофиқи нақшаи Темурмалик он киштиҳо сарпӯшида сохта шуда, бар болои бом ва девораи онҳо чанд қабат намад кашида шуда нарм карда шуд. Дар атрофи киштиҳо як қатор дарчаҳои сипардор гузошта шуданд, ки киштинишинон дар пеши он дарчаҳо нишаста ба душман тир андохтанашон лозим буд. Пӯшиши киштиҳо ҳам ба шакли шервонӣ* буда, ҳар чизе, ки ба боми онҳо афтад, барқарор намеистод ва дарҳол ғелида поин мерафт.

* *Пӯшиши шервонӣ* — боми сағонашакл аст, ки ин гуна пӯшиш бинобар серборониаш аввалин бор дар Шервон одат шуда буд ва ба ин муносибат дар мо ин гуна хонаҳоро шервонипӯш меноманд.

## 2. ҶАНГОВАРОНИ ТЕМУРМАЛИК. ОМӮЗИШИ ҲАРБӢ ВА ТИРУ КАМОН

Темурмалик дар рӯзҳое, ки дар сохтани қалъа ва киштиҳо машғулӣ мекард, барои расондани ҷавонони ҷанговар ҳам тайёрӣ медид. Ӯ дар интихоб ва расониндани ҷавонони ҷанговар мазмуни ин байтро барои худ дастур кард:

Пароканда лашкар наёяд ба кор,
Дусад марди ҷангӣ беҳ аз сад ҳазор.

Темурмалик ба ин мулоҳиза аз ҷавонони Хуҷанд танҳо ҳазор нафарро интихоб кард, ки ҳар кадоми онҳо дар сиҳати бадан, дар қуввати дасту бозу ва дар матонати дилу ирода мумтози замони худ буданд.

Темурмалик ин ҷавононро, аз як тараф, таълими ҳарбӣ дода, ба онҳо ярокқорфармоиро омӯзад, аз тарафи дигар, бо нутқҳои оташини худ ҳисси ватанпарварии онҳоро бедор ва зиёд мекард ва фоҷиаҳоеро, ки чингизиёни хунхори ваҳшӣ нисбат ба аҳолии ҷойҳои ишғолкардаашон ба вуҷуд оварда буданд, ба ҷавонон нақл карда, дили онҳоро нисбат ба душмани разил бо оташи ғазаб ва нафрат шӯълавар мекард.

Темурмалик чунон ки сарфармондеҳ, саринженер ва сарташвиқотчии ҷанги Хуҷанд буд, инчунин ӯ сармуаллими ҳарбӣ ҳам буд, ки ҳамаи он ҳазор ҷавонро шахсан худаш таълим медод. Муаллифи «Равзат-ус-сафо» (ҷилди 5, саҳифаи 28) дар бораи иқтидори ҳарбии ӯ мегӯяд:

Агар Сом будӣ дар айёми ӯ,
Навиштӣ бар андоми худ номи ӯ.

Темурмалик ба замми ин ки лашкаркаши донишманди замони худ буд, дар кор фармудани ярокҳои ҳарбии он замон ҳам маҳорати фавқулодда дошт. Хусусан дар тирандозӣ чунон иқтидори комил дошт, ки дар ҳеҷ ҷо ва аз ҳеҷ нишона тири ӯ хато намехӯрд. Азбаски яроқи оммавии ҷангҳои он замон камону тир буд ва ин ярок дар замони худ ба ҷои милтиқи замони мо кор фармуда мешуд, ба мо лозим аст, ки дар бораи ин аслиҳаи ҷангӣ қадре маълумот дода гузарем.

Камони ҷангӣ яроқе буд, ки вайро ба шакли ним-доира, ки қисми миёнааш ба даруи хам хӯрда бошад, монанди ду абрӯи ба ҳам пайваста аз рагу пай ҳайвонот месохтанд ва чунон ки дар камонғӯлакҳои оддӣ дида мешавад, ба вай зеҳ мекашиданд. Фақат фарқ дар ин ҷо буд, ки зеҳи камонғӯлакҳои оддӣ аз рӯда буда, аз они камони ҷангӣ аз пӯсти гардани гов — аз хом тайёр мешуд.

Қисми асосии тири ин камонро аз чӯби дук ё заранг ва ё аз чӯби ҳаданг месохтанд, ки тахминан ним оршин дарозӣ дошт ва дар нӯги ин чӯб ба дарозии чор ангушт пӯлоди сартезеро мегузарониданд, ки вай пайкон номида мешуд. Дар дунболаи он чӯб се дона шоҳпари уқоб мешиниониданд, ки ин парҳо дар вақти андохтани тир мувозанати вайро дар ҳаво нигоҳ дошта ба рост рафтанаш хизмат мекарданд.

Устуворӣ ва сахтии ҳар камон мувофиқи қуввати бозуи корфармоиндаи вай буд, ки камони паҳлавони гурзӯрро касе, ки аз вай камқувваттар бошад, кашида наметавонист. Бинобар ин пурзӯртарини паҳлавонони он замонҳо «камони маро ҳеч кас кашида наметавонад» гуфта фахр мекарданд. Темурмалик он гуна зӯроваре буд, ки камони ӯро касе аз ҳамзамононаш кашида наметавонист.

Ҳар ҷанговареро, ки сахттарини камонҳоро кашида тавонад, «қодирандоз» ва тираш ҳеҷ хато нахӯрад, «қадарандоз» мегуфтанд. Ба ин маънӣ Темурмалик ҳам қодирандоз ва ҳам қадарандоз буд.

Темурмалик ҷанговарона ҷавони худро ҳам бо таълиму тарбияи ҳарбӣ ва бо варзиши тирандозӣ қариб ба дараҷаи қодирандозӣ ва қадарандозӣ расонид.

Дар вақте ки кори тайёрӣ ва омодагии Темурмалик ба анҷом ва камол расида буд, хабари ба Хуҷанд наздик омадани чингизиён ҳам ба ӯ расид.

### 3. ҲУҶУМИ ЧИНГИЗИЁН БА ХУҶАНД ВА ҶАНГ ДАР БОЛОИ ИН ШАҲР. «ФИЛ» ВА «ТИЛИСМ»

Воқеаи ба тарафи Хуҷанд ҳаракат кардани чингизиён ба ин тариқа рӯй дода буд: Чингизхон дар соли 615—1219 тайёрии дуруст дида, ғайр аз он қисм-

хои аскарӣ, ки дар сарҳадди Хитой ва маркази Муғулистон гузошта буд, бақияи тамоми лашкариёни худро бо худ гирифта ба қасди поймол кардани Мовароуннаҳр, Хоразм ва Хуросон ба роҳ баромад ва дар асиои роҳ Арслонхон, Айдиқут ва соири қавмҳои кӯчманчии турк, ки ба ӯ тобеъ шуда буданд, ба лашкари ӯ пайвастанд.

Чингизхон ба Ўтрор, ки шаҳри сарҳаддии мамлакати султон Муҳаммад буд, расида, ду писари худ — Ўктой ва Чиғатойро бо лашкари гарон ба муҳосираи Ўтрор амр фармуд, писари дигари худ Ҷӯчиро фармуд, ки бо қӯшуни худ дашту биёбонҳои он давру пешро гардиш карда, роҳҳоро забт ва нигоҳдорӣ намояд, то ки хоразмиён ба лашкариёни ӯ ҳуҷуми ногаҳонӣ наоваранд ва шабихун назананд. Ў Улоқ-нӯён ва Мангу-буқоро бо панҷ ҳазор кас ба тарафи Бонокат ва Хуҷанд фиристода, худаш ба тарафи Бухоро ҳаракат кард.

Чун Улоқ-нӯён ба Бонокат расид, ҳокими он ҷо Ялангу-малик бо қавми қониклӣ, ки нӯкарони ӯ буданд ва аҳолии шаҳр се рӯз дар муҳосира монданд. Аммо Ялангу-малик дар муқобили чингизиён истодагарӣ карданро лозим надониста, барои халос кардани ҷони худ дар рӯзи чорӯм бо нӯкарони худ аз шаҳр баромада ба Улоқ-нӯён таслим шуд ва дарвозаҳои шаҳрро ба рӯи муғулон кушода гузошт.

Улоқ-нӯён бар хилофи умеди Ялангу-малик ва ваъдаи худ, дар навбати аввал ӯро бо тамоми нӯкаронаш аз дами теғ ва неши тир гузаронид, баъд аз он аҳолии шаҳрро берун баровардa дар майдоне ғун кард ва аз байни онҳо ҷавонон ва ҳунармандонро ҷудо карда гирифта, бақияи онҳоро тамоман қатли ом кард ва шаҳрро баъд аз тороҷ кардан сӯхта ба замин яксон намуд.

Улоқ-нӯён баъд аз тамом кардани кори Бонокат асирони бонокатӣ — ҷавонон ва ҳунармандонро ба номи ҳашарӣ пеш андохта ба ҷониби Хуҷанд раҳсипор шуд. Асирони пиёда ва гурусна дар зери теғи бараҳнаи саворони чингизии хунрез пеш медавиданд. Аз асирон ҳар касе, ки аз гуршнагӣ ва мондагӣ ё ин ки аз беморӣ аз рафтор бозмемонд, ҷаллодони хун-

хор бо найза ва шамшер ӯро кушта, реза-реза карда партофта мерафтанд.

Аммо Хуҷанд, ки дар зери раҳбарияти фарзанди содиқи худ Темурмалик ба мудофиа тайёр шуда буд, Улоқ-нуёнро монанди Банокат пешвоз нагирифт. Темурмалик наздик расидани чингизиёнро шунида, аз дувоздаҳ киштии сарпӯшидаи худ шаш киштиро ба сафар тайёр кард, намадҳои болопӯши киштиҳоро дар об тар карда, ҳар қабати онҳоро бо қабати дигар болои ҳам часпонда ба бом ва деворан киштиҳо кашида, рӯи онҳоро ҳам бо як қабат лои сахти ғафс андовонид ва ҷавонони тирандозро ба пеши дарчаҳои тирандозии сипардори киштӣ шинонда, ба пешвози душмани хунхор тайёр шуд.

Вақте ки Улоқ-нуён ба канори оби Хуҷанд — дарьёи Сир расида барои худ гузаргоҳ меҷуст, он шаш киштӣ ба канор наздик омада, душманро дар зери тирборон гирифтанд. Тирҳои пӯлодпайкони синашикоф аз камонҳои ҷавонони тоҷики қодирандоз ҷаста аз дарчаҳои киштӣ баромада, монанди уқобони тезнохун, аммо бо суръати барқ дар ҳаво парвоз мекарданд ва бехато ба сина, шикам ва рӯю чашми муғулон зада чок-чок мегардонданд.

Улоқ-нуён, ки аз он пеш он гуна чизҳоро надида буд, дар аввали кор саросема шуда монд. Ӯ ҳарчанд диққат мекард, бар рӯи об аз банниодам касеро намедид, ӯ ҳамин қадарро медид, ки чизҳои калони сиёҳчаранг дар об ҳаракат мекунанд ва аз ҳар тарафи онҳо тирҳо баромада омада, нӯкарони ӯро ба хуни худашон оғушта мегардонанд. Ӯ баъд аз андешаи бисьёр гумон кард, ки бояд онҳо филҳои султон Муҳаммад бошанд. Зеро ӯ шунида буд, ки султон Муҳаммад ҳайвонҳои қавиҳайкали ҷангӣ дорад, ки онҳоро фил меноманд ва бист занҷир аз он филҳоро дар Самарқанд барои муҳофизаи он шаҳр гузоштааст, ва бо ин мулоҳиза ӯ ба дили худ гузаронид, ки аҷаб нест чанд занҷир аз он ҳайвонҳоро ба Хуҷанд ҳам фиристода бошад. Ӯ бо ин гумон нӯкарони худро фармуд, ки он чизҳоро ба зери тирборони сахт бигиранд.

Муғулон, ки дар тирандозӣ машҳури ҷаҳон шуда буданд, бо як ғазаби ваҳшиёна киштиҳоро дар зери борони тир гирифтанд. Тирҳо ҳам бехато ба киштиҳо бармехӯрданд ва ба ҷон расидаашон то сӯфор* фурӯ рафта халида мемонданд. Аммо ба киштиҳо, ки ба гумони муғулон филҳо буданд, таъсире намекарданд. Ва ҳол он ки назар ба шуниди Улоқ-нӯён захми бисьёр филҳоро ҳам аз по меафтонд ва хеҷ набошад, аз сафи ҷанг мегурезонд. Ин «филҳо» бошанд бо вуҷуди ин ҳама тир хӯрдан бо ҳамон суръату ғайрати аввалӣ дар ҳаракат буда, дар ҳар ҷо ки гурӯҳи серодами муғулонро медиданд, ҳамон ҷоро тирборон менамуданд ва тирҳояшон ҳам бехато муғулкушӣ мекарданд. Аммо тирҳои муғулон ба киштинишинон, ки пеши даричаҳои сипардор нишаста тир меандохтанд, хеҷ зарар расонда наметавонистанд.

Дар охири рӯз киштиҳо ба сабаби бар баданаашон бисьёр халида мондани тирҳои муғулон шакли ҷайраҳоеро гирифтанд, ки ба ҳуҷум тайёр шуда истода дукҳои бадани худро бархезонда бошанд ва монанди ҷайраи ҳуҷумкунанда босуръат ҳаракат карда, босуръат тир меандохтанд. Аммо ҷайраҳои филҳайкал!

Улоқ-нӯён дар охир ба ин фикр омад, ки бояд ин чизҳо фил ва ё ягон ҷондори дигар набошанд, зеро агар ҷондор мебуданд, каме ҳам бошад, аз тирборони мо зарар медиданд, балки инҳо бояд тилисме бошанд, ки тоҷикони Хуҷанд дар муқобили мо баста бошанд.

Улоқ-нӯён монанди муғулони онвақта ба сеҳру ҷоду ва тилисм боварӣ дошт ва инро ҳам шунида буд, ки тоҷикон моҳиртарини ҷодугарон ва тилисмбандони дуньёанд. Ӯ баъд аз ба ин хаёл омадан бисьёр маъюс шуд. Зеро назар ба ақидаи вай ба муқобили сеҳру ҷоду ва тилисм дасти одамони оддӣ ва яроқи онҳо хеҷ кор карда наметавонист.

Шаб омад. Улоқ-нӯён дар ҳолате ки як қисми аскаронаш кушта ва хаста шуда буданд ва худаш дар

---

* *Сӯфор* — сӯроxи дунболаи тир.

фикри «тилисмҳо» дар зери бори андешаву алам монда буд, аз канори об дуртар—дар ҷое, ки тири дарёгардони Темурмалик ба он ҷо намерасид, рафта манзил кард. Темурмалик ҳам бо киштиҳои худ аз сафи ҷанг ба пеши қалъаи обии худ баргашт. Ҷавонони киштисаворро хӯрок ва осоиш дод ва устоҳоро фармуд, ки киштиҳои имрӯз ба ҷанг иштироккардаро таъмир ва ислоҳ намоянд ва шаш киштии он рӯз ба ҷанг набаромадаро фармон дод, ки ба сафар тайёр шаванд.

Темурмалик баъд аз анҷом додани корҳои қалъаи обӣ ва киштиҳо худаш ба завраке нишаста, ба тарафи шаҳри Хуҷанд аз об баромад ва ба қалъаи хушкӣ рафт. Мардуми шаҳр ва деҳоти атрофро, ки ба қалъаи хушкӣ ғун шуда буданд, ба мудофиаи шаҳр таъкид намуд ва ба онҳо тавсия кард, ки ба ҳеҷ ҳилаву найранг ва тарсонишу таҳдид таслим нашаванд ва оқибати таслимшудагонро пеши назар оварда то ҷон дар бадан доранд, шаҳри худро нигаҳдорӣ кунанд.

Темурмалик вақте ба қалъаи обӣ баргашта омад, ки шаб аз нима гузашта буд. Ӯ як қисми ҷавононеро, ки рӯзи гузашта дар ҷанг иштирок накарда буданд, бо шамшерҳо, шофҳо, ханҷарҳо, найзаҳо, гурзҳо ва табарзинҳо мусаллаҳ карда, ба киштиҳое, ки он рӯз дар эҳтиёт монда буданд, савор кард ва худаш дар киштии пешгард нишаста дар торикии шаб ба сафар баромад. Ӯ киштиҳоро дар канор лангар андохта, ду нафар ҷавони хушьёри пиёдагардро ба хушкӣ фуроварда фармуд, ки ба лашкаргоҳи муғулон рафта аз аҳволи онҳо хабар биёранд.

Ин ду нафар ҷавони бодпой ба тарафи мақсад рафта, ба зудӣ баргашта омаданд. Назар ба қавли онҳо, муғулон монанди мурдаҳо хобида буданд ва посбонони дар гирди лашкаргоҳ гузоштагашон ҳам аз мондагии рӯзи гузашта ва бедорхобии шабона ба танг омада дар пинак рафта буданд.

Темурмалик фурсатро ғанимат шумурда, дар ҳар кадом киштӣ ба қадри даркорӣ посбон гузошта, худаш бо ҷавонони зубдаи ҷанговари коромӯхта ба

хушкӣ фуромад ва бо роҳнишондиҳии он ду ҷавон, ки аз ӯрдуи душман хабар оварда буданд, аз пасхамиҳо, ҷарҳо ва ҷӯйҳо роҳи лашкаргоҳи Улоқ-нӯёнро пеш гирифт. Чун ба мақсад наздик расид, фармон дод, ки якбора ба ӯрдугоҳи душман ҳуҷум оварда, аввал посбононро куштанд ва дар миёнаи қӯшуни даромада лашкаргоҳро зеру забар карданд.

Ҳуҷуми ногаҳонии шабона — шабихун муваффақиятнок баромад. То вақте ки муғулон аз хоб бедор шуда ҳушьёр шаванд ва ба ҷанг тайёр гарданд, қисми муҳимми онҳо кушта ва хаста шуданд ва Темурмалик баъд аз ба ҷанг тайёр шудани муғулон бо ҷангҳои мудофиагӣ оҳиста-оҳиста ақиб гашта, худро ба канор кашид ва ҷанговарони худро дар киштиҳои «зиреҳпӯш» шинонда фармуд, ки дар пеши дариҷаҳои сипардор нишаста чингизиёнро, ки ба канор наздик омада буданд, тирборон кунанд.

Улоқ-нӯён дар ин тирборон ҳам талафот дода маҷбур шуд, ки ақиб гардад, лекин дар натиҷаи ин воқеа ӯ фаҳмид, ки он чизҳое, ки бар рӯи об сайр карда нӯкарони ӯро тирборон мекардаанд, на фил будаанду на тилисму ҷоду, балки қалъаҳои дарьёгард — киштиҳои болопӯшида будаанд, ки онҳоро Темурмалики қаҳрамон ва доннишманд эҷод карда будааст.

Ба Улоқ-нӯён пай дар пай мадад меомад. Дастаҳои аскарии муғулон, ки дар роҳҳо ва деҳот барои бехавф кардани пушту паҳлуҳои ӯрдуи чингизиён мегаштанд, баъд аз адои вазифаи асосиашон бо фармони Ҷӯҷӣ асирони ҷавонро ҳамроҳи худ гирифта ба пеши Улоқ-нӯён ғун шудан гирифтанд. Ба ин тариқа дар пеши оби Хуҷанд саворони муғул ба бист ҳазор ва асирони ҳарбӣ, ки ҳашарӣ номида мешуданд, ба панҷоҳ ҳазор расиданд.

Бо вуҷуди ин Улоқ-нӯён ҷасорат намекард, ки ба канор наздик омада, бо киштиҳои Темурмалик ҷанги рӯ ба рӯ кунад. Ӯ аскарони худро аз майдони тирраси канори об дуртар манзил дода, ба таҳияи асбоби киштишикан ва киштисӯз даромад: ӯ ба воситаи ҳунармандони асир ҷанд адад манҷаниқҳои калон ва

чархҳои нафтандоз* созондан гирифт ва ҳам фармуд, ки зарфҳо ёфта, онҳоро бо нафт пур кардан гиранд.

Аммо Темурмалик дар ин муддат ором намеистод ва ҳар рӯз бо киштиҳо канори дарьёро сайр карда ҳар аспу одаме, ки аз муғулон дар майдони тиррас ва дар чарогоҳҳо ба назараш намоён мешуд, бо тирҳои синашикоф ба заминашон фарш мекард ва ҳар шаб бо шабихунҳои ҷонфарсо ӯрдугоҳи онҳоро лаш менамуд.

Дар ин гуна ҷангҳо муғулон бисьёр талаф мешуда бошанд ҳам, бо мададҳои пай дар пай шумораи лашкаронашон кам намегардид, балки рӯз то рӯз зиёд мешуд.

Улоқ-нуён баъд аз тайёр шудани манҷаниқҳо ва чархҳои нафтандоз дар канори об саркӯбҳо бино кунонда, асбобҳои сангандоз ва нафтандозро ба болои онҳо шинонид. Ҳарчанд дар рафти ин корҳо Темурмалик пай дар пай тирборон карда, ба кӯшуни ӯ зарарҳои намоён мерасонда бошад ҳам, сардори муғул бо талаф кардани бисьёр нӯкарон ва асирон ин корро пеш бурд.

Манҷаниқҳо ба кор даромаданд. Чингизиён бо ин асбоб бо сангҳои панҷпутӣ, даҳпутӣ киштиҳои Темурмаликро сангборон кардан гирифтанд. Аммо ҳар санге, ки ба киштӣ мерасид, чунон ки ба ҷуволи пурпахта расида бошад, ба намадҳои нарм бархӯрда, ба киштиҳо ҳеҷ осебе расонда натавониста, ба об мегелид. Киштинишинон бошанд дар пеши дариҷаҳои сипардор оромона нишаста тир меандохтанд ва тирҳошон бехато муғулкушӣ мекарданд.

Ин ҷанги манҷаниқӣ барои Улоқ-нуён бефоида ва пурзарар баромад ва бинобар ин ӯ чархҳои нафтандозиро бо суръат ба кор даровард. Аммо муғулон

---

* *Чарх* — як асбоби ҷангӣ замони қадим аст, ки бо вай ба қалъаи душман ва ба сари аскарони вай зарфҳои пурнафт ва сангҳои хурдтарро меандохтанд. Шакли чарх монанди чархи ресмонресӣ, валекин аз вай калонтар буда, дар нӯги парраҳояш ҷое буд, ки дар он ҷо санг ё зарфи пурнафт мегузоштанд ва ба сабаби тез гардондан ин чизҳо ба болои душман парида мерафтанд. Агар мо ин чархро фалохуни автоматӣ гӯем, ҷой дорад.

ҳар зарфи пурнафт, ки оташ зада ба болои киштиҳои Темурмалик меандохтанд, ба намадҳои тари пурлой бархўрда ҷоеро намесўзониид ва аз басҳи бомҳои киштиҳо шервонипўш буданд, зарфи пурнафт дар он ҷо як сония ҳам қарор нагирифта ба рўи об ғелида мерафт ва нафти оташгирифта ба рўи об қадре сўхта хомўш мегардид ва аз худ ба рўи об мавҷҳои чиркине мегузошт. Аммо темурмаликиён ҳамчунон душманкушӣ мекарданд.

Ҷангҳои манҷаникӣ ва чархӣ чандин рўзҳо бар зарари чингизиён давом карданд. Дар ин миён Улоқ-нуён ба Ҷўҷӣ хабар фиристода, аз вай мадад ва барои ба даст овардани Хуҷанд маслиҳат пурсид. Ҷўҷӣ аз аскар ва асир ба Улоқ-нуён мадади нав фиристода, ба ў маслиҳат ва таълимот дод, ки дарьёро бо санг пур карда, ба қалъаи обии Темурмалик роҳи хушкӣ созад.

Мувофиқи дастуруламали Ҷўҷӣ, Улоқ-нуён панҷоҳ ҳазор нафар асирро даҳ-даҳ ва сад-сад тақсим карда, ба болои ҳар гурўҳ аз муғулони савор муваккал гузошт ва фармон дод, ки инҳо аз кўҳ санг кашонанд.

Муғулон барои сангкашонӣ кўҳеро, ки ба ҳамон муносибат номаш «Кўҳи муғул» шуда мондааст, интихоб карданд. Як қисми асирони ҳашариро ба сангбуррӣ ва сангкобӣ ва қисми дигарашонро ба сангкашонӣ кор фармуданд.

Чингизиён қувваи одамӣ ва вазни сангро ба ҳисоб нагирифта, ҳар як санги калонро ба пушти ҳар асир ки рост омад, мегузоштанд. Ў маҷбур буд, ки он сангро бо як бардоштан аз кўҳ то канори об, ки бист километр зиёдтар масофа дошт, расонад. Саворони муғул бо шамшерҳои аз ғилоф кашида гурўҳҳои сангкашонро меронданд, ва ҳар асире, ки дар санг бардоштан ва роҳ рафтан сустӣ кунад, ё аз гуруснагӣ ва беморӣ аз пой монад, дар ҳамон ҷо кушта партофта мешуд. Дар ин шароит ҳар рўз садҳо асирон аз сафи кор мебаромада бошанд ҳам, чингизиён ҷои онҳоро бо асирони наве, ки Ҷўҷӣ мефиристод, пур карда корро давом медоданд.

Асирон сангҳоро ба лаби дарьё оварда хирман мекарданд ва муғулон онҳоро дар об рехта барои худ роҳи хушкӣ месохтанд. Аммо дар сохтани як газ роҳи хушкӣ сари чандин муғул ба бод ва танааш ба об мерафт: темурмаликиён бо ҳуҷумҳои пай дар пай сари сангрезони муғулро ба ҷои сангпораҳо дар об мерехтанд ва шабона ҳам шабихун зада роҳи сохташударо вайрон ва ўрдугоҳи муғулонро парешон мекарданд.

Дар ҷангҳои обӣ Темурмалик ҳеҷ талафот намедода бошад ҳам, дар ҷангҳои шабихунӣ бе талафот намегашт. Муғулон хоҳ дар ҷанги обӣ бошад, хоҳ дар ҳуҷумҳои шабихунии Темурмалик беандоза талафот медоданд. Аммо аз он ҷо, ки қувваи муғулон бисьёр буд ва ҳар рӯз ба онҳо мадади нав мерасид, талафоти онҳо ҳис карда намешуд ва талафоти Темурмалик ҳарчанд кам бошад ҳам, ба назар намоён мегардид. Бо вуҷуди ин Темурмалик бо шиддати аввала ва балки аз вай ҳам зиёдтар ҷангро давом мекунонид. Рӯз то рӯз зиёд шудани ҳисси интиқомгирии темурмаликиён нисбат ба чингизиён ва то рафт шўълавартар шудани оташи ғазабу нафрат нисбат ба онҳо — ҷои камии ҷисмонии темурмаликиёнро пур мекард.

Лекин аз даст рафтани шаҳри Хуҷанд ва қалъаи қадимии он ва қатли ом ёфтани аҳолӣ кори Темурмаликро душвор кард.

### 4. ИШҒОЛ КАРДА ШУДАНИ ХУҶАНД. РОЛИ САВДОГАРОН ДАР ИШҒОЛҲОИ ЧИНГИЗИЁН. ҚАТЛИ ОМ КАРДА ШУДАНИ АҲОЛӢ

Вақте ки қувваи Улоқ-нўён зиёд шуд, як қисми аскарони худро дар зери фармони Мангу-буқо ба тарафи шаҳри Хуҷанд гузаронидан хост. Ў ба ин мақсад чандин адад гупсарҳо тайёр кард ва барои аз об гузаронидани аскарон гузаргоҳи Маҳрамро, ки аз назорати киштиҳои Темурмалик бисьёр дур буд, интихоб кард. Ў фармуд, ки чандин амад (сал) сохта, онҳоро ба гупсарҳо пайваста карданд ва гупсарҳоро ба аспони зўри *оббур* бастанд ва аспу одам ва яроқ-

хои худро бар рӯи амадҳо ҷой дода, шабона аз об ба тарафи чапи дарёи Сир гузаштанд.

Чингизиён баъди аз об гузаштан тайёрии ҳарбӣ дида, ба тарафи шаҳри Хуҷанд ҳаракат карданд. Дар роҳ деҳаҳо ва ҷоҳои аҳолинишин ҳама холӣ буданд. Як қисми аҳолии он ҷоҳо ба шаҳр кӯчида ва қисми дигарашон ба кӯҳистон гурехта буданд. Аммо боғу бӯстонҳо бо токҳои ангур ва дарахтони мевадор ва киштзорҳо бо ҳосилоти бисёрашон баркарор монда буданд. Муғулони ваҳшӣ ҳамаи ободӣ ва осори маданиятро, ки дар пеши роҳашон мебаромад, сӯхта ва вайрон карда пеш мерафтанд.

Вақте ки муғулон ба Қистакӯз расиданд, хабари аз об гузаштани онҳо ҳам ба шаҳри Хуҷанд расид. Аҳолии шаҳр, ки чанд вақт боз ҳуҷуми чингизиёнро дар назар доштанд, ба сабаби ба шаҳр наздик омадани онҳо ҳеҷ саросема нашуда, «меҳмонони нохонда»-ро аз болои девори қалъа бо тирҳои парронии камон ва сангҳои манҷаниқ ва чарххои сангпаррон пешвоз гирифтанд.

Шаҳр дар муҳосира монд, аммо азбаски қуввати калони муғулон ба муқобили Темурмалик ва қалъаи обии он банд буд, муҳосираи шаҳр он қадар сахт нашуд. Аҳолии шаҳр ҳар рӯз аз болои шинакҳои қалъа бо сангу тир ва аз дарвозаҳо баромада дар майдон бо гурз, найза ва шамшер бар зидди чингизиён сахт меҷангиданд, шабҳо ба урдугоҳи душман шабихун мезаданд.

Аҳолӣ бо ҳамаи ин ҷангҳо аз деҳоте, ки ҳанӯз аз тарафи муғулҳо ишғол нашуда буданд, ба шаҳр озуқа мекашонданд ва бо Темурмалик ҳам алоқаи худро нигоҳ дошта аз вай таълимот мегирифтанд ва ба вай бо озуқаю аслиҳа мадад мерасонданд.

Ин ҷанги хунин хеле дер кашид, ба муғулон ҳар рӯз мадади нав мерасида бошад ҳам, бо ҷанг ишғол шудани шаҳр ба назарашон дур менамуд. Бинобар ин онҳо роҳи игвогариро, ки дар ишғол кардани шаҳрҳои дигар ба кор бурда буданд, дар ин ҷо ҳам пеш гирифтанд. Ин роҳ фоида бурдан аз игвогарии савдогарони ҷосус буд.

Чандин сол пештар аз он ки Чингизхон ба тарафи Мовароуннаҳр ба сафари ҳарбӣ бароянд, бо савдогарони ин сарзаминҳо алоқаи худро маҳкам карда, ба корҳои тиҷоратии онҳо ёриҳои куллӣ мерасонид, молҳои онҳоро бо нархҳои баланд мехарид, ба онҳо пешакӣ нуқраи хом ва дигар чизҳои пурқимат дода, молҳои махсусро супориш мекард. Ҳатто худаш ва шоҳзодагони вай ба тарзи фоидашарик ҳам ба савдогарон кам-кам сармоя, пул ва мол дода онҳоро ба кор медаровარданд.

Савдогарон, ки аз Чингизхон ин қадар ёрмандӣ медиданд, ҳавохоҳи ӯ шуда, бо дилхоҳ ва ихтиёри худ дер боз ба манфиати ӯ ва бар зарари ватан ва ҳамватанони худ ба ӯ ҷосусӣ мекарданд. Дар вақти ҷанг бошад ҳар кадоми онҳо ба шаҳри худ аз тарафи Чингиз вакил ва намоянда шуда мерафтанд ва ҳамшаҳриёни худро бо ташвиқ ва тарсониш ва бо роҳи ҳар гуна иғво аз ҷанг ва муқобилат боздошта, ба таслим шудан розӣ мекарданд.

Чингизхон аз савдогарони Мовароуннаҳр ва Туркистон на танҳо дар сафари ҳарбии ба Мовароуннаҳр кардааш фоида бурд, ҳатто дар сафари Хитой ҳам аз он гуна савдогарон истифода кард. Чунончи, пеш аз ба мамлакати Хитой ҳуҷум карданаш Ҷаъфархоҷа ном савдогарро ба он мамлакат элчӣ карда фиристода буд, ки барои аскаркашии ӯ замина тайёр кунад.

Дар сафари Мовароуннаҳр ва Хуросон бошад савдогарон мисли сиёҳгӯш, ки пешопеши ҳайвоноти даррандаи бузург рафта, барои онҳо сайд пайдо мекунад, пеш-пеши Чингиз гашта мардумро ба таслим шудан даъват мекарданд, то ки чингизиёни дарранда бе ҳеҷ ҷангу ҷидол гӯштиодамхӯрӣ кунанд. Чунончи, Чингиз ба Зарнуқ донишманд Ҳоҷиби савдогарро, ки аз аҳолии он ҷо буд, намоянда карда фиристод. Ӯ мардумро бо тарсониш ва ташвиқ ба таслим розӣ кард. Ба Нурато Тоҳир ном нуратоиро фиристод, ки ӯ аҳолии он ҷоро ба таслим қабулдор кард.

Инчунин писари Чингиз — Ҷӯчӣ Ҳасан-ҳоҷӣ ном сиғноқиро, ки аз рӯи ҳуҷҷатҳои таърихӣ дар тиҷорат қасими (шарики) худи Ҷӯчӣ буд, ба он ҷо фиристод,

то ки аҳолиро ба таслим даъват кунад. Чун Ҳоҷӣ Ҳасан аз тарафи сиғноқиён кушта шуд, [Ҷӯҷӣ] баъд аз тороҷ ва қатли ом писари Ҳоҷӣ Ҳасани қатлшударо дар Сиғноқ ҳоким кард ва Тӯқтемури ҷандиро ба Ҷанд фиристод ва баъд аз ишғол кардани он шаҳр Тӯқтемури мазкурро дар он ҷо ҳоким таъин намуд ва дигарҳо.

Ба Хуҷанд Аҳмади хуҷандӣ фиристода шуд, ки ин одам аз савдогарони Хуҷанд буда, бо Чингизхон алоқаи дерин дошт. Дар бораи муносибати Аҳмади хуҷандӣ бо Чингизхон ҳуҷҷатҳои таърихӣ чунин мегӯянд: «...Дар он овон, ки мутаҷаннида ва лашкариёни подшоҳи ҷаҳонгир Чингизхон саҳронишин буданд, малбусот (пӯшокворӣ) ва мафрушот (палосворӣ) дар ӯрдуи ӯ ғилои (қаҳтии) тамом дошт ва бар байъу шарои он (дар хариду фурӯши он чизҳо) манофеъ бисьёре мутараттиб мешуд (ҳосил мешуд), бинобар ин Аҳмади хуҷандӣ ва ду каси дигар аз бозургонони Бухоро асвоб (либосҳо) ва карбос ва ғайра золика амтаа (матоъҳо), ки лоиқи қабоили муғул буд, ҷамъ оварда мутаваҷҷеҳи ӯрдуи хон шуданд...».

Назар ба тафсилоте, ки ҳуҷҷати мазкур медиҳад, роҳдорони Чингиз матоъҳои хуҷандиро писандида ба хон тақдим мекунанд. Аммо Аҳмади хуҷандӣ ба молҳои худ баҳои аз ҳад зиёд талаб мекунад. Хон аз ноинсофии Аҳмад ранҷида, бухориёнро металабад. Онҳо ихтиёри молҳояшонро ба хон вогузор мекунанд. Хон хурсанд шуда, ба молҳои онҳо аз умедашон зиёдтар қимат медиҳад. Баъд аз он бадмуомилагии Аҳмадро бахшида, ба молҳои ӯ ҳам қимати калон медиҳад.

Аз рафти воқеа маълум мешавад, ки Чингиз аз пулпарастии Аҳмад фоида бурда, ӯро ба доми худ кашид ва дар сафари Мовароуннаҳр дар қатори савдогарони пулпарасти дигар ӯро ҳам бар зарари ҳамватанонаш ба манфиати худ кор фармуд.

Ҷосуси иғвогари чингизиён — Аҳмади хуҷандӣ ба шаҳри Хуҷанд ба сифати як «ҳамватан» ба осонӣ даромад. Аммо аз он ҷо, ки оммаи аҳолии Хуҷанд бо ҷасорати табиӣ ва тарбияи Темурмалик дар мудофиаи ватан тайёр буда, дар ин роҳ аз кушта шу-

дан наметарсиданд, ӯ кори худро махфиёна дар миёнаи савдогарони калон, ки ҳампешагони ӯ буданд ва дар миёнаи шайхону муллоён, ки ба ҳадья ва тӯҳфаи сарватмандон вобаста буданд, пеш бурд.

Савдогарон, ки мисли Аҳмад ба фоидаи тиҷоратии Муғулистон оби даҳонашон мерафт ва дар бадали як ҷӯра карбос ба даст даромадани чанд болиш нуқраи хомро ба пеши назар меоварданд, ба таслим розӣ шуданд. Инчунин шайхон ва муллоён ҳам, аз як тараф, бо ташвиқоти Аҳмад аз инъому эҳсони Чингизхон умедвор шуда ва, аз тарафи дигар, валинеъмати худ — савдогарони калонро ҳаводорӣ карда, розӣ шуданд, ки шаҳрро ба муғулон супоранд.

Дар натиҷа ин гурӯҳи ватанфурӯш бе он ки ба аҳолии шаҳр хабар диҳанд, вакилони худро бо пешкашҳои лоиқ ба пеши сараскари муғул фиристода, дарвозаҳоро ба рӯи чингизиён бо дасти худ кушоданд.

Вақте ки шабона муғулон ба сари аҳолӣ ба шаҳр ногаҳонӣ рехтанд, халқи ватандӯст то ҷон доштанд, ҷангида, дар майдони мубориза кушта шуданд ва [муғулон] онҳоеро, ки яроқ бардошта наметавонистанд, бо илтимоси намояндагони таслимчӣ «амон дода» аз шаҳр бароварданд.

Лекин тақдири Хуҷанд ва аҳолии он аз тақдири Банокат ва аҳолии вай беҳтар нашуд: чингизиёни ваҳшӣ баъд аз тороҷ шаҳрро сӯхта ва вайрон карда ба замин яксон намуданд; аз байни аҳолии «амон дода» аз шаҳр баровардашуда ҳунармандон ва ҷавононро ҷудо карда, бокимондаҳоро аз зану мард ва бемору пир то бачагони ширхор аз дами теғи бедарегӣ худ гузарониданд. Танҳо он чанд нафар савдогарони калон ва рӯҳониён бо як қабат пӯшоки заруриашон бар болои тӯдаҳои хокистари шаҳр ва дар байни ҷасадҳои рез-резшудаи аҳолии шаҳр зинда монданд.

Фоҷиаи таслими шаҳри Хуҷанд ва қатли ом карда шудани аҳолии он барои Темурмалик як мусибати пурзӯри ногаҳонӣ шуд. Ӯ монанди шери захмхӯрда мегуррид, аммо ба захми худ марҳам намеёфт; ӯ мисли баҳри дар талотумомада мешӯрид, аммо шӯ-

ридани вай ғайр аз дар изтироб андохтани ҳастии худаш ба вай фоидае намебахшид; ӯ ҳамчун наҳанги дар регзори беоб афтода метапид, аммо ин тапиш ӯро аз толоби ҳаёт боз ҳам дуртар меафганд...

Темурмалик охир ғайр аз ба хоинон лаънат ва нафрат фиристодан ва рафиқони худро барои интиқомкашӣ аз душманони ғаддори хунхор ташвиқ карда ба онҳо ҷасорат ва ғайрати тоза додан, барои худ воситаи тасаллии дигаре наёфт.

Темурмалик аз корҳои амалӣ дар роҳи интиқомкашӣ аз хоинони ватан ҳамин қадар карда тавонист, ки ба баҳонаи музокираи таслими худ Аҳмад ва чанде аз калоншавандагони таслимчиёнро ба пеши худ ҷеғ зада ва худ бо ду-се нафар рафиқонаш, ки ба онҳо таълимоти махсус дода буд, ба канори об баромад. Вақте ки таслимчиён ба лаби об расиданд, Темурмалик бе он ки бо онҳо гуфтугузор кунад ва ба онҳо фурсати лабкушоӣ ва яроқбардорӣ диҳад, бо табарзин ба сари Аҳмад ҳуҷум оварда, каллаи ӯро монанди чӯбкадуи хушк пора-пора кард ва ҷавонони ӯ ҳам ба дигарон ҳамла бурда, бо шамшери тез бадани онҳоро реза-реза намуданд.

Ҷавонон хостанд, ки ҷасадҳои пошхӯрдаи хоинонро дар об андохта аз онҳо дар дунё асаре боқӣ нагузоранд. Аммо Темурмалик ба ин кор роҳ надод:

— Ҷасади мурдори ин палидон оби зулоли дарёи ватани моро наҷас мегардонад. Монед, ки гӯшти инҳоро шағолон, гургон ва мурғони мурдорхӯр хӯрда, асари инҳоро аз рӯи замин нест кунанд! — гуфт.

## 5. САФАРИ ОБӢ. ДОМБУРРӢ

Баъд аз фоҷиаи Хуҷанд кори Темурмалик рӯз то рӯз душвор шудан гирифт: озуқа ва яроқу аслиҳа аз ҳеҷ ҷо ба ӯ намеомад, аз ваҷҳи шамшер, найза, гурз ва табарзин барин яроқҳо бисёр тангӣ намекашад ҳам, тир, ки як чизи бисёр сарфшаванда ва яроқи умумии асосӣ буд, кам шудан гирифт; барои тирсозӣ чӯб ва пару пайкон ҳам дар дасти ӯ кам монда буданд; дар ҷангҳои шабихунӣ ҷанговаронаш ҳам кам шудан гирифтанд. Муғулон бошанд то рафт аскар ва ҳаша-

рии худро зиёд карда, кори дар об рохи хушкӣ сохта ба қалъаи обӣ расонданро пеш мебурданд.

Темурмалик дид, ки дигар дар он ҷо пойдорӣ карда истодан ҳеҷ фоида надорад, пас ба ин фикр омад, ки аз он ҷо сафар кунад, то ки дар ягон ҷои муносиби дигар аз душманон бисьёртар кушад ва дурусттар интиқом кашад ва ӯ барои ба амал овардани ин фикр шабе ба ҷанговарони худ фармуд, ки ҳар чизеро, ки дар қалъа ҳаст, ба киштиҳои сарпӯшида бор карда, онҳоро барои сафар тайёр кунанд ва худаш ба қаиқе савор шуда, ба хушкӣ баромаданӣ шуд.

Рафиқони Темурмалик аз ин ҳаракати ӯ дар шубҳа афтода, дар дили худ гузаронианд, ки мабодо ӯ ба хушкӣ баромада, худро яккаву танҳо ба ӯрдуи муғулон зада талаф шавад ва ба ин мулоҳиза ба хушкӣ баромадани ӯро манъ карда гуфтанд:

— Дар шаҳри сӯхта хокистаргардида ва аҳолиаш куштташуда акнун туро чӣ кор мондааст? Агар дар паи зану фарзандат мерафта бошӣ, бояд донӣ, ки тақдири онҳо ҳам аз тақдири хешу табори мо ва ҳамаи мардуми шаҳри мо фарқ накардагист. Дар вақте ки мо ба ин мусибати ҷонгудоз сабр мекунем, дар суроғи бозмондагони худ рафтани ту ба шаъни ту муносиб нест, ки дар паи ҷустуҷӯи бефоида худро ба таҳлука андозӣ. Ба ту лозим аст, ки зиндагии худро нигаҳдорӣ карда, моро дар интиқомгирӣ аз душманон сардорӣ кунӣ.

— Ман,— гуфт Темурмалик,— аз он вақт боз ки ҷанг сар шудааст, ҳеҷ гоҳ зану фарзанди худро аз аҳли хонаводаи дигарон фарқ кунонда, барои онҳо ғамхории ҷудогона накардаам. Ба ин кори ман худи шумоён шоҳид ҳастед. Аммо маро дар хушкӣ як чизи дигари пурқимат ҳаст, ки ман вайро аз ҳар чиз зиёдатар дӯст медорам. Ман мехоҳам, ки як миқдори он чизро бо худ гирам, ки агар дар ғарибӣ афтам, вай барои мани аз ватан дурафтода тасаллои дили ҳиҷронзада мешавад.

— Агар ба ҳама ҳол ба хушкӣ баромадан хоҳӣ, чанде аз моёнро ҳамроҳи худ гир, ки дар таҳлукаҳо ба ту ёрӣ расонем,— гуфт яке аз ҷанговарон.

— Дар сафарҳои пинҳонӣ ҳамеша аз чанд тан як тан камтаҳлукатар ва номаълумтар аст,— гуфт Темурмалик ва ба қаиқ савор шуда, вайро ба тарафи хушкӣ ронда рафт.

Вақте ки ҷавонон фармоиши Темурмаликро ба амал оварда киштиҳоро барои сафар тайёр карда буданд, ӯ ҳам аз хушкӣ баргашта омад ва дар дасти ӯ ғайр аз як халтачае, ки дар даруни вай будани як чизе андаке маълум мешуд, дигар чизе набуд. Вай дар он ҷо он халтачаро дар як миёнбанд тугун карда, ба миёни худ баст ва зиреҳу чоройна ва хӯд* барин либосҳои ҳарбиро пӯшида ба сафар тайёр шуд.

Ҷанговарон, ки як қаиқ тиллову танга гирифта омадани ӯро мунтазир буданд, бо дидани ин як халтачаи назарногир дар тааҷҷуб афтоданд ва дар дили худ гузаронданд, ки шояд дар даруни ин халтача алмос ё сангҳои пурқимати дигар бошад, ки ба як хироҷи мамлакат меарзида бошад.

Ҷавонон дар ин хусус бисьёртар тааҷҷуб мекарданд, ки аз он пеш Темурмалик ба молу чизи дуньё муҳаббат нишон намедод. Ҳолο ба ӯ чӣ шудааст, ки якчанд сангчаро ин қадар эҳтиёт мекунад ва барои овардани вай худро дар таҳлука меандозад? Дар ҳар ҳол бо вай дар бораи чӣ будани он чиз сухан кушоданро муносиб надиданд.

Темурмалик ҷавононро тақсим карда, дар дувоздаҳ киштии болопӯшида ҷой дод ва худаш дар киштии пешгард, ки ба киштиҳои дигар вазифаи роҳнишондиҳиро адо мекард, ҷой гирифта, ба ҳаракат фармон дод ва ба тарафи шаҳри тамоман сӯхтаи Хуҷанд нигоҳи пурҳасрате карда, оҳи ҷонкоҳе кашид ва худ ба худ мазмуни ин байтро суруд:

> Меравам з-ин шаҳру дар дил барди ёре мебарам,
> Дарди ёре аз диёре бар диёре мебарам.

---

* *Хӯд* — кулоҳи оҳанини ҳарбӣ; *чоройна* — чор парча оҳани бо тасма ба ҳамдигар пайванд кардашуда аст, ки дар замони қадим ҷанговарон вайро дар ду паҳлу ва пасу пеши худ мебастанд; *зиреҳ* — куртаи тӯрини оҳанин.

Киштиҳои сарпӯшидаи Темурмалик бо ёрии шамоли мувофиқ дар рафти об монанди барқу бод мерафтанд. Муғулон баъд аз сафед шудани рӯз аз сафар кардани Темурмалик хабардор шуда, аз ду канори об савора дар тохт шуданд, ки он сайди аз дом частаро ба даст дароранд. Саворони муғул чандин бор ба канор — дар рӯ ба рӯи киштиҳо рафта бошанд ҳам, дар ҳар бор баъд аз талафоти бисьёр додан маҷбур шуданд, ки худро аз доираи тиррас дур кашанд. Оқибат онҳо ба киштиҳо наздик нарафта аз дур назорат карда рафтанро барои худ мувофиқ ёфтанд.

Улоқ-нуён ба Банокат ба аскарони муҳофизи (гарнизони) муғул хабар фиристод, ки дар он ҷо дар роҳи киштиҳои Темурмалик занҷири гароне бикашанд, то ки киштиҳои вай ё дар он ҷо ба занҷир бархӯрда шикананд ва ғарқ шаванд, ё ки аз роҳ бозмонда дар муҳосира афтанд.

Темурмалик дар роҳи худ давом мекард. Вақте ки ӯ ба пеши Банокат расида дид, ки муғулон роҳашро занҷирбанд кардаанд, дар лаби ӯ табассуми истеҳзокоронае пайдо шуд ва дар дили худ: «агар роҳи сели ҷӯшон ва оташи хурӯшонро бастан мумкин мебуд, аҷаб набуд, ки муғулон роҳи маро баста тавонанд. Аммо чунон ки он дар дунъё мумкин нест, ин ҳам имкон надорад» гуфт ва табарзини пӯлодини худро ба даст гирифта, дар пеши як даричаи киштӣ нишаст ва киштирононро фармуд ҳамон паҳлуи киштиро, ки ӯ дар он ҷо нишастааст, ба занҷир наздик баранд.

Киштӣ бо як паҳлу ба занҷир наздик расид. Даричаи киштӣ кушода гардид, дасти пурзӯри Темурмалик бо табарзин, ки монанди моҳи 4—5-рӯза бар рӯи оби зулол дар ҳавои соф бо акси нури офтоби шаъшаапоши нимрӯзӣ медурахшид, намоён шуд.

Табарзин дар ҳаво баланд баромад ва бо тезии барқе, ки аз ҳаво меҷаҳад, поин фуромад. Баъд аз дар об фурӯ рафтани занҷири кандашуда садои шарақкоси бурида шудани вай ба гӯши муғулон, ки аз дур нигоҳ карда истода ғарқ шудан ё ба муҳосира афтодани қаҳрамони пуртавонро нигарон буданд, расид ва дар паси садои занҷир садои кафи дасти чингизиён

ҳам баланд гардид. Аммо маълум нашуд, ки онҳо ин кори мўъҷизавори баҳодури номдорро бо қарсакзаниҳо таҳсин мекарданд, ё ин ки ба сабаби аз доми занҷирашон ҷастани ин шери далер кафи афсўс ба ҳам месуданд.

Киштиҳо бо низому тартибе, ки адмирали худраси тоҷик — Темурмалик нишон дода буд, дар роҳи худ давом карданд. Чингизиён монанди девонагони занҷиргусиста саросемавор ба ҳар сў медавиданд, аммо ҷуръат надоштанд, ки ба киштиҳо наздик оянд ва бо киштинишинон мардвор мубориза намоянд.

Улоқ-нуён барои хабардор кардан аз ин аҳвол ба пеши Ҷўҷӣ чапар фиристод. Ҷўҷӣ фармуд, ки саворони муғул дар ду тараф ва дуртар аз канор дар ҷойҳои пинҳон ва пасхам камин гиранд ва худро ба темурмаликиён ҳеҷ нишон надиҳанд. Ҳар гоҳ ки Темурмалик аз об ба хушкӣ бароянд, бо ў мубориза сар кунанд. Вақте ки бо қувваи бисьёр бо ў биҷанганд, оқибат ё талаф мешавад ё дастгир ва асир.

Ин фармони Ҷўҷӣ ба амал омад. Дар назари киштинишинон то ҷоҳои дур ягон муғул ҳам намоён намешуд. Киштиҳо хеле поин, дар қисми поёнии дарьёи Сир расида буданд. Темурмалик то охир бо ин роҳ сафар карда наметавонист, чунки охири ин роҳи обӣ ба кўли Арал мерасид, ки атрофи вай дар дасти муғулон буд. Чун ў дид, ки дар он наздикиҳо аз душман хавфе нест, фармон дод, ки бору буна ва аспу аробаҳоро ба хушкӣ бароранд.

## 6. ҶАНГ ДАР БИЕБОН ВА ТИРИ БЕПАЙКОН

Темурмаликиён ҳамаи асбоб, аслиҳа, озуқа ва аспу аробаеро, ки дар киштиҳо доштанд, ба канори чапи дарьёи Сир бароварданд. Ҳамаи ашьёро ба аробаҳо бор карда, аробаҳоро ба аспҳо бастанд ва ба якчанд сар аспе, ки дар миёна буд, бо навбат ва дукаса савор шуда, роҳи биёбонро пеш гирифтанд.

Дидбонони пинҳонии чингизиён ин аҳволро дида, ба зудӣ ба дастаҳои худ, ки дар ҳар ҷои биёбон дар камин нишаста буданд, хабар бурданд. Як даста аз

муғулон аз дунболи темурмаликиён расид. Темурмалик, ки ҳамчун сардор ва роҳбар пешопеши қофилаи худ мерафт, наздик расидани саворони муғулро дида худро ба канори роҳ кашид, ҳамаи одамон ва бору бунаи худро пеш гузаронида, худаш яккаву танҳо бо тирҳои ҷонфарсо ба дастаи чингизиён муқобил истод. Тирҳои ӯ монанди уқобоне, ки ногаҳонӣ парвоз карда ба гурӯҳи бумҳо ҳуҷум оваранд, ба тӯдаи душманон парвозкунон мерафтанд ва ҳар тири ӯ бехато одаме ё асперо ба замин меғелониданд. Муғулон тоб наоварда пас гаштанд ва Темурмалик ҳам онҳоро то аз назарҳо дур шудан пеш карда рафт ва баъд аз он ба қофилаи худ расида, вазифаи қофиласолориро адо карда дар сафар давом намуд.

Ин аҳвол чандин бор такрор ёфт ва чандин рӯз давом кард. Дар охирҳо муғулон бисьёр шуда, то талаф шуданӣ як қисмашон истода меҷангиданд ва оқибат шикаст хӯрда пас мегаштанд. Дар ин ҷангҳо баъзе ҷанговарони Темурмалик ҳам кушта ва хаста шуданд.

Оқибат чингизиён бисьёр шуда, атрофи қофилаи Темурмаликро фурӯ гирифтанд. Ӯ ба касони худ фармуд, ки бору бунаро дар миён гирифта рӯйҳои худро ба муғулон гардонида ҳалқавор саф банданд ва бо андохтани тирҳои ҷонгудоз чингизиёнро ба наздик омадан роҳ надиҳанд ва худаш шамшери бараҳнаро дар ҳаво ҷавлон дода ба тарафи гурӯҳи чингизиён асп монд.

Аспи Темурмалик дар миёнаи тӯдаи душманон даромад. Шамшери дурӯя кори муғулонро якрӯя кардан гирифт, аспи омӯхтаи кордидаи ӯ ҳам душманкушӣ мекард: ҷаҳорпоя шуда худро бо тамоми вазнинияш ба болои муғулон мепартофт, лагад ҳавола мекард ва дандон мезад ва бо ҳар роҳе ки донад ва тавонад, вай ҳам аз чингизиён интиқоми ҳамватанони худро мегирифт.

Дар ин ҷанг ҳам қувваи муғулон шикаста, ба пас рафтан ва пароканда шудан маҷбур гардиданд. Темурмалик бо ҷанговарони худ сафари худро давом дод. Лекин муғулон ӯро ба осуда сафар кардан роҳ намедоданд ва баъд аз ҳар ҷанг, ки нафаси худро



Намуди калъаи Хучанд аз тарафи дарьёи Сир

рост мегирифтанд ва қувваи нав ба онҳо мерасид, таъқиб ва ҳуҷуми худро такрор мекарданд.

Дар ҳар қадоми ин ҷангҳо қувваи Темурмалик кам шудан мегирифт: ҷанговаронаш кушта ва хаста мешуданд, камонҳо шикаста, зеҳҳо канда шуда, дами шамшер ва табарзинҳо баргашта ва сипарҳо дарида мерафтанд. Оқибат рӯзе муғулон бо қувваи бисьёр калон аз канори биёбон намоён гардиданд. Вақте ки Темурмалик сиёҳии душманҳоро дид ва шумораашонро тахмин кард, ҷанговарони худро пеши худ гирд оварда гуфт:

— Ҷавонони қаҳрамони ватандӯст! Имрӯз дар ин маърака бояд аз мо кам кас саломат монад. Чунки ин ҷанг дар шароите мегузарад, ки душман аз мо чандин даҳ баробар зиёдааст, ҳам яроқи онҳо пурра ва аспҳошон бардам аст. Ва ҳол он ки дар дасти мо яроқ қариб намондааст ва он чизе ҳам, ки боқӣ мондааст, шикаста, канда шуда ва дамаш баргаштааст. Ҳар касе, ки аз шумо ҷонаш барояш ширин бошад, ҳамин вақт аз байни мо дур шуда худро ба гӯшаи биёбон гирад, то ки дар вақти гармии ҷанг аз саф гурехта сабаби дилшикастагии дигарон нашавад. Дар ин ҷанг танҳо касе иштирок карда метавонад, ки нисбат ба душмани ваҳшии хунхор нафрату ғазаби бисьёр дошта бошад, хории асириро ба худ ор дониста ҷони худро ба кафи даст гирифта ва синаашро сипар карда ба майдон даромада тавонад.

Ҷанговарон, ки ин суханони сардори худро шуниданд, ба ҷӯшу хурӯш омада, ба ӯ бо мазмуни байтҳои зерин ҷавоб доданд.

Ҷаҳон то ҷаҳон* аст, гардандааст,
Бимирад агар шоҳ, агар бандааст;
Ба дуньё намонда касе ҷовидон,
Наёбем мо ҳам зи мурдан амон.
Бимирем чун кому ноком мо,
Ҳамон беҳ ки мирем бо ном мо!
Ба номи накӯ кушта гаштан ба ҷанг
Беҳ аз зиндагонии бо айбу нанг!
Муханнас набошему нокас наем!
Гар аз марг тарсем, мо — кас наем!

---

* «*Ҷаҳон*»-и дуюм ба маънии ҷаҳанда ва ҳаракаткунанда.

Бифармо, ки мо ҷонсупорӣ кунем,
Ба ҷанги ватан бар ту ёрӣ кунем!
Бифармо, ки мо дар сафи корзор
Барорем аз мағзи душман димор!
Бифармо, ки бо оташи ҷанг зуд
Барорем аз ҳастии хасм дуд!
Ту фармон деҳу қаҳрамонӣ бубин,
Зи мо ҷондиҳӣ, ҷонситонӣ бубин!
Ба оташ фиристӣ, самандар* шавем,
Ба беша фиристӣ, ғазанфар** шавем.
Ба дарьё фиристӣ агар баҳри ҷанг,
Зи тӯфон натарсем ҳамчун наҳанг;
Агар мефиристӣ ба пайкори*** кӯҳ,
Чу вулкан зи мо кӯҳ гардад сутӯҳ****.
Ба ҳар ҷо ки ёбем хасми дурушт,
Салоҳ ар набошад, кушемаш ба мушт!
Ситонем мо хуни хеш аз адӯ
Аз он пеш, ки хуни мо резад ӯ.
Чу кардем якчанд душман ҳалок,
Пас он гоҳ аз кушта гаштан чи бок?..
Ки ин маргамон умри сонӣ диҳад,
Ҳаёти нави ҷовидонӣ диҳад...

Чун Темурмалик аз ҷанговарони худ ин суханҳои қаҳрамононаро шунид, ба онҳо таҳсину офарин гуфта, ҳар кадомашонро як-як ба бағал кашида, сару рӯяшонро падарона бӯсид ва онҳоро, ки аз сад нафар зиёд набуданд, ба пеши бору буна пиёда дар саф рост кард ва худ ба аспи оҳудави шертавон савор шуда дар пеш истод.

Чун муғулон наздик расиданд, Темурмалик нафарони худро ба тирборон фармон дода, худаш ба тарафи муғулон асп монда худро дар қалби душман зад. Ӯ бо ҳамлаҳои паёпай чингизиёнро сар мезад, даст мебурид, по мешикаст ва сина медарид ва гурӯҳҳои дар гурез афтодаи онҳоро то пароканда шуда дур гардидан пеш мекард. Вақте ки қалби лашкари душманро торумор кард, паҳлуи росту чапро ҳам ба ҳамин ҳол овард.

Пиёдагони Темурмалик қалъавор дар пеши бору

* *Самандар* — як мурғи афсонагие ки гӯё дар оташ намесӯхтааст.
** *Ғазанфар* — шер.
*** *Пайкор* — ҷанг.
**** *Сутӯҳ* — забун, оҷиз, малул.

буна саф кашида истода чингизиёнро тирборон мекарданд ва тирҳои онҳо монанди ҷолаи баҳорӣ, ки гиёҳҳоро хароб ва поймол кунад, душманро ба замин мехобонданд.

Дар вақте ки қариб буд душман тамоман мағлуб ва пароканда шавад, аз як гӯшаи биёбон гурӯҳи нави саворони чингизиён пайдо шуда, ба пушти сафи темурмаликиён тохт оварданд ва ду тараф ба ҳам омехта шуда, ба тарзи дасту гиребон ва бағал ба бағал бо ҳам меҷангиданд.

Муғулон аз ҳама пештар бору бунаи Темурмаликро бо чанд аспу ароба, ки боқӣ монда буд, ба даст дароварда, бо посбононн зӯрдаст ба ақибгоҳи дурдаст фиристоданд ва боқимондаҳошон то торикии шаб ҷангро давом кунониданд.

Вақте ки торикӣ ҳама ҷоро фурӯ гирифта дӯсту душманро аз якдигар фарқ карда намешудагӣ шуд, муғулони зиндамонда аз майдон баромада рафтанд ва Темурмалик ҳам, ки аспаш пайзада шуда ва худаш аз чанд ҷои баданаш захмдор шуда буд, пиёда аз майдони ҷанг баргашта ба қароргоҳи худ омада дид, ки дар он ҷо на бору буна мондааст ва на аспу одам.

Темурмалик бо синаи сӯзон ва дили бирьён якка ву танҳо ҷангтоҳро давр мезад ва мурдаҳои ёрони ба ҷон баробари худро аз лошаи муғулон ҷудо карда ба канорае мебаровард.

Дар ҳамин вақт ду нафар аз рафиқонаш, ки онҳо ҳам аз чанд ҷояшон захмдор шуда буданд, аз як канор пайдо шуда, дар мурдағундорӣ ба ӯ ҳамроҳӣ карданд ва ҳамаи мурдаҳошонро дар он ҷо гӯрониданд.

Темурмалик бо ду рафиқи худ шабро дар он ҷо, дар пеши пуштаҳои куштаҳои муғулон гузаронид ва баъд аз рӯз сафед шудан аз ҷангтоҳ як халтача талқон ва чанд дона қурут ёфта, аз он чизҳо қути лоямуте карда, ҳар се нафар ба роҳ даромаданд. Лекин боз ба онҳо осуда сафар кардан муяссар нашуд ва ҳанӯз аз ҷангтоҳи дирӯза бисьёр дур нарафта буданд, ки гурӯҳе аз саворони муғул ба онҳо расида ба таслим даъват кард.

Темурмалик боз ба ҷанг даромад. Ин ҷанг бисёр дер накашида бошад ҳам, муғули бисёре кушта гардид ва ду рафиқи Темурмалик ҳам талаф шуданд. Муғулони зинда мондагӣ пас гаштанд. Темурмалик ҳам дар ҳолате ки бо худ ғайр аз як камону се тир, ки яке аз онҳо ҳам бепайкон буд, яроқ ва чизе надошт, ба роҳ даромад ва ҳанӯз бисёр роҳ нарафта ба паси худ нигоҳ карда дид, ки се нафар муғул аз дунболаш омада истодаанд.

Темурмалик аз роҳ бозистода, рӯй ба муғулон кард ва он тири бепайконро ба чиллаи камон гузошта, чашми рости яке аз онҳоро нишон гирифта, зеҳро кашида сар дод.

Муғуле, ки чашмаш ба тири бепайконӣ Темурмалик нишона шуда буд, «вой» гӯён ду дасташро ба рӯ кашид. Маълум буд, ки тири бепайкони қаҳрамони пуртавон ба нишон расида чашми ӯро баровардааст.

Темурмалик ду тири боқимондаро ба ҳаво баланд карда, ба ду нафар муғули боқимонда нишон дода овоз дод:

— Ҳанӯз дар дасти ман ин ду тир ҳаст, ки барои тамом кардани кори ҳар дуи шумо бисанда аст. Лекин маро ҳайф меояд, ки инҳоро барои рехтани хуни мурдори шумо нобуд кунам. Беҳтар он аст, ки шумо ҷони худро ғанимат шумурда аз дунболи ман баргардед ва ин ду тир ҳам дар дасти ман саломат монад.

Муғулон, ки «қалдирамдозӣ» ва «қалдирамдозиҳои» ин диловарро борҳо озмуда буданд ва чашми ҳамроҳашон ба онҳо дарси ибрати хеле дода буд, таклифи ӯро қабул карда, ба роҳи омадаашон баргашта рафтанд ва Темурмалик ҳам ба тарафи Хоразм раҳсипор гардид, ки шояд аз он ҷо ба муқобили чингизиён муборизаи наверо ташкил намояд.

## 7. ТАНҲОГАРДӢ. ФОҶИАИ ХОРАЗМ. ТУРКОН-ХОТУН ДАР ШАҲРИ КАТ. ИНТИҚОМ

Темурмалик акнун танҳо аз ҷангтоқ бо роҳи биёбон ба тарафи Хоразм мерафт. Ӯ аз биёбон баромада, ба ҷоҳои обод ва аҳолинишини Хоразм расид. Аммо

ҳамаи он ҷоҳои собиқ обод аз биёбони холии беобу алаф бадтар шуда буданд; киштзорҳо, гулзорҳо, боғу бӯстонҳо ва марғзорҳо сар то сар хароб карда шуда буданд; деҳаҳо ва работҳо тамоман сӯхта вайрон гардида буданд. Дар тамоми он ҷоҳо аз ҷинси одамӣ ва ҳайвоноти хонагӣ касе ва чизе ба назар наменамуд. Аз нишонаи одамӣ танҳо ҷасадҳои сарбурида, синадарида, дасту по шикаста ва шикам чок кардашуда буданд, ки гӯшти онҳоро даррандагон ва паррандагони мурдорхӯр хӯрда буданд ва мехӯрданд. Маълум буд, ки инҳо асари панҷаҳои мурдори даррандагони хунхори чингизӣ буданд, ки аз худашон дар он сарзаминҳо нишона ва ёдгорӣ гузошта буданд.

Темурмаликро аз дидани ин ҳол дил метапид, нафас тангӣ мекард ва ғазабе, ки нисбат ба чингизиён дошт, сад чандон зиёдатар шуда буд. Аммо чӣ чора, ки роҳи интиқомкаширо намеёфт ва аз ин сабаб дарун-дарун месӯхт ва мегудохт.

Ӯ дар ҳолате ки дилаш бо оташи ғазаб шӯълавар шуда буд, ба сӯи пойтахти Хоразм, ки дар он вақтҳо пойтахти Эрон, Хуросон ва Мовароуннаҳр ҳам он ҷо буд, равон шуд, ки шояд аз он ҷо барои дили аламманзили худ тасаллое ёбад. Аммо дар наздикии шаҳри Урганҷ ба майдоне расид, ки дар он ҷо садҳо ҳазор ҷасадҳои мардон, занон ва кӯдакони кушташуда ба ҳам омехта ва болои ҳам хобида буданд. Дар миёни кушташудагон ҷасадҳои баъзе занон менамуданд, ки шиками онҳоро чок карда, тифли норасашонро бароварда, сар бурида дар канорашон гузошта буданд.

Темурмалик дигар тоқати дидани ин фоҷиагоҳ надошт ва дастҳои худро дар пеши чашм кашида ба шаҳр рафт. Аммо аз он шаҳри азиме, ки ӯ вайро чандин моҳ пеш аз ин дида буд, нишонае наменамуд: қасрҳо, кӯшкҳо, коххо, саройҳо, корвонсаройҳо, растаҳо, бозорҳо, тимҳо, мадрасаҳо, китобхонаҳо, манораҳо, масҷидҳо — ҳама ва ҳама сӯхта хокистар гардида буданд. Чингизиёни ваҳшӣ барои тамоман нест кардани осори маданият баъд аз вайрон кардан-об

сар дода буданд, ки ҷои шаҳри пештара монанди толобе ба назар менамуд.

Темурмалик аз даҳшати ин манзараи ваҳшатангез дар ҳайрат афтода чашмони худро мемолид ва муайян карда наметавонист, ки оё ин манзарае, ки мебинад, як хоби ҳавлноки даҳшатовар аст, ё он шаҳри ободе, ки пеш аз ин дидани вай ба хаёлаш меояд, дар воқеъ ҳақиқат надоштааст ва дар ҳақиқат вай толобе будааст, ки дар хоб ба сурати шаҳр ба назараш намуда будааст?..

Аммо як манораи нимшикаста ва баъзе порчаҳои як бинои маданӣ, ки қувва ва ярози чингизиёни ваҳшӣ барои тамоман нест кардани онҳо кифоя накарда буд, барои маълум кардани ҳақиқати аҳвол бо забони ҳол ба гӯши ҳуши Темурмалик ин байтҳои Хоқонии шервониро бо навҳаи ҷонкоҳи синахарош суруданд:

Он Мисри мамлакат, ки ту дидӣ, хароб шуд.
В-он Нили маърифат, ки шунидӣ, сароб шуд.
Сарви саодат аз тафи хузлон* зугол** гашт,
Акнун бар он зугол ҷигарҳо кабоб шуд.
Аз сели ашк бар сари тӯфони ҳодиса
Хуноба қубба, қубба ба шакли ҳубоб шуд.
Дар турктози фитна зи акси хаёли хун
Кайвон ба шакли ҳиндуи атласниқоб шуд.
Ҳам пайкари саодату ҳам нафси офият
Аз дидаи наззорагиён дар ҳиҷоб шуд.
Афлокро либоси мусибат бисот гашт,
Аҷромро*** ваҷоҳи зулмат ҳиҷоб шуд.
Аз ҷоҳи давлат об кашидан тамаъ мадор,
К-он давлҳо**** дариду расанҳо зи тоб шуд!

Темурмалик бешуурона ҳаракат карда ба лаби дарёи Аму рафт ва дар лаби об нишаста, сару тани худро бо оби равони сард шустушӯ кард, ки қадре хунаш сард шуда, дилаш аз ҳаяҷон ва рагу пояш аз изтироб ором ёбад.

---

* *Хузлон* — гумроҳӣ.

** *Зугол* — зугол, ангишт.

*** *Аҷром* — ҷисмҳои осмонӣ, монанди ситораҳо, офтоб ва моҳ.

**** *Далв* — зарфе ки бо вай аз чоҳ об мекашанд.

Ӯ баъд аз шустушӯ бехаёлона ба ҳар тараф нигоҳ мекард, ки дар каноре, аз ҷои нишастааш дуртар ба рӯи реги обоварда ҷасади як одам ба назараш вохӯрд. Ӯ дар аввал он ҷасадро яке аз мурдагон гумон кард. Аммо баъд аз андаке ҷасад ҷунбид. Темурмалик донист, ки он ҷасад ҳанӯз зинда будааст ва аз ҷояш хеста ба пеши вай рафт. Дар ҳақиқат вай ҷон дошт, аммо қуввате надошт, ки аз ҷояш хезад ва ё гап занад.

Темурмалик донист, ки ин одам гурусна аст. Ӯро бардошта ба хушкӣ баровард ва аз хӯроки эҳтиётии худ як каф талқонро ба об омехта атола карда дар даҳони он кас рехт. Баъд аз соате он «мурда» зинда шуда, хеста нишаст ва қуввати гуфтор пайдо карда, саргузашти худро ҳикоя кард.

Назар ба ҳикояи ӯ, султон Муҳаммади хоразмшоҳ баъд аз гурехтанаш аз Самарқанд аз роҳ ба модараш Туркон-хотун, ки дар Хоразм буд, мактубе фиристода фармудааст, ки ӯ аҳли ҳарам, хазина ва дигар чизҳои пурбаҳоро бардошта ба Мозандарон равад. Туркон-хотун аз ин мактуб ва фармон ҳис кардааст, ки писараш аз чингизиён гурехтааст ва ӯ дар дили худ гумон кардааст, ки «акнун аҷаб нест аҳли дарбор ба писараш исьён кунанд ва каси дигареро ба подшоҳӣ бардоранд». Бинобар ин ӯ касонеро, ки эҳтимоли исьён кардан ё қобилияти подшоҳ шудан доштаанд ва умуман касонеро, ки мансуб ба қабилаи худи Туркон-хотун набудаанд, ба пою гарданашон сангҳои гарон баста дар оби Амӯ ғарқ кунондааст.

Ин одам ҳам яке аз он бадбахтон будааст, ки аз хушбахтӣ обварзӣ ва оббозиро медонистааст ва бандҳои дар гардану по басташудаи ӯ ҳам сусттар будаанд, ки дар зери об онҳоро ҷушода ва сангҳоро аз худ дур карда тавонистааст. Баъд аз бар рӯи об баромадан чандин рӯз дар об ва дар ҷазираҳои байни об мондааст ва дар охир худро ба ин канор кашидааст, лекин аз беҳолӣ дар ин ҷо афтода мондааст.

Темурмалик бо шунидани ин ҳикояти пурваҳшонияти султон Муҳаммад ва модари ӯ Туркон-хотунро дар

қатори чингизиён гузошта, ба ҳамаи онҳо якҷоя лаънат ва нафрат фиристод ва баъд аз нигоҳубини карда ба қувват овардани он одам ӯро ҳамроҳи худ гирифта ба роҳ даромад, ки шояд дар ягон ҷой коре карда тавонад.

Роҳи ин ду рафиқ аз болои ҳамон кушишхона буд, ки Темурмалик аз дидани он манзараи пурфоҷиа бетоқат шуда буд. Вақте ки рафиқи нави Темурмалик он манзараи даҳшатсамарaро дид, сайҳаи ҷонкоҳе кашида бар рӯ афтод ва хомӯш шуд.

Темурмалик андаке об ёфта ба рӯи он кас зад, дасту пой ва шонаву бозуҳояшро молиш дод. Аммо он одам асари ҳаёт нишон намедод — ӯ дилкаф шуда мурда буд.

* * *

Темурмалик аз ваҳшати дар Хоразм пайдошуда дар даҳшат афтода, бе он ки ба куҷо рафтани худро муайян карда тавонад, монанди сарсариён яккаву танҳо ба роҳ даромад ва дар роҳи худ ба шаҳри Қат рост омад, ки атрофи ин шаҳр ҳам пур аз мурдаҳои билухсида ва пӯсида буда, боғу бӯстонҳо хароб ва биноҳо вайрон шуда буданд. Дар ин ҷо ҳам аз авлоди одам касе ба назар наменамуд. Танҳо дар як бинои нимхаробаи ҳокимнишини ин шаҳр дастаи қаровулони муғул бо як шаҳна ҷойгир шуда буданд.

Темурмалик дар фикри интиқомгирӣ афтода, ба гӯшаи вайронае худро кашида, бе он ки ҳаракате кунад ва садое барорад, то шаб дар он ҷо хобид ва баъд аз он ки сиёҳии шаб оламро фурӯ гирифт, ӯ аз ҷои пинҳоншудааш баромада оҳиста-оҳиста ба бошишгоҳи муғулон рафт ва дар он ҷо камингоҳе ёфта, дар вай хазида, душманонро ба зери чашми худ гирифта, нигарони фурсат шуд.

Муғулон як гӯсфандро хафа — буғ карда куштанд ва баъд аз пӯст канда тоза намудан вайро бар болои тӯдаи оташе гузошта хомсӯз ва нимбирьён карданд. Аз хумҳое, ки аз шаробхонаи ҳокими пештараи он ҷо ғанимат афтода буд, ба корсонҳо — табақҳои чӯбин

шароб рехта, чунон ки қимиз менӯшида бошанд, пай дар пай нӯшидан гирифтанд. Гӯсфанди хомсӯз ба сархушҳо ба ҷои газак — нуқл хизмат мекард.

Муғулон аз бисьёр нӯшидани шароби ангурии пурзӯр дар андак вақт маст гардиданд ва яке аз паси дигаре афтода, ҳамагӣ дар хоби мастӣ ғунуданд.

Темурмаликро вақти кор расид: ӯ ҳамаи он чингизиёнро ба хобе фиристод, ки дигар ҳаргиз барнахезанд. Баъд аз он аз байни аспоне, ки дар он ҷо дар ихтиёри муғулон буд, як аспи туркмании оҳусурини гарданқозро ҷудо карда гирифт ва аз яроқҳои онҳо ҳам табарзин, шамшер ва камону тир барин аслиҳаҳоро ба қадри даркорӣ бардошт ва барои эҳтиёт як қадар хӯрокворӣ ва гӯшти хомсӯз гирифта, аспро савор шуда ба роҳ даромад.

## 8. СӮҲБАТ БО СУЛТОН МУҲАММАД. ҲАМРОҲӢ БА ҶАЛОЛИДДИН

Темурмалик аз шаҳри Қат баромада рост ба Нишопур рафт, ки султон Муҳаммад аз Самарқанд гурехта омада, дар он ҷо маҷлиси айшу тараб барпо карда буд. Назар ба нишондодҳои баъзе асарҳои таърихӣ, «султон Муҳаммад дар моҳи сафари соли 617 (1220) ба Нишопур даромада, масолеҳи мамлакат (салоҳи ҳоли мамлакат)-ро пушти по зада, рӯй ба нишот ва айш овард..., ба нӯшидани косоти (косаҳои) моломол даромад ва асҳоби лаҳву тараб (аҳли бозӣ ва хушвақтӣ) дар хидмати ӯ гирд омада, надим ва мушири ӯ (ҳамсӯҳбат ва соҳибмашварати ӯ) шуданд...»

Темурмалик ба пеши султон даромад, аз саргузашти худ ва аҳволи мамлакат ба ӯ ҳикояҳо кард ва дар охир дар роҳи мудофиаи мамлакат фикри худро ба ӯ баён намуд.

Султон Муҳаммад бо шунидани ҳар сухани Темурмалик гӯё ки аз худ дафъи малол мекарда бошад, соғарҳои паёпай мебардошт ва дар охир мастии султон ба дараҷае расид, ки суханони Темурмаликро но-

фаҳмида дар ҷавоби вай «ҳо-ҳо» ва «оре, бале» мегуфт ва баъд аз шунидани фикри Темурмалик дар бораи мудофиаи мамлакат ба ҷои ҷавоб ин рубоиро хонд:

Айёми гул асту бас намонад, май хӯр!
Гул худ чӣ ки то нафас намонад, май хӯр!
Аз даври фалак дар ин работи вайрон
Бас зуд, на дер, кас намонад, май хӯр!

Темурмалик ҳам дар ҷавоби ӯ ин рубоиро хонд:

Шоҳо, зи май гарон чӣ бар хоҳад хост?
В-аз мастии бекарон чӣ бар хоҳад хост?
Шаҳ масту ҷаҳон харобу душман пасу пеш,
Пайдост, ки з-ин миён чӣ бар хоҳад хост!..

Ва аз маҷлиси ӯ бо ҳазор андӯҳу алам баромад.

Аҳволи султон ва сӯҳбати вай ба Темурмалик аз ваҳшонияти чингизиён ҳам бадтар таъсир кард. Чунки ӯ ҳар ваҳшигарии чингизиёнро ки медид, дар ғазаб шуда ва ба ғайрат омада, дар роҳи интиқомгирӣ аз душман устувортар мегардид. Аммо ин аҳволи султон ӯро ба навмедӣ ва маъюсӣ андохт, ки ин вазъият барои ӯ марги муфти бехунбаҳо буд.

Бо вуҷуди ин Темурмалик ба бузургони аҳли дарбор вохӯрда, ба ҳар кадомашон дар бораи муқобилат кардан ба душмани хунхори ғаддор фикри худро гуфт. Аммо аз ҳеҷ кас ҷавоби мувофиқе нашунид ва дар охир ба пеши вазир рафт, ки дар ҳар кори мамлакат баъд аз султон ӯ ҷавобгар буд ва ба фикри худ аҳволи мамлакатро нақл карда, дар охири суханаш гуфт:

— Аммо намедонам, чӣ ҳол пеш омадааст, ки на подшоҳ ба аҳволи парешонии халқ назар меандозад ва на амирону вазирон?

Вазир дар ҷавоб гуфт:

— Ҳар чизе, ки ту мегӯӣ, тамоман дуруст ва рост аст. Аммо ман ҳам дар пеши арбоби хирад ва тамиз маъзурам. Зеро ман ба вазифаи қавводагӣ (даллагӣ) ва дар тартиб додани маҷлисҳои базму тараб чунон

машғулам, ки ба танзими асбобу аслиҳаи мардонагӣ пардохтан наметавонам. Чанд рӯз аст султон ба ман фармон додааст, ки барои якчанд занони созанда либос ва асбоби зинат тартиб диҳам ва то онҳо мукаммал нашаванд, ба хеч кори дигар машғул нагардам.

Темурмалик азбаски дар дарбори султон Муҳаммад хеч чои умедворӣ надид, аз он чо бо бори гарони андӯху алам ва ҳасрату ғам ба роҳ даромад. Ба ҳар чо ки мерасид, медид, ки султон ба он чо мактуб фиристода ба душман муқобилат накардан, агар қудрат ва фурсат ёбанд, гурехтан, вагарна бе хеч муқобилат ва чанг таслим шуданро ба аҳолӣ амр кардааст. Дар ин миён ӯ шунид, ки писари султон Муҳаммад — Чалолиддин байраки қаҳрамонӣ ва ватанпарвариро баланд бардошта, дар ҳар чо бо муғулон мечангад ва ба онҳо ғолиб мебарояд.

Темурмалик дар рикоби султон Чалолиддин ба муқобили чингизиён чангиданро ният карда ба тарафи ӯ раҳсипор гардид. Чалолиддин дар он рӯзҳо дар музофоти Ғазнин, дар мавзеи Боронӣ манзил дошт.

Темурмалик ба Боронӣ вакте расид, ки Чалолиддин бо як лашкари калони чингизиён, ки дар зери фармони Қайкур-нуён буд, мечангад ва чанговарони Чалолиддин лашкари муғулро аз худ бисьёр дида дар чанг дудила шуда истодаанд. Аммо Чалолиддин пеш даромада одамони худро ба пойдорӣ даъват мекунад.

Темурмалик ин ҳолро дида, бе хеч гуфтугузор ба тарафи душман асп монд. Ин кори Темурмалик ба ташвиқоти қаҳрамононаи Чалолиддин илова шуда, чанговаронро водор кард, ки ҳама якборагӣ ба сӯи чингизиён бо тохт ҳучум оварданд ва аксари муғулонро қатл карданд.

Темурмалик то охири кори султон Чалолиддин бо ӯ ҳамроҳ буд ва ба муқобили душман дар рикоби ӯ қаҳрамониҳо нишон медод. Оқибат аз чиҳати худсарӣ, ихтилоф ва ахлоқвайронии сардорони хоразмшоҳӣ, ки онҳо дар замони султон Муҳаммад ин тарбияро аз ӯ гирифта буданд, кори Чалолиддин то охир барор

нагирифт: дар Ироқи Аҷам, дар вақти дар паи ӯ афтодани чингизиён ҳокимони Шом ва Осиёи Хурд бо вуҷуди даъвати ӯ ба вай ёрӣ надоданд, бародараш Ғиёсиддин дар охири як мастӣ малик Нусрат ном касеро, ки яке аз аркони давлати Ҷалолиддин буд, кушта ва аз бародар рӯйгардон шуда, ба тарафе баромада рафт. Бароқ-ҳоҷиб ном қарахитой, ки аз дарбори султон Муҳаммад буд, дар Кирмон эълони истиқлол кард, ки ҳамаи ин ҳодисаҳо муборизаи Ҷалолиддинро ба муқобили чингизиён мушкил мекарданд, аммо Ҷалолиддин ҳаргиз аз рӯҳ намеафтод ва муборизаи худро мардвор давом медод.

Лекин қувваи вай нисбат ба қувваи чингизиён хеле кам буда, ҳамеша ҷангҳои нобаробар мебурд. Чингизиён бошанд пайпай қувваҳои нав гирифта, ба муқобили Ҷалолиддин ҳуҷумҳои пуршиддат мекарданд.

Дар як шабе, ки лашкариёни Ҷалолиддин ва худи ӯ дар хоб буданд, чингизиёни бисёре ногаҳонӣ ба урдуи вай ҳуҷум оварданд ва қариб ҳамаи лашкариёнаш кушта гаштанд ва султон Ҷалолиддин аз миёна ғоиб шуд ва касе надонист, ки ӯ дар маърака кушта шуд, ё ин ки гурехта баромада дар кадом дашту биёбон дар дасти дуздон талаф гардид.

Баъд аз ғоиб шудани Ҷалолиддин Темурмалик танҳо монда бошад ҳам, доимо мақсади аз истилогарони муғул қасосгириро дар назар дошт.

Чингизиён ҳам барои дастгир кардани Темурмалик чораҳои бисёре дида, ба ҳар ҷонибу атроф ҷосусҳо фиристода кӯшиш мекарданд, ки Темурмаликро зудтар нест намоянд. Бинобар он Темурмалик маҷбур шуда буд, ки тағйири либос карда, яъне либоси дарвешӣ пӯшида, ба дигар ҷойҳо равад.

## 3. ИШТИЁҚИ ЁРУ ДИЁР. ЗИНДАГОНИИ ҶАЗИРА

Темурмалик муддатҳои дароз дар Шом ва Арабистон бо либоси дарвешӣ гардиш кард. Дар ин миён Чингизхони хунрез мурд, ба ҷои ӯ писараш — Ӯктой-қоон бар тахти хонӣ нишаст. Дар замони ӯ шиддати ваҳшонияти чингизиён дар Мовароуннаҳр ва Хуросон

камтар шуд ва мардум кам-кам ғун шуда ба зироат ва имoрат рӯ оварданд, мамлакат як дараҷа оромӣ гирифт.

Темурмалик хеле пир шуда, мӯяш сафед ва рӯяш пурчин гардида буд. Бо вуҷуди ин ӯ мехост, ки ба ватан равад, охири умрашро дар он ҷо гузаронад ва ҷисми бе обу ҳавои ватан парваришьёфтаи худро дар вақти мурдан ба хоки ватан супорад. Вақте ки вай оромӣ ёфтани мамлакати худро аз оянда ва равандагон шунид, бо ҳамон либоси дарвешӣ табарзин ва сӯтаро ба даст гирифта пиёда ба роҳ даромад.

Темурмалик рост ба шаҳри Хуҷанд омад, ки дар он ҷо зоида шуда буд. Аммо ӯ дар он ҷо фаҳмид, ки ҳанӯз ӯ ва қаҳрамонии ӯ аз ёди дӯсту душман набаромадааст: чунон ки аҳолии Хуҷанд номи ӯро ба некӣ ёд карда, ба ӯ офарин ва раҳмат мегиристанд, инчунин чингизиён ҳам ҳар гоҳ ки номи ӯ ва қаҳрамонии ӯро шунаванд, ба ғазаб омада, дили пуркинаашон нисбат ба ӯ бо оташи кинаву адоват аланга мезанад. Бинобар ин ӯ дар Хуҷанд доимӣ монданро мувофиқ наёфта, ба Фарғона рафт ва бошишгоҳи доимии худро дар қаландархонаи он ҷо кард. Аммо ӯ гоҳ-гоҳ ба Хуҷанд меомад, аз ҳар кас аҳволи мамлакатро мепурсид, воқеаҳои замони истилои чингизиён ва аҳволи замони ҳукмронии онҳоро мукаммал ёд мегирифт.

Дар вақти истилои чингизиён, ҷудо шудани Темурмалик аз Хуҷанд фарзанди ӯ тифли навзод буд, ки бо занаш дар шаҳр монда буданд. Темурмаликро ақида он буд, ки зану фарзанди худаш ҳам дар қатори чандин ҳазор зану фарзандони ҳамватанонаш дар қатли оми чингизиён талаф шуда рафтаанд. Чунки онҳо то ба шаҳр даромадани душман ба ҳеҷ тараф гурехта нарафта буданд ва гурехта ҳам наметавонистанд. Бо вуҷуди ин ӯ дар зимни ҳикояҳои гузашта, вақте ки сухан бар болои Темурмалик меомад, аз аҳволи зану фарзанди ӯ ҳам мепурсид. Аммо дар ҳар бор дар ҷавоб хабари талаф шуда рафтани онҳоро мешунид ва бо афсӯсу надомати дарунӣ гумони худ-

ро боз як бори дигар тасдиқ мекард. Бо ҳамаи ин ӯ аз пурсуков бознамеистод.

Як рӯз яке аз пирамардони деҳаи Қистакӯз, ки бо Темурмалик ҳамсӯҳбат буд, дар вақти аз аҳволи зану фарзанди Темурмалик пурсидани ӯ (албатта, Темурмалик — Темурмалик будани худро аз ҳама кас пинҳон медошт) дар ҷавоб «онҳо дар ҳамон қатли ом талаф шуда рафтанд» гуфта бошад ҳам, баъд аз андаке хомӯш мондан илова кард:

— Ҳарчанд аз он воқеа зиёдтар аз бист сол вақт гузашта бошад ҳам, муғулон ҳанӯз душмании Темурмалик ва авлоди ӯро аз ёд набаровардаанд. Агар ту сирро нигоҳ дошта тавонӣ, ман ҳақиқати ҳолро ба ту маълум мекунам.

Темурмалик, ки бо шунидани ин суханҳо ба будани ягон хабари дигар умедвор шуда дилаш ба тапидан даромада буд, бо қасам ва аҳду паймон ваъда дод, ки ҳар чизе, ки дар ин ҷо шунавад, дар ҳамин ҷо мемонад.

Пирамард ба сухан даромад:

— Оре, дар он дарьёи хуну оташ зани Темурмалик ҳам монанди ҳазорон занон, бачагон, пирон ва беморон ғарқ шуда рафт, аммо тифли навзоди ӯ саломат монд...

Темурмалик қариб буд, ки аз ин хабари шодиовари ногаҳонӣ қолабтиҳӣ шавад ва рӯи фарзанди ба ҷон пайвандашро баъд аз наздик омадан ба ӯ надида шодикафак шавад. Аммо дили қаҳрамони ӯ, ки ба он ҳама ҷангу ҷидолҳои нобаробари пурошӯб ва ба он қадар мусибатҳо ва дарду аламҳои тоқатшикан тоб оварда буд, тавонист, ки ба ин шодмонии ногаҳонии аз ҳад зиёд ҳам тоқат кунад, ва бо вуҷуди ин худро аз ҳаяҷон боздошта натавониста, сухани пирамардро бурида:

— Чӣ гуна халос шуд ва ҳоло дар куҷост? — гӯён савол дод.

Пирамард аз ҳаяҷон ва изтироби фавқулоддаи ҳамсӯҳбати худ пай бурд, ки ин қаландар худи ҳамон Темурмалик аст. Аммо худро ба нофаҳмӣ зада, сухани худро давом кунонид:

— Аз деҳаи мо дар ҳарами Темурмалик хизматгоре буд. Вакте ки муғулон ҳамаи аҳолии Хуҷандро аз шаҳр баровардаанд, он хизматгор ҳам тифли навзоди Темурмаликро бардошта ҳамроҳи зани ӯ аз шаҳр баромадааст. Муғулон бо тирборон ва ханҷару шамшер ҳамаро қатли ом кардаанд. Зани Темурмалик ҳам дар он миён кушта шудааст. Аммо он хизматгор бо вуҷуди аз чанд ҷояш захмдор шуданаш тифлро аз бағали худ напартофтааст ва тани худро ба ҷони он кӯдак сипар карда ва худро мурда сохта дар қатори кушташудагон хобидааст ва баъд аз торик шудани шаб ӯ тифлро бардошта ба тарафи кӯҳистон рафтааст, ки аҳолии деҳаи мо ҳам гурехта ба он ҷо рафта буданд...

Ҳаяҷони Темурмалик ҳеҷ паст намешуд, балки дақиқа ба дақиқа зиёдатар шуда мехост, ки ҳамаи саргузашти писарашро ва ҳоло дар куҷо будани ӯро дар як сония фаҳмида гирад, бинобар ин боз сухани пирамардро бурида пурсид:

— Охир чӣ шуд ва он тифли навзоди бемодар чӣ гуна зинда монд?

— Сабр кун, ҳамаашро мегӯям,— гуфт пирамард ҳикояи худро давом кунонида.— Падару модари он хизматгор ҳам дар он гурезгоҳ буданд, ки модараш тифлро ба тарбияи худ гирифт ва дар миёнаи гурезагон занони ширдор ҳам буданд, ки ҳар кадом аз шири фарзанди худ кадре нигоҳ дошта ба он тифл мемаконданд.

Муҳаббат ва шафкати Темурмалик ба он хизматгор, ки сабаби зиндагии фарзандаш шудааст, ҷӯш зада:

— Ҳоло он хизматгор зиндааст? — гуфта пурсид.

— Не,— гуфт пирамард дар ҷавоб,— яке аз он захмҳо, ки дар қатли ом аз ханҷари муғулон расида буд, ба бадӣ гашта реши равон шуд ва он ҷавон бо он реши равон дар ҳамон рӯзҳои гурезагӣ фавтид. Аммо падару модараш он тифлро парвариш карда ба воя расонданд.

— Падару модараш ҳанӯз зиндаанд? — гуфта боз Темурмалик пурсид.

— Онҳо ҳам баъд аз ба воя расидани он кӯдак яке аз паси дигаре вафот карданд,— гуфт пирамард дар ҷавоб.

— Хуб, ҳоло он кӯдаки ба воя расида дар куҷост? — гуфта пурсид Темурмалик бо ҳаяҷони аввалӣ.

— Аз кӣ ва чӣ будани он бача танҳо ман, ки бо падари он хизматгор дӯст будам ва як нафари дигар, ки аз кадрдонони Темурмалик аст, хабардор ҳастему бас. Мо барои нигаҳдории он шербача аз шарри душманони гургтабиати рӯбоҳхислат ин сирро махфӣ нигоҳ доштем. Баъд аз он ки он кӯдак ҷавони калон шуд, барои он ки ӯ фарзанди кадом кас будани худро донад, ҳақиқати ҳолро ба худи ӯ фаҳмондем ва ӯро ҳам таъкид кардем, ки барои нигаҳдории ҷони худ ва ҷони парваришкунандагони худ ин сирро ба касе нагӯяд...

— Хуб, ҳоло он ҷавон дар куҷост? — гӯён Темурмалик боз ҳам сухани пирамардро бурида пурсид.

— Баъд аз он ки,— гуфт пирамард,— падархондаю модархондаш мурданд, ба ҷазирае, ки қалъаи Темурмалик дар он ҷо буд ва ҳоло муғулон он ҷазираро «Арал» мегӯянд, рафта, дар он ҷо кулбае бино карда, ба худ бошишгоҳ сохт ва аз он ҷо бо каланд қадре замин кушода кишткор кард, то ки ҷои қаҳрамонии падарашро обод ва чароғашро равшан нигоҳ дорад ва ҳоло ҳам дар ҳамон ҷост.

— Дар он ҷазира ғайр аз писари Темурмалик боз каси дигаре ҳаст? — Темурмалик пурсид.

— Баъд аз он ки бо таҷрибаи писари Темурмалик мардум ҳосилхезии он ҷазираро донистанд ва дарё ҳам ҳар сол ба атрофи ҷазира хошу регҳои нав оварда партофта он ҷоро васеъ кардан гирифт, баъзе безамин ва камзаминҳо тобистон он ҷо рафта кишткор мекардагӣ шуданд. Аммо ғайр аз писари Темурмалик дигарон зимистон ба кишлоқи худ бармегарданд ва ӯ бошад тобистону зимистон дар он ҷо зиндагӣ мекунад.

Темурмалик бо дили пур аз шодӣ аз пеши пирамард баромад ва шабона ба лаби дарё рафт, ки ба ҷазира гузарад. Хушбахтона, дар канори об ячанд

қаиқҳо буданд, ки деҳқонон тобистон дар рафтуои ҷазира аз онҳо фоида мебурданд. Темурмалик ба яке аз он қаиқҳо савор шуда ба ҷазирае, ки чандин сол пеш аз ин он ҷоро бо як олам андӯҳу алам тарк карда буд, гузашт.

Дар ҷазира аз қалъа асар намонда буд, аммо дар ҷои вай як кулбаи пастак менамуд, ки аз тобдонаш рӯшноии чароғе ба назар намоён мегардид. Азбаски ҳанӯз киштукор сар нашуда буд, дар он ҷо ғайр аз нури чароғи он кулба дигар асари ҳаёт ва зиндагонӣ наменамуд.

Темурмалик рост ба пеши он кулба рафт ва дар торикӣ истода аз тобдон даруни кулбаро аз назар гузаронид. Дар он ҷо як ҷавони баландқомати тахминан бистудусола, ки нав мӯйлаб сабз карда буд, таом мехӯрд.

Ӯ ба пеши дари даромади кулба омада истода сурфа кард.

Ҷавон дартоз аз кулба баромада:

— Кист? — гӯён оянддаро пурсид.

— Ман,— яке аз ҷӯраҳои падарат! — гӯён Темурмалик ба ҷавон наздик шуд ва ӯро ба оғӯши пиронаи худ, ки аз ғояти шавқу ҳаяҷон чун оғӯши ҷавонон гарм шуда буд, бо иштиёқ ва шодмонӣ кашида падарона бӯсид ва ҳар ду ба кулба даромаданд.

Ҷавон дар пешгоҳи кулба пӯстакеро паҳн карда, қаландарро бар рӯи вай шинонд ва аз нону таоми тайёри худ ба пеши ӯ кашида, ӯро зиёфат кард.

Ҷавонро гармбӯсиҳо ва бо ҳаяҷон вохӯрдӣ карданҳои ин қаландари пир, ки аз ҳар ҳаракаташ иштиёқи падарона зоҳир буд, ба тарафи худ кашид. Бо вуҷуди ин аз он ҷо ки кинаи чингизиён ва маъмурони онҳоро нисбат ба падари худ медонист, бо ин меҳмон бо эҳтиёт муносибат карданро лозим донист ва дар муомилаи ин шахси ношинос мазмуни ин байтро, ки Саъдӣ гуфтааст:

> Манеҳ дар миён роз бо ҳар касе,
> Ки ҷосус ҳамкоса дидам басе

ба худ дастурунамал қарор дода, пурсид:

— Шумо бо падари ман дар кучо ва чӣ гуна ҷӯра шуда будед?

Темурмалик дар ҷавоби ин пурсиши ҷавон як қисми тарҷимаи ҳол ва саргузаштҳои худро ҳикоя карда, ҳамин гуна нишон дод, ки гӯё ӯ дар ҳамаи он корҳо ба Темурмалик ҳамроҳ будааст ва дар охири сухан аз ҷавон пурсид:

— Агар падаратро бинӣ, мешиносӣ?

Ҷавон ҳамон эҳтиёткории аввалиашро аз даст надода ҷавоб дод:

— Ман падари худро надидаам, кӣ будани ӯро ҳам намедонам. Худам ба дари хонаҳои мардум гашта ба ин синну сол расидаам.

— Ман падари ту мебошам! — гуфт қаландар дар ҳолате ки ашки шодӣ аз чашмонаш мечакид.

Ҷавон бо шунидани ин сухан, ки гувоҳии дилашро тасдиқ мекард, дар хаяҷони тӯфонмонанде афтод. Лекин аз эҳтиёткорӣ бо қуввати ҷавонӣ худдорӣ карда гуфт:

— Як пирамард ҳаст, ки «падаратро мешиносам» мегӯяд. Агар ӯро оварда бо шумо рӯ ба рӯ кунам, ҳақиқати ҳол равшан мешавад.

— Зудтар он пирамардро ҷеғ зан! — гуфт Темурмалик ба писараш.

Ҷавон ҳамон замон аз об бо қаиқ гузашта ба тарафи шаҳр рафт ва саҳари барвақт ду пирамардро ҳамроҳи худ гирифта омад, ки яке аз онҳо ҳамсӯҳбати дирӯзаи Темурмалик буд ва дигаре касе буд, ки дар аввалҳои ҳокимии Темурмалик дар Хуҷанд ба ӯ пешхидматӣ мекард.

Пирамардон ба кулба даромаданд. Чун чашми ҳамсӯҳбати дирӯзаи Темурмалик ба ӯ афтод, фарьёди шодиёнае бароварда ӯро ба бағал кашид ва сару рӯяшро бӯсида гуфт:

— Худи дирӯз ман пай бурда будам, ки ту Темурмалик мебошӣ, аз бас ки ту сирри худро накушодӣ, ман ҳам изҳори дарьёфти дили худро муносиб надониста будам; худоро шукр, ки он дарьёфти ман рост баромад.

— Дили ман ҳам гувоҳӣ медиҳад, ки шумо Темурмалик мебошед, — гуфт пирамарди пешхидмат, — бо

вуҷуди ин агар рухсат диҳед, нишонаеро, ки худам медонам, бубинам, то ки дар дили касе шубҳа намонад.

Темурмалик рухсат дод. Пешхидмати пештарааш рони чапи ӯро кушода чашм андохт ва фарьёд кашида гуфт:

— Воллоҳ, ки шумо Темурмалик мебошед!— ва ба дигарон нигоҳ карда илова намуд: — Ин кас дар ҷанги қарахитоён аз рони чапи худ тир хӯрда захмдор шуда буд, ки ман он захмро намад сӯхта пахш карда, то беҳ шуданаш нигоҳубин карда будам ва ҷои он захм сиёҳча шуда монда буд. Он доғ ҳоло ҳам дар ҳамон ҷо ва ба ҳамон ҳол намоён аст.

Бо шунидани ин суханҳо ҷавон худро ба пои падар андохт, бо лабҳои аз ҳаяҷон хушкида кафи пои пуробилаи ӯро мебӯсид ва чашмони пур аз ашки шодии худро бар рӯи пои аз пирӣ хушкидаи вай мемолид. Падар ҳам сару гардани писарро аз бӯсаҳои гарми муштоқона саршор мекард. Ду пирамард бошанд якдигарро оғӯш карда рӯю лаби ҳамдигарро мебӯсиданд ва бо ин шодии ногаҳонӣ худҳошонро табрик мекарданд. Ин манзара чунон шодибахшо буд, ки нависандаи ин сатрҳо ҳам дар вақти таҳрир худро аз ҳаяҷон боздошта натавонист.

Баъд аз он ки падару писар аз бӯсаву оғӯш диласо шуданд, мӯйсафедон ҳам ба навбат Темурмаликро ба оғӯш кашида, аз канору бӯс табли шодмониро баландовоз карданд...

Баъд аз рӯз сафед шудан пирамардон падару писарро бо як ҷаҳон шодӣ танҳо гузошта худҳошон рафтанд, то ки ин ду аламрасидаи ғами ҳиҷронкашида бо якдигар дарди дилҳои ғамдидаи худро гуфта ва шунида, доди худро аз айёми дурӣ ва маҳҷурии гузашта ситонанд.

Пирамардон аз об гузаштанд. Баъд аз он ки дар бораи ба ҷое ва ба касе нагуфтани хабари омадани Темурмалик дар байни худ аҳду паймон карданд, аз ҳам ҷудо шуда, ба хонаҳои худ рафтанд.

Лекин хабари омадани Темурмалик як сирри шодиангези чунон калоне буд, ки дар дили ҳеҷ кас на-

мегӯянд: ҳар кадоми ин пирамардон ҳамин ки дӯстони боэътимодашонро диданд, «як гап мегӯям, ба ҳеҷ кас нагӯй!» гӯён сирри омадани Темурмаликро кушоданд ва ҳамин қадар худдорӣ карда тавонистанд, ки дар бораи бошишгоҳи ӯ ва писари ӯ ба касе лаб накушоданд. Он дӯстони «боэътимод» ҳам ба дӯстони «боэътимоди» худ ин сирро ба тарзе ки дар боло нишон дода шуд, гуфта додан гирифтанд. Дар натиҷа хабари омадани Темурмалик дар шаҳр овоза шуд ва ӯ маҷбур шуд, ки аз ҷазира сафар кунад.

## 10. ЧИҒАТОЙХОН. САФАР АЗ ҶАЗИРА. ИНТИҚОМГИРӢ ДАР ВАҚТИ АСИРӢ. АТРИ КАФАН

Хабари омадани Темурмалик ба маъмурони муғул ҳам расид. Маъмурон, аз як тараф, ба кофтуков даромада бошанд, аз тарафи дигар, ин хабарро ба Чиғатой, ки ҳокими Туркистон, Мовароуннаҳр, Хуросон ва Ғазнин то лаби оби Синд буд, расониданд.

Чиғатой бадтарин ва хунхортарини писарони Чингиз буд, ӯ дар ҳамаи сифатҳои ваҳшиёна ва золимона ворисн ҳақиқии Чингизи хунрез буд. Бинобар ин Чингиз нигаҳдории қонуни ваҳшиёнаи худро ба ӯ супурда буд. Масалан, аз рӯи қонуни Чингизхон рӯзона дар об даромадан, ё гӯсфандро сар бурида куштан мамнӯъ буд.

Чиғатой ин қонунро дастак карда ҳар сол аз мардуми Мовароуннаҳр ва Хуросон чандин ҳазор касро сар мебурид. Муаллифи «Равзат-ус-сафо» (ҷилди 5, саҳифаи 44) мегӯяд: «...Ва бинобар ин ки амри тӯра ва ёсоқ (қонун) ба Чиғатойхон тааллуқ дошт, дар он боб мубоя ға менамуд, таклифоте ки аз ақл баид буд, нисбат ба мардуми тоҷик ба тақдим мерасонид ва онҳоро ба хӯрдани чизҳои мурдор маҷбур мекард ва мегуфт, ки дар рӯз дар оби равон нанишинанд ва ба атрофи мамолики ислом ярлиқ фиристод, ки гӯсфандро забҳ накунанд (аз гардан сар набуранд), балки хафа — буғ карда кушта хӯранд. Дар Хуросон ва

Мовароуннахр касе баралоина гӯсфанд намекушт.... Аз ёсоқҳои борики ӯ халоиқ ба танг омаданд ва хусусан мардуми тоҷик...» (Суханони муаллиф осон карда гирифта шуданд.)

Чиғатой, ки дар вақти оромии мамлакат дар ҳаққи раият, хусусан дар ҳаққи мардуми тоҷик ин қадар сахтгирӣ мекард, бо шунидани хабари Темурмалик чихо кардани ӯ худ аз худ маълум аст. Чиғатой чандин ҳазор саворони чарроррро дар зери фармони Қатаған-ӯғлон ба сафар баровард ва ба ӯ фармон дод, ки: «Ҳамаи дашту биёбонро ба тарзи чаргаи * шикор ҳалқа гирифта, ҳар каси дучор омадаро дастгир ва гирифтугир карда, бояд то Хуҷанд равӣ ва агар дар ин миён Темурмалик ба даст наафтад, бояд ки тамоми Мовароуннахр ва Хуросонро кофтуков кунӣ, то ӯро ба даст надарорӣ ва ё накушӣ, ба пеши ман боз нагардӣ ва ба кашидани ёсо (ҷазо) мунтазир бошӣ!».

Баъд аз он ки дар Хуҷанд маъмурони маҳаллӣ дар кофтукови Темурмалик шиддат кардан гирифтанд, ӯ дар ташвиш афтод. Ташвиши ӯ на барои ин буд, ки ба даст меафтад ё кушта мешавад, балки ӯ аз ин метарсид, ки агар дар он ҷо дастгир шавад, писараш ҳам дастгир ва кушта хоҳад шуд. Бинобар ин ӯ аз ҷзира сафар карданро мувофиқ ёфт.

Темурмалик инро ҳам медонист, ки агар ӯ аз ҷазира рӯйрост сафар кунад, писараш аз вай ҷудо намешавад ва агар дар ҷое ба дасти душман афтад, ӯ ҳам гирифтор мешавад. Бинобар ин шабе, бе он ки ба писараш хабар диҳад, дар вақти дар хоб будани ӯ табарзин ва сӯтаи қаландариро ба даст гирифта оҳиста аз кулба баромад ва бо қайиқе, ки дар канори об буд, ба тарафи рости дарёи Сир аз об гузашт ва

---

* *Чарга* — муғулон барои шикор ҳамаи лашкарро ба биёбони васеъ баровардa шикоргоҳро дар масофаи чандин фарсах роҳ фаро мегирифтанд. Гурӯҳи ҳайвонотро ба як тараф ронда, кам-кам ҳалқавор иҳота мекарданд. Баъд аз он хон ва хонзодагон ба миёни ҳалқа даромада шикор мекарданд. Ин гуна иҳотагирирo «чарга» меномиданд.

қанқро ба канори об баста, худаш ба тарафи кӯҳистони Консой нигоҳ карда равон шуд.

Писари Темурмалик як вақт аз хоб бедор шуда дид, ки падараш дар ҷои хобаш нест. Аввал «шояд ӯ барои ёзидан берун баромада бошад» гуфта қадре нигарон шуд. Вақте ки ӯ ба зудӣ баргашта наомад, барои хабаргирӣ берун баромад. Аммо ӯро дар наздикиҳои кулба наёфт. Дуртар рафт. Ӯ нест. Ҳама ҷои ҷазираро гардиш кард. Боз аз вай асаре наёфт. Рӯз ҳам шуда омад.

Ҷавон ба гузаргоҳи ҷазира, ба ҷое, ки қанқ одатан дар он ҷо меистод, рафт. Қанқ дар ҷояш набуд. Ӯ муқаррар кард, ки падараш аз об гузаштааст, аммо дар тарафи чапи об ҳам қанқи барзиёд наменамуд. Бинобар ин ӯ тарафи дасти рости дарёи Сирро чашм андохта ҷазираро гардиш кард. Дар он ҷо як қанқи холиро дид ва донист, ки падараш ба тарафи дасти рости об гузаштааст.

Ҷавон хост, ки аз паи падараш равад. Аммо қанқ набуд, ки савор шуда аз об гузарад. Ӯ баргашта ба кулба омад. Аз он ҷо ду чӯбкадуи калонро, ки дар вақти оббозӣ онҳоро дар паҳлуи худ мебаст, гирифта бозгашта ба канори ҷазира рафт. Дар он ҷо либосҳояшро аз тан кашида бӯғча кард, кадуҳоро дар зери бағалаш аз ду тараф баст ва бӯғчаро ба сараш банд карда ба об фуромад. Дар андак фурсат моҳивор обро бурида ба он тарафи об ба пеши қанқи худ гузашт.

Ҷавон кадуҳоро аз бағал кушода дар даруни қанқ гузошт ва бӯғчаро яла карда либосҳояшро пӯшида, паи падари гумгаштаи худро гирифта ба роҳ даромад.

Ҷавон дар санглоҳҳо ва заминҳои сахт нақши пои падари худро гум мекард. Аммо баъд аз қадре пеш рафтан ва ҳар тарафро аз назар гузаронидан боз нишонаҳои пойро ёфта дар роҳи худ давом менамуд. Бар болои баландиҳо ва теппаҳое, ки дар роҳаш рост меомаданд, баромада ба ҳар тараф назар меандохт, ки шояд аз гумкардаи худ нишонае ёбад. Чун чизеро намедид, боз дар роҳи худ шитоб мекард.

Ҷавон, чунон ки аз ҷазира аз падари худ хеле дер баромада буд, инчунин дар роҳ ҳам барои пайковӣ хеле дер монд. Бо вуҷуди ин паю почаи ҷавонӣ ба ӯ ёрӣ дод, ки дар нимрӯзӣ аз болои як баландӣ сиёҳии падари худро дида тавонист. Аммо ӯ падари худро дар вазъияте дид, ки шодии аз ёфтани мақсуд пайдошудаашро ташвиши он ҳолат барҳам дод: падарашро чандин савори мусаллаҳи муғул пеш андохта мебурданд.

Саворон Темурмаликро бурда ба хонаи сиёҳе даровардаид. Дар пешгоҳи он хонаи сиёҳ Қатаған-ӯғлон ҷой гирифта буд ва дар гирдогирди хона қадре поинтар аз сардор сарҳангони муғул менишастанд, ки ҳамаашон мусаллаҳ буда, дар пеши ҳар кас як камон бо як тиркаши пуртир гузошта шуда буд.

Ясавул аз бозуи Темурмалик дошта ба ӯ фармуд, ки бо одати муғул зону зада ба Қатаған-ӯғлон, ки сардори лашкар буд, таъзим ва эҳтиром намояд.

Темурмалик бо як ҷунбиши инодкорона бозуи худро аз панҷаи ясавул бароварда гуфт:

— Ман дар дунё ба касе таъзим нахоҳам кард!

Ясавул бо нигоҳи пурсиш ба Қатаған-ӯғлон чашм дӯхт, ки сардор дар ҳаққи ин «беодоб» чӣ мефармуда бошад.

Қатаған-ӯғлон ба ясавул нигоҳ карда гуфт:

— Зону заданаш лозим нест. Бигузор монанди як одами шубҳанок ба пурсишҳо рост истода ҷавоб диҳад.

Темурмалик мунтазири сухани ясавул нашуда, рост ба Қатаған-ӯғлон нигоҳ карда гуфт:

— Ман ҳеҷ гоҳ мисли як одами шубҳанок ё гунаҳгор рост истода ба пурсишҳо ҷавоб намедиҳам. Агар ту аз ман чизеро пурсидан ва ба пурсишҳои худ аз ман ҷавоб гирифтан хоҳӣ, роҳ деҳ, то ман дар ҷое нишинам, ки ба ман муносиб бошад. Баъд аз он аз ман ҳар чӣ мепурсида бошӣ, пурсидан гир!

— Хуб,— гуфт Қатаған-ӯғлон,— ҳар ҷо, ки мехоҳӣ, бинишин, лекин ба пурсишҳо рост ва дуруст ҷавоб деҳ!

— Ман дар умри худ дурӯғ нагуфтаам,— гуфт Темурмалик ва рафта дар паҳлуи Қатаған-ӯғлон, ки сарҳангон барои эҳтироми сардори худ он чоро холӣ гузошта буданд, нишаст ва ба ӯ нигоҳ карда гуфт:

— Пурсидан гир!

— Ту Темурмалик нестӣ? — Қатаған-ӯғлон ба чашмони Темурмалик чашм дӯхта пурсид.

Темурмалик инкор карданро ба шаъну шарафи худ муносиб надида:

— Оре, ман ҳамон Темурмалики хуҷандиам, ки яккаву танҳо ҳазорҳо шумо чингизиёни хунхорро, чунон ки саги газандаро кушанд, куштаам! — гуфт.

Муғулҳо бо шунидани ин сухани Темурмалик ба ҷунбиш омаданд ва ҳамаашон шамшерҳошонро аз ғилофҳо кашида, ба Қатаған-ӯғлон нигоҳ карда мунтазири фармони ӯ шуда истоданд.

Қатаған-ӯғлон бо чашмоне, ки аз оташи ғазаби ваҳшиёнааш шӯълавар шуда буд, ба Темурмалик нигоҳ карда менстод. Ӯ дар ҷавоби ин сухани ҷонгудози Темурмалик ягон ҷавоби заҳрдор ёфта гуфта, баъд аз он ба қатлаш фармон доданӣ буд. Аммо дар муқобили ин сухани беҷавоби қаҳрамони халқи тоҷик ягон чизе ба хотири ваҳшии даррандаи забункуш намерасид.

Дар ҳамин вакт касе аз поёни хонаи сиёҳ овоз баровард. Ин кас як муғули пирсоли якчашма буд. Ӯ ба Темурмалик хитоб карда гуфт:

— Вақте ки дар майдони ҷанг озод будӣ ва бо як тири бепайкон чашми маро зада кӯр кардӣ, ин гуна лофзаниҳо ба ту мезебид. Акнун, ки ба дасти мо асир афтодаӣ, дасту поят аз замину осмон канда шудааст, ба чӣ ғарра шуда калонгапӣ ва даъвои баҳодурӣ мекунӣ?

Темурмалик бо шунидани ин суханҳо чолокона камону тирро аз пеши Қатаған-ӯғлон гирифта, сипаи он муғулро, ки чанди сол пеш аз ин чашми ӯро барорарда буд, нишон гирифт:

— Дар ҳолати асирӣ ҳам метавонам монанди ту чанди саги разилро ба ҷаҳаннам фиристонам! — гӯён тирро аз шаст раҳо кард ва муғули якчашма ба замин яксон шуд.

Муғулон шўрида бо шамшерҳои луч аз ҷо бархостанд ва бо ишорати Қатаған-ўғлон шамшерҳошонро ба сари Темурмалик ҳавола карданд.

Темурмалик ҳам аз ҷо бархост ва сўтаи дарвешнашро бар дами теғи муғулон сипар карда, табарзинро ба кор даровард. То захмҳои корӣ хўрда ба замин ғалтидан чандин муғулро бо зарбаи табарзин ба замин хобонид.

Дар ҳамин вақт ҷавоне барқвор аз дари хонаи сиёҳ даромада, аз байни гурўҳ ба худ роҳ кушода ба Темурмалик наздик шуда дид, ки ў ғалтида ва дастаи табарзин ҳанўз дар дасташ аст. Ҷавон ҳам шуда табарзинро ба даст гирифту дар навбати аввал бо як зарба сари Қатаған-ўғлонро монанди ошкадуи луҳсида пош хўронд ва баъд аз он бо зарбаҳои паёпай чандин муғулро аз по афтонд ва бо захмҳои гарон худаш ҳам ба болои мурдаи Темурмалик афтид.

Ин ҷавон писари Темурмалик буд.

* * *

Ҳамон рўз ин фоҷиа дар шаҳри Хуҷанд ва атрофи он овоза шуда, калону хурд ба тазъйиқу фишори маъмурони чиғатой нигоҳ накарда ҷомаҳои сиёҳ пўшида, миёнашонро аз рўй баста, чунон ки падарашон кушта шуда бошад, барои падари қаҳрамонашон Темурмалик мотам гирифтанд. Аз ҳама зиёдтар ду пирамарде, ки аз соддадилӣ сабаби фош гардидани сирри Темурмалик шуда буданд, мусибат ва ҳасрат мекашиданд.

Ин ду пирамард боз якчанд касонро, ки аз ёсови (ҷазои) чингизиён наметарсиданд, ҳамроҳи худ гирифта ба тарафи Консой рафта, қатлгоҳи Темурмаликро ёфтанд. Муғулон мурдаҳои худро бардошта, мурдаи Темурмалик ва писарашро дар он ҷо монда рафта буданд.

Хуҷандиён дар он ҷо ду қабр кофтанд ва мурдаҳоро монанди шаҳидшудагон ношуста бо либоси хунолудашон гўрондан хостанд. Аммо бинобар эҳтиёт пеш аз гўронидани мурдаҳо ҷайбу кисаҳои онҳоро кофта диданд, ки шояд васиятномае бароянд.

Дар миёнбанди Темурмалик халтачае ёфтанд, ки дар вай як каф хок ва як парча коғази хатнок буд. Хатро хонда диданд, дар он чо чунин навишта шуда буд: «Эй он ки мурдаи ман ба дастат меафтад, агар некхоҳи одамон ва ватандӯст бошӣ, маро бо ин як каф хок гӯрон, ки ин ёдгории ватани азизи ман аст!»

Дар охири хат ин байт ҳам буд:

Атри кафан зи хоки ватан кардам орзу,
Во ҳасрато, ки мебарам ин орзу ба хок!

Тамом

# Асарҳо аз китобҳои дарсӣ

## АЗ ХОТИРАҲОИ ГУЗАШТА[27]

### ЛАТИФА

Дар замонҳои пеш рӯзе ду зан ба якдигар дарди дил мегуфтанд. Яке аз онҳо гуфт:

— Дугона, мардон ҳар касро хоҳанд, ба занӣ мегиранд. Дар болои зан зан ҳам гирифта метавонанд, ҳар кореро, ки дилашон мехоҳад, мекунанд ва ба ҳар ҷо хоҳанд, мераванд, дар кӯчаҳо рӯйкушода ва озод мегарданд, аммо бечора занон ба хоҳиши худ шавҳар кардан ва рӯйкушода ба кӯча баромадан ин тараф истад, дар зери фаранҷӣ ҳам бе рухсати шавҳарашон аз хона баромада наметавонанд, сабаби ин чӣ бошад?

Он зани дигар гуфт:

— Ӯ, дугонаҷон, кадом камбудиҳои моро мепурсӣ, кори мо аз сар хароб аст. Мардон бошанд пайғамбар аз худашон, муҷтаҳид[28] аз худашон, амир, қозӣ, муфтӣ ва дигар калоншавандагони мамлакат ҳам аз худашон, бинобар ин ба хоҳиши дили худашон ва ба манфиати худашон шариат ва қонун бароварданд ва аз номи он бар сари мо ҳукмронӣ мекунанд. Аммо аз мо бечорагон ягон муфтӣ ҳам набаромад, ки ин ҳама зулми мардон дуруст нест гуфта, ба дасти мо фатвое навишта диҳад, то ки ҳеҷ набошад, норозигии худро гуфта тавонем. Бинобар ин мардон зулм мекунанд ва мо ҳам дамназада ҷафо мекашем.

## КЕНАГАС-ХОНИМ

### I

Ботурхон[29], вакте ки бародарони худро кушта ба тахти Бухоро соҳиб шуд, дар фикри ба даст даровардани Шаҳри Сабз афтод. Он вақтҳо Шаҳри Сабз бо музофоташ ба сари худ буд. Ботурхон дар муддати 20 сол 31 бор ба Шаҳри Сабз ҳуҷум кард, аммо шаҳрро гирифта натавонист, лекин ҳар дафъа қишлоқҳоро месӯхт, ҳосилоти деҳқонирo ба аспони сипоҳиён мехуронид, чизҳои аҳли қишлоқро тороҷ ва номусашонро поймол мекард, зан ва бачагонашонро ба асирӣ гирифта, ба аҳли лашкар тақсим намуда медод.

Оқибат дар соли 1272[30] дар сафари 32-йӯм шаҳрро гирифт, ҳокими он ҷоро бо авлодаш кушт, як духтари соҳибҷамоли он ҳокимро худ ба занӣ гирифта, ба ӯрдааш даровард. Мардум ин духтарро ба сабаби аз қабилаи кенагас буданаш «Кенагас-хоним» мегуфтанд.

### II

Кенагас-хоними далер хуни падар ва хешовандонашро, ҳам номуси худашро ба амир набахшид. Як шаб фурсат ёфта, ба қасди куштан ба гӯши Ботурхон симоб рехт. Ботурхон дар бистари марг афтод, лекин пеш аз он ки ҷонаш барояд, Кенагас-хонимро дар ҷоҳи «Чилдухтарон», ки дар даруни арки Бухорост, андохта кушт ва худаш ҳам баъд аз соате мурд.

## ЗАНГИРИИ АМИР ОЛИМ

Ба ҳама маълум аст, ки дар соли 1918 ба муносибати «воқеаи Колесов»[31] амир Олим дар Бухоро бисьёр кушокушӣ кард. Қариб ҳазор нафар одамро ба даруни арки худ кушт. Шумо гумон накунед, ки ҳамаи он кушташудагон инқилобчӣ ё ҷадид буданд. Не, ин тавр не. Баъзеи онҳо танҳо барои хоҳиши нафси амир кушта шуданд. Чунончи: Ҳоҷӣ Неъмат ва Абдушукурбой аз ин ҷумла буданд. Ҳоҷӣ Неъмат аз наздикони дарбори амир, дар зан ва бачаёбӣ даллаи ӯ буд. Аб-

душукурбои савдогар ба кори худаш машғул буда, аз кӯчаи ҷадидӣ ё инқилоб ҳаргиз нагузашта буд.

Лекин гуноҳи онҳо ин буд, ки Ҳоҷӣ Неъмат духтари худро ба амир пешкаш накарда, ба писари Абдушукурбой дода буд. Вай ҳам бе рухсати амир ин духтарро ба худ келин карда буд. Гуноҳи дигари Ҳоҷӣ Неъмат ин буд, ки духтари Қосими мавизфурӯшро, ки дар ҳусну ҷамол шӯҳрат дошт, ба амир хабар надода худ ба занӣ гирифта буд.

Рӯзе ки амир Олим Ҳоҷӣ Неъмат ва Абдушукурбойро кушт, зани Ҳоҷӣ Неъматро ҳамон шаб ба ҳарамсарои худ бурд.

## АМИРОНИ БУХОРО ВА ЗАНОН

Амирони Бухоро бисьёр занҷаллоб буданд. Духтарони амалдорони худро аввал худ мебурданд, пас аз чандрӯза айшу нишот ба яке аз амалдорони боргоҳ ё ба яке аз наздикони даргоҳи худ мебахшиданд. Дар одати онҳо зан ҳам монанди асп, чома ва дигар чизҳо ба пешкаш меомад ва инъом мешуд.

Амир Насрулло (Ботурхон) ҳам, ки бештарин мардуми авом ӯро валӣ гуфта таъриф мекарданд, аз ин мурдоркориҳо пок набуд. Дар аҳди ӯ ҳам ҳеч яке аз амалдоронаш бе рухсати ӯ зан гирифта наметавонист. Ҳар амалдор зан гирифтанӣ шавад, аввал он занро амир медид, пас аз он ба амалдор барои гирифтани ӯ рухсат медод.

## АМИР МУЗАФФАР

Амир Музаффар ғайр аз духтарони амалдорони худ духтарони соҳибҷамоли фуқароро ҳам бе рухсат ба шавҳар кардан намемонд.

Духтарьёбони амир дар ба дар гашта кадом духтареро, ки ба назарашон хушрӯйтар намояд, номашро дар дафтари худ навишта ба амир медоданд. Дигар он духтар аз шавҳар кардан маҳрум буд. Агар амир мехост, якбора бурда медид, пас аз он ё ба ӯрда медаровард, ки дар қатори дигар аҳли ҳарамаш то мурдан бе шавҳар мемонд ва ё ба ягон амалдори худ инъ-

ом мекард. Агар ба бурданаш навбат нарасад ё аз ёди амир бароянд, он духтар дар хонаи падараш бе шавҳар умрашро ба поён мерасонид.

## АМИР ОЛИМ ДАР ВАҚТИ ГУРЕХТАН

Вақте ки амир Олим ба ҳуҷуми лашкари сурх тоб наоварда аз Бухоро гурехт, чанд гоҳе дар Ҳисор ва Душанбе «оре-бале» карда истод. Ин чандрӯза охири даври салтанати мурдори худро ҳам бекора нагузаронид. Ҳар қадар ки мумкин буд, аз кӯҳистон духтар гун кард, зан гирифт. Касоне, ки аз тарафи амир дар шаҳрҳои кӯҳистон ҳоким буданд, пешкаши аввалинашон ба амир зан ва духтар буд.

## АВЛИЕҚУЛБЕК

Авлиёқулбек ном як марди куҳансол дар яке аз он шаҳрҳои кӯҳистон ҳоким буд. Ин одам бо вуҷуди ин пиронсолӣ дар духтаргирӣ аз амир ҳам ҳирсноктар буд. Ин мӯйсафед дар болои 15—20 нафар зани никоҳӣ ва ғайриникоҳии худ дар он рӯзҳо боз як духтари 14-солаи фақиреро ба занӣ гирифта буд. Амир Олим ҳусну ҷамоли ин духтарро шунида, ба Авлиёқулбек ба воситаи маҳрамони худ фаҳмонд, ки ӯро ба ихтиёри худ пешкаш кунад. Авлиёқулбек аз ин духтар дил канда натавониста, кӯчи худро гирифта ба тарафи Балҷувон гурехт. Амир аз дунболи ӯ ғозиёни худро фиристода, ӯро бо зану фарзандонаш асир кард. Авлиёқулбекро бо тамоми хонаводааш ба зиндон андохт, аммо духтари мазкурро ба ҳарамсарои худ даровард.

## АВЛИЕҚУЛБЕК АМИРРО БА ҚОЗӢ КАШИД

Дар соли 1921, моҳи феврал, амир Олим аз дарёи Амӯ гузашта, ба Афғонистон гурехт. Ҳамроҳи худ Авлиёқулбекро ҳам баста бурд, лекин вақте ки ба хоки Афғонистон даромад, Авлиёқулбекро дар банд нигоҳ доштан мумкин нашуда, ночор сар дод. Вақте ки амир ба Кобул расида дар боғе ҷойгир шуд, Авлиёқулбек пеши қозии Кобул рафта аз амир додхоҳӣ кард, «зани



С. Айнӣ ва Рахим Хошим (Мим) дар соли 1926

ом мекард. Агар ба бурданаш навбат нарасад ё аз ёди амир бароянд, он духтар дар хонаи падараш бе шавҳар умрашро ба поён мерасонид.

### АМИР ОЛИМ ДАР ВАҚТИ ГУРЕХТАН

Вақте ки амир Олим ба ҳуҷуми лашкари сурх тоб наоварда аз Бухоро гурехт, чанд гоҳе дар Ҳисор ва Душанбе «оре-бале» карда истод. Ин чандрӯза охири даври салтанати мурдори худро ҳам бекора нагузаронид. Ҳар қадар ки мумкин буд, аз кӯҳистон духтар ғун кард, зан гирифт. Касоне, ки аз тарафи амир дар шаҳрҳои кӯҳистон ҳоким буданд, пешкаши аввалинашон ба амир зан ва духтар буд.

### АВЛИЕҚУЛБЕК

Авлиёқулбек ном як марди куҳансол дар яке аз он шаҳрҳои кӯҳистон ҳоким буд. Ин одам бо вуҷуди ин пиронсолӣ дар духтаргирӣ аз амир ҳам ҳирсноктар буд. Ин мӯйсафед дар болои 15—20 нафар зани никоҳӣ ва ғайриникоҳии худ дар он рӯзҳо боз як духтари 14-солаи фақиреро ба занӣ гирифта буд. Амир Олим хусну ҷамоли ин духтарро шунида, ба Авлиёқулбек ба воситаи маҳрамони худ фаҳмонд, ки ӯро ба ихтиёри худ пешкаш кунад. Авлиёқулбек аз ин духтар дил канда натавониста, кӯчи худро гирифта ба тарафи Балҷувон гурехт. Амир аз дунболи ӯ ғозиёни худро фиристода, ӯро бо зану фарзандонаш асир кард. Авлиёқулбекро бо тамоми хонаводааш ба зиндон андохт, аммо духтари мазкурро ба ҳарамсарои худ даровард.

### АВЛИЕҚУЛБЕК АМИРРО БА ҚОЗӢ КАШИД

Дар соли 1921, моҳи феврал, амир Олим аз дарёи Аму гузашта, ба Афғонистон гурехт. Ҳамроҳи худ Авлиёқулбекро ҳам баста бурд, лекин вақте ки ба хоки Афғонистон даромад, Авлиёқулбекро дар банд нигоҳ доштан мумкин нашуда, ночор сар дод. Вақте ки амир ба Кобул расида дар боғе ҷойгир шуд, Авлиёқулбек пеши қозии Кобул рафта аз амир додхоҳӣ кард, «зани



С. Айнӣ ва Раҳим Ҳошим (Мим) дар соли 1926

никоҳии маро ба зўрӣ гирифт» гуфта ба амир даъво карда, ба мурофиа ҳозир шудани ўро илтимос намуд. Дар ин даъво ба шоҳидӣ худи занашро нишон дод.

Амир аз ошкор шудани мурдоркориҳояш тарсида, ҳамон шабе, ки фардои он ба маҳкама рафтани он зан даркор буд, ўро заҳр дода кушт ва ба қозӣ: «ба аҷали худ мурд» гуфта ҷавоб навишт. Даъво ҳам бе гувоҳ монда, худ ба худ бартараф шуд.

## МИРАКИ ОЛАМИЕН

Дар вақти подшоҳии Ботурхон Мирак ном касе ба болои муллоён ясавул буд. Ясавули муллоёнро «оламиён» мегуфтанд. Ин оламиён духтари соҳибҷамолеро ба занӣ гирифтанӣ шуд, лекин аз бурдани амир ин духтарро рашкаш омада, ба амир маълум накард ва бе иҷозати амир ба худаш никоҳ карданӣ шуд. Амир ба воситаи воқеанависони худ аз ин аҳвол хабардор буд. Шаби никоҳ, ки келину домод дар таги чимилик нишаста буданд, ба фармоиши амир навкарон омаданд. Келин, домод ва падари арўсро баста ба арки амир бурданд. Амир фармуд, ки ҳамон вақт оламиёнро куштанд, падари арўсро ба зиндон андохтанд ва келинро амир дар қатори занони худ даровард.

## ТАЪСИРИ ИНҚИЛОБИ ФЕВРАЛЬ БА БУХОРО[32]

Дар охири моҳи феврали соли 1917 дар Русия инқилоб маълум ва воқеъ гардид. Императори рус бо хонадонаш аз тоҷу тахт маҳрум шуд. Ба ин муносибат ба ҳар ҷои Русия ҷашни шодмонӣ сар шуд. Аз ин ҷумла ба Когон ва ба тахти дарвозаи шаҳри Бухоро ҳам ҷамъиятҳо ва анҷуманҳо барпо шуд. Ҷабру зулми ҳукумати пештараи рус поён ёфт. Аз зулм ва бедод, аз беназмӣ ва фасоди ҳукумати Бухоро ҳам сухан ба миён омад. Ва танзими ин мамлакати хароб ҳам аз лавозими ҳуррият ва озодии кишвари рус шумурда шуд.

Ҳукумати Бухоро, ки ба зери ҳимояи давлати мустабидаи рус бо озодӣ зиндагонӣ карда, роҳи ҳар гуна ислоҳот ва танзимотро ба дилҷӯии намояндагони давлати мазкура баста, ба ин як муштипар раияи фалакзадаи худ бо мутлақияти тамом амру фармон медод, бо ин хабари даҳшатасар якбора сарриштаи кори худро гум карда, поро аз сар намешинохт. Ва метарсид, ки фирқаи аҳрор ва аскарони Русия мабодо табдили асоси ҳукумати Бухороро низ хоҳон шаванд, амир ва атбоашро мисли Николай ва арконаш аз беҳи буньёд барҳам зананд. Бинобар ин ҳукумати Бухоро ба ҳар ранге ки мумкин бошад, бо як қадар ислоҳ ва гузашт ҳам муяссар шавад, нигоҳдории худашро ғанимат мешумурд. Аркони давлати сиёсии Русия, ки он вақт

иборат аз Миллер,[33] Шульга [34] ва Введенский [35] буда, аз маъмурони мўътамади ҳукумати мустабидаи рус ба шумор мерафтанд, низ аз инқилоб саросема шуда буданд. Қоргарон ва аскарони Русия ҳар вақт ва дар ҳар ҷо маъмурони пештараро мустабид ва кўҳнапараст гуфта таҳқир мекарданд, ҳабс менамуданд, бадарға мекарданд. Бинобар ин намояндагони императорӣ дар сурати зоҳирӣ ғайр аз маддоҳии ҳукумати нав ҷорае надоштанд, худро ҳуррияттпарварони ҳақиқӣ ба қалам медоданд ва ҳаракатҳои пештараашонро ба иҷбори ҳукумати пештара ҳамл карда худро маъзур мешумурданд. Маъмурони элчихонаи [36] Русия ба иқтизои [37] ин маслаки нав худ ба ҳукумати Бухоро баъд аз ин лузуми ислоҳотро ихтор [38] ва агар ҳукумати нави Русия дар ин бора муохиза намояд, худи ҳукумати Бухоро ҷавобгар буданро изҳор карданд. Баъд аз ирсол (бурдуовард)-и телегрофоти расмии табрикӣ миёни ҳукумати Бухоро ва ҳукумати муваққатаи Русия байни элчихона ва арбоби ҳукумати Бухоро дар боби равиши ислоҳот музокирот мерафт.

Ҷавонбухороиён миёни худ анҷуманҳои махфӣ карда, ба ҳукумати муваққатаи Русия телеграф карданашонро илтимос намуданд. Ҳукумати муваққата ба ҷавоби ин телеграф ба ҳукумати Бухоро телеграф карда, лозим будани ислоҳотро фаҳмонида, дар ин боб хоҳиши аҳолии Бухоро бинобар телеграфи ҷавонбухороиён эълон намуд. Хулосаи калом, амир ва қушбегӣ бинобар маҷбур кардани асҳоби мазкура ба як дараҷа ислоҳот розӣ шуда, бо иттифоқи аркони элчихонаи рус дар бораи ислоҳот лоиҳаи дастуруламал ҳозир мекарданд.

## НАМОИШ ВА АКСУЛҲАРАКАТ

Чун бухороиён ба фармони риёкоронаи амир зиёда аҳамият доданд, ба муносибати фармони мазкур ба анҷуманҳое, ки рўзи ҷумъа карда буданд, қаноат накарда, рўзи шанбе мунтазаман шодиёна карда, амирро бо ин иқдоми «хайрхоҳонааш» табрик ва ташаккур карданӣ шуданд.

Соати 8-и рӯзи шанбе — 29-ӯми ҷамодиюлохир (ба ҳисоби кӯҳна 8-ӯми апрели соли 1917) намоиш оғоз карданд. Аввал бе байрақ намоиш карданӣ шуданд. Чун яҳудиён ва мусулмонони қафқозии сокини Бухоро байрақ бардошта ба намоиш иштирок намуданд, ҷавонбухороиён низ байрақеро, ки барои имрӯз омода карда буданд, бардошта, ба сафи пеши дастаи намоишчиён даромаданд. Вақте ки дастаи намоишчиён аз Чорсӯи Бухоро ба роҳ даромада, то Хиёбон расида буданд, аз тарафи дигар аксулҳаракатчиён низ бо қуввати тамом бархоста, худро ба Регистони Бухоро расониданд.

Ҷавонбухороиён барои такмили намоиши худ дастаи мусиқии давлатиро талаб карда, ба ҳузури қушбегӣ се нафар вакил фиристода буданд.

Нахустин кори Насрулло-қушбегӣ ҳабс кардани ҳамин вакилон буд.

Сарварони мухолифон ба ҳузури қушбегӣ нишаста (машҳуртарини онҳо Ибодулло-махдум, Мулло Қутбиддин ва Ҷунбул-махдум [39] буданд) ба ӯ фармон талқин мекарданд ва таъзири ин се нафарро аз қушбегӣ дархостанд.

Аз вакилон ду нафарашон, ки худро раияи рус ба қалам дода буданд, аз таъзир халос шуданд, аммо Ҳоҷӣ Мирбобо ном, ки, ба бадбахтӣ, раияи Бухоро будани худро иқрор карда буд, ба таҳти дарвозаи арк баданашро бараҳна карда 75 чӯб заданд.

Баъд аз ин воқеа аксулҳаракат бо камоли қувват дар ҷунбиш даромада, ҳар касе барои ҳифзи ҷони худ дигареро «ин ҷадид аст» гуфта таҳқир мекард ва сабаби дастгирии он бечора мегардид, бо ин ҳаракати худ гӯё ки ба ҳукумат хидмат кардагӣ мешуд. Хулосаи калом, он рӯз бо ҳамин тақриб 30—40 нафар ашхос ба обхона ном ҳабсхонаи арк маҳбус гардиданд.

Рӯзи якшанбе дар Бухоро хеле ашхос маҳбус гардиданд. Аз он ҷумла Мирзо Назрулло [40] ва Айнӣ 75 чӯб таъзир дида, гӯшт ва пӯстҳояшон пора-пора шуд. Агар мудохилаи аскарони инқилобӣ намебуд, каси бисьёре он шаб кушта мегардид.

Ҷавонбухороиён дар Когон қарор карда, аз Самарқанд, Тошканд ва Каркӣ барои халосии маҳбусони

худ аскар талаб карданд. Аркони элчихонаи рус ду-се бор телеграфи ҷавононро аз телеграфхона даст гирифта, ба Тошканд «аҳвол осуда аст» гуфта телеграф дода, ба омадани аскар мумониат намуданд. Маазолика бо ҳаракатҳои ҷиддии ҷавонон аз Самарқанд як даста аскар дар зери фармони генерал Кулчонов ва ду-се нафар вакил омаданд. Элчихонаи рус боз ба тадохули аскарӣ мумониат карда толеи ҷавонбухороиён ва маҳбусҳоро, ки душмани деринааш буданд, ба дасти ҳукумати Бухоро супурданӣ шуд. Лекин афроди аскарӣ ва коргарони Қогон элчиро маҷбур карда бар он доштанд, ки пеш даромада ба халосии маҳбусҳо кӯшиш намояд.

Бинобар ин рӯзи якшанбе, баъд аз зӯҳр, соати 4, ночор Миллер ва Шульга бо як даста казак дохили Бухоро шуда, маҳбусҳоро халос карданд. Дигар аскарҳо ба тахти дарвозаи шаҳри Бухоро манзил карда, барои ҳар эҳтимол ҳозир истоданд. Аз маҳбусон ононе, ки ба ҷавонбухороиён робита надоштанд ва маҳз ба иттиҳом маҳбус шуда буданд, ба хонаи худ рафтанд.

Ононе, ки ҳақиқатан аз ҷумлаи ҷавонбухороиён буданд, ба Қогон баромаданд. Маҷрӯҳҳоро ба беморхонаи Қогон ҷо доданд. Аз маҷрӯҳон Мирзо Назрулло баъд аз се рӯз вафот кард. Боқимондагон баъд аз табобат сиҳат ёфта баромаданд.

## АЗ ЁДДОШТҲОИ ИНҚИЛОБИ БУХОРО[1]

### I. ТАВҚИФ[2]

Вақти саҳар бархоста, самовор гузоштам ва чой дам кардам. Як-ду пиёла чой нанӯшида будам, ки аз даруни мадраса садои пои тахминан сад нафарро шунидам, ба тарафи ҳуҷраи ман меомаданд. Зуд бархоста дари ҳуҷраро аз дарун маҳкам кардам, зеро ки ҳуҷумгаронро балвочиён пиндоштам. Ба инҳо якбора таслим шудан ғайр аз худро беҳуда талаф кардан чизи дигаре набуд.

Дар бошиддат зада шуд, ҷавоб надодам. Дар паҳлуи ман як ҳоҷии намангонӣ ҳуҷра дошт. Бо ман гоҳо музокираҳои илмӣ мекард. Аз аҳволи зоҳираш одами безарар ва солеҳ гумон карда будам. Фақат имрӯз фаҳмидам, ки ин мард як мори заҳрдор ва шайтони дурӯғгӯ будааст. Ӯ ба ҳуҷумгарон:

— Имшаб ба ин ҳуҷра бисьёр ҷавонон ғун шуда маслиҳат карданд, ин одам ҳоло дар ҳуҷраи худаш аст,— гуфт. Ва ҳол он ки имшаб дар ҳуҷраи ман ҳеҷ кас набуд.

Ин ҳангом дар тахти тирезаи кӯча ҳам бисьёр одам ҷамъ шуда буд. Яке аз ҳуҷумгарон тирезаро шикаст; бархоста нигоҳ кардам: се нафар аз одамони яроқдори қушбегӣ ва дар ақиби онҳо як тӯда тамошобинон буданд.

Одамони қушбегӣ бо лафзҳои бисьёр қабеҳ маро ҳақорат мекарданд. Дар ин вақт ба ман як надомат, як пушаймонӣ рӯй дод. Ман дар ин муддати умрам

ярок истеъмол накарда будам. Табий, ярок ҳам нигоҳ намедоштам.

Инак ба ин надомат мекардам. Зеро агар ман ярок медоштам, ба дасти ин золимон ва қассобон худро гӯсфандвор намесупурдам. Дар ҳуҷраи худ истода як-ду нафари онҳоро ба ҷаҳаннам фиристода, баъд худам талаф мешудам. Дар зери бори ин қадар ҳақорат ва дашном дар дасти инҳо намемондам.

Ин забонаҳои ҷаҳаннам ба ман фурсати таслим шуданро ҳам надоданд. Вақте ки мехостам аз тиреза фуроям, як нафарашон аз гиребонам гирифта ба тарафи кӯча кашид. Аз тирезае, ки қади одам дар баландӣ буд, ба кӯча афтодам. Одамони қушбегӣ бо дасту мӯзаҳояшон ба сару пойҳоям 5—6 бор зада лагадкорӣ карда, маро аз ҷой рост карданд, ба фойтуне, ки дар таги дарвозаи мадраса ҳозир карда буданд, савор намуданд. Дар роҳ аз тамошогарон ҳеҷ кас ба ман ҳуҷум накард. Танҳо хоҳарзодаи Мулло Холмурод ва якчанд нафар аз шогирдони ӯ ақсум шуда, як-ду муштӣ заданд.

Асли фоҷиа баъд аз ба фойтун савор шудан сар шуд. Одамони қушбегӣ маро бо лафзҳои қабеҳ дашном дода аз паси ҳамдигар ба рӯй, чашм, сару гарданам мекӯфтанд. Дар ин вақт аз таъсири торсакӣ аз биниам фаввора зада хун омад. Албатта, ҷомаи алабайроқи яке аз одамони қушбегӣ, ки Аминхони қаровулбегӣ ном дошт ва дар рӯ ба рӯи ман нишаста буд, ба хун олуда шуд.

Ин хунхор боз «чаро ҷомаамро хунолуд кардӣ» гуфта маро бошиддаттар задан оғоз кард. Ҳарфҳое, ки одамони қушбегӣ ба ман мегуфтанд, тахминан ҳамин хел буд: «Ту аз худо чӣ бадӣ дидӣ? Чаро ба ҷаноби олӣ итоат накардӣ? Ту кофир, муртад, ҳукми куши ту навишта шудааст!»

Табий, ман ҳеҷ чиз нагуфтам ва ба гуфтан маҷол ҳам надоштам.

### 11. ДАР АРК

Ба ин ҳол ба Регистон расида, маро аз фойтун пиёда карданд.

Ба бомҳои масҷид ва мадрасаҳои Регистон халқ пур шуда, ғулғулаи ҳазорон тамошогарон ба осмон ме-

расид. Дар миёна нотиқони фурӯхташуда: «Во шариато!» гӯён фарьёд мекарданд. Як даста сарбозони пиёда дар вазифаи қаровулӣ ҳозир буданд. Сарбозон роҳ во карда маро ба дарвозаи арк баровар данд. Даруни дарвоза дар ду тарафи роҳ сипоҳиёни хунхор миён баста ва даст пеш гирифта истода буданд.

Ҳар яке аз сипоҳиён (балки аз барои савоб шуда) ба ман якмуштӣ мезаданд. Вақте ки ба рӯ ба рӯи масчиди чомеи арк расидем, кали Қурбон[43] ном як деви одамхӯр, ки бародари Ҳоҷӣ Латифи девонбегӣ ва зинбардори амир буд, давон-давон омада ба сарам як мушт зад. Аз таъсири ин ба ду чашмам оби сиёҳ давид. Аз ҳуш рафтам. Як вақт чашмамро кушода худро дар рӯ ба рӯи Насрулло-қушбегӣ ёфтам. Қушбегӣ маро дашном медод.

Ман гуфтам:

— Ман худамро гунаҳгор ҳисоб намекунам. Агар гуноҳи байрақ бардоштан бошад, ба он ҳам ман иштирок накарда будам.

Аминхони қаровулбегӣ ном яке аз одамони қушбегӣ гуфт:

— Дурӯғ мегӯяд, ман дирӯз дида будам, ин одам дар таги байрақ буд.

Ба қушбегӣ гуфтам:

— Ман ба ҳар азоб ҳозирам. Аммо номи дурӯғгӯиро ба гардани худ гирифта наметавонам. Барои ҳамин ман бо қасам таъмин мекунам,[44] ки дар зери байрақ набудам.

Қушбегӣ гуфт:

— Ту дар зери байрақ набошӣ ҳам, боз гунаҳгор ҳастӣ. Туро арвоҳи хоча Садпирӣ задааст. (Садпирӣ бобои бузурги ман аст.) (Ба одамҳои худ нигоҳ карда ) Бибаред, инро ба тӯбчибошӣ супоред, ин ва Мирзо Абдулвоҳид[45] аз мамлакат ихроҷ карда мешаванд.

Бо ҳамин кадар маросими истинтоқ тамом шуд. Маро аз пеши қушбегӣ берун бурданд. Дар роҳрави ҳавлии қушбегӣ аз пешамон Тӯрақули удайчӣ баромад ва «зада-зада баред!» гуфта фармон дод. Зотан одамони қушбегӣ дар ин хидмати худ гуноҳе намекарданд. Баъд аз ин амр боз ҳам бошиддаттар задан оғоз карданд.

Бо ин ҳол маро ба дари ҳабсхонае, ки обхона меноманд, овardanд. Бандибон дарро кушод ва шогирдпешагон аз дастам гирифта маро ба ҳабсхона даровардаӣ шуданд. Ин замон як нафар аз одамони қушбегӣ, ки дар ин ҷо буд, аз андоми ниҳониам гирифта тоб дод. Ман аз шиддати дард қариб аз ҳуш рафтам. Аз ин фаҳмидам, ки одамони қушбегӣ маро дар як сурати хоинонае куштанӣ ҳастанд.

Даруни обхона бандибонон тамоми либосҳои маро кашида гирифтанд. Дар барам танҳо як курта ва эзори хунолуд монд. Камтар пул доштам, онро ҳам гирифтанд. Бо ҳазор илтимос ва хоҳиш як миқдорашро барои харҷи худ гашта гирифтам.

Аз шиддати алами зарбу лат, лагаду торсакиҳое ки ду соат боз мехӯрдам, маро варақаи сахте гирифта буд. Хона бениҳоят хунук ва рутубатнок, дар барам ғайр аз як қабат куртаи нозук чизи дигар надорам. Сарам аз чанд ҷой кафида, гарданам варам карда, тамоми баданам озурда шуда буд. Маҳбусҳое, ки дар он хона буданд, ин ҳоли маро дида, ба ман тараҳҳум карданд. Як тарафи бӯрьёи кӯҳна ва даридаеро, ки дар болояш нишаста буданд, холӣ карда ба ман доданд ва ҳам ҷомаҳои кӯҳнаи худро аз танашон кашида ба ман пӯшониданд ва таъкид карданд, ки ҳар вақт бандибон биёяд, ин ҷомаро аз баратон бароварда ба мо диҳед, набошад, ҳам ба мо ва ҳам ба шумо ҷазо медиҳанд.

### III. ОБХОНА

Вақте ки аз дарвозаи арки Бухоро даромада, рӯ ба ҷониби масҷиди ҷомеъ ниҳода бираведу дар тарафи дасти чапатон якчанд хона ҳаст. Ин хонаҳоро обхона меноманд.

Дарҳои ин хонаҳо аз даруни долони арк буда, як мураббаъ газ аст. Ба ин хонаҳо аз ин дарҳо, ки ҳамеша қулф задагӣ мешаванд, рӯшноӣ ва ҳаво медароянд. Даруни хонаҳо ба наздикии бом як равзане ҳаст, аммо аз он ҳаво ва зиёи даркорӣ даромада наметавонад. Васеии хонаҳо се-чор мураббаъ газ мебошад. Ба ин хонаҳо бандиҳо одатан боло-болои ҳам пур шудаанд.

Фарши хона иборат аз як бўрьён дарида мебошад ва як чуқурӣ, ки дар як кунчи хона кофта шудааст, барои бандиён хидмати ҳалоҷоиро адо мекунад. Ҳалоҷой ҳафтае як бор тоза карда мешавад. Бинобар ин ба дараҷае пур мешавад, ки обҳои мурдор ба зери бандиён равон мешавад.

Дар қабати ин чуқурӣ чуқурии дигаре ҳаст, ки дар он бандиён дасту рӯй мешӯянд.

Як обдастаи шикаста, як мундӣ ва як чилим аз асбобҳои зинатдори ин хона аст.

Даруни хона торик, рутубатнок аст ва аз деворҳои он ҳар хел ҳашарот мебароянд.

Дар болои ин хонаҳо аспхонаи подшоҳӣ ҳаст. Бинобар ин ҳар гуна мурдориҳо аз сақфи хона чакида меистад.

Бандиёне, ки дар ин хона ҳастанд, бисьёрашон панҷ-даҳ сол боз дар ин ҷо маҳбус мебошанд. Бинобар ин баданашон чиркин, либосҳояшон пӯсида ва дарида аст. Фарзанди одам рафта-рафта ба ҳама чиз унс мегирифтааст. Дар рӯй ва пешонаи бандиёни хона шабуш мегардад, валекин онҳо ба ин парво надоранд. Танҳо вақте ки шабуш ба гирди даҳанашон меояд, ўро охиста гирифта, ба як ҷониб меандозанд.

Агар як нафар аз берун бо ягон тасодуф ба яке аз ин хонаҳо даромада монад, дар миёни 15 дақиқа нафасаш бурида шуда, худаш ба наздикии марг мерасад. Лекин касоне, ки ба дасти ҳукумати Бухоро афтода, аз дасти одамони золим, хунхўр, мурдор ва нопоки ў азиятҳо бикашанд, вақте ки ба ин хона дароянд, худашонро дар як ҷои осуда ва бароҳат мепиндоранд. Агар муваққатан бошад ҳам, ба халос шудани худашон аз дасти хунхорон худро хушбахт мешуморанд. Хусусан аз бандиёни кўҳнаи ин ҷой шафқат ва марҳамат дида, ба ҳанўз тамоман фаромўш нашудани расми «одамигарӣ» аз нав имон оварда, дилҳошон роҳат мекунад.

Хонае, ки ман ҳабс шуда будам, яке аз он обхонаҳо буд, ки тахминан 4 мураббаъ оршин васей дошт. Дар ин хона наздик ба сӣ нафар маҳбус буд, ки бисьёри онон маҳбусони кўҳна буданд. Дар миёни онҳо касоне буданд, ки ҳафт сол боз дар ин ҷо ҳабс шуда буданд.




Маҷмӯаи «5 дар 4», ки дар он асарҳои С. Айнӣ чоп шудаанд

Яке аз ин маҳбусҳо ҳафт сол боз ба ин хона андохта шуда ва ду сол боз ҳам чашмҳояш нобино шуда буд. Эҳтиёҷи ӯро бандиёни дигар ба ҷо меоварданд.

Гуноҳи бандиёни ин ҷо аз рӯи гуфти худашон ҳар хел буд. Аммо дар ҳақиқат ҳамаашон бегуноҳ буданд. Масалан, ба амлокдор итоат накарда, ба миршаб ришва дода натавониста, ё ин ки вақте ки ҳоким мехостааст зан ё духтарашро ғасб намояд, муқобилӣ намуда ва ё ҳоким бо ришва дузди ҳақикиро сар дода, ин бечораро дастгир карда фиристода...

Чунончи, аз Каркӣ як нафар туркман буд. Сабаби ҳабсашро пурсидам. Гуфт:

— Як ҳамсояи давлатманде доштам. Як рӯз милтиқашро гум карда, аз ман гумонбар шуд ва ба ҳоким шикоят кард. Ҳоким одам фиристода, маро дастгир кард. Агар пул медоштам, як ду-се рӯз баъд халос мешудам. Фақат аз рӯи камбағалӣ якчанд моҳ хобидам. Як рӯз ясавулбошии ҳоким омада гуфт, ки: «ба хешовандони худ хабар кун, пул оварда туро ба кафилӣ бигиранд, набошад, туро ба Бухоро мефиристонем». Ман дар ҷавоб: «пул ёфта наметавонам» гуфтам. Баъд аз ин маро ба Бухоро фиристоданд, панҷ сол аст, ки дар ин хона мехобам. Чанд бор Бобобек — ясавулбошии қушбегӣ омада: «пул тараддуд кун, туро сар медиҳам» гуфт, ман: «дар ҳеҷ ҷой пул надорам» гуфтам.

Панҷ моҳ пеш аз ин ҳамсоям, ки милтиқи худро гум карда буд, нон, фалон гирифта ба дидани ман омад: «дар ҳаққи ту бисьёр ҷабр шуд, ман милтиқи худро аз каси дигар ёфтам, маро бубахш» гуфта гирья кард. Ин одам ба қушбегӣ низ воқеаро арз кардааст. Қушбегӣ ба Бобобек-ясавулбошӣ супоридааст, ки маро раҳо кунад. Валекин ясавулбошӣ: «то хароҷоти панҷсоларо надиҳад, халосӣ нест» гуфта ҷавоб додааст.

Яке аз маҳбусон вакили ҷавонон Мирбобо буд, ки дируз 75 ҷӯб хӯрда буд. Ғайр аз он ҳам бо тӯҳмати ҷадидӣ ҳабсшудагон чанд нафар буданд, аммо онон ҳақиқатан ҷадид набуда, балки бо шубҳа ва барои пул надодан аз тарафи одамони қушбегӣ дастгир шуда буданд.

## IV. 75 ЧӮБ

Тахминан соатҳои даҳ буд. Дари обхона якбора бо шиддат боз шуд. Ду нафар аз бандибонон дар таҳти дар истода, ман ва Мирзо Назруллоро ном бурда ҷеғ заданд. Мирзо Назрулло худро камтар ба нодонӣ зада истод, аммо ман бефоида будани ин гуна руст шуданҳоро фаҳмида фавран таслим шудам.

Дар долони дарвозаи арк то болои тахтапул дар ду тараф амалдорони бузург, маҳрамони амир, шогирдпешаҳои қушбегӣ ҷомаҳои заррин, нуқракӯб, абрешимӣ ва алобайроқ дар бар даст ба миён баста истода буданд. Дар болои остонаи дарвозаи арк Насрулло-қушбегӣ, ки дар бар ҷомаи кундал, дар миён фӯтаи шол дошт, истода буд. Вақте ки маро дар рӯ ба рӯи қушбегӣ оварданд, қушбегӣ ба ман бо ғазаб нигоҳ карда бо овози баланд аз халқ пурсид:

— Ин кас Айнӣ-мӣ?— Албатта, сипоҳиёне, ки дар ин ҷо буданд, «ҳо, Айнӣ аст» гуфта ҷавоб доданд.

Тӯрақул-удайчӣ, Бобобек-ясавулбошӣ, Ибодулло-махдум ва боз чанд нафар сипоҳиёни золим ва муллоёни шариатфурӯш дар ду тарафи қушбегӣ бо як ҳайати золимона истода буданд. Аз нисфи тахтапул гирифта то болои ҳавз бомҳо ҳама пури одам буд.

Бо як ишорати қушбегӣ як нафар одами девсирате маро ба пушти худ гирифт. Як нафари дигар дастҳоямро аз миёни он одам гузаронда маҳкам нигоҳ дошт. Як нафари дигар пуштамро кушода, куртаамро печонда ба гарданам ҷамъ кард. Дар ин вақт чашмам ба Ибодулло-махдум афтод. «Дидӣ, ки шариат одамро чӣ гуна мезадааст» гуфт. Ин одами худобехабар фатвои девонавори худро шариат, дасти мурдори маъмурони ҳукуматро «дасти шариат» мешумурд.

Баъд аз он ки пуштамро кушоданд, ду нафар аз ду тараф бо таёқ аз болои шона то зери миён бо шиддат «як-ду» гӯён задан оғоз карданд. Дарозии таёқҳо тахминан якуним газ буда, ғафсиашон ба дарачаи сарангушти пой буд. Таёқҳо аз чӯби илғай буранд. Агар ҳайвон бо ин чӯб зада шавад, хун шошиданаш машҳур аст.

Вақте ки мирғазабон маро бо чӯб мезаданд, тамошобинон ҳам аз ду тараф ба сару гарданам мушт мефуроварданд. Дар ин асно «маҳкамтар занед!» гуфта як садо баланд шуд, аммо садои кӣ буданашро нафаҳмидам. Гӯштҳои бадан пора-пора шуда меафтод. Хунҳо ва гӯштпораҳо ба ҳар тараф пароканда мешуд, дарду алам шиддат ва тоқатфарсо буд. Аммо бо ҳамаи ин дар ман як таҳаммул, як сабр пайдо шуда буд. Дар назди ин золимон тазаллум кардан дар як тараф истад, ман як вазъияти ханданоке гирифта, гӯё ки ҳаракати онҳоро бо ханда масхара медоштам. Як вақт садои 65 шунида шуд. Аз дунболаш садои 66, 67... омад ва баъд аз он ки бузургтарини ҷазои таъйки ҳукумати Бухоро—садои 75 омад, овоз канда шуд.

Маро аз пушти он одами девсират фуроварда, каҷола карда ба оромгоҳи кӯҳнаамон — обхона партофтанд. Дар роҳ савобталабон бо мушт ва бо даст заданро аз ман дареғ надоштанд.

### V. ИНҚИЛОБИ БУХОРО

Баъд аз инқилоби Октябрь дар Русия ҳукумати шӯрой таъсис ёфт.

Ҳукумати Бухоро худро тамом мустақил ҳисоб карда, алоқаи худро аз ҳукумати шӯрой бурид ва ба зулму ваҳшатҳои худ шиддат дод.

Зулм ва ваҳшонияти амир аз ҳад гузашта буд. Ҳеҷ як хонавода ва ҳеҷ як нафар аҳолии Бухоро осуда ва хотирҷамъ набуданд. Ирзу[48] номуси занон ва духтарон, шарафу обрӯи ҷавонон ва пирон ҳамеша дар хатар буд. Бухоро шакли як кушишхона (саллоххона)-ро гирифта буд, ки ҳаррӯза даҳҳо, садҳо инсонро гӯсфандвор сар мебуриданд. Як тӯҳмати хурд, танҳо ҷалид номидан барои талаф шудани як шахс, балки як хонавода кифоят мекард.

Косаи сабри мардуми Бухоро пур шуд. Онон даҳдаҳ, сад-сад гурехта, ба Русияи шӯрой паноҳ меоварданд. Дар атроф ташкилотҳои инқилобии ҷавонбухороёни ташкил шуда, барои рӯзҳои оянда, барои рӯзҳои мубориза ва ғалаба тайёрӣ медиданд.

Се соли тамом ин ваҳшати аз одат берун дар Бухоро ҳукмрон буд. Се соли тамом Бухоро тамоман

ғарқи хуни ноҳақ буд. Ин дарьён хун охир ба талотум даромад ва ниҳоят тахти амирро аз миён бардошт. Ин тӯфони хун дарбори амирро зеру забар намуда ғарқ кард.

Ҷавонбухороиён дар сурати муташаккил бо ёрмандии аскарони сурх ба Бухоро, ки намунаи зулму ваҳшати асрҳои миёна буд, хуҷум оварданд. Ҳукумати Бухоро сару кори худро гум кард. Дуюми сентябрь Бухоро аз вуҷуди нахси амир ва дарбориёни ӯ халос шуд.

Байрақи сурх ба болои Бухоро намоён гашт. Бухороиён бо рӯҳи инқилобӣ мутаҳассис шуда, дар муқобили хуни худ озодии худашонро таъмин намуданд.

Дар Бухоро ҳукумати шӯроии халқ барпо шуд. Бухоро озод гашт. Меҳнаткашони Бухоро аз зулми чандинсолаи амирон ва хусусан аз ваҳшати бениҳояти амир Олим халос шуданд ва зимоми ихтиёри худро ба қабзаи худ даровարданд. Амир Олим чанде дар Бухорои Шарқӣ гуреза шуда гашт. Аммо дар ниҳоят ба зарбаи аскарони сурх тобовар нашуда, ба Афғонистон гурехт. Босмачиёне, ки барои давом кунонидани ҳукумати амир қатлу ғорат мекарданд, ду-се соле меҳнаткашони хоки Бухороро азобу машаққат доданд, осудагии ононро халалдор намуданд. Вале аскари сурх ин балоро низ аз сари меҳнаткашони хоки Бухоро дур сохт. Бухорои озод аз босмачиён ҳам тоза гардид ва дар ҳама ҷои хоки Бухоро ҳукумати шӯроӣ таъсис шуд.

Як қисми бузурги хоки Бухоро имрӯз ба ҷумҳурияти Тоҷикистон дохил аст. Дар Бухорои Шарқӣ, дар канори хоки Бухоро, ки айни ҷои зулму ваҳшати ҳукумати амир буд, имрӯз ҳукумати шӯроӣ барпо шудааст. Меҳнаткашони тоҷик бо як фаъолияти фавқулодда машғули сохтмони социалистӣ мебошанд.

Дигар на аз амирон ва на аз ёдгорҳои амирон чизе боқӣ намондааст. Ба ҷои харобаҳо ва вайронаҳо имрӯз иморатҳои нав, мактабҳо, фабрика ва заводҳо бино мешаванд. Меҳнаткашони тоҷик аз мулло, аз бек, аз қушбегӣ ва қозӣ натарсида зиндагонӣ мекунанд ва самараи меҳнати худашонро худ мехӯранд.

## ПАХТАКОРӢ [47]

Рустам дар айёми баҳорон бесаришта нашуда кор мекард, зеро вай заминҳои пахтакории худро тирамоҳ ронда, пору андохта, тайёр карда монда буд. Ҳамин ки охири ҳут расида заминҳо пойбардор шуданд, барзаговонашро юғниходa ба хунук кардан даромад. Аввал як-ду пал заминҳои регомезро ронда, барои сабзакорӣ тайёр кард.

Пас аз он ғӯзапояҳои порсолаашро ронда, барои алафи юнучқа киштан ҳозир кард. То тамом кардани ин корҳо ҳамал даромад ва барзаговон ҳам пухта шуданд. Акнун мумкин буд, ки Рустам ба говонаш корҳои зӯр фармояд, бинобар ин алафпояҳои кӯҳнашударо ронда, инҳоро ҳам барои пахтакорӣ тайёр кард. Рустам афсӯс мехӯрд, ки чаро тирамоҳ ин алафпояҳоро ронда намондам. Агар тирамоҳ ронда мемондам, то ин вақт беххои юнучқа ба таги хок пӯсида қуввати заминро дучанд зиёд мекард. Рустам заминҳои ғӯзапояи порсолаашро дубора ронда, дар як рӯзи борон дар онҳо алафи юнучқа кишт. Вай ба писараш Наврӯз мегуфт: «Заминҳои пай дар пай кишта шуда беқувват гардидаро ба алафи юнучқа гардондан ва юнучқапояҳоро пахта киштан бисьёр муносиб аст». Акнун Рустам 8 таноб замини худро барои пахтакорӣ тайёр карда буд. То панҷуми савр ҳоло даҳ рӯзи дигар хаст. Бинобар ин ӯ дар ин фурсат пиёз, сабзӣ, кар-

тошка барин сабзаҳои хӯрокворнашро ҳам кишта гирифт. Дар 24-ӯми ҳамал Рустам сар карда барои як таноб замин пунбадона тар кард.

Дар 26-ӯми ҳамал ҷуфт баста, як таноб заминро пахта кишт. Ба ҳамин тариқа ҳар рӯз ба андозае ки дар як таноб замин расад, пунбадона тар мекард; то 3-ӯми савр ҳамаи заминҳои аввал киштааш неш зада баромад.

Пахтаи нав сарзада аҷаб намуде дошт. Гӯё баргаҳои зумуррадини замин бо офтоб сафед шуда дамида баромада буданд. Пунбадонаҳои нимкафида, ки бар сари баргаҳо меистоданд, намуди марвоқидҳои хокистариро доштанд.

Рустам, ки ин пахтаҳои навсабзи худро дид, монанди касе, ки фарзанди нав ба вуҷуд омадаи худро мебинад, аз шодӣ гул-гул шукуфт.

Лекин як ҳолат Рустамро қадре дар андеша андохт. Ин ҳолат аз ин иборат буд, ки буттаҳои пахтаи ҳама ҷо як зайл набаромада буданд, балки дар баъзе ҷо ғуҷум-ғуҷум бисьёр, дар ҷои дигар ягон-ягон холӣ баромада буданд. Рустам андеша мекард, ки бисьёр вақт даркор аст, то инҳоро ягона карда бароям, аммо ҷойҳои холӣ боз ҳам холӣ мемонад. Лекин ин андеша ба Рустам бисьёр дароз накашид. Гуфт: «бе меҳнат роҳат, бе ранҷ ганҷ муяссар нахоҳад шуд». Ба ҳамин тариқа, то 8 рӯзи дигар ҳама пахтаҳо аз замин сабзида баромаданд.

## КОЛХОЗ

Рустам барои коре як рӯз ба шаҳр мерафт. Дар роҳ майдони васеи пахтакориеро дид, ки ниҳолҳояш монанди ресмони борике қатор-қатор як радда баромада буданд. Миёни ҳар ниҳол аз ниҳоли дигар ба як масофати муайян ҷудоӣ дошта, ин масофатҳо ба тарзе ки бо раҷҷа кашида шуда бошанд, аз якдигарашон дарозу кӯтоҳ ва васеу танг набуданд.

Дигар ҳолати ин пахтазор, ки ҳаваси Рустамро овард, якзайл ва бо як меъёр расидани ниҳолҳояш буд. Ҳамаи ниҳолҳо сершох, хушқад, ғафс ва хушбарг

буда, дар баргҳояшон ҳам асари пажмурдагӣ ҳеҷ набуд.

Рустам, ки аз якзайл нарӯидани ниҳолҳои пахтаи худ андешаманд буд, чӣ навъ ва ба чӣ роҳ ба ин хубӣ расидани ин пахтапояро донистанӣ шуд ва хари худро аз роҳи шаҳр гардонда, бо роҳе, ки ба сари работи ин пахтазор мерафт, равона шуд ва пас аз даҳ дақиқа ба работ расид. Дар он ҷо дид, ки гурӯҳе аз деҳқонон чою нон хӯрда нишастаанд. Яке аз онҳо рӯзнома хонда ба дигарон фаҳмонда медиҳад.

Дар як тарафи работ дар таги айвоне калону хурд машинаҳои аҷибу ғарибн бисьёр истодаанд. Рустам ин ҳолро дида гумон кард, ки вай саҳв карда ба хонаи деҳқон наомада, балки ба устохона омадааст. Бинобар ин «соҳиби ин заминҳо куҷост?» гуфта аз нишастагони он ҷо пурсид. Яке аз онҳо «соҳиби заминҳо моем, чӣ кор дорӣ?» гуфта пурсид.

Пеш аз он ки Рустам муддаои худро баён кунад, яке аз онҳо бархоста хари Рустамро гирифт ва худи вайро ба сари дастурхон таклиф кард.

— Киштукори шумоёнро тамошо кардан мумкин аст ё не? — гуфта Рустам орзуи худро маълум кард.

— Чаро мумкин набошад, биё, бубин,— гуфта яке аз онҳо пеш даромад ва Рустамро ба сари заминҳо бурд.

## МАШИНАКОРӢ

Рустам пас аз тамошои киштзор боз омада ба давра нишаст.

— Шумо дар ин майдон чанд ҷуфт гов, чанд мардикор кор фармудетон? — гуфта пурсид.

Яке аз онҳо, ки ба дасташ рӯзнома буд, рӯзномаро ба замин монда, рӯи худро ба тарафи Рустам гардонд ва монанди муаллиме, ки ба шогирд дарс диҳад ё суханваре, ки дар маҷлисе нутқ гӯяд, авзои худро ҷиддитар карда гуфт:

— Бародар, маълум мешавад, ки ту на аз колхоз ва на аз тарзи кори он ҳеҷ хабаре надорӣ, бинобар ин ба гуфтаҳои ман хуб диққат кун. Ин киштзоре, ки ту тамошо карда омадӣ, қариб 150 таноб замин аст. Дар ин заминҳо мо 20 нафар коллектив шуда, яъне

якҷоя кор мекунем. Дар ин заминҳое, ки ту дидӣ, мо як ҷуфт ҳам гов кор нафармудем. Ҳамаи ин заминҳоро бо ин мошин (ба трактор ишорат карда) ронда мола задем. Як мошин кори 5—6 ҷуфт говро мекунад, ҳатто, агар мошинаҷиро зиёд кунӣ, зиёдтар ҳам кор мекунад. Заминҳоро аз амоҷ хубтар нарм мекунад ва чуқуртар мегардонад. Мо ба мардикор ҳеҷ муҳтоҷ намешавем, зеро ин замин, ки ба мо додаанд, мувофиқи қуввати худи мост. Агар қуввати мо камӣ мекард ҳам, мо мардикор намегирифтем, балки ба қадри даркорӣ шарик зиёд мекардем. Азбаски мо 20 нафарем, ҳеҷ гоҳ дасттанҳой намекашем. Корҳои зарурии таъхирнопазирро ҳама якҷоя ба кор даромада дар андак вақт тамом мекунем. Корҳои оддии гуногуни ҳаррӯзаро ба тартиби тақсими корҳо ҳар якеро ё ҳар як чандеро якеамон адо менамоем. Ман сабукии кори коллективиро ба ибораги равшантар ба ту фаҳмонам. Агар ҳамин 150 таноб замин, ки ҳозир мо бо коллективи 20-касӣ кор мекунем, дар миёнаи 20 нафар тақсим карда шавад, ба ҳар сари касе $7^{1}/_{2}$ таноб мерасад. Лекин як кас ба танҳой ҳеҷ гоҳ ба ин миқдор замин пахта кошта сариштa карда наметавонад, зеро агар ба об давад, хишова мемонад, агар ба пору давад, ҷуфтронӣ мемонад ва ҳоказо. Ночор маҷбур мешавад, ки мардикор гирад ва ба пул одам кор фармояд. Аммо мо як касро ба об ва каси дигарро барои пору ва ҳоказо муваккал карда, бештарини аъзои худро ба корҳои зӯр якҷоя кор мефармоем.

— Барои ин қадар замин поруро аз куҷо меёбед ва бо чанд хар ва кашша ё ароба порукашонӣ мекунед? — гуфта Рустам пурсид.

— Мо як сол боз порукашонӣ накардем. Танҳо ҳамон поруҳоеро, ки аз молҳои худи колхоз мерӯяд, ба заминҳо меандозем. Лекин ба ҷои поруҳои ҳайвонот поруҳои маъданӣ меандозем, ки инҳо ҳам зӯр ва ҳам барои ба замин андохтан ва пошидан сабуканд. Чунончи, як ҷувол поруи маъданӣ ба ҷои бист ҷувол поруи муқаррарӣ ба кор меравад.

Ба Рустам ҳамаи суханҳои гӯянда мақбул афтод, тартиби кори коллективиро ҳам хуш кард, лекин сир-

ри чизе, ки ба тамошои колхоз водошта буд, ҳанӯз ба вай номаълум буд. Бинобар ин Рустам пурсид:

— Хуб, ҳамаи инҳо бисьёр нағз! Лекин сирри як чизро ҳанӯз ман нафахмидаам. Сабаб чист, ки ниҳолҳои пахтаи шумо қатор-қатор як радда баромадаанд? Яке аз дигаре пасу пеш ва дуру наздик не, боз ҳам барра ва боқувватанд. Аммо пахтаҳои ман ғуҷум-ғуҷум мебароянд, пас аз ягона кардан ҳам он қадар ба тартиб намедароянд ва пояҳошон ҳам якзайл намерасанд: баъзе кӯтоҳ, баъзе дароз, баъзе ғафс, баъзе борик, баъзе шудани, баъзе ношуд, баъзе баавҷ, баъзе пажмурда.

— Сирри ин дар ин ҷост,— гуфта гӯянда мошинаҳои дар таги айвон истодаро нишон дод ва гуфт: — Мо ҳама корро бо мошин мекунем. Аввал тухмро бо мошини тухмтозакунӣ ва дорухо тоза мекунем. Дар миёнаи тухм як дона ҳам тухми бемор ва хомхашак намемонад. Бинобар ин ҳамаи тухмҳои мо кишта баробар мерӯяд ва дар миёнаи пояҳои пахтаи мо ягон дона ҳам ношуд ва пажмурда ёфт намешавад. Дуйӯм он ки, мо тухмро ба воситаи мошини кишт мепошем. Мошини кишт тухмро чунон ки раҷча зада бо даст дона-дона кишта бошанд, якзайл мекорад, бинобар ин ниҳолҳои пахтаи мо батартиб мебароянд.

## БОЗИҲОИ БАЧАГОН*

### БОЗИИ «ЧАШМБАНДАК»

Яке аз бозикунандагон чашми якеро бо рӯмолча мебандад. Ин дигаронро доштанӣ шуда, ба ҳар тараф мезавад. Дигарон оҳиста-оҳиста роҳ рафта мегурезанд.

Дар роҳи дастгиранда баъзе чизҳо афтад, ҳамаашон «оташ!» гуфта фарьёд мекашанд.

Дастгиранда киро ки дорад, чашми ҳамон бачаро мебандад ва худаш мисли дигарон мегурезад. Гоҳо дастгир шудагӣ шарт мекунад ва худро хурӯс ё курра сохта овоз мебарорад.

Дастгиранда агар аз овозаш шиносад, дастгиршуда шарманда мешавад, вагарна онро монда аз паи шикор меравад.

### ҲУШТУТБОЗӢ

Мо имрӯз ҳуштутбозӣ кардем. Аз рафиқонамон як нафарашро «доранда» таъин кардем. Мо аз вай мегурехтем. Вай аз паси мо медавид. Ҳар кас, ки ба даст афтад, вай «доранда» мешуд. «Дорандаи» аввал бо ҳамроҳии дигарон боз медавид.

Бозӣ ҳамин хел давом мекард.

* Ин сарлавҳа аз тарафи ҳайати таҳририя гузошта шуд.




Муқоваи китоби «Роҳи нав»,
ки дар он асарҳои С. Айнӣ чоп шудаанд

## БОЗИИ «ДУМ-ДУМАКОН»

Имрӯз пагоҳӣ то вақти дарс дум-думакон бозӣ кардем. Барноро сардор хостем. Дигарон ба ду гурӯҳ ҷудо шуданд, рӯ ба рӯи якдигар қатор саф кашидем. Сардор дар миёна даромад. Аз ҳар бача ҳар чизе ки рост омад, пурсид, вай бача ҷавоб надод, бачае ки дар рӯ ба рӯи он нишаста буд, ҷавоб дод. Сардор аз Истадҷон: «фардо ҳам бо мо бозӣ мекунӣ-мӣ?» гуфта пурсид. Истадҷон: «ҳо, бозӣ мекунам» гуфта ҷавоб дод. Ба вай ҷазо додем. Вайро хезонда рӯяшро чаппа гардонда мондем, ба мо як суруд хонда дод. Боз якчанд бача хато кард, ба ҳар кадоми инҳо ягон суруд ё бозӣ фармудем. Боз ба ҷои худашон нишаста ба бозӣ ҳамроҳ шуданд.

Як бор ин бозиро секаса ҳам бозӣ карда тавонистем. Пагоҳӣ дар ҳавлӣ бекор нанишинем гуфта маро сардор хостанд, дар миёна даромада нишастам. Ман аз Шоҳмурод пурсидам, ки:

— Дина ба бозор рафтӣ?

Фиредун ҷавоб дод, ки:

— Ха, рафтам!

Бори дигар аз Фиредун: «харбуза мехӯрӣ?» гуфта пурсидам, дар ҷавоб: «ҳо, мехӯрам» гуфт худи Фиредун. Вайро ҷазо додем. Ҷазо ин буд, ки ба як «зувв» ҳавлиро се бор давр зад.

## БОЗИИ «БАЧАҲОИ ОКТЯБРӢ»

Дар ин бозӣ аз 5 то 25 бача ҳамроҳӣ мекунанд. Бо аксарияти овоз аз миёни бачагон доранда хоста мешавад. Бачагони дигар ду-ду ҷӯра—ҷуфт шуда даст ба даст гирифта паси ҳамдигар қатор меистанд. Дар пеши қатор 10 қадам дуртар аз вай ба дарозии ду тир як хат мекашанд. Пас аз он ҳама бачагон ба як овоз:

— Мана гиреду қанд хӯред! — гӯён дасти ҳамдигарро сар дода ба ду тарафи хат нигоҳ карда медаванд. Ҳар кадом аз ҷӯраҳо кӯшиш мекунанд, ки бо ҷӯраи худ аз паҳлуи хат баробар гузашта боз дасти ҷӯраи худро гиранд. Доранда кӯшиш мекунад, ки ҳар кадоми инҳоро ба гирифтани ҷӯраи худ намонад ва

дастгир кунад. Ҳар кадом аз ҷӯраҳо, ки ба дасти доранда афтад, вай доранда мешавад. Дорандаи аввал бо ҷӯраи вай ҷӯра мегардад.

## БОЗИИ «ГИР-ГИРАКОН»

Дар ин бозӣ аз 10 то 40 нафар иштирок мекунанд. Ҷои бозӣ майдонча ва ё золи калонест. Дар миёна доирае кашида мешавад. Дорандаи хосташуда дар миёнаи доира меистад, бозигарон дар беруни доира ҷой мегиранд. Бо шумораи «як-ду» бозигарон ба миёнаи доира медароянд ва бо тезӣ паснокӣ бозмегарданд ва гурехта аз доира мебароянд.

Дар ин вақт доранда аз миёна набаромада бозигаронро ба зада гирифтан мекӯшад. Агар яке зада шавад, задашуда ёрирасони доранда ҳисоб меёбад ва барои даст гирифтани дигарон ёрӣ мерасонад. Бозӣ то вақте ки ҳамаи бозигарон доранда шуда ба даруни доира даромада тамом мешаванд, дароз мекашад. Аз доира беруи баромадани дорандагон дуруст нест.

Агар дар вақте ки як пои бозигар бар даруни доира аст, зада шавад, дастгир шудагӣ ҳисоб меёбад. Агар дар беруни доира зада шавад, халосшуда ба шумор меравад.

## «ҶАВ ЧАНД МАН»-БОЗӢ КАРДЕМ

Имрӯз ҳаво соф буд. Баъди озодӣ дар боғчаи мактаб рӯи сабза ва майсаҳо ғун шудем. Ҷӯраҳомон ман ва Қобилро сардор хостанд. Мо ду сардор як ҷо нишастем. Дигарон чуфт-ҷуфт ёр даромаданд. Ба худашон рустӣ ном монда омада, аз моҳо пурсиданд, ки:

— Ба кӣ кӯрпа, ба кӣ лӯла?
— Ба кӣ палав, ба кӣ шӯла?
— Ба кӣ табар, ба кӣ теша?
— Ба кӣ дарахт, ба кӣ реша?

Мо кадом яке аз инҳоро ки хостем, гуфта, бачаҳоро гирифтем.

Бачаҳоро дар ду тарафи боғ рӯи сабза қатор шинондем. Мо худ дар миёна лангар зада истодем. Ба якдигар пинҳонӣ маслиҳат карда гуфтем:

— Чавро чанд ман гӯем, бехтар аст? Понздах ман, бист ман, бисту панч ман?

Охир ба дах ман карор додем. Баъд хар яке аз мохо ба гурӯхи худ навбат ба навбат нигох карда гуфтем:

— Ёрон, ёрони мо!

Онхо чавоб доданд, ки:

— Дака дар миёни мо!

Пурсидем:

— Чав чанд ман аст?

Онхо гуфта-гуфта охир шумораи мо пинхон кардаро ёфтанд ва мо онхоро бардошта гирдогирди рӯи хавлиро як давр задем. Дафъаи дигар онхо чанд ман будани чавро мукаррар карда пинхон карданд, ин дафъа мо ёфтем ва онхо хам моро бардошта давр заданд.

## ГАЧАБОЗӢ

Дирӯз мо дар мактаб гачабозӣ кардем. Бачагони синф хамагӣ давра шуда, пахлу ба пахлуи якдигар часпида рост истоданд. Сардори синф дар миёнчои давра даромада ба дасти як бача дона барин як сангчаро дод, пас аз он,— дастхо боло! — гуфта фармон дод. Хамаи бачахо дастхошонро ба болои сарашон рост бардоштанд. Боз сардор: «дастхо ба пеш!» гуфта фармон дод, хамаи бачахо — як! ду! гӯён аввал дастхошонро ба пахлуяшон партофтанд, пас аз он ба пуштхошон гардонданд.

Сардор: «гача дар дасти кист?» гуфта пурсид. Бачагон хамагӣ якбора:

«Гача дар дасти ман аст, ба кадом дасти ман аст?» гуфтанд. Дар ин миён сангчаи сардор, ки вайро гача меномиданд, даст ба даст гузашта, ба дасти бачагон мегашт ва сардор намедонист, ки ба дасти кист.

Сардор гумон кард, ки гача ба дасти Хотам аст ва ба вай «гача дар дасти ту аст!» гуфт. Хотам дастхояшро пеш оварда нишон дод, ки холӣ аст ва гача дар дасти вай нест. Сардор бори дигар аз Наврӯз гачаро талаб кард. Дарвокеъ гача дар дасти Наврӯз буд. Вай мехост, ки гачаро ба Шодмон, ки дар пахлуяш истода буд, гузаронад ва дастхояшро холӣ карда пеш

орад, ғачаро ғалтонд. Наврӯзро аз бозӣ бароварда ба миёнаи давра даровардем.

Оқибат сардор ғачаро аз дасти Ҳомид ёфт.

Ҳомидро сардор карда, бозиро аз нав сар кардем ва сардори аввал ба ҷои Ҳомид дар қатори давра истодагон даромад.

Ба ҳамин тариқа чанд бача сангчаро ғалтонда аз бозӣ баромад ва чанд бачаи дигар бо сангча ба даст афтода сардор шуд.

Ин бозӣ қариб як соат дароз кашид, лекин ба дили ҳеҷ кас намезад.

## ДУОХОНӢ*

Толибҷонро таб гирифта буд. Модараш ӯро ба назди дуохон бурд. Дуохон гуфт, ки ба Толибҷон чашми зани ҳамсоя расидааст. Модари Толибҷон ин гапро бовар карда, бо ҳамсоязан ҷанг кард ва ногап шуд. Дуохон «ман Толибҷонро сиҳат мекунам» гуфта, ба вай ҳар рӯз дуо хонда, ба чаҳор тарафаш дам меандохт ва ба як коғаз ҳам андак хокае андохта дода буд, ки ба вай бихӯронанд.

Модари Толибҷон ба дуохон бирinҷ, тухми мурғ ва равған бурда дод. Аммо Толибҷон сиҳат нашуд, рӯз аз рӯз хароботар шуда, рангаш ҳам заб-зард шуда монд.

Ҳаммактабони Толибҷон ин корҳоро омада ба муаллим хабар доданд. Муаллим Толибҷонро чеғ зада, аз доктор гина-гина гирифта ба вай дод. Толибҷон ҳар рӯз омада аз муаллим гина-гина гирифта мехӯрд. Таби Толибҷон тамом шуд. Вай сиҳат шуда, пештара барин чолоқ шуда монд.

Бачаҳои мактаб ба хонаи Толибҷон омада, гинагина хӯрдани вайро ба модараш гуфта доданд. Модараш аз сиҳат шудани Толибҷон хурсанд шуд. Аммо аз тарафи дигар дилаш ба чизҳои ба дуохон додагиаш сӯхта бисьёр хафа шуд.

Пагоҳӣ писарашро гирифта ба пеши муаллим рафт. Ва аз вай миннатдорӣ кард. Муаллим ба вай гуфт, ки:

— Хафа нашав, аз ин ҳам бадтар шуданаш мумкин буд. Дуохон баъзе вақтҳо чунон алаф ва доруҳое медиҳад, ки онҳо ба ҷои сиҳат кардан касалро мекушанд.

Муаллим занро ба шӯрои қишлоқ фиристод.

Он зан ба шӯро рафта арз кард. Шӯро ҳама чизҳои дуохони гирифтагиро аз вай гирифта ба худи он зан дод. Аз дуохон дастхат гирифт, ки баъд аз ин ин хел фиребгариҳо накунад.

## ДЕҲҚОНИ ЯККА[16]

Рустам деҳқони якка буд, вай ба далолати яке аз батракони қишлоқ ба колхоз даромаданӣ шуда бошад ҳам, ҳамсояаш манъ кард: «Ҳамаи ҳосил ба анбори колхоз меравад, ту ду даст дар бинӣ мемонӣ» гуфта игво кард. Ҳамсояи Рустам чорбозоргарди аз ҳуқуқ маҳруми судхӯр буд. Ба Рустам аз болои ҳосил як миқдор пул ҳам дод. Рустам ба кор даромад, ҳарчанд писараш хурдсол бошад ҳам, вайро дар паҳлуи худ гирифт. Вай ба падараш дастьёрӣ карда аз хондан монд. Рустам ҷуфт мебаст, писараш кундакча мечид. Рустам дандона мебаст, писараш ба дандона савор мешуд. Ба ҳамин тариқ падару писар зӯр мезаданд.

Бо ин ҳама меҳнат Рустам ба зӯр чаҳор таноб пахта кишта тавонист. Як миқдор заминаш нокишта монд. Сабзӣ, пиёз, картошка барин сабзавотро ҳеҷ кишта натавонист. Ҳатто алафҳои юнучқаашро ҳам об дода натавонист.

Пахтаҳои Рустам сабзида баромад, лекин ҳеҷ авҷ карда намерафт, зеро кампору буд. Поруи маъданиро бошад ҳеҷ надида буд.

Рустам пахтаҳои худро дуруст хишовaву каландгардонӣ ҳам карда натавонист, зеро то тамом шудани хишовaи як замин вақти кори замини дигар мегузашт.

Тирамоҳ заминҳои Рустам ҳосилро кам доданд. Ҳатто Рустам шартномаи худро ҳам пур карда натавонист.

Пули нақдеро, ки Рустам ба бадали пахта аз кооперация гирифта буд, ба қарзаш ҳисоб карда ба ҳамсояи худаш дод.

Рустам як тобистон кор карда ду даст дар биний монд.

## ДЕҲҚОНИ КОЛХОЗЧӢ

Соли дигар Рустам ба колхоз даромад. Дар колхоз ҳама чиз тайёр буд: барои кишт — тухми хуб, барои заминронӣ — машина — трактор, ба чои пору — доруҳои замин зӯркунанда.

Ба колхозчиён дӯкони кооперация ҳам яла карда буданд. Ҳар кас аз болои кори кардагиаш чизҳои даркориашро гирифта метавонист.

Дар колхоз ҳама корро ба одамҳо тақсим карда буданд: гурӯҳе замин меронданд, гурӯҳе ҷӯй мекофтанд, гурӯҳе хишова мекарданд, гурӯҳе сабзакорӣ менамуданд.

Рустам деҳқони зираке буд. Дар андак вақт тракторрониро ёд гирифт. Рӯзе 8 соат кор мекард. Вақти дигарашро ба хондан сарф карда савод баровард.

Рустам то тирамоҳ ягон рӯз бекор намонда кор кард. Саводашро ҳам баровард.

Вақте ки дар тирамоҳ ҳосилро мувофиқи меҳнат тақсим карданд, Рустам соҳиби хеле пулу чизу чора шуд.

Имсол барои Рустам ҳама чизи зимистонӣ тайёр буд. Писараш ҳам аз мактаб намонда ба синфи дуюм гузашта буд.

## ДАР ЗАМОНИ АМИР[51]

Салим ном марди камбағале буд. Як зан, як бача ва як молар дошт. Ду таноб замин дошт, ки рӯзгузарони ҳамаашон аз хосили ҳамин ду таноб буд. Як рӯз вақти гармии ҳаво Салим дос бардошта ба замини алафи худ рафт, ки каме алаф даравида ба бозор бурда бифурӯшад. Дид, ки гӯсфандони ҳамсоя ба замини ӯ даромада алафҳоро мехӯранд. Салим сангеро бардошт ва ба сӯи гӯсфандон ҳаво дод, ки бигурезанд. Санг ба пои як гӯсфанд расида, онро лангонид. Гӯсфандон гурехта ба хона омаданд. Соҳиби гӯсфандон дид, ки як гӯсфандаш мелангад. Беруи баромада пурсид. Бачаҳои деҳа гуфтанд, ки «Салим зад». Мӯйсафедон ва игвогарон игво карданд. Соҳиби гӯсфанд ба қозии шариат рафта аз Салим додхоҳӣ кард. Қозӣ барои таҳқиқ як мулозим дод. Фардо ки ҳокими шаҳр ин ҳодисаро шунид, ӯ ҳам барои таҳқиқ як одам фиристод. Раис ва миршаби шаҳр ҳам шунида, ҳар яке як одаме фиристоданд. Даъво бузург ва ҷанҷол калон шуд. Ҳар рӯз Салим ва ҳамсояшро аз деҳа ба шаҳр меоварданд. Дар шаҳр аз қозӣ ба ҳоким, аз ҳоким ба раис, аз раис ба миршаб мекашониданд. Барои харочоти одамони чор ҳоким ва харҷи роҳ ва хӯроки оқсаққолон ва игвогарон аз Салим ва ҳамсояш пул мегирифтанд.

Соҳиби гӯсфанд донист, ки чӣ беақлӣ кардааст. Пушаймон шуда, ба ҳоким ва қозӣ гуфт, ки:

— Ман аз гуноҳи ин одам гузаштам, дигар даъвое надорам.

Аммо қозӣ ва ҳоким, одамони онҳо, арбоб ва оқсаққолон, ки ғӯлабурон[52] ба шумор мерафтанд, корро кашол мекарданд ва барои бисьёртар рӯёндани харочотпулӣ ва хидматона роҳҳо ва тадбирҳо меандешиданд. Оқибат барои мӯҳронаи қозӣ ва хидматонаи одамони чор ҳоким ва барои харочотпулии игвогарон Салим як таноб замини худро фурӯхта дод, ҳамсоя низ ду гӯсфанд ва як хари худро фурӯхт.

Дар замони амир қозихонаҳо ва амалдорони амир меҳнаткашонро ҳамин хел тороҷ мекарданд.

## ҲИЛАГАРИИ АҲМАДБОЙ

Деҳқонони ҷудогонаи қишлоқи Соктаре ғун шуда колхоз ташкил доданд. Батрак ва камбағалон як шуда дар ин колхоз ба кор баромаданд.

Аҳмадбой, ки то ҳол батраконро дар замини худ кор кунонида, ва меҳнати онон фоидабардор шуда меомад, аз ин ҳол хурсанд нашуд. Чаро ки вай худаш танҳо кор карда наметавонист. Бинобар ин ба назди раиси колхоз, ки рафиқ Ҳасанов мебошад, омада:

— Рафиқ, худатон медонед, ки ман як деҳқони ранҷбар ҳастам, худам дар замини худ кор карда зиндагиамро як навъ мегузаронидам. Акнун хато карда маро ба қатори муштзӯрон гузаронида аз ҳуқуқ маҳрум карданд ва ба колхоз қабул намекунанд. Шумо ба инҳо дуруст набудани ин корро фаҳмонед,— гуфта зорӣ ва тавалло кард.

Деҳқонове, ки дар ин ҷо нишаста буданд, ин гапро шунида хандаро сар карданд. Яке аз аъзоёни колхоз Ёдгор, ки чанд сол ба Аҳмадбой чорьяккор шуда кор карда буд, ба вай нигоҳ карда гуфт, ки:

— Бой ака, шарм кунед. «Ман хайрхоҳи камбағалон будам, худам ҳам як деҳқони ранҷбар мебошам» гуфта дурӯғ нагӯед. Ман худам ба шумо ҳашт сол кор кардам, гарму хунук нагуфта меҳнатҳо намудам. Охир ҳам ба ман ҳаққи даркориро надода, ма-

ро як миқдор қарздор ҳам карда аз дари хонаатон рондед.

Аҳмадбой ин гапҳоро шунида сурх шуд, вале боз ҳам шарм надошта:

— Ёдгор, ба ту ин хел намакҳаромӣ кардан ва дурӯғ гуфтан дуруст нест, мо-ку бо ту шарик шуда кор мекардем,— гуфта худашро мудофиа карданӣ шуд. Аммо аъзоёни колхоз ба гапҳои вай гӯш накарда, ӯро аз миёни худашон бароварда фиристоданд.

Яке аз аъзоён хандида гуфт, ки:

— Бой ака, то ҳол моҳоро кор кунонида худатон ба осудагӣ зиндагонӣ мекардед, аз меҳнати мо нон мехӯрдед, дар сояи меҳнати мо соҳиби давлат шудед. Акнун ки моҳо бедор шуда, кӣ будани шуморо фаҳмидаем, бо ин хел гапҳо моро фиреб дода, боз ба гардани мо савор шудан мехоҳед. Ин хаёлро аз саратон дур кунед.



Намуди ҳозираи ҳуҷрае ки
С. Айниро аз ин ҷо ба зиндон бурдаанд

## НЕСТ БОД ҲАЛЛОЧӢ

Дар ёдам ҳаст: се сол пеш падарам ба се таноб замин пахта кишта буд. Дар фасли тирамоҳ, ки пахта кушода шуд, як бор чидем, дар ҷуволҳо андохта мондем. Дар сари зимистон пахтаамонро фурӯхтем, камтарашро барои худ нигоҳ доштем. Модарам барои пӯшоки мо ба пахта тоза кардан сар кард. Барои тоза кардани пахта аз пунбадона (чигит) ҳаллочӣ харидем.

Аз ҳаллочӣ пахта гузарондан, ки «ҳаллочӣ кардан» номида мешавад, бағоят душвор аст. Барои ҷудо кардани пунбадона аз пахта хушк будани пахта шарт аст. Агар пахта тар бошад, аз ҳаллочӣ нагузашта, печ хӯрда часпида мемонад. Агар пахтаро аз ҳаллочӣ гузарондани шаванд, аз пахта кам-кам ба даст гирифта, ба даҳони ҳаллочӣ дода, хӯронда меистанд. Баъзе одамҳо аз душвории ҳаллочӣ гурехта, бо дастатон аз пахта пунбадонаро ҷудо мекунанд. Ин кор ҳам монанди касе, ки аз барф гурехта ба борон дучор мешавад, бар онҳо азобест сахттар аз аввала.

Имсол, ки мо ба артель даромада будем, ҳамаи ҳосили пахтаро бурда ба завод супурдем ва аз завод дар бораи супурдани пахта хат гирифтем. Ба мо аз рӯи ҳамон хат аз кооператив газвори даркориро доданд ва модарам аз азобҳои порсола халос шуд.

Барои ҳамин ҳозир пахтаро дар хона тоза накарда, ӯро ба ширкатҳо супурдан даркор аст. Дар бадали пахта аз ҳукумат газвори тайёр гирифтан осонтар аст.

## ЧЎПОН

Аз паси рамаи колхоз як нафар одами ба чанг ғарқшуда ва дар офтоб танаш сўхтае мерафт. Ин чўпони колхоз Едгор, бадани ў бараҳна буд. Фақат як эзори дар офтоб рангаш паридаи ямокӣ дошт. Дар дасти чапаш як калтаки калонеро гирифта буд. Онро бар болои рама чавлон медод.

Рамаи саркашро сокит мекард ва онҳо тўб шуда боз ба роҳ давом мекарданд.

Аз шонаи Едгор як халтаи кўҳнае овехта шудааст, дар он нон ҳаст. Аз болои нефааш миёнбанде баста, ба он ҳам як дўлчае гузарондааст, сараш ҳам луч аст.

Замоне, ки рамаи Едгор аз кўчаҳои танги қишлоқ мегузарад, овози «ишши бош, бош»-и он тамоми кўчаро фаро мегирад.

Ва баъд аз ин тамоми кўчаро чанг мегирад.

Дар пешо-пеши рама бузи калони серка[33] риши майдаи худашро чунбонида меравад ва дар пеш бурдани рама ба Едгор ёрмандӣ медиҳад. Серка ба ҳеч як гўсфанд иҷозат намедиҳад, ки аз ў пештар дарояд. Ҳар гўсфанде, ки аз ў пеш равад ё аз даруни рама баромада монад, ҷазои ўро бо шохҳои кунгурадори худаш медиҳад.

Ермандчии калон ва дастьёри бузурги Едгор саги хушьёри ўст, ки номаш Шергир аст. Шергир ҳам мо-

нанди Ёдгор вазифаеро, ки колхоз ба он супурдааст, ҳушьёрона бачо меорад.

Колхозчиён қадри Ёдгорро медонанд.

Раиси колхоз аз шаҳр баргашта омад ва инчунин хабар овард, ки дар район барои чӯпонҳо курс яла мешавад. Колхозчиён қарор доданд, ки Ёдгорро ба он курс фиристонанд.

Колхозчиён гуфтанд, ки:

— Мон, Ёдгор рафта хонад, то ки чӯпони мо ҳам хонда ва доно шавад!

## ДОНИШ ВА ДИН

Соли гузашта дар боғҳои қишлоқи мо ҷонварони зарарнок пайдо шуданд. Ҳамсояи мо Қайюм ба назди домуллоимом рафта аз ӯ дар ин бора ёрӣ талаб кард. Домуллоимом омада дар боғи Қайюм як қадар гиёҳи балбӯйро сӯзонда дуд дод ва баъд якчанд тӯмор навишта ба дарахтҳо овехт.

Аммо Одил ба назди домуллоимом нарафт. Ӯ ба худо бовар намекард ва ҳама муллоҳоро фиребгар ҳисоб мекард. Одил ба назди агроном рафта дар ин бора аз ӯ маслиҳат пурсид. Агроном ба вай доруи олтингӯгирд дода, фармуд, ки ӯро сӯзонда токҳои боғашро дуд диҳад ва дарахтҳоро бо латта печонда банд дад. Одил ин корҳоро ба ҷо овард, токҳо аз зарари ҷонварон хотирҷамъ шуданд. Кирмҳоеро ҳам, ки ба болои латтаҳо мебаромаданд, Одил худаш ва бачаҳояш гирифта нобуд мекарданд.

Домуллоимом аз ин кори Одил бисьёр дар хашм шуда гуфта буд, ки худо ҷазои Одилро медиҳад, вай «худо нест» гуфтааст. Худо хоҳад, тамоми ҳосилаш нобуд мешавад.

Дар охири тобистон тамоми меваҳои боғи Қайюм хушк шуда аз шох рехтанд ва ғӯзаҳо ҳам дар болои ғӯзапоя пӯсида хушк шуданд.

Ба токҳои Одил бошад ҳеҷ зарар нарасид, меваҳои дарахтонаш ҳам чандон зарар надид.

## ДЕҲАИ ПАРИЁН

Барои колхоз дар наздикии қишлоқ хонаҳо андохтанӣ шуданд. Салим аз шаҳр барои ин кор ба колхоз омад. Дар атрофи қишлоқ як ҷои сероб ва хушҳаворо интихоб карданд. Вақте ки дар маҷлис колхозчиён дар ин масъала гап мезаданд, баъзе аз онҳо ба ҷои таъин шудагӣ розӣ нашуданд.

Салим сабабашро пурсид. Як нафар аз мӯйсафедон гуфт, ки:

— Он ҷоро деҳаи Париён мегӯянд. Дар ин ҷо ҳар касе, ки биёяд, дар чанд моҳ бо тамоми хонаводаи худ бемор мешавад. Чанде аз онҳо мемиранд, чанде боқимондагон кӯчида мераванд.

Салим пурсид, ки:

— Ин беморӣ чӣ ном дорад?

Мӯйсафедон ҷавоб доданд, ки:

— Табларза (вараҷа).

Салим пурсид:

— Чаро онҳо бемор мешаванд?

Як нафар аз мӯйсафедон ҷавоб дод, ки:

— Дар ин деҳа париён ҳастанд. Онҳо намехоҳанд, ки одамон дар ин ҷо бисьёр бошанд. Бинобар он ҳар кас омад, зуд бемораш мекунанд.

Салим аввал бисьёр ҳайрон шуд. Баъд бо баъзе аъзоёни фирқа ва комсомол ва фаъолони колхоз гап

зад. Маълум шуд, ки он тарафҳо замини шоликорӣ аст. Бисёртар дар он ҷо муштзӯрон шоликорӣ мекунанд. Дар атрофи шоликорӣ бисёр заҳкашхо пайдо шудааст. Заминаш чим-чид [?] ва дар ҳар тарафаш най баромадааст.

Салим сирри ниҳониро дарьёфт. Фаҳмид, ки паріёни одамкуш ҳамон ҷонваропе ҳастанд, ки дар он заҳкаш парвариш ёфта, аҳолии он ҷоҳоро ба касалии табу варача гирифтор мекунанд.

Муштзӯр ва муллоён бошанд аз барои манфиати худашон деҳқононро бо парӣ ва ҷин фиреб медиҳанд.

Колхозчиён бо кӯшиши Салим ва дигар фаъолони қишлоқ якчанд бригадаҳо ташкил карда, барои хушк кардани ин заҳкаш мусобиқа эълон карданд.

—Дар миёни 8—10 рӯз аз тале, ки дар наздикии заҳкаш ҳаст, хок кашонда, онро пур карданд.

Шӯрои қишлоқ ҳам қарор баровард, ки минбаъд дар он ҷоҳо шолӣ корида нашавад.

Колхоз ба иморат сар кард. Як иморати калон ва хубе андохта шуд. Ҳама кӯчида омаданд. Ҳоло қариб як сол аст, ки колхозчиён дар он ҷо зиндагонӣ мекунанд. Ҳеҷ кас касал нашудааст, балки аҳволашон хуб ва саломатиашон дар ҷояш мебошад.

## КОРЧАЛЛОНИ ПЕШТАРА[14]

Ашӯрбой соли гузашта ба коллективонӣ муқобил баромада буд, вай бисьёртар дар миёни деҳқонони миёнаҳол ва камбағал ба муқобили колхоз игвогарӣ мекард.

— Ҳозир,— мегуфт Ашӯрбой ба миёнаҳолон,— шумо мувофиқи ҳоли худ замин доред, ҷуфти гов ва асбоби деҳқонӣ доред. Ҳар ҳосиле, ки мегиред, аз они худатон аст, мехоҳед — мефурӯшед ва мехоҳед — анбор мекунед. Агар ба колхоз дароед, шумо бечиз шуда мемонед, ҳама асбоби шумо аз дастатон меравад, ҳосилро бошад ҳукумат мегирад, замин ки бесоҳиб шуд, ҳеҷ кас аз таҳи дил кор намекунад, дар колхоз коркардагон ва нокардагон баробаранд...

Бо ҳамин игвоҳои Ашӯрбой порсол бисьёр миёнаҳолон ба колхоз надаромада монданд ва баъзе даромадагиҳо ҳам баромаданд.

Ашӯрбой дар миёни камбағалон ҳам кор мекард, ба муқобили колхоз ба гӯши онҳо ҳам афсонаҳо мехонд.

Ашӯрбой дар замони қадим ҳам деҳқонӣ, ҳам судхӯрӣ ва ҳам чорбозоргардӣ мекард, мулку асбоби бисьёре ҷамъ карда буд. Дар солҳои 1923—1925, ки бозор ёла, бавач ва ҳаинотӣ дар ривоҷ буд, Ашӯрбой боз давлатмандтар шуд. Бештарини камбағалони

кишлоқ аз вай қарздор шуда, қаймоқи хосилашонро ба вай медоданд, ё ба вай чорьяккорӣ карда, гоҳ сер бошанд, гоҳ гурусна рӯз мегузарониданд. Бештарини батракони қишлоқ ҳам ба вай ятимӣ ва мардикорӣ мекарданд.

Дар замониислоҳоти замин як қисми замин ва асбоби деҳқонии Ашӯрбой гирифта шуда, ба камбағалон ва ятимони худаш дода шуд. Он солҳо кооперативҳо зиёд шуда, дар чорбозоргардӣ ҳам барака намонда буд.

Ашӯрбой ҳам «замона бо ту насозад, ту бо замона бисоз» гӯён чорбозоргардиро тарк кард, ҷомаи кӯҳнаро пӯшида гирифт, каландро ба китф бардошта ба кори деҳқонӣ даромад. Як қисми заминҳояшро, ки мувофиқи норма ба худаш дода буданд, ба кишткор кардан сар кард. Лекин Ашӯрбой панҷ каланд занад, даҳ дақиқа дам мегирифт, дасташ қубла мекард.

Ашӯрбой дар замонҳои пеш хеле бадхулқи сахтмуомила бошад ҳам, пас аз ислоҳоти замин одами хеле сарпаст ва хушмуомила шуда монда буд. Вай ҳамеша бо камбағалон ва батракое, ки замини худашро гирифта буданд, сӯҳбат мекард, ҳамеша ба онҳо муомилаи хуб мекард. Ба онҳо мегуфт:

— Давлати дунё ба дунё мемонад, ман ни кэдар заминро ба гӯри худ намебурдам, ман ба қонуни ҳукумат итоат мекунам, заминҳоеро, ки ҳукумат аз ман гирифта ба шумо додааст, ман аз таги дил ба шумо бахшидам, лекин шумо ҳам аз рӯи одамгарӣ ба ман ёрӣ диҳед ва ба корҳои деҳқонии ман ёрмандӣ расонед. Аз ваҷҳи тухм ва дигар чизҳо камбудии шуморо боз ман пур карда метавонам.

Камбағалон ва батракое, ки аз одатҳои кӯҳна ва аз таъсири бойҳо ҳанӯз дуруст халос нашуда буданд, ба гапҳои мулоими Ашӯрбой фирефта шуданд, ҳамеша аз вай тухм ва пул қарз мегирифтанд, дар вақти ҳосилбардорӣ яке бар се карда қарзи худро ба Ашӯрбой медоданд. Ба болои ин ҷуфти Ашӯрбойро инҳо мебастанд, замини ӯро инҳо кишта медоданд, хишовани вайро инҳо мекарданд. Худи Ашӯрбой бошад як



Арки Бухоро

каландчаи мунчаро ба даст гирифта, бо чомаҳои дарида дар қатори камбағалон гӯё ки кор мекард. Аммо дар ҳақиқат вай як каланди дуруст ҳам зада наметавонист. Лекин дар муддати як-ду сол боз тамоми шираи қишлоқро ба хонаи худ кашид. Дар хона ва анбори Ашӯрбой ҳар чиз ёфт мешуд. Ба камбағалон чой даркор мешуд — Ашӯрбой медод, қанд даркор аст — Ашӯрбой медод, газвор, орд, гандум...— ҳамаро Ашӯрбой медод ва бадалашро яке бар ду карда дар вақти ҳосил мегирифт. Аммо дар зоҳир вай чорбозоргардӣ намекард, вай имрӯзҳо «деҳқони меҳнаткаш» шуда буд.

* * *

Солҳо гузашт, муштзӯроне, ки замин ва асбобҳояшон дар ислоҳоти замин аз даст рафта буд, боз қад рост карданд. Аммо аз ҳама зиёдтар Ашӯрбой сарват ҷамъ карда буд. Як зиёдатии Ашӯрбой аз дигар муштзӯрон ин буд, ки муштзӯрии худро тамоман аз хотирҳо фаромӯш кунонида буд, деҳқонони меҳнаткаши қишлоқ Ашӯрбойро яке аз худҳошон медонистанд: раиси шӯрои қишлоқ бошад як шахсе буд, ки дар вақти интихобот бо пешниҳоди Ашӯрбой раис шуда буд, вай ҳам барои ошкор кардани рози пинҳонии Ашӯрбой кӯшиш намекард.

Роҳбарони район бошанд Ашӯрбойро намешинохтанд. Ҳамин тарз шуда Ашӯрбой ба даврам коллективонӣ расид.

Акнун марги Ашӯрбой омада буд: агар деҳқонон ҳамагӣ коллектив шаванд, роҳи муфтхӯрӣ ба Ашӯрбой баста мешуд. Сабаб ҳамин, ки Ашӯрбой соли гузашта ба гӯши деҳқонони миёнаҳол ва камбағал хонда, бештарини онҳоро аз даромадан ба колхоз боздошт, як қисми колхозчиёнро иғво карда аз колхоз бароваронид.

Соли гузашта, кам ҳам бошад, хубии колхоз ба деҳқонон маълум шуд, колхозчиён аз ҳукумат ҳар гуна ёрмандиҳо гирифтанд, тухмҳошонро ҳукумат хел-хел намуда сара карда дод. Аз тарафи станцияи трактор заминҳои колхоз шудгор ва кишт мешуд, дар бадали ин станция аз колхоз бисьёр кам музд меги-

рифт. Чою қанд, газвор ва дигар молҳои саноатӣ ба дӯкони кооперативи колхоз тайёр буд.

Ин ҳол ҳамаи деҳқононро ба тарафи колхоз кашид, ҳама ба ихтиёри худ ба колхоз даромаданд.

* * *

Ашӯрбой як одами пурдидаи тезфаҳми дақиқашинос[33] ҳушьёр буд. Вай аҳволро зуд месанҷид. Ӯ дид, ки агар аз колхоз берун монад, аҷаб нест, ки ба саҳтиҳои бисьёр дучор шавад. Вай ҳам ба қатори дигарон ба колхоз даромад. Лекин кори колхоз ба вай ҳеҷ чӯт намедод. Аввал он ки, вай кор карда наметавонист, дар колхоз бошад ҳар кас мувофиқи кори худ музд ва ҳосил мегирифт. Дуйӯм он ки, Ашӯрбой ба ҷамъ кардани ҳосили меҳнати дигарон одат карда буд. Дар колхоз бошад роҳи ҳар гуна муфтхӯрӣ ва барои худ молгундорӣ баста буд.

Ашӯрбой дар ин фикр афтод, ки колхозро аз дарун вайрон кунад ва молу мулки колхозро барбод диҳад. Вай пеш аз он ки ҳайвоноти корӣ умумӣ шавад, ягон-ягон ҳайвоноти худро пинҳонӣ кушт, гӯштеро, ки аз хӯрданаш зиёдатӣ карда бӯй мегирифт, як гӯшаи ҳавлиашро чуқур канда гӯр мекард. Дигар аъзоёни колхозро ҳам дар гӯша-канорҳо дида, ба куштани ҳайвонот далолат мекард. Вай мегуфт:

— Мол аз хона рафт — аз даст рафт, вақте ки гови ману ту аз хонаамон баромада ба молхонаи умумии колхоз рафт, дигар мо ба вай даст расонда наметавонем, он беҳ ки ҳайвонотро кушта, як бор ҳам бошад, шиками худро сер карда монем.

Игвоҳои Ашӯрбой бе асар нарафт. Хеле аз колхозчиён ҳайвоноти кории худро пинҳонӣ куштанд, ё ки ба қассобон фурӯхтанд.

Ашӯрбой ба интизоми меҳнат ҳам халал мерасонид, аъзоҳои танбалтари колхозро ёфта, ба кор накардан ё ки ба кам кор кардан далолат мекард.

— Колхоз як хоҷагии бесоҳиб аст, кӣ фарқ мекунад, ки кӣ кор кард ва кӣ кор накард, беҳуда худро азоб надеҳ...— мегуфт.

* * *

Имсол иттифоқи камбағалони қишлоқ тоза карда шуд, дар раҳбарии иттифоқ камбағалон ва батраконе, ки ба таъсири боён ва иғвогарон ҳеҷ хода намешуданд, гузаштанд. Иттифоқи камбағалон рўйхати аъзоёни колхозро ягон-ягон аз назар гузаронид, ҳар касро то падару бобояш аз назар гузаронида дид. Ҳайвоноти пинҳонӣ кушташударо ҳам аз як сар тафтиш кард. Сари ҳамаи ҷиноятҳо ба Ашўрбой омада расид. Маълум шуд, ки Ашўрбой то имрўз ҳатто дар даруни колхоз ҳам аз меҳнати дигарон истифода мекардааст. Ашўрбой барои вайрон кардани колхоз кўшиш менамудааст. Ашўрбой чорбозоргарди бизан, судхўри гузаро ва ҳанноти корчаллони пештара будааст.

Қишлоқ сар то сар коллективонида шуда буд. Ба сифати синф нест кардани муштзўрон ба асоси сар то сар коллективонӣ сар шуд. Дар аввали рўйхати муштзўрон Ашўрбой даромад; худашро ба ҳабс гирифта, хонаашро кофтуков карданд, анбори пури гандум, сандуқҳои пури газвор, яшикҳои пури чой, қуттиҳои пури собун аз хонааш ёфт шуд. Ҳамаи пўстҳои ҳайвонҳои кушташро, ки дар зери замин гўр карда будааст, ёфтанд. Молҳо мусодира шуд, худи Ашўрбойро бадарға карда, колхозро аз шарри вай халос намуданд.

# Эзоҳот

1 *«Аҳмади девбанд»* яке аз ҳикояҳои ёддоштии С. Айнӣ аст, ки дар образи қаҳрамони асосии он худи нависанда тасвир гардидааст. Ин ҳикоя бори аввал соли 1928 дар журнали «Раҳбари дониш» (№ 8—9, 11—12) чоп шуда буд. Баъд нависанда онро дубора таҳрир карда, соли 1936 дар журнали «Барои адабиёти социалистӣ» (№ 6) ва соли 1939 ба шакли китобча нашр намуд. Дар соли 1949 бо баъзе таҳрири ҷузъӣ ба «Асарҳои мунтахаб»-и нависанда низ дохил шуда буд.

Барои «Куллиёт» ҳамин таҳрири соли 1949 ба асос гирифта шуд.

Ин асар ба забони русӣ аввалин бор дар соли 1937 тарҷима шуда, дар маҷмӯаи С. Айнӣ «Из прошлого» («Аз гузашта») чоп шуда буд. Пас аз ин чандин бор ба забони русӣ нашр гардидааст. «Аҳмади девбанд» ба забони ӯзбекӣ дар соли 1937 дар журнали «Муштум» (№ 12) чоп шудааст.

2 *Ниёз-ғӯппон* бо номи Лутфулло-ғӯппон дар қисми якӯми «Ёддоштҳо»-и нависанда низ тасвир ёфтааст. Як кас будани ин ду қаҳрамон низ дар «Ёддоштҳо» қайд шудааст. Ниг. «Куллиёт», ч. VI, саҳ. 76

3 Тарф ва тарфбозии ғиҷдувониён бо вобкандиён дар «Сайри Дарвешобод» ном боби қисми якӯми «Ёддоштҳо»-и Айнӣ ҳал тасвир шудааст. Ниг. «Куллиёт», ч. VI, саҳ. 121—137.

4 Нависанда Ҳамро-гавбозро дар «Ҷаллодони Бухоро» аз аввал то охири асар ҷо-ҷо ёд кардааст, хусусан дар бобҳои «Дар хавлича» ва «Машинаи торочгарӣ». Ниг. «Куллиёт», ч. 1, саҳ. 116—119, 180—182.

5 Ин саг бо ҳамин номи «Хайбар» дар қисми якӯми романи «Ғуломон» ва дар «Ёддоштҳо» низ тасвир шудааст. Ниг. «Куллиёт», ч. 3, саҳ. 129—135; ч. 6, саҳ. 61—64.

[6] Ин Аҳмади котарс, ки шабона ба ҷангали мазор корд зада омад, худи Айнии ҷавон буд. Ин нуктаро нависанда дар боби «Дев ва аждаҳо»-и қисми якӯми «Ёддоштҳо» қайд кардааст. Ниг. «Куллиёт», ҷ. VI, саҳ. 60.

[7] Нависанда яке аз ин гуна занонро, ки бо афсонаҳои деву аждаҳо кӯдаконро метарсониданд, бо номи Султонпошшо дар қисми якӯми «Ёддоштҳо» (бобҳои «Дар Соктаре», «Дев ва аждаҳо») тасвир кардааст. Ниг. «Куллиёт», ҷ. VI, саҳ. 56—57.

[8] Ин таълимоти падари Аҳмад, ки дар образи ӯ падари худи нависанда тасвир шудааст, бо овардани байти Саъдӣ дар қисми якӯми «Ёддоштҳо» низ зикр гардидааст. Ниг. «Куллиёт», ҷ. VI, саҳ. 58—60

[9] *«Моҳрӯй»* асарест, ки худи нависанда онро ҳикоя номидааст ва пеш аз ин ба ягон маҷмӯа дохил нашуда, фақат як бор дар журнали «Раҳбари дониш» (1929, № 7) чоп шуда буд.

[10] *Ақиқа* — зиёфати ном ниҳодан ва мӯйсар гирифтани кӯдак, ки одатан дар рӯзи ҳафтӯми таваллуд гузарониъда мешуд.

[11] *«Мактаби кӯҳна»* — аз ҳикояҳои ёддоштии С. Айнӣ аст, ки дар охири соли 1934 навишта шуда, аввалин бор дар соли 1935 ба шакли китобчаи алоҳида чоп шудааст. Пас ҷандин бор нашр гардида, ба китобҳои дарсии мактаби миёна ҳам даромадааст.

Ба забони русӣ якӯмин дафъа дар соли 1935 дар маҷмӯаи С. Айнӣ «Из прошлого» («Аз гузашта») ва баъд ҷандин бор такроран чоп шудааст. Ба хрестоматияи синфи шашӯми мактаби миёнаи русӣ низ дохил гардидааст.

Худи нависанда ин асарро ба забони ӯзбекӣ низ таҳрир карда буд, ки аз соли 1938 инҷониб чоп мешавад. Ғайр аз ин ба забонҳои арманӣ, литвагӣ, озарбойҷонӣ, туркманӣ, украинӣ, эстонӣ, қазоқӣ, қарақалпоқӣ, қирғизӣ, руминӣ, уйғурӣ, хитой ва ғайра тарҷима шудааст.

[12] Нависанда ин бачаро дар қисми якӯми «Ёддоштҳо» бо номи Абдулло ёд кардааст. Ниг. «Куллиёт», ҷ. VI, саҳ. 92. Вале, мутаассифона, «саргузаштҳои бисёр аҷиб»-и ин бача дар «Ёддоштҳо» ва дигар асарҳои нависанда зикр нашуда мондааст.

[13] *«Аввали илм»* — дуйӯмин китоби дарсии мадрасаҳои Бухоро буд, ки зарурияти диниро ба тарзи суолу ҷавоб зикр мекард ва пас аз китоби «Бидон» хонда мешуд. Ниг. С. Айнӣ, «Куллиёт», ҷ. VI, саҳ. 204.

[14] Нависанда пеш аз навиштани романи «Ғуломон» ба зодгоҳи худ деҳаи Соктаре ва баъзе қишлоқҳои дигар, ки воқеаҳои «Ғуломон» дар бар мегиранд, сафар карда буд. Очерки «Колхози «Коммунизм»» маҳсули ҳамин сафар буда, таассуроти ӯро аз боздиди пас аз 20 сол нишон медиҳад.

Ин асар дар аввали соли 1934 навишта шуда, дар журнали «Барои адабиёти социалистӣ» соли 1934 (№ 3—4) ва дар шакли китобчаи алоҳида дар соли 1935 чоп шуда буд. Пас аз он дигар чоп нашудааст.

15 *«Ҷашни таърихӣ»* — мухтасаран аввал дар газетаи «Тоҷикистони Сурх» (1936, 15—16 сентябрь) ва дар журнали «Барои адабиёти социалистӣ» (1936, № 10) дарҷ ёфта, ба шакли китобчаи алоҳида дар соли 1939 чоп шудааст.

16 *Панҷакент* — дар дастнависи муаллиф «Панчакат» омадааст, ки мувофиқи талаффузи аҳолии маҳаллист.

17 *Раҳимхони манғит* — Муҳаммад Раҳим писари аталиқ Муҳаммад Ҳаким, якӯмин ҳоким аз сулолаи манғитиён дар амороти Бухоро, ки унвони амир-ул-умаро доштааст.

18 *Абулфайзхон* — бародари Убайдуллохон буда, пас аз кушта шудани ӯ (1711) соҳиби тахти амороти Бухоро гардидааст (1711—1747).

19 *Илғор* — намоянда, элчӣ.

20 *Тоғбегӣ* — назораткунандаи бешазорҳои кӯҳсор.

21 Очерки *«Тирози ҷаҳон»* маҳсули сафари С. Айнӣ дар моҳи сентябри соли 1936 ба тарафҳои Ленинобод аст. Асар дар охири соли 1936 навишта шуда, соли 1937 дар журнали «Барои адабиёти социалистӣ» (№ 5) ва соли 1939 ба шакли китобчаи алоҳида нашр гардидааст. Дар «Куллиёт» ҳамин нашри алоҳида ба асос гирифта шуд.

22 Очерки адабии таърихии С. Айнӣ *«Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик»* дар замони Ҷанги Ватанӣ — дар соли 1944 ба шакли китобчаи алоҳида чоп шуда буд. Бори дуюм дар соли 1961 нашр гардид. Баъзе порчаҳои он ба китобҳои дарсии мактаби тоҷикӣ дохил шудаанд. Тарҷимаи русии асар дар соли 1944 баромада буд. Тарҷимаи қисми дуюми он бо баъзе ихтисорот дар маҷмӯаи «Литературный Таджикистан» (1945) низ чоп шуда буд.

23 *«Равзат-ус-сафо»* — китоби ҳафтҷилдаи таърих, ки аз тарафи Муҳаммад ибни Ховандшоҳ Мирхонд (1433—1498) таълиф гардидааст. Ҷилди ҳафтуми ин асарро, ки то воқеаҳои соли 1521-ро дарбар мегирад, Ғиёсиддин ибни Ҳумомиддин Хондамир (1475—1536) ба итмом расонидааст. Беҳтарин нашрҳои «Равзат-ус-сафо» нашрҳои сангии солҳои 1266—1272 ҳиҷрӣ (1850—1856) ва солҳои 1270—1274 ҳиҷрӣ (1852—1856) ба шумор меравад.

24 *«Қомус-ул-аъломи туркӣ»* — қомуси мукаммали ном ба таърих ва ҷуғрофия, ки аз тарафи Сомӣ тартиб дода шудааст.

25 *Ислом овардан* — исломро кабул кардан.

26 *Соҳиби «Зафарнома»* — бо ин унвон ду муаллиф таърих навиштаанд: Низомиддини Шомӣ, ки таълифи худро дар соли 1404 тамом кардааст ва Шарофиддини Яздӣ, ки таърихи худро дар соли 1424 ба поён расондааст. Ҳар ду «Зафарнома» китоби пурбаҳоест барои омӯхтани таърихи асрҳои XIV—XV Эрону Осиёи Миёна. «Зафарнома»-и Яздӣ дорои мукаддимаест, ки дар он таърихи Эрону Осиёи Миёна аз замони Чингиз то Темур баён ёфтааст. Таърихи Яздӣ дар соли 1887—1888 дар ду чилд аз тарафи Муҳаммади Илоҳдод дар Калкатта чоп карда шудааст.

27 *«Аз хотираҳои гузашта*, ки аввал ҳикоячаҳои «Латифа», «Кенаг с хонимъ», «Амирони Бухоро ва занон», «Амир Музаффар», «Амир Олим дар вақти гурехтан», «Авлиёкулбек», «Авлиёкулбек амирро ба қозӣ кашид», «Мираки оламиён»-ро дар бар мегирифт, махсус барои китоби дарсӣ навишта шудааст. Ин ҳикояҳо аввал дар китоби Раҳим Хошим (Мим) «Ҷаҳони нав» (китоби кироат барои мактабҳои савод, Тошканд—Самарқанд, 1929) чоп шуда буданд. Баъд онҳо бо андаке таҳрир ва бо илова шудани ҳикояи «Зангирии амир Олим» ба китоби Раҳим Хошим (Мим) «Сохтмони нав» (китоби кироат барои мактабҳои камсаводон, Тошканд — [Душанбе], 1930, дохил гардиданд.

28 *Муҷтаҳид* — донишманди конуни шариат, ки ба дараҷаи олии конуншиносии ислом расида, конунҳои шариатро мустакилона маънидод мекард.

29 *Ботурхон* — амир Насруллои мулаккаб ба Баҳодурхони (1826—1860), ки аз амирони мангитияи Бухоро буд.

30 Соли 1272-и ҳиҷрӣ ба соли 1855-56-и милодӣ мувофиқ меояд.

31 *Воқеаи Колесов* — ин воқеа бо номи Колесов, ки ӯ дар солҳои революция раиси Совети Комиссарони Халқии Туркистон буд, вобаста аст. Колесов дар охирҳои моҳи феврали соли 1918 қувваҳои ҳарбии худро аз Кӯканд ва Самарқанд ба Когон оварда, 2-юми моҳи март бо ҳамроҳии ҷадидҳо барои сарнагун кардани ҳокимияти амир ба Бухоро ҳуҷум намуд. Вале дар натиҷаи хиёнати роҳбарони ҷадидҳо ин ҳуҷум бемуваффақиятона анҷом ёфт. Воқеаи Колесовро С. Айнӣ дар «Мухтасари тарҷимаи ҳоли худам» батафсил накл кардааст. Ниг. Куллиёт, ҷилди 1, саҳ. 88—90.

32 Ҳикояҳои «Таърихи инқилоби февраль ба Бухоро», «Намоиш ва аксулҳаракат» дар китоби Раҳим Хошим (Мим) «Ҷаҳони нав» (китоби қироат барои мактабҳои савод, Тошканд — Самарқанд, 1929) чоп шуда буд.

33 *Миллер А. Я.* — раиси Агентии сиёсии императории Россия дар Бухоро буд.

34 *Шульга* — котиби якӯми Агентии сиёсии императории Россия буд, ки Айнӣ дар «Мухтасари тарҷимаи ҳоли худам» баъзе кирдорҳои ӯро ҳикоя кардааст. Ниг. «Куллиёт, ҷ. 1, саҳ. 67.

35 Введенский П. П.— ходими масъули (вице-резиденти) Агентии сиёсии императории Россия буд.

36 *Элчихонаи Русия* — «Агентии сиёсии императории Россия» дар назар дошта шудааст, ки онро аҳли Бухоро консулхона низ мегуфтанд. Ин агентӣ соли 1885 дар Бухоро (дар Когони ҳозира) аз тарафи ҳукумати подшоҳӣ ташкил карда шуда буд. Ин агентӣ дар байни Петербург ва генерал-губернатории Туркистон, аз як тараф, ва аморати Бухоро, аз тарафи дигар, идорае буд, ки масъалаи робитаҳои сиёсӣ ва иқтисодиро ҳал мекард.

37 *Иқтизо* — талаб, тақозо.

38 Ихтор — огоҳӣ, ёдоварӣ.

39 Аз ин се нафар номи Ҷунбул-махдум дар асарҳои С. Айнӣ бештар дида мешавад. Ин муллои мутаассиб гоҳ мухтасаран ва баъзан муфассалан дар «Ҷаллодони Бухоро» («Куллиёт, ҷ. 1, саҳ. 159) ва дар қисми чорӯми «Ёддоштҳо» («Куллиёт» ҷ. VII, аз боби «Ҷанги муллоён бо аробакаш» то боби «Қарори «маҳкама» ва сангсор шудани аробакаш») тасвир шудааст.

40 *Мирзо Назрулло* — фарзанди муфтӣ Икромча буд. Муфтӣ Икромча аз муллоёни равшанфикри Бухоро ва аз муаллимони Айнӣ буд, ки дар баъзе асарҳои Айнӣ, аз ҷумла дар «Ёддоштҳо» ва хусусан дар боби «Гирифтор шуданам ба доми амир Абдулаҳад ва зуд халос шуданам аз вай» тасвир шудааст. Мирзо Назрулло дар эзоҳоти ҷилди якӯми «Куллиёт»-и Айнӣ (эзоҳи 32) саҳван бо Мирзо Назруллои Лутфӣ, ки шоир буд, як одам дониста шудааст.

41 Силсилаи ҳикояҳое, ки «Аз ёддоштҳои инқилоби Бухоро» номида шуда, ҳикояҳои «Тавқиф», «Дар арк», «Обхона», «75 чӯб» ва «Инқилоби Бухоро»-ро дар бар мегирад, дар китоби Раҳим Ҳошим (Мим) «Ҷаҳони нав» (китоби қироат барои мактабҳои савод, Тошканд — Самарқанд, 1929) чоп шуда буд. Воқеаҳое, ки дар ин ҳикояҳо нақл шудаанд, дар дигар асарҳои Айнӣ, аз он ҷумла дар «Мухтасари тарҷимаи ҳоли худам» низ тасвир шудаанд. Ниг. «Куллиёт, ҷ. 1, саҳ. 77—86. Муфассалтари ин ҳикояҳо ба китоби С. Айнӣ «Бухоро инқилоби таърихи учун материаллар» (М., 1926) дохил гардидааст.

42 *Тавқиф* — дастгир кардан, ҳабс кардан.

43 *Кали Қурбон* — яке аз зунхортарин ва разилтарин сипоҳиёни буд, ки дар дигар асарҳои Айнӣ ҳам тасвир шудааст, чунончи дар ҷилди VII «Куллиёт», саҳ. 349—350, 387—392.

44 *Бо қасам таъмин кардан* — яъне бовар кунондан, таъкид кардан.

45 *Мирзо Абдулвоҳид*—Мирзо Абдулвоҳиди Мунзим (1877—1934) — аз дӯстони С. Айнӣ, яке аз шоирони хуштабъ буда, дар пешаи хаттотӣ ҳам маҳорат дошт. Мунзим дар революцияи Бухоро бо шеърҳои революционии худ, ки дар журнали «Шӯълаи инқилоб» чоп шудаанд, иштирок намудааст. Ашъори ӯ пас аз революция дар матбуоти тоҷик, аз ҷумла дар «Овози тоҷик» ва «Раҳбари дониш» чоп мешуд.

46 *Ирз* — номи нек, шараф, обрӯ.

47 Ҳикояҳои «Пахтакорӣ», «Колхоз» ва «Машинакорӣ», яке давоми дигаре буда, низ махсусан барои китоби дарсӣ навишта шудаанд. Ин ҳикояҳо дар китоби Раҳим Ҳошим (Мим) «Сохтмони нав» (китоби қироат барои мактабҳои камсаводон. Тошканд-(Душанбе), 1930, саҳ. 32—34, 35—37, 100—102) чоп шудаанд.

48 Ин ҳафт ҳикояи бозиҳо, ки «Бозии чашмбандак», «Ҳуштутбозӣ», «Бозии дум-думакон», «Бозии бачаҳои октябрӣ»», «Бозии «гир-гиракон»», «Чав чанд ман»-бозӣ кардем»», «Гачабозӣ» номида шудаанд, мувофиқи шаҳодати рафиқ Раҳим Ҳошим, махсус, барои китоби дарсӣ навишта шуда буданд. Ин ҳикояҳо дар китоби Раҳим Ҳошим (Мим) «Роҳи нав» (китоби қироат барои синфҳои дуввӯми мактабҳои ибтидоӣ. (Душанбе)-Самарқанд, 1931, саҳ. 28, 68, 123—124, 192—194,) чоп шудаанд.

49 Ҳикояи «Дуохонӣ» дар китоби Раҳим Ҳошим (Мим) «Роҳи нав» (китоби қироат барои синфҳои дуввӯми мактабҳои ибтидоӣ, (Душанбе)-Самарқанд, 1931, саҳ. 126—127) чоп шудааст.

50 Ҳикояҳои «Деҳқони якка» ва «Деҳқони колхозчӣ» низ дар китоби Раҳим Ҳошим (Мим) «Роҳи нав» (китоби қироат барои синфҳои дуввӯми мактабҳои ибтидоӣ, (Душанбе)-Самарқанд, 1931, саҳ. 138—140) чоп шуда буданд.

51 Ҳикояҳои «Дар замони амир», «Ҳилагарии Аҳмадбой», «Нестбод ҳаллоҷӣ», «Чӯпон», «Дониш ва дин», «Деҳаи париён» аз китоби Раҳим Ҳошим (Мим) «Роҳи нав» (китоби қироат барои синфҳои саввӯми мактабҳои ибтидоӣ, (Душанбе)-Самарқанд, 1931, саҳ. 13—14, 52, 56—57, 77—78, 127—128) гирифта шудаанд.

52 *Ғӯлабур* — кассобе, ки ба худ соҳми калон мегирад.

53 *Серка* — бузи нар.

54 Ҳикояи «Қорчаллони пештара» аз китоби «5 дар 4» (китоби қироат барои солҳои 4 ва 5-ӯми мактабҳои дараҷаи аввал ва техникумҳо, (Душанбе)-Самарқанд, 1931, саҳ. 50—54), ки аз тарафи Айнӣ, Исмоилзода, Любенцов, Пайрав Сулаймонӣ ва Р. Мим тартиб дода шудааст, гирифта шуд.

55 *Дақиқашинос* — касе ки вақт ва маҳалли ҳар корро медонад.

## МУНДАРИҶА

*АҲМАДИ ДЕВБАНД* . . . . . 5
*МОҲРЯЯ* . . . . . 37
*МАКТАБИ КӮҲНА* . . . . . 51
*КОЛХОЗИ «КОММУНИЗМ»* . . . . . 93
*ҶАШНИ ТАЪРИХӢ* . . . . . 107
*ТИРОЗИ ҶАҲОН* . . . . . 123
*ҚАҲРАМОНИ ХАЛҚИ ТОҶИК ТЕМУРМАЛИК* . . . . . 141
*АСАРҲО АЗ КИТОБҲОИ ДАРСӢ* . . . . . 219

Аз хотираҳои гузашта . . . . . 221

Латифа . . . . . 221
Кенагас-хоним . . . . . 222
Зангирии амир Олим . . . . . 222
Амирони Бухоро ва занон . . . . . 223
Амир Музаффар . . . . . 223
Амир Олим дар вақти гурехтан . . . . . 224
Авлиёқулбек . . . . . 224
Авлиёқулбек амирро ба қозӣ кашид . . . . . 224
Мироки оламиён . . . . . 225

Таъсири инқилоби февраль ба Бухоро . . . . . 226

Намоиш ва аксулҳаракат . . . . . 227

Аз ёддоштҳои инқилоби Бухоро . . . 230

I. Тавқиф . . . 230
II. Дар арк . . . 231
III. Обхона . . . 233
IV. 75 чӯб . . . 236
V. Инқилоби Бухоро . . . 237

Пахтакорӣ . . . 239
Колхоз . . . 240
Машинакорӣ . . . 241

Бозиҳои бачагон . . . 244

Бозии «чашмбандак» . . . 244
Ҳуштутбозӣ . . . 244
Бозии «дум-думакон» . . . 245
Бозии «бачаҳои октябрӣ» . . . 245
Бозии «гир-гиракон» . . . 246
«Чав чанд ман» бозӣ кардем . . . 246
Гачабозӣ . . . 247

Дуохонӣ . . . 249
Деҳқони якка . . . 251
Деҳқони колхозчӣ . . . 252
Дар замони амир . . . 253
Ҳилагарии Аҳмадбой . . . 255
Нест бод ҳаллочӣ . . . 257
Чӯпон . . . 258
Дониш ва дин . . . 260
Деҳаи париён . . . 261
Корчаллони пештара . . . 263

Эзоҳот . . . 268

САДРИДДИН АЙНИ

ПОЛНОЕ СОБРАНИЕ СОЧИНЕНИЙ

в пятнадцати томах

ТОМ [illegible]

(на таджикском языке)

* * *

[illegible] Ш. [illegible]

Муҳаррири расмӣ Д. [illegible]

Муҳаррири техникӣ П. [illegible]

Мусаҳҳеҳ М. [illegible]

* * *

Ба матбаа супорида шуд [illegible]. Ба чопаш имзо шуд [illegible]. Коғази [illegible]. Ҷузъи чопӣ [illegible]. Ҷузъи чопии шартӣ [illegible]. Ҷузъи нашри-ҳисобӣ [illegible]. Адади нашр [illegible]. Нархаш [illegible]. Супориши № [illegible].

* * *

Душанбе, Комбинати полиграфии

Комитети нашриёти РСС Тоҷикистон [illegible]